**Information about the author .** Abdusalomov Mirzosharif Muhabatovich – Doctor (PhD) third year Institute of studying of the problems of Asian and European countries National Academy of Sciences of the Tajikistan. Addres: Repulic of Tajikistan, c. Dushanbe, s. Rudaki 33.Tel: +992887879696. Email: mirzosharifabdusalomov@gmail.com

# ХУСУСИЯТҲОИ ВОРИД ГАРДИДАНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**РАҲМОНЗОДА АЗИМҶОН ШЕРАЛӢ**
ходими пешбари илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,
номзади илмҳои таърих

*Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳангоми тарҳрезии фаъолияти байналмилалии давлат зарур аст, ки ҳамаи хусусиятҳо ва ҷанбаҳои фаъолияти ҷомеаро ҳамчун асос қабул кард. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки сиёсат ва иқтисодиёт заминаи тамоми низоми ҷамъиятӣ маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, амали мутақобилаи онҳо дар рушди ҳар ҷомеа нақши ҳалкунандаро мебозад. Зарурат ва имконияти чунин амали мутақобила устуворона густариш меёбад, зеро миқёси худи соҳаи иқтисодӣ рӯ ба афзоиш аст. Инчунин, сохтори он мураккабтар гашта, муносибатҳои иқтисодӣ байни давлатҳо амиқтар мегарданд.*

*Таъкид мегардад, ки муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар ҳалли рушду такомул қарор дошта, баҳри боз ҳам тақвият бахшидани нуфузи давлат дар минтақа ва ҷаҳон равона гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, ҷомеаи ҷаҳон, низоми муносибатҳои байналмилалӣ, марҳалаи муосир, сиёсати хориҷӣ, СММ, САҲА, ИДМ, ҳамгироӣ, мушкилот.*

Яке аз хусусиятҳои муайянкунандаи низоми муносибатҳои байналмилалии муосир тағйирпазирии он ба ҳисоб меравад. Дар асоси чунин тағйирёбӣ рафтори иштирокчиёни асосии низоми муносибатҳои байналмилалӣ, истифодаи восита ва методҳои бадастории мақсадҳо низ то андозае дигаргун гардидаанд.

Ҳангоми тарҳрезии фаъолияти байналмилалии давлат зарур аст, ки ҳамаи омилҳо ва ҷанбаҳои фаъолияти ҷомеаро ҳамчун асос қабул кард. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки сиёсат ва иқтисодиёт заминаи тамоми низоми ҷамъиятӣ маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, амали мутақобилаи онҳо дар рушди ҳар ҷомеа нақши ҳалкунандаро мебозад. Зарурат ва имконияти чунин амали мутақобила устуворона густариш меёбад, зеро миқёси худи соҳаи иқтисодӣ рӯ ба афзоиш аст. Инчунин, сохтори он мураккабтар гашта, муносибатҳои иқтисодӣ байни давлатҳо амиқтар мегарданд.

Дар доираҳои илмӣ роҷеъ ба вобастагии мутақобилаи сиёсат ва иқтисодиёт андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Дар асри XX назарияи материалистии таърих ҳукмфармо буд, ки онро ҳанӯз дар асри XIX К. Маркс ва Ф. Энгелс тарҳрезӣ карда буданд. Ин назария асоси фалсафаи марксистӣ-ленинӣ гардид. Ҳарчанд К. Маркс амали мутақобилаи зербино ва рӯбино, таъсири рӯбино ба зербиноро имконпазир медонист, дар назарияи ҷомеашиносии ӯ фарзияе буд, ки иқтисодиёт сиёсатро муайян месозад, яъне тарзи истеҳсолоти ҳаёти моддӣ асоси равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҳаёт мебошад. Вобастагии мутақобилаи иқтисодиёт ва сиёсат дар назарияи К. Маркс хусусияти сабабӣ-паёмадӣ дорад: падидаҳои иқтисодӣ ҳамчун сабаб ва падидаҳои сиёсӣ – ҳамчун паёмад ифода меёбанд [5].

Бинобар ин, амали мутақобилаи иқтисодиёт ва сиёсат нақши ҳалкунандаро дар рушди ҷомеа мебозад. Манфиатҳои сиёсии одамон, пеш аз ҳама, аз рӯйи манфиатҳои иқтисодии онҳо муайян карда мешавад. Ин боиси ба вуҷуд омадани ҳар гуна талабот, барномаҳо ва шиорҳои сиёсӣ мегардад. Бесуботии иқтисодӣ ва бuҳронҳои молиявӣ боиси ташаккул ёфтани буҳрони эътимод ба ҳукумат, инчунин, сабабгори ивазшавии ҳокимият, афзоиши эътирозоти аҳолӣ ва инқилобҳо мешаванд.

Сиёсати хориҷии давлат низ бо назардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ тарҳрезӣ мешавад. Набояд фаромӯш кард, ки сиёсати хориҷӣ ва дипломатия хусусияти бисёрҷониба дошта, воситаи амалӣ намудани сиёсати иқтисодӣ маҳсуб меёбанд. Омили иқтисодӣ чун соҳаи калидӣ ҳангоми ташаккул додани самти сиёсати хориҷии давлат нақши афзалиятнок дорад.

Ба таърихи ташаккулёбии дипломатияи иқтисодӣ назар афканем, дар маҷмуъ ошкор хоҳем кард, ки тиҷорат омили асосии ташаккул ёфтани сарҳадҳои миллӣ ва рушди ҳамкорӣ миёни халқҳо будааст. Мисолҳои таърихӣ тасдиқ менамоянд, ки боло гирифтани тиҷорат боиси таъсиси аввалин муносибатҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ буд.

Яке аз маъруфтарин дипломатҳои шуравӣ ва рус, собиқ муовини Дабири кулли СММ В.Ф. Петровский пешниҳод кардааст, ки: "Байни дипломатия ва тиҷорат низ умумият хеле бештар аст. Имрӯз дипломатия дар самти таҳкими ҷомеа такмил меёбад. То асри XIX дипломатҳо асосан бо сиёсат машғул буданд. Таърихнигорон аксари вақт дипломатияи он давраро бо бозии шоҳмот муқоиса мекунанд, яъне ҳар як иштирокчӣ кушиш мекард, то рақиби худро мағлуб созад. Дар асри XIX дар "тахтаи шоҳмот" – и ҷаҳон иқтидори ҳарбӣ бештар арзишманд буд. Дар асри XX илова бар он идеология мавриди истифода қарор гирифт. Ҳоло дипломатия бори дигар тахтаи шоҳмотро хотиррасон мекунад, вале бо як фарқияти муҳим – бозингарон, пеш аз ҳама, дар пешбарии манфиатҳои иқтисодии худ истодагарӣ мекунанд" [8, 57].

Аз ин рӯ, дар шароити муосир такмили робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни давлатҳо вазифаи асосии дипломатия гардидааст. Таҳлилгарон сабаби таваҷҷуҳи дипломатияро ба рушди иқтисодиёт дар омилҳои зерин мебинанд:

— дар аксари давлатҳои пешрафта ҳиссаи тиҷорати хориҷӣ ва сармоягузорӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (минбаъд ММД) нисбат ба истеҳсоли маҳаллӣ мунтазам афзоиш меёбад;

— татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар раванди самтгирӣ ба иқтисоди бозории давлатҳои мутараққӣ, инчунин, дурнамои рушд дар афзоиши содирот, мусоидат ба ҳамгироии босуръати давлат ба иқтисоди ҷаҳонӣ мекунад;

— ҷаҳонишавии тиҷорат ва сармоягузорӣ афзоиши истеҳсолот ва тавсеаи доираи хизматрасонӣ зарурати таҳкими робитаҳои бисёрҷониба ва мунтазами байни давлатҳоро ба вуҷуд меорад;

— тавсеаи созишномаҳои тиҷоратии минтақавӣ бо бартараф намудани монеаҳо барои тиҷорати байналмилалӣ ва равандҳои сармоягузорӣ нақши пешбари онҳоро ба андозаи қобили мулоҳиза муайян месозад.

Дар замони муосир вобастагии иқтисодии давлатҳо афзоиш ёфта, дипломатияи иқтисодӣ унсури асосӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ гардидааст. Инчунин, бо ёрии дипломатияи иқтисодӣ сатҳи муносибатҳои мутақобила миёни давлатҳо муайян карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дипломатияи иқтисодӣ муҳимтарин соҳа дар низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ мебошад, ки омилҳои зерин ба он мусоидат мекунанд [20].

— ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавии низоми иқтисодии ҷаҳонӣ;

— мунтазам иштироки ширкатҳои фаромиллӣ, гурӯҳҳои сармоягузорӣ ва бонкҳо, бозингарони асосии муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд;

— ҷаҳонишавӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ нақши дипломатияи иқтисодиро бозида, мавқеи онро ба сатҳи сифатан ва миқдоран нав мебардорад;

— ҷорӣ намудани усулҳои пешрафти идоракунӣ, технологияҳои қобили сарфаҷӯии энергетикӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ ҷиҳати рушди ҳамкориҳо миёни давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки асоси сиёсати "дарҳои кушода" мегардад;

— ворид намудани навовариҳо ба иқтисодиёт на танҳо ба сохтани обрӯи мусбати давлат, инчунин, ба ҷалб намудани сайёҳии байналмилалӣ ва омили ҳалкунандаи рушди иқтисодӣ маҳсуб мегардад [4,27].

Дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ дигаргуниҳои бунёдӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Онҳо дарк намуданд, ки дар муқобили таҳдиду хатарҳои нав танҳо бо роҳи тақвияти ҳамгироӣ метавонанд муқовимат кунанд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар марҳалаи муосир раванди тағйирёбии низоми Ялтиниву Постдамии муносибатҳои байналмилалӣ мушоҳида карда мешавад, ки бо пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ алоқаманд аст. Пас аз шикасти сохти сотсиалистӣ аз як тараф самтҳои марказгурез ва аз тарафи дигар самтҳое, ки ба марказонида шудан майл доштанд, пайдо шуданд. Дар натиҷа, дар фазои пас аз шуравӣ сегменти нави муносибатҳои байналмилалӣ ташаккул ёфт. Албатта, ин ба тағйир ёфтани мавқеи қувваҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва дигаргун шудани харитаи сиёсии ҷаҳон оварда расонид.

Бояд қайд намуд, ки харитаи сиёсии ҷаҳон ба тариқи доимӣ дар ҳолати тағйирёбӣ қарор дорад. Чунин тағйирёбии харитаи сиёсии ҷаҳон пас аз ҳодисаву падидаҳои хусусияти ҷаҳонидошта ба миён омадаанд. Ин раванд пас аз ташаккули Лигаи Миллатҳо, Ҷанги Якум ва Дуюми Ҷаҳон, бунёди Созмони Миллали Муттаҳид (минбаъд СММ), ки дар Ойинномаи он оид ба ҳуқуқи миллатҳо нисбати худмуайяннамоӣ ва баробарии тамоми кишварҳо қайд карда шудааст, қувват гирифтааст. То ба имрӯз, аксарияти кишварҳо узви комилҳуқуқи ин созмони бонуфуз гардидаанд, ки миқдори умумии онҳо ба 193 давлат мерасад. Дар натиҷаи равандҳои тағйирёбии низоми сиёсии ҷаҳонӣ пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ба арсаи ҷаҳон ба сифати иштирокчиёни комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ кишварҳо ва минтақаҳои нав, инчунин иштирокчиёни ғайридавлатӣ ворид шудаанд [3,31].

Пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 ба қатори дигар давлатҳои соҳибистиқлоли фазои пас аз шуравӣ узви комилҳуқуқи СММ гардид. Қайд намудан зарур аст, ки СММ барои ин кишварҳо заминаи муҳимми амалӣ намудани фаъолияти дипломатӣ гардидааст, зеро маҳз созмони мазкур ва хусусияти демократӣ доштани Ойинномаи он имконияти муфидро дар як қатор бо кишварҳои пешбаранда, барои кишварҳои хурд баррасӣ ва қабули қарорҳо нисбати масъалаҳои муҳимми муосир бунёд менамояд. Яъне, СММ барои давлатҳои хурд шароити муфидро барои ворид шудан ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва муҳимтарин иштироки онҳоро дар ҳалли масъалаҳои муҳимми арсаи ҷаҳонӣ таъмин намудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи равшан ва мусбии робитаи байни "амният" ва "рушд" ба ҳисоб меравад. Бо кӯмак ва мусоидати Созмони Милали Муттаҳид мо аввалин шуда, барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди ҳазорсола эҳтиёҷи кишварамонро ҳамаҷониба арзёбӣ намудем [18,112].

Бо вуҷуди рушди робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздик на ҳамаи зарфиятҳо ва имкониятҳои мавҷуда истифода гаштаанд. Барои комилан истифода шудани тамоми имконот дар баъзе мавридҳо иродаи сиёсӣ ва дар мавридҳои дигар мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодӣ монеа мегарданд. Инчунин, сар задани ноороммиҳо дар минтақа ва ё идома ёфтани баъзе моҷароҳо (дар мисоли Афғонистони ҳамсоя), кӯшишҳои дахолатҳои бесуботкунандаи давлатҳои савум дар умури кишварҳо ва офатҳои табиӣ ва бемориҳои сирояткунандаи (дар мисоли COVID – 19) ва ғайра низ монеа эҷод мекунанд. Ниҳоят иҷро нашудани баъзе аз бандҳои қарордодҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ки дар рафти мулоқотҳо ба имзо расидаанд, аз мушкилоти дигари робитаҳои кишвар дониста мешавад.

Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар ҳалли рушду такомул қарор дошта, баҳри боз ҳам тақвият бахшидани нуфузи давлат дар минтақа ва ҷаҳон равона гардидааст. Инчунин, сафарҳо, мулоқотҳо ва музокироти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони давлатҳо ва созмонҳои гуногун гувоҳи онанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди муносибатҳои гуногунҷабҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ бо тамоми кишварҳои минтақа ва ҷаҳон манфиатдор аст.

Маҳз дар асоси чунин тағйирёбӣ сегментҳои нави фазоӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, ба монанди сегменти кишварҳои рӯ ба инкишоф, сегменти кишварҳои нави арупоӣ, сегменти кишварҳои эътирофнашуда, сегменти давлатҳои пас аз шуравӣ ташаккул ёфтанд.

Дар чунин ҳолати тағйирёбӣ сохторҳои ғарбӣ кӯшиш менамуданд, ки ба тариқи доимӣ, давра ба давра давлатҳои хурди фазои пас аз шуравиро ба доираи таъсиррасонии худ ҷалб намоянд. Иттиҳоди Аврупо ва Созмони аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (минбаъд СААШ) барои амалӣ намудани ин мақсад барномаҳои гуногунро дар фазои пас аз Шуравӣ ба роҳ мемонданд.

Муаллифони гуногун қайд менамоянд, ки дар шароити муосир моҳияти азнавсозии ҷаҳонишавии муносибатҳои байналмилалӣ ва инкишофи ҷаҳонӣ дар бунёд намудани сохтори нави фазоӣ зоҳир мегардад, ки ҳаёт ва инкишофи ҷаҳонро дар даҳсолаҳои минбаъда муайян менамояд. Чунин сохтор ҳам аз рӯи нишондиҳандаҳои ҳудудӣ ва ҳам ташкилнамоӣ, ҷаҳонӣ ҳисобида мешавад, зеро доираи тамоми фазоҳои асосии ташаккулёфтаро фарогир аст [2, 10].

Як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки шакли сегментии фазои ҷаҳонии муносибатҳои байналмилалӣ метавонад, ки ба як қатор душвориҳо оварда расонад. Ба тариқи мисол метавон дарки хислат ва роҳҳои инкишофи тартиботи ҷаҳониро қайд намуд. Илова бар ин, агар дар гузаштаи на он қадар дур дар харитаи сиёсии ҷаҳон сегменти давлатҳои бузург аз рӯи ҳудуд ва аҳолӣ ҳукмронӣ менамуданд, дар шароити имрӯза аксарияти давлатҳоро метавон ба кишварҳои хурд ворид намуд, ки дорои ҳудуди маҳдуд ва аҳолии на он қадар зиёданд.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҷаҳони муосир, ки дар он доштани нерӯи иқтисодӣ ва ҳарбӣ муҳим аст, зеро маҳз онҳо мавқеъ ва таъсири ин ва ё он давлатро дар муносибатҳои байналмилалӣ муайян менамоянд. Бинобар ин, кишварҳои хурд мақоми махсусро касб намуда, шавқу рағбат нисбат ба онҳо рӯз ба рӯз боло меравад.

Таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар воқеъ, яке аз масъалаҳои мураккаб барои аъзоёни нави ҷомеаи ҷаҳонӣ – масъалаи ба даст овардани эътирофи воқеии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки асосан барои кишварҳои хурд, ки маротибаи аввал ба арсаи сиёсии ҷаҳон ворид мешаванд, душвар ва мураккаб аст.

Аз ин лиҳоз, дохил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи СММ заминаи инкишофи ҳамкориҳоро бо аъзоён ва ташкилотҳои махсусгардонидашудаи он таъмин намуд. Дар муддати на он қадар тӯлонии аъзогӣ дар СММ, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки муносибатҳои муфидро бо тамоми ниҳодҳои ин созмон ва аксарияти давлатҳо ба роҳ монда, иштирокчии фаъол ва назарраси муносибатҳои байналмилалӣ гардад.

Хусусияти дигаре, ки барои ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ бо мустаҳкам гардидани мавқеи созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ алоқаманд аст. Дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, асосан шароите ташаккул меёбад, ки дорои хислати ғайридискриминатсионии алоқамандии тамоми иштирокчиён буда, дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ амал менамояд.

Илова бар ин қайд намудан зарур аст, ки дар баланд гардидани аҳаммияти кишварҳои хурд шароити ҷуғрофӣ, сиёсӣ, этникӣ ва иқтисодӣ бузург аст. Дар ин радиф шавқмандии кишварҳои пурқувват дар мавҷудияти кишварҳои хурд

аҳаммияти махсус дорад. Қайд намудан зарур аст, ки кишварҳои хурд тавозуни қувваро дар сатҳҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ нигоҳ дошта, мавҷудияти онҳо бо зарурати функсионалӣ муайян карда мешавад.

Душвории ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардид, ки ин раванд заминаҳаҳо ва таҷрибаҳои заруриро доро набуд. Дар давраи шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои анъанаҳои комили фаъолияти хориҷӣ набуд. Принсипҳои дипломатияи шуравӣ дар асосии номутобиқатии идеология, мақсад ва вазифаҳо дар чунин ҳолат корношоям буданд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур буд, ки барои танзими фаъолияти хориҷии худ, ҳуҷҷати алоҳида қабул намояд, то ин ки самт ва чигуна амалӣ гардидани сиёсати хориҷӣ муайян карда шавад. Аз ин рӯ, зарурат қабули Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш омад.

Бинобар ин, мувофиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари хатару чолишҳои мазкур, ки ба амнияти низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва аз ҷумла ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи таркибии ин низом таҳдид мекунанд, ҳамчунин омилҳои минтақавии зерин вуҷуд доранд, ки барои манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хатарзо маҳсуб мешаванд:

— бино ба мавқеи ҷуғрофии худ, қарор гирифтани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳвари манфиатҳои геополитикии ҷаҳони муосир;

— наздикии Тоҷикистон ба минтақаҳои хушунатбор, манбаъҳои зуҳури терроризм, марказҳои таълими ифротгароӣ ва маҳалҳои тавлиди воситаҳои нашъадор;

— тавсеаи фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар минтақа;

— имкони истифодаи қаламрави кишвар барои қочоқи байналмилалии моддаҳои нашъадор ва интишори ғояҳои ифротгароӣ;

— ҳалношуда боқӣ мондани масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи марзҳо миёни кишварҳои минтақа ва имкони барангехтани низоъҳо миёни қавму халқҳои минтақа;

— вуҷуди монеаҳои гуногун дар ҷодаи ҳамгироии муассири минтақавӣ, рафтуойи озоди одамон ва ҳамлу нақли бемамониати молу хизматрасонӣ;

— набудани ҳамкории воқеӣ дар истифодаи оқилонаи захираҳои обиву энергетикии минтақа;

— афзудани шиддати мушкилоти демографӣ ва экологӣ дар минтақа ва имкони истифодаи онҳо ҷиҳати барангехтани муқовимат дар ҷомеа [1].

Раванди мустаҳкам намудани истиқлолияти давлатҳои пас аз шуравӣ дар асоси заифии нишондиҳандаҳои инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ, шароити муфиди иҷтимоиву иқтисодӣ, зарурати воқеии ҳимояи сохтори конститутсионӣ, нигоҳ доштани истиқлолият ва сохтори давлатдорӣ мушкил ва мураккаб мегардид. Илова бар ин барои давлатҳои ҷавон вазифаи мустаҳкам намудани боварӣ ва амнияти тарафайн дар сарҳад бо давлатҳои ҳамсоя мувофиқи воқеъияти нави сиёсӣ дар минтақа қарор дошт [7, 3].

Мустаҳакам гардидани вобастагии тарафайни давлатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти байналмилалӣ, инчунин доираи васеи хатар ва таҳдидҳои муосири минтақа тамоми кишварҳои Осиёи Марказиро ӯҳдадор менамояд, ки дар сатҳи олӣ масъалаҳои таъмини якҷояи амният ва устувориро дар тарҳҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баррасӣ намоянд.

Дар алоқаманди бо ин таърихи ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун давлати хурд қобили қайд аст. Ҳамчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази диққати манфиатҳои сиёсӣ ва геосиёсии бозингарони бузурги низоми муносибатҳои байналмилалӣ қарор гирифта буд.

Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии мустақили бисёрсамтиро, ки ба талаботи манфиатҳои олии давлативу миллӣ ҷавобгӯ

буда, ҳадафи ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судмандро бо кишварҳои гуногуни олам пайгирӣ мекунад ва ба эҳтироми бечунучарои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст, татбиқ менамояд.

Оид бо хусусиятҳои ворид гардидани давлатҳои пас аз шуравӣ ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ сухан ронда, аҳаммияти таъсири иттилоотии кишварҳои бузургро ба ташаккули афкори умум қайд намудан зарур аст. Ин кишварҳо асосан "қувваи нарм" – ро истифода намуда, дар ташаккули афкори умумии ҷомеа ширкат меварзиданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шароити ташаккули мустақилияти давлатӣ қабул намудани қарорҳои мураккаб хос буд. Чунин қарорҳо ба ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеа ҷаҳонӣ ба сифати субъекти ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, ки яке аз вазифаҳои муҳим равона гардида буд. Як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки ин давраи якуми фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки то соли 2000 идома ёфта, дар ҷараёни он Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳро аз амалҳои дипломатӣ то ба сатҳи амалӣ намудани консепсияи васеъи муносибатҳои тарафайн бо ҷомеа ҷоҳонӣ паси сар намудааст. Хусусият, инкишоф ва давомнокии ин давра бо ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар ва бартараф намудани натиҷаҳои он дар доираи раванди барқарор намудани ризоияти миллӣ алоқаманд аст.

Давраи дуюм аз соли 2000 то ба имрӯзро фаро мегирад, ки дар он консепсияи амалкунандаи сифати хориҷии давлат ташаккул ёфт, ки хислат, дурнамо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷиро муайян менамояд. Дар ин давра дар ташаккули инфрасохтори хориҷӣ – сафоратхонаҳо, номояндагиҳои консулигарӣ ва дипломатӣ ба итмом расидааст [19, 10].

Дар ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ нақш ва мақоми созмонҳои байналмилалӣ бузург аст. Аъзои комилҳуқуқ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор созмонҳо, ба монанди СММ, Созмони амнияти ҳамкорӣ дар Аврупо (минбаъ САҲА) нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро бо назардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд.

Таҷрибаи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ нишон дод, ки давлатҳоро зарур аст, ки тамоми қувваи худро ба истифода намудани шаклҳои имконпазири дипломатии ҳалли осоиштаи моҷароҳои дохилӣ равона намоянд. Илова бар ин, ба дарки воқеии мавқеи худ ҳам дар фазои пас аз шуравӣ ва ҳам дар фазои сиёсати ҷаҳонӣ кӯшиш намоянд.

Амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии раванди умумии ҳодисаҳои фазои пас аз шуравӣ сурат мегирифт. Пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ теъдоди муайяни кишварҳои хориҷӣ Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуданд, дар кишвар намояндагиҳои дипломатии худро ифтитоҳ намуданд. Ба монанди дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ), Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аъзои САҲА ва СММ гардид. Қайд намудан зарур аст, ки дар самти амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ, дар фаъолияти кишварҳои тозаистиқлоли собиқи шуравӣ фарқияти бузурге ба назар намерасид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон неруҳои гуногун, ки оғози давраи соҳибистиқлолӣ ба саҳнаи мубориза сиёсии кишвар ворид гардида буданд, аз тасаввуроти геосиёсии давраи шуравӣ ва натиҷаҳои пошхурии он берун монда буданд ва ба хотири амалӣ намудани мақсадҳои худ, манфиатҳои давлативу миллӣ, ояндаи инкишоф ва мақоми кишварро дар ҷаҳони нави хатарнок ва пуртаҳдид нодида гирифтанд. Илова бар ин, сиёсатмадороне, ки дар даст ҳокимият доштанд, дар асоси маҳдудияти иродаи сиёсӣ натавонистанд самт ва мундариҷаи фаъолияти дохилӣ ва хориҷии давлатро муайян намуда, тавозуни манфиатҳои неруҳои гуногунро дар ҷомеа таъмин намуда, онро барои ба даст овардани мақсадҳои умумимиллӣ равона намоянд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи мухолифатҳои сиёсии дохилӣ, ки дар асоси таъсири омилҳои беруна қувват мегирифтанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вартаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар чунин ҳолат, ҳукуматдорон натавонистанд, ки низоми муносибатҳои байналмилалиро дуруст ба роҳ монда, барои танзими вазъияти ба вуҷудомада ҷомеаи ҷаҳониро ҷалб намоянд. Дар натиҷаи нооромиҳо ва муташанниҷ гардидани вазъияти сиёсӣ, муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ халалдор гардида, намояндагиҳои дипломатии як қатор давлатҳо фаъолияти худро дар кишвар ихтисор ва ё муваққатан қатъ намуданд.

Қайд намудан зарур аст, ки яке аз хусусиятҳои ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ соли 1992 дар Иҷлосияи XXI Шурои Олӣ аз тарафи Раиси Шурои Олӣ дар “Муроҷиатнома ба халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон” баён шуда буд. Дар муроҷиатномаи мазкур масъалаҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти вазъияти мураккаб ва ноором муайян карда шуд:

— ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;

— барқарор намудан ё ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ бо тамоми кишварҳое, ки мехоҳанд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои судманд ҳамкорӣ намоянд;

— ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар асоси ба даст овардани узвият дар онҳо;

— мустаҳкам намудани ҳамкориҳо ва муносибатҳо бо кишварҳои ИДМ, пеш аз ҳама бо Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;

— дахолат накардан ба ба корҳои дохилии кишварҳои дигар, барқарор намудани муносибат ва ҳамкориҳо бо тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Афғонистон, Покистон, Чин, Эрон ва дигар давлатҳои минтақаҳои гуногун [6, 354-355].

Ҳамин тариқ, пас аз иҷлосияи XXI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи нав дар сиёсати хориҷии кишвар оғоз ёфта, ташаккули он бо назардошти манфиатҳои миллӣ ба роҳ монда шуд. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи эҳтироми меъёрҳои умумибашарӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташаккул меёфт. Ҷумҳурии Тоҷикистони тозаистиқлол сиёсати хориҷии худро дар асоси эҳтиром ва эътирофи меъёрҳои сиёсати байналмилалӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, дифои манфиатҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, тамомияти арзӣ, мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар, баробарҳуқуқӣ дар муносибати байни ҳамдигар, ҳамкории барои тарафҳо муфид ва судбахш танзим менамояд. Танҳо ҳамин гуна сиёсат метавонад амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо роҳҳои сиёсӣ таъмин созад, барои пешрафти ислоҳоти демократӣ ва равнақуривоҷи иқтисодиёт, фарҳанг, илму маорифи он мусоидат кунад, ба ташаккули иқтисоди бозоргонӣ ва барқарор гардидани муносибатҳои нав ва босамари Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ ва дигар кишварҳои ҷаҳон кӯмак расонад. Мо дар заминаи ҳамин усул ва бо назардошти манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ният дорем ба тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаҳои қавии иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ барқарор намоем” [21, 19].

Дар ин давра зарур буд, ки заминаи байналмилаливу ҳуқуқии ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар ташаккул дода шавад. Дар як қатор бо ин ва коркарди таҷрибаи муайяни фаъолияти дипломатӣ, вазифаи ташаккули механизми таъмини манфиатҳои стратегии миллӣ дар хориҷӣ аввалиндараҷа ҳисобида мешуд. Дар ин самт амалҳои фаъолияти хориҷӣ, мавқеъгирӣ дар фазои пас аз шуравӣ дар сатҳи муносибатҳои махсус аҳаммияти бузургро касб намуда буданд.

Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Ҷаҳон на танҳо ба кишварҳо, балки ба бунёдҳо, тамаддунҳо ва

марказҳои қувва, ки ин кишварҳоро фарогиранд, ҷудо карда мешавад. Ҳеҷ як давлат наметавонад, ки аз фазои геосиёсӣ ин бунёдҳо, ки таърихан ташаккул ёфтаанд, берун бимонад” [9, 152].

Қобили зикр аст, ки дар ин давра, Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан он метод ва воситаҳои роҳандозии сиёсати хориҷиро пеш гирифт, ки хоси давлатҳо соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Маҳз чунин роҳ тавонист, ки ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъмин намояд. Ба ақидаи мо, бе ворид гардидан ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ, амалӣ намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ дар шароити имрӯза ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ворид гардида, дар миқёси байналмилалӣ худро ҳамчун давлати фаъол нишон диҳад. Ташаббусҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳалли масъалаҳои гуногун аз тарафи созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҷонибдорӣ гардидааст. Ин шаҳодати он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи худро пайдо намудааст. Инчунин, ворид гардидани кишварҳои соҳибистиқлол ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар доираи фаъолияти СММ имконпазир гардидааст. СММ барои давлатҳо шароити муфидро барои ворид шудан ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва иштироки онҳоро дар ҳалли масъалаҳои муҳимми арсаи ҷаҳонӣ таъмин намудааст. Илова бар ин созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар дохил шудани кишварҳо ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат намудаанд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 27 январи соли 2015, №332).

2. Косолапов Н.А. Глобализация: территориально-пространственный аспект // Мировая экономика и международные отношения. 2005. № 6. – С. 3 – 13.

3. Лагутина М.Л. Мировая политика как инструмент управления новой системой международных отношений // Вестник международных организаций. 2011. № 1(32). – С. 29 – 40.

4. Ливенцев Н.Н. и др Международные экономические отношения. М., Изд-во: «Проспект» 2005. – 648 с.

5. Маркс К. Капитал. Критика политической экономии.Манбаи электронӣ :http: // esperanto-mv.pp.ru/Marksismo/Kapitall/ [санаи мурочиат: 12.06.2025]

6. Мирзоев Н. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори дипломатияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол / Эмомали Раҳмон – Пешвои миллат. –Душанбе, «Маориф», 2016. – С. 354 – 355.

7. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. Д., 2004. – 283 с.

8. Петровский В.Ф. Доктрина «национальной безопасности» в глобальной стратегии США / В.Ф. Петровский. – М.: Международные отношения, 1980. – 338 с.

9. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации / Сост. С.С. Фаттоев: Редакторы С.С. Сафаров, М. Ваташоев. – Душанбе: Ирфон, 2017. – Том 11. – 576 с.

10. Раҳмонзода А.Ш. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир. Монография. Душанбе: «Дониш», 2022. – 172 с.

11. Раҳмонзода А.Ш. Сиёсати муваффақ ва ташаббусҳоиояндасози Пешвои миллат омили пайвандгари Тоҷикистон бо ҷаҳони муосир // Паёми ДМТ №11, 2023. –С. 307-314.

12. Раҳмонзода А.Ш. Хусусиятҳои муносибатҳои байналмилалии муосир ва раванди тағйирёбӣ // Паёми ДМТ №11, 2023. Қисми 2. – С. 68-76.

13. Раҳмонзода А.Ш. Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи муносибатҳои байналмилалӣ дар марҳалаи муосир // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

14. Рахмонзода А.Ш. Трансформация системы международных отношений Республики Таджикистан в условиях глобализации. Монография. Душанбе: «Дониш», 2024. – 222 с.

15. Рахмонзода А.Ш. Международное сотрудничество Республики Таджикистан как фактор её внешней политики // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2016. – №2/8(215). – С. 296–299.

16. Рахмонзода А.Ш. Основные направления трансформации политики международных отношений Республики Таджикистан на современном этапе // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2017. – №2/6. – С. 282–285.

17. Рахмонзода А.Ш., Хайдарзода Р.Дж. Формирование и развитие международных отношений Республики Таджикистан // Осиё ва Аврупо. №3, 2024. – С. 28-44.

18. Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи масъалаҳои мубрам ва ибтикороти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии тоҷикистон / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2018. – 422 с.

19. Саидов З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004гг.) – Седьмое издпние. –Душанбе, 2010. – 445 с.

20. Филипп Н. Современная экономическая диппоматия. Манбаи электронӣ :http://iwep.kz/stariysite/index [санаи муроҷиат: 12.06.2025].

21. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. –Душанбе. «Ирфон», 2012. – 272 с.

## ОСОБЕННОСТИ ВКЛЮЧЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СИСТЕМУ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

*В данной статье анализируются особенности вхождения Республики Таджикистан в систему международных отношений. При проектировании международной деятельности государства необходимо брать за основу все особенности и аспекты деятельности общества. Анализ показывает, что политика и экономика являются основой всей общественной системы. Поэтому их взаимодействие играет определяющую роль в развитии любого общества. Необходимость и возможность такого взаимодействия неуклонно расширяются, поскольку растут масштабы самой экономической сферы. Также усложняется ее структура, углубляются экономические отношения между государствами.*

*Подчеркивается, что международные отношения Республики Таджикистан в период государственной независимости находятся в процессе развития и совершенствования, направленные на дальнейшее укрепление влияния государства в регионе и мире.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Лидер нации, мировое сообщество, система международных отношений, современный этап, внешняя политика, ООН, ОБСЕ, СНГ, интеграция, проблемы.*

## FEATURES OF INCLUSION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS

*This article analyzes the features of the entry of the Republic of Tajikistan into the system of international relations. When designing the international activities of the state, it is necessary to take as a basis all the features and aspects of the society's activities. The analysis shows that politics and economics are the basis of the entire social system. Therefore, their interaction plays a decisive role in the development of any society. The need and possibility of such*

*interaction are steadily expanding, as the scale of the economic sphere itself is growing. Its structure is also becoming more complex, economic relations between states are deepening.*

*It is emphasized that the international relations of the Republic of Tajikistan during the period of state independence are in the process of development and improvement, aimed at further strengthening the influence of the state in the region and the world.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, world community, system of international relations, modern stage, foreign policy, UN, OSCE, CIS, integration, problems.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ** – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиѐ ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми таърих, ходими пешбари илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиѐбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

**Сведение об авторе: Рахмонзода Азимджон Шерали** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, кандидат исторических наук, ведущий научный сотрудник. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

**Information about the author: Rahmonzoda Azimjon Sherali -** Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Leading Researcher. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

# ҲАМКОРИҲОИ ИДМ ВА СҲШ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ТОҶИКИСТОН

**ДАВЛИЁРОВА САФАРГУЛ ТЕШАЕВНА**
ходими пешбари илмии Шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент

*Дар мақолаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз муассисони Созмони ҳамкории Шанхай ба шумор рафта, нақши он дар рушду пешрафти ҳамкориҳои байни давлатҳои ин созмон хеле муассир нишон дода шудааст. Дар мақола ҳамчунин паҳлӯҳои мухталифи мубориза ба муқобили терроризм, экстремизм ва сепаратизм дар доираи ин созмон таҳлил гардида аст. Роҳҳои мубориза ба муқобили ин зуҳуротҳои номатлуб ва таъмини амнияти кишварҳои аъзо дар доираи СҲШ дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки ин созмон қабул намудааст ва фаъолияти онро танзим менамоянд, мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *стратегия, ҳамкориҳо, СҲШ, ИДМ, терроризм, экстремизм, сепаратизм, амният, сохтори зиддитеррористӣ, таҳдид, хатар, муқовимат ва ғ.*

Баъд аз дарҳампошии Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз созмонҳои байнидавлатии кишварҳои пасошӯравӣ Созмони ҳамкориҳои Шанхай мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муассисони ин созмон буда, дар иҷрои мақсаду ҳадафҳои он нақши зарурии худро мебозад.

Мусаллам аст, ки нахустин қадам барои табдили Панҷгонаи Шанхай ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай моҳи июли соли 2000 дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷараёни нишасти матбуотӣ дар шаҳри Душанбе гузошта шуда буд. Бисту панҷ соли фаъолияти ин созмон бо сароҳат нишон дод, ки дар пайвасти “Руҳи Шанхай” дар байни давлатҳои иштирокчӣ нақши муҳим дорад[2].

Ҳамин тариқ, СҲШ 15-уми июни соли 2001 дар Шанхай (ҶМЧ) аз ҷониби раҳбарони Чин, Русия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон таъсис дода шуд. Ҳамаи аъзои панҷгонаи Шанхай, ки дар солҳои 1996-1997 дар натиҷаи имзои созишномаҳои байни Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Русия ва Тоҷикистон дар бораи таҳкими эътимод ба соҳаи низомӣ ва коҳиши мутақобилаи нерӯҳои мусаллаҳ таъсис ёфтаанд, аъзои СҲШ шуданд[8]. СҲШ фазои бузург ва доираи васеи ҳамкориҳои минтақавиро фаро гирифта, шакли нави ҳамкории давлатҳо аз нигоҳи сохтори сиёсӣ, иқтидори иқтисодӣ ва гуногунии фарҳангӣ мебошад.

Яке аз самтҳои асосии СҲШ мубориза бо терроризм, сепаратизм, ифротгароӣ ва дигар зуҳурот мебошад. Дар ин самт Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти мунтазам ва мақсаднок таъсис дода шудааст.

Дар доираи СҲШ машқҳои муштараки зиддитеррористӣ ва низомӣ баргузор мешаванд. Қобили зикр аст, ки чунин машқҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гузаронида шуданд. Рӯзҳои 17-19 апрели соли 2009 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамриноти фармондеҳии зиддитеррористии Норак баргузор гардид. Дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои низомӣ тамрини "Мисияи сулҳ" низ баргузор шуд. Рӯзҳои 8-14 июни соли 2012 дар тамрингоҳи Чорух-Дайрони Ҷумҳурии Тоҷикистон тамриноти “Мисияи сулҳомез-2012” баргузор гардид, ки дар он воҳидҳои низомии кишварҳои узви СҲШ ширкат доштанд. Кишварҳои узв содиқ будани худро ба ҳадафҳо ва вазифаҳои Оинномаи СҲШ тасдиқ намуда, ҳадафҳои умумии худро дар давраи оянда таҳкими заминаи институтсионалии СҲШ, аз ҷумла баланд бардоштани нақши намояндагони доимии кишварҳои узви СҲШ дар Котибот ва Сохтори минтақавии зиддитеррористии (СМЗТ) СҲШ[4].

СҲШ аз дигар сохторҳои байналмилалӣ бо он фарқ мекунад, ки қудрат ва нуфуз дар ин созмон дар байни аъзои он баробар тақсим карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки пешниҳодҳои муштарак таҳия гардида, муҳокимаҳо баробар гузаранд, ки ин ба мустаҳкам шудани робитаҳо ва ташаккули сиёсати ягона мусоидат менамояд[6].

Сарфи назар аз он, ки СҲШ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ як созмони хеле ҷавон аст, дар тӯли солҳои мавҷудияти худ ҳамчун як минбари муассир барои табодули афкор, таҳияи мавқеъҳои муштарак ва ҳамоҳангсозии дидгоҳҳои гуногун ва вобаста ба талаботи нави замони муосир мақсаду вазифаҳоро такмил медиҳад.

Тибқи оинномa, ҳадафҳои СҲШ таъмини субот ва амният дар минтақа, мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, энергетикӣ, илмию фарҳангӣ, бунёди як давлати нави демократӣ, одилона ва оқилонаи сиёсӣ мебошанд.

Ҳадафҳои асосии СҲШ чунин муайян карда шуданд:

- таҳкими эътимод байни иштирокчиёни он дар соҳаи ҳарбӣ;
- таъмини сулҳ, амният ва субот дар минтақа;
- мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм[3].

Тоҷикистон ташаббускори имзои “Созишнома дар бораи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир” дар чаҳорчӯби СҲШ буд ва ҷонибдори таъсиси як маркази ягонаи зидди маводи мухаддир аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги истифоданашуда мебошад, ки онҳоро ба манфиати рушди иқтисодии тамоми минтақа фоидаовар истифода бурдан мумкин аст.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти муштараки кишварҳои узви СҲШ таъмини амнияти минтақавӣ ва дохилӣ тавассути мубориза бо нерӯҳои сеюм, гузаронидани машқҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи низомӣ, андешидани чораҳои зиддитеррористӣ, инчунин ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ мебошад[2].

Терроризм ҳанӯз дар охири садаи нуздаҳум ва ибтидои садаи бистум хусусияти мушкилоти умумиҷаҳонӣ пайдо карда, дар антагонизми абадӣ ва оштинопазири ҷаҳонҳо, фарҳангҳо, идеологияҳо, динҳо ва ҷаҳонбинии гуногун ба аслиҳа, як қувваи азими тарсонидан ва харобкорӣ табдил гардид.

Терроризм ба «мушкилоти рақами як дар ҷаҳон» табдил ёфта, хатарноктарин, шадидтарин, мураккабтарин ва душвортарин пешгӯӣ дар шаклҳои торафт гуногунтаре пайдо гардида, ба тамоми инсонияти рӯи замин таҳдид мекунад.

Терроризм ба монеаи хавфнок дар роҳи ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, этникӣ, динӣ ва байналмилалӣ табдил ёфта, тамоми кафолатҳои сиёсию ҳуқуқиро маҳдуд карда, муносибатҳои байни давлатҳо, халқҳо, эътиқодҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро фалаҷ месозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои дигари минтақа таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ эҳсос менамояд. Таҳдидҳои террористӣ шаклу усулҳои тозаро касб карда, ҷуғрофиё ва доманаи онҳо васеъ гардида, тарзҳои содир намудани ҳамлаҳои террористӣ ва ҳадафҳои онҳо тағйирёбандаанд[5].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони таъсиси СҲШ то имрӯз дар мубориза бо се бадӣ терроризм, экстремизм ва сепаратизм собитқадамона, дастҷамъона бо дигар давлатҳои аъзои созмон дар муборизаи доимист.

Бояд гуфт, ки хусусияти фарққунандаи терроризми муосир ҳамчун проблемаи глобалии замони мо норавшан шудани сарҳади терроризми дохилӣ ва байналмилалӣ мебошад[7].

Мубориза бо терроризм дар доираи СҲШ муборизаи кишварҳои иштироккунанда мебошад, на худи СҲШ, ки ҳамчун сохтори муттаҳидкунандаи фаъолияти хадамоти иктишофии ҳамаи шаш кишвар дар мубориза бо «се намуди бадӣ амал мекунад». Мубориза бо терроризм дар маҷмӯъ ба шарофати стратегияи хуб таҳияшудаи амал ба самти муваффақтарини ҳамкорӣ табдил ёфтааст[1,23].

Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ (СМЗТ) мақоми доимии СҲШ буда, барои мусоидат намудан ба ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории мақомоти салоҳиятдори тарафҳо дар самти мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ пешбинӣ шудааст ва ин амалҳо дар Конвенсия муайян гардиданд. Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ

(СМЗТ) мақоми шахси ҳуқуқӣ дошта, дар ин сифат, аз ҷумла, ҳуқуқ дорад: шартномаҳо банданд; молу мулки манқул ва ғайриманқулро ба даст оварда, онро ихтиёрдорӣ намояд; кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ бо ҳама гуна асъор; ба суд даъво пешниҳод кунанд ва дар мурофиаи судӣ иштирок кунанд.

Вазифаҳо ва ҳадафҳои асосии Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ (СМЗТ) инҳоянд:

1) таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба рушди ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм барои сохторҳои дахлдори СҲШ, инчунин бо дархости Тарафҳо;

2) мусоидат ба мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо бо дархости яке аз Тарафҳо дар мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм, аз ҷумла тибқи муқаррароти Конвенсия;

3) ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооте, ки аз ҷонибҳо оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм гирифтааст;

4) ташкили бонки маълумотҳои СМЗТ аз ҷумла дар бораи:

- ташкилотҳои байналмилалии террористӣ, сепаратистӣ ва дигар ифротгароӣ, сохтори онҳо, роҳбарон ва иштирокчиён, шахсони дигари ба онҳо алоқаманд, инчунин манбаъҳо ва роҳҳои маблағгузории онҳо;

- ҳолат, динамика ва тамоюлҳои паҳншавии терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ, ки ба манфиатҳои тарафҳо таъсир мерасонанд;

- созмонҳои байналмилалии террористӣ, сепаратистӣ ва дигар ифротгароӣ, сохтмони онҳо, роҳбарон ва иштирокчиён, шаҳрҳои дигари ба он алоқаманд, инчунин манбаъ ва роҳҳои маблағузории он;

- ҳолат, динамикаи терроризм ва тамоюлҳои паҳншавӣ, сепаратизм ва ифротгаро, ки ба манфиатҳои тарафҳо таъсир мерасонанд;

5) бо дархости мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо пешниҳод намудани маълумот;

6) бо хоҳиши тарафҳои манфиатдор дар тайёр кардан ва гузаронидани штаби фармондеҳии зиддитеррористӣ ва машқҳои оперативии тактикӣ ёрӣ расондан;

7) мусоидат ба омода намудан ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм бо дархости Тарафҳо;

8) мусоидат дар ҷустуҷӯи байналмилалӣ барои шахсоне, ки гӯё кирдорҳои дар банди 1 моддаи 1 Конвенсия зикршударо содир намудаанд, бо мақсади ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани онҳо;

9) иштирок дар таҳияи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм дахл доранд;

10) мусоидат дар тайёр кардани мутахассисон ва инструкторони ҷузъу томҳои зиддитеррористӣ;

11) иштирок дар тайёр кардан ва гузаронидани конференсияҳои илмию амалӣ, семинарҳо, мусоидат ба мубодилаи таҷриба оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм;

12) барқарор намудан ва пеш бурдани робитаҳои корӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, ки ба мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм машғуланд.

СМЗТ дар фаъолияти худ ҳуҷҷатҳо ва қарорҳои марбут ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ, ки дар доираи СҲШ қабул шудаанд, роҳбарӣ мекунад.

СМЗТ бо мақомоти салоҳияти Тарафҳо, аз ҷумла мубодилаи иттилоот ҳамкорӣ мекунад ва бо дархости мақомоти дигари СҲШ маводи дахлдор омода менамояд.

Тартиби таъсис ва фаъолияти бонки маълумотҳои СМЗТ, инчунин масъалаҳои марбут ба пешниҳод, мубодила, истифода ва ҳифзи иттилооти дахлдор бо созишномаҳои алоҳида танзим карда мешаванд[3].

Кишварҳои узв ҳадафҳо ва вазифаҳои Оинномаи СҲШ-ро тасдиқ намуда, ҳадафҳои умумии худро дар давраи оянда дар таҳкими заминаи институтсионалии

СҲШ, аз ҷумла баланд бардоштани нақши намояндагони доимии кишварҳои узви СҲШ дар Котибот ва Сохтори минтақавии зиддитеррористии (СМЗТ) СҲШ тасдиқ намуда, ба он содиқ мебошанд[4].

Аз замони таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай Тоҷикистон дар рушди ин созмон саҳми арзанда гузошта, ба як маркази ҳамоҳангсоз дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Нуфузи байналмилалии СҲШ сол то сол меафзояд, он намунаи шоистаи ҳамкориҳои бисёрҷониба дар ба даст овардани комёбиҳои назаррас дар соҳаи амният мегардад.

Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) яке аз созмонҳои байналмилалии минтақавии бонуфуз буда, дар сиёсати ҷаҳони муосир нақш ва нуфузи хоса дорад[7].

Дар оғози таъсиси Созмон ба эътидол овардани вазъ дар Осиёи Марказӣ, таҳкими дӯстӣ ва ҳамсоягии неки кишварҳои узв, рушди ҳамкориҳо дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва ғайра ҳадафҳои асосӣ унвон мешуданд. Аммо дар байни аҳдофи ба миён гузоштаи СҲШ муқовимати дастаҷамъонаи кишварҳо ба паҳншавии ифротгароӣ, терроризм ва сепаратизм - се қувваи «бад»-и асосӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. То кунун мубориза бо ин чолишҳо авлавиятнок боқӣ мемонанд.

Вазифаи асосии ин созмон ҳамоҳангсозии талошҳои тамоми кишварҳои узви СҲШ дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ - таҳияи пешниҳодҳо оид ба мубориза бо терроризм, ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот, ташкили бонки маълумот дар бораи шахсони воқеӣ ва ифротгароӣ мебошад.

Ташкилотҳое, ки ҷинояткоронро дастгирӣ мекунанд, дар омода кардан ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди ин зуҳурот, нигоҳ доштани робита бо ташкилотҳои байналмилалӣ мусоидат мекунанд. Мақсади СМЗТ СҲШ ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории мутақобилаи мақомоти салоҳиятдори тарафҳо дар мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва сепаратизм мебошад.

Боиси зикри хос аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2025 раёсати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) - ро ба ӯҳда гирифт. Дар воқеъ Тоҷикистон ташаббускори машваратҳо барои таҳияи пешниҳодҳо вобаста ба такмили ИДМ мебошад. Пӯшида нест, ки Душанбе зимни ташаккули консепсияи раёсат дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил пешниҳоди инноватсионӣ дар бораи беҳбуди ИДМ кардааст. "Ин пешниҳод аллакай дар консепсияи раёсати Русия ворид шудааст, мо ин пешниҳодро идома медиҳем ва мехоҳем барои омӯзиши ин масъала ба сатҳи амалӣ гузарем". Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони раиси ИДМ ба ҳалли як қатор мушкилоти мазкур таъмини ҳамкории зичтари ҳамгироии кишварҳои муштаракулманофеъ, мутобиқсозии сохторҳо, шаклҳо ва усулҳои кори ИДМ ба воқеиятҳои нав, таҳкими мавқеъи байналмилалии ИДМ, ассотсиатсия ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ, инчунин навсозии дар доираи қарору созишномаҳои ИДМ қабулшуда, таҳкими робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ, амиқтар кардани мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, намудҳои гуногуни ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ҳифзи иттилоот таваҷҷуҳ хоҳад кард[10].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни иштирок дар мулоқоти сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Санкт-Петербург изҳори бовар намуданд, ки раёсати Тоҷикистон дар доираи консепсия ва чорабиниҳои пешниҳоднамудаи кишвари мо бо мусоидати дигар давлатҳои иштирокдори ИДМ бо самар ҷараён хоҳад гирифт. Ҳамзамон дар рафти мулоқот ҷонибҳо атрофи доираи васеи масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом доданд[11].

Дабири кулли ИДМ Сергей Лебедев дар ҳошияи Форуми байналмилалии иқтисодии кишварҳои узви ИДМ иброз дошт, ки "мо ҳоло масъалаи додани мақоми нозири СҲШ дар ИДМ-ро баррасӣ мекунем". Кишварҳои СҲШ ҷонибдори таҳкими ҳамкориҳо бо ИДМ мебошанд. Дабири кулл итминон дорад, ки додани мақоми нозир равобити СҲШ ва ИДМ-ро боз ҳам тақвият хоҳад дод. Ҳамзамон зикр намуд,

ки дар ҳоли ҳозир Созмони ҳамкориҳои Шанхай 10 кишвари узвро муттаҳид мекунад. Белорус, Ҳиндустон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Покистон, Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон). Ҳамчунин 2 давлати дорои мақоми нозир (Афғонистон, Муғулистон) ва 14 шарики муколама (Озарбойҷон, Арманистон, Баҳрайн, Миср, Камбоҷа, Қатар, Кувайт, Малдив, Мянма, Непал, АМА, Арабистони Саудӣ, Туркия ва Шри-Ланка) бо СҲШ ҳамкорӣ доранд [9].

Таҳлили масъалаи мазкур моро ба хулосае мебарад, ки саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳамкориҳои амниятӣ дар доираи СҲШ хеле устувор мебошад, зеро на танҳо дар байни кишварҳои пасошӯравӣ, балки дар сатҳи сайёра низ мавқеъи қавӣ дошта, барои расидан ба ҳадафҳои худ корҳои зиёдеро анҷом додааст. СҲШ дар тамоми соҳаҳо боэътимод буда, дар роҳи мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва сепаратизм ва таҳкими минбаъдаи суботу амният дар минтақа нақши калидӣ дорад.

СҲШ ҳамчун як созмони сирф сиёсӣ буда, дар давраи фаъолияти худ ба муваффақиятҳои бузург ноил гардидааст. СҲШ сулҳро дар минтақа таъмин намуда, мардумро тавассути ҳамгироии иқтисодӣ муттаҳид месозад. Ин созмон дар ҳифзи сулҳу амнияти минтақа масъулияти бузург дошта, барои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва густариши муколамаи байни фарҳангу тамаддунҳо саҳми арзанда мегузорад. Ҳамчунин дар таҳкиму барқарории сулҳу субот, амният, муқовимат ба терроризм, ифротгароӣ, ифротгароии динӣ, сепаратизм ва рафъи дигар таҳдиду хатарҳои замони муосир бетараф буда наметавонад.

**Адабиёт:**


1. Латипов Дж. Л. Роль ШОС в борьбе с терроризмом, экстремизмом и сепаратизмом в ЦА на современном этапе.// Материалы республиканской научно-практической конференции «Эмомалӣ Раҳмон яке аз бунёдгузорони Созмони ҳамкориҳои Шанхай», Душанбе, 29 июня 2021г. С.23
2. Рахимов К.Х. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан с ШОС в сфере обеспечения и безопасности и стабильности в многополярном мире. Электронная версия: https://repository.rudn.ru/en/records/article/record/62305/ [Дата обращения: 05.04.2025]
3. Соглашение между государствами - членами Шанхайской организации сотрудничества о Региональной антитеррористической структуре. Электронная версия: http://www.kremlin.ru/supplement/3864 [Дата обращения: 22.05.2025]
4. Стратегия развития Шанхайской организации сотрудничества до 2025 года. Электронная версия: https://sco-russia2020.ru/images/17/25/172545 [Дата обращения: 18.04.2025]
5. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Манбаи электронӣ:
https://www.mewr.tj/wp-content/uploads/2022/01/Стратегияи-муковимат-бо-экстремизм-ва-терроризм.pdf. [Санаи мурочиат: 15.05.2025]
6. Усмонзода Х. Укрепление роли ШОС в расширении горизонтов сотрудничества стран на пути глобального развития и безопасности. Электронная версия: https://www.facebook.com/mts.tj [Дата обращения: 30.05. 2025]
7. Холикназар Х.. Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организации сотрудничества (1996 - 2014 гг.). Электронная версия: https://www.dissercat.com/content/vklad-respubliki-tadzhikistan-v-stanovlenie-i-razvitie-shankhaiskoi-organizatsii-sotrudniche [Дата обращения: 15.04.2025]
8.Шанхайская организация сотрудничества. Электронная версия: https://ru.wikipedia.org/wiki/Шанхайская_организация_сотрудничества [Дата обращения: 24.02.2025]
9. ШОС может получить статус наблюдателя при СНГ. Электронная версия: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/23542897 [Дата обрашения: 28.02.2025]

10. Мақомоти Тоҷикистон гуфт зимни раёсаташ дар ИДМ ба кадом масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳи хос хоҳад дод. Манбаи электронӣ: https://sputnik.tj/20241220/tojikiston-mashvaratho-takmili-idm-oghoz-khohad-kard-1065597432.html. Санаи муроҷиат: 20.01.2025

11. Иштирок дар мулоқоти сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Санкт-Петербург. Манбаи электронӣ: https://prezident.tj/event/news/49205. [Санаи муроҷиат: 28.01.2025]

## СОТРУДНИЧЕСТВО СНГ И ШОС В ОБЕСПЕЧЕНИИ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

*В данной статье подчеркивается, что Республика Таджикистан является одним из государств-основателей Шанхайской организации сотрудничества, а ее роль в развитии и продвижении сотрудничества между государствами этой организации весьма эффективна.*

*В статье также анализируются различные аспекты борьбы с терроризмом, экстремизмом и сепаратизмом в рамках данной организации. На основе документов, принятых этой организацией и регламентирующих ее деятельность, изучены пути борьбы с этими нежелательными явлениями и обеспечения безопасности государств-членов в рамках ШОС.*

***Ключевые слова:*** *стратегия, сотрудничество, ШОС, СНГ, терроризм, экстремизм, сепаратизм, безопасность, антитеррористическая структура, угроза, опасность, сопротивление и т.д.*

## COOPERATION OF THE CIS AND SCO IN ENSURING THE SECURITY OF TAJIKISTAN

*This article emphasizes that the Republic of Tajikistan is one of the founding states of the Shanghai Cooperation Organization, and its role in the development and promotion of cooperation between the states of this organization is very effective.*

*The article also analyzes various aspects of the fight against terrorism, extremism and separatism within the framework of this organization. Based on the documents adopted by this organization and regulating its activities, ways of combating these undesirable phenomena and ensuring the security of member states within the SCO have been studied.*

***Key words:*** *strategy, cooperation, SCO, CIS, terrorism, extremism, separatism, security, anti-terrorist structure, threat, danger, resistance, etc.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Давлиёрова Сафаргул Тешаевна - номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии Шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.: 985294097,

E-mail:dsafargul@mail.ru

**Сведения об авторе:** Давлиёрова Сафаргул Тешаевна - кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник отдела Содружества Независимых Государств Института стран Азии и Европы национальной академии наук. Адрес: проспект Рудаки, 33. Тел.: 985294097, E-mail:dsafargul@mail.ru

**About the author:** Davliyorova Safargul Teshaevna - Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Leading Researcher of the Department of the Commonwealth of Independent States of the Institute of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences. Address: Rudaki Avenue, 33. Tel.: 985294097, E-mail: dsafargul@mail.ru

# ҲАДАФҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ ҲИНДУСТОН ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**ФАЙЗУЛЛАЕВА НИГОРА НЕГМАТОВНА**
ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
**ИБРАГИМОВА МАДИНАХОН ҚУРБОНАЛИЕВНА**
лаборанти калони шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақолаи мазкур ҳадафҳои геополитикии Ҳиндустон дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ бо мавқеи стратегии худ, аз қабили захираҳои мавҷудаи бойи энергетикӣ ва табиӣ таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудратро ҷалб намудааст. Ҳадафҳои геополитикии Ҳиндустон дар минтақаи Осиёи Марказӣ асосан ба бахши энергетика ва захираҳои табиӣ равона гардидааст. Ҳиндустон барои густариши ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ стратегияи сиёсати "Пайванд бо Осиёи Марказӣ" ва лоиҳаи энергетикиро оид ба сохтмони лӯлаҳои гази Туркманистон-Афғонистон-Покистон-Ҳиндустон (ТАПҲ) ба роҳ мондааст, ки дар таҳкими равобити дуҷониба нақши муҳим доранд. Амнияти энергетикӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба ашёи хом ва ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ омилҳои асосии ҳамкориҳои Ҳиндустон бо минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Бозигарони сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳадафҳои гуногуни геополитикии худро фарогир намуда, барои расидан ба он пайваста дар рақобат қарор доранд. Аз ин рӯ, Ҳиндустон барои дарёфти мақоми худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бештар талош намуда, ҷиҳати амалӣ намудани лоиҳаҳои судманд мунтазам фаъолияти худро дучанд гардонида истодааст. Ҳамкории ҳарбӣ низ яке аз соҳаи мавриди таваҷҷуҳи  Ҳиндустон дар минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад, ки Ҳиндустон дар бахши мазкур ҳамкориҳои дуҷонибаро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ  ба роҳ мондааст.*

***Калидвожаҳо:** Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ, энергетика, иқтисод, тиҷорат, ҳамкорӣ, захираҳои табиӣ, сармоягузорӣ, стратегия, ҳадафҳои геополитикӣ, нефту газ, созишнома, амният, сиёсат, муносибатҳои дипломатӣ.*

Дар раванди ҳамгироӣ ва бархурди манфиатҳо тамоми кишварҳои ҷаҳон, бахусус кишварҳои абарқудрат, баҳри ба даст овардани манфиатҳои геополитикӣ дар майдони сиёсӣ, пайваста дар рақобат мебошанд. Ҷумҳурии Ҳиндустон аз ин раванд дур набуда, дар майдони сиёсӣ ворид гардида, таваҷҷуҳи худро ба низоми сиёсии минтақа ва ҷаҳон равона намудааст. Қобили зикр аст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ ба яке аз векторҳои нави сиёсати хориҷии кишварҳои абарқудрат табдил ёфтааст. Солҳои охир таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат, махсусан Ҳиндустон, дар минтақаи Осиёи Марказӣ бештар гардида истодааст. Аз ин рӯ, Ҳиндустон баҳри ба даст овардани ҳадафҳои геополитикии худ пайваста кӯшиш менамояд, ки робитаҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи худро дар соҳаҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, энергетикӣ, илмӣ-фарҳангӣ бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба роҳ монад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии худ ба як минтақаи муҳими геополитикиву геостратегӣ дар майдони сиёсӣ табдил ёфтаанд. Аз ин рӯ, кишварҳои абарқудрат баҳри ба даст овардани ҳадафҳои геополитикиву геостратегии худ дар майдони сиёсӣ пайваста дар рақобат мебошанд. Ҳиндустон низ ба гурӯҳи кишварҳои абарқудрат шомил мебошад, ки дар майдони сиёсӣ ворид гардида, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳадафҳои махсуси геополитикиву геостратегии худро дорад. Асосан, яке аз ҳадафҳои геополитикии Ҳиндустон ин таъмини амнияти энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва густариши ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамта дар  соҳаҳои гуногун  мебошад.

Ҳиндустон яке аз аввалин кишварҳое мебошад, ки истиқлолияти кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро ба расмият шинохт. Ҳукумати Ҳиндустон 23 феврали 1992 бо

Қазоқистон, 18 март бо Қирғизистон, 20 апрел бо Туркманистон ва 28 август бо Тоҷикистон робитаҳои дипломатиро барқарор намуд. Аз рӯзҳои аввали робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи Деҳлии Нав ба масъалаҳои амнияти минтақавӣ равона гардида буд. Соли 1993 аввалин маротиба сарвазири Ҳиндустон Нарасимха Рао ба Қазоқистон ва Узбекистон сафари расмӣ анҷом дод [2,39-40]. Дар ҳошияи сафари мазкур миёни Нарасимха Рао ва аввалин Президенти Узбекистон Ислом Каримов созишнома оид ба мубориза муштарак бар зидди терроризм ба имзо расониданд. Дар миёнаҳои солҳои 1990-ум Ҳиндустон ба рушди манфиатҳои геостратегии Осиёи Марказӣ оғоз намуд, ки ин ба густариши фаъолияти бозингарони ғайриминтақавӣ ва дастрасӣ намудан ба иқтидори захираҳои минтақа вобаста буд. Ҳамин тавр, моҳи сентябри соли 1995 дар доираи сафари расмии худ ба Туркманистон Н. Рао чунин қайд намуд, ки Осиёи Марказӣ барои Ҳиндустон як минтақаи афзалиятнок мебошад. Инчунин таъкид кард, ки ҳукумати Ҳиндустон барои густариши ҳузури худ дар минтақа манфиатдор буда, дар оянда ба субот ва ҳамкории бидуни зарар ба дигар бозингарони геополитикӣ ҳадафҳои худро равона намудааст[2, 39-40].

Мавриди зикр аст, ки яке аз ҳадафҳои асосии Ҳиндустон ин таъмини амнияти иқтисодӣ ва манфиатҳои энергетикӣ буда, барои таъмини энергетика ва нигоҳ доштани иқтисоди Ҳиндустон муҳим мебошад. Ҳиндустон тақрибан аз чор се ҳиссаи истеъмоли нефти худро аз хориҷи кишвар, махсусан аз минтақаи Ховари Миёна ворид менамояд. Аз ин рӯ, амнияти энергетикӣ ҷузъи асосии амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷии Ҳиндустон гардидааст. Бо назардошти он ки Ҳиндустон ба воридоти энергетика вобастагӣ дорад, барои коҳиш додани вобастагӣ аз Ховари Миёна пайваста кӯшиш менамояд, ки манобеи алтернативии энергетикаро пайдо намояд. Дар Осиёи Марказӣ конҳои бузурги карбогидрадҳо инчунин дар соҳили баҳри Каспий мавҷуданд. Захираҳои зиёд бештар дар Қазоқистон, Туркманистон ва Узбекистон мавҷуд аст, гарчанде, ки Тоҷикистону Қирғизистон низ барои истеҳсоли нерӯи барқии обӣ иқтидор доранд. Ҳамзамон минтақаи Осиёи Марказӣ дорои захираҳои маъдани уран ва иқтидори ғанисозии он мебошад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ метавонад манбаи асосии уран барои барномаҳои ҳастаии Ҳиндустон гардида, ба диверсификатсияи пойгоҳи энергетикии он мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, минтақаи Осиёи Марказӣ дар сиёсати амнияти энергетикии Ҳиндустон аҳамияти махсус дорад[5, 3] .

Осиёи Марказӣ минтақаест, ки бо мавқеи стратегии худ, аз қабили захираҳои бойи энергетикӣ, маъдану оҳан карбогидрат ва нефту газ таваҷҷуҳи кишварҳои дигарро ба худ ҷалб намудааст. Минтақаи Осиёи Марказӣ як ҳадафи асосии ҳамкориҳо барои Ҳиндустон мебошад, ки ба диверсификатсияи масирҳои интиқоли нерӯи барқ ва маъдани уран, бунёди бозорҳои нави содирот ва минтақаҳои сармоягузорӣ ва тавсеаи ҳадафҳои ҳамкориҳои дипломативу иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Ҳиндустон ба захираҳои табиии Осиёи Марказӣ махсусан ба захираҳои маъдани уран ва маҳсулотҳои энергетикӣ таваҷҷуҳ дорад. Аз ин рӯ, Ҳиндустон пайваста кӯшиш менамояд, ки ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамта махсусан дар соҳаи тиҷорату иқтисод ва энергерикиро бо минтақаи Осиёи Марказӣ густариш диҳад. Таъминти амнияти энергетикӣ ва ба даст овардани манфиатҳои энергетикӣ яке аз ҳадафҳои асосии геополитикии Ҳиндустон ба шумор меравад.

Дар давоми даҳ соли охир Корпоратсияи давлатии нефту гази Ҳиндустон кӯшиш дорад, ки дар се кони нефти сарватмандтарини Қазоқистон сармоягузорӣ намояд. Корпоратсияи давлатии нефту гази Ҳиндустон аз конҳои нефти Алибекмола ва Курмангазӣ, ки дар минтақаи Баҳри Каспӣ ҷойгир буда, ба казоқҳо тааллуқ доштаи Баҳри Каспӣ, саҳмҳои калон ба даст овардааст. Ширкати мазкур ба наздикӣ кӯшиш ба харҷ дод, ки саҳмияи ширкати амрикоии Коноко Филлипро дар кони нефти Қашагон бихарад. Бо вуҷуди он ки ҳукумати Ҳиндустон ба сармоягузории конҳои нефти Осиёи Марказӣ оғоз намудааст, вале сиёсати он дар мавриди интиқоли нефт ба бозори Ҳиндустон ва таҳияи қарордодҳои мубодилаи нефтӣ ҳанӯз ҳам дар ҳолати рушд қарор дорад. Ҳукумати Ҳиндустон дар мавриди 1680 километрии лӯлаи нефти Туркманистон-Афғонистон-

Покистон-Ҳиндустон (ТАПҲ) музокироти тӯлонӣ анҷом доданд, ки барои бунёди он 7,6 миллиард доллари амрикоӣ лозим аст. Лоиҳаи ТАПҲ барои интиқоли 30 миллиард метри мукааби газ аз конҳои гази табиӣ Туркманистон тавассути Афғонистон ва Покистон ба Ҳиндустон пешбинӣ гардидааст[6, 3].

Мавриди зикр аст, ки дар баробари дигар кишварҳо Ҳиндустон низ ба энергетика ва нефту газ дар минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Баҳри ба даст овардани ҳадафҳои геополитикии худ Ҳиндустон лоиҳаҳои махсус барномарезӣ намудааст, ки робитаҳои тиҷоративу иқтисодии Ҳиндустону кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро густариш медиҳад. Минтақаи Осиёи Марказӣ имкониятҳои навро барои тиҷорати Ҳиндустон фароҳам овардааст.

Ҳиндустон дар доираи густариш додани ҳамкориҳои энергетикӣ барои бештар намудани таъминоти захираҳои энергетикии Қазоқистон як қатор тадбирҳоро роҳандозӣ намудааст. Ҳамин тариқ соли 2005 Корпоратсияи нефту гази Ҳиндустон бо ширкати давлатии энергетикии КазМунайГази Қазоқистон созишнома оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи карбогидратҳо ба имзо расониданд, ки соли 2011 25% саҳмияҳои блоки нефтии Сатпаевро ба даст овардааст ва ба гуфтаи коршиносон ҳудуди 1,8 миллиард баррели нефти Қазоқистон дар баҳри Каспиро дарбар мегирад. Дар асоси захираҳои бузурги маъдани урани Қазоқистон, захираҳои мазкурро Ҳиндустон дар барномаҳои ҳастаии худ фаъолона пайгирӣ менамояд. Ширкатҳои давлатии Ҳиндустон ва Қазоқистон дар мавриди интиқоли маъдани уран соли 2011 созишнома ба имзо расониданд, ки тибқи созишномаи мазкур Қазоқистон уҳдадор гардида буд, ки то соли 2014 то 2100 тонна маъдани уран ба Ҳинд содирот намояд. Дар соли 2015 созишномаи мазкур то соли 2019 тамдид гардида, барои интиқоли маъдани уран 5 ҳазор тонна иловагӣ пешбинӣ гардид. Созишномаи ояндадоре, ки дар бахши энергетика доир ба сохтани лӯлаҳои газ аз Туркманистон ба Ҳиндустон (ТАПҲ) дар соли 2011 ба имзо расонида шуд, ки на танҳо бозори Ҳиндустонро бо манбаи нави гази табиӣ таъмин мекард, инчунин дурнамои ҳамкориҳои иқтисодии Ҳиндустон ва Покистонро густариш медод. Ҳиндустон дар соли 2015 лоиҳаи сохтмони лӯлаи газро пешниҳод намуд, ки анҷоми он ба геополитика ва ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақа таъсири бузург мерасонд. Бо назардошти вазъи кунунии сиёсии минтақа, ин иқдом басо хатарнок буд, зеро сохтани лӯлаи газ потенсиали стратегӣ низ дошт. Лоиҳаи мазкур дорои дурнамои дарозмуддат буд, ки на танҳо ба тиҷорати сӯзишвории Ҳиндустону кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат мекард, инчунин тиҷорати миёни ҳарду ҷонибро густариш хоҳад дод[1, 89].

Рушди ҳамкориҳои тиҷоратии Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ имконият дорад, ки таъсири мувозинатии рушди иқтисодии Чинро дар минтақа кӯмак расонад. Ҳиндустон сиёсати ҳамкориҳои иқтисодиро бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба роҳ монда, барои бештар намудани робитаҳо дар соҳаҳои сармоягузорӣ, тиҷоратӣ ва энергетикӣ бо ин кишварҳо талошҳои худро равона месозад. Амнияти энергетикӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба ашёи хом ва ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ омилҳои асосии ҳамкориҳои Ҳиндустон ва минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ҳиндустон барои афзоиши гардиши тиҷорат ва сармоягузорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, таъсиси созишномаҳои тиҷоратӣ ва ширкат дар форумҳои иқтисодии минтақавӣ пайваста кӯшиш менамояд. Сиёсати минтақавӣ, рақобат бо дигар қудратҳои бузург, аз қабили Чин ва амнияти минтақавӣ низ ба муносибатҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонад. Тавассути ҷалби Осиёи Марказӣ бо тиҷорат, Ҳиндустон метавонад аз захираҳои табиии минтақа истифода бурда, таъсири иқтисодии худро рушд диҳад ва инчунин дар таъмини амният ва рушди минтақа саҳм гузорад. Дар маҷмуъ, рушди тиҷорат ба мавқеи Ҳиндустон ҳамчун як бозингари муҳим дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ба аҳамияти минтақавию ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Интизор меравад, ки ҳамкориҳои бештар барои тақвияти рушди иқтисодии минтақавӣ ва амнияти мутақобила мусоидат мекунад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, Осиёи Марказӣ ба саноати Ҳиндустон бозори "хориҷи наздик", иртиботи заминӣ бо захираҳои ғании Ховари Миёна ва Русия, инчунин захираҳои назарраси нерӯи баркро дар

фосилаҳои нисбатан наздик пешниҳод мекунад. Суэз ва Баҳри Миёназамин ҳарду аз масири долони INSTC кӯтоҳтар мебошад. Пешбинӣ мешавад, ки ин минтақа бо афзоиши рақобат бо Чин барои захираҳо аҳамияти бештар пайдо мекунад[12].

Мавриди зикр аст, ки солҳои охир Ҳиндустон ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намуда истодааст. Яқин аст, ки Ҳиндустон, низ ба мисли дигар кишварҳои тараққикарда дар минтақа ҳадафҳои геополитикӣ ва геостратегии худро матраҳ намуда, барои рушди ҳамкориҳои гуногунсамта лоиҳаҳои гуногунро роҳандозӣ намудааст. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ бозингарони сиёсӣ ҳадафҳои гуногуни геополитикии худро доро мебошанд ва барои ноил гардидан ба ҳадафҳои мазкур пайваста рақобат менамоянд. Аз ин рӯ, Ҳиндустон барои дарёфти ҷойгоҳи худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бештар талош намуда, баҳри амалӣ сохтани лоиҳаҳои ҳадафмандонаи худ пайваста фаъолияти худро дучанд гардонида истодааст. Ҳадафи дигаре ки Ҳиндустон дар минтақаи Осиёи Марказӣ дорад, ин соҳаи низомӣ буда, ҳамкориҳоро дар ин соҳа низ ба роҳ мондааст.

Аз замони ба сари қудрат омадани Сарвазир Нарендра Модӣ дар соли 2014, ҳукумати Ҳиндустон пайваста бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориҳоро дар соҳаи низомӣ густариш дода, барои боз ҳам беҳтар намудани робитаҳо нишастҳо ва машқҳои низомӣ дар сатҳи баланд баргузор мекунад. Ин машқҳои низомӣ доираи гуногуни фаъолиятҳоро дар бар мегирад. Барои мисол метавон гуфт, ки “Ханҷар” як тамрини муштараки ҳарбии Ҳиндустону Қирғизистон, “Казин” тамрини муштараки Ҳиндустон ва Қазоқистон ва “Дустлик” як тамрини муштараки ҳарбии Ҳиндустону Узбекистон мебошад, ки соле як маротиба баргузор мегардад [9, 22-23].

Моҳи октябри соли 2022 Ҳиндустон мизбони машқҳои муштараки зиддитеррористии (JATE-Joint Air Transport Estsblishment-Муассисаи муштараки нақлиёти ҳавоӣ) “Манесар Антитеррор” бо иштироки Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон буд. Ин машқҳои ҳарбӣ ҳам барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳам барои Ҳиндустон борои мақсадҳои муҳим хизмат мекунад. Машқҳои мазкур на танҳо барои хоҳиши кишварҳои Осиёи Марказӣ ба истиқлолияти сиёсӣ ва омодагии онҳо барои ташкили шарикӣ бо Русия ва дигар қудратҳои ҳамсоя пас аз Ҷанги Сардро нишон медиҳад, инчунин проблемаҳои стратегӣ ва бехатарӣ, аз қабили терроризм ва экстремизми динӣ, бо назардошти вазъи кунунии Афғонистону Покистон, барои Ҳиндустон ва кишварҳои минтақа аҳамияти махсус дорад. Моҳи декабри соли 2021 дар шаҳри Деҳли сеюмин Муколамаи Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ баргузор гардид, ки ба ҳадафҳои стратегии ҷонибҳо заминаи муҳим гузошт. Яке аз дастовардҳои асосии сиёсии Нарендра Модӣ дар рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузории нишасти “Ҳинд ва Осиёи Марказӣ” дар моҳи январи соли 2022 буд[9, 22-23].

Сарвазир Нарендра Модӣ се ҳадафҳои асосии нишасти мазкурро муайян намудааст: якум, ҳамкориҳои Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ дар таъмини амнияти минтақа бо назардошти аҳамияти Осиёи Марказӣ аз дидгоҳи Ҳиндустон доир ба ҳамсоягии васеъ ва устувор аҳамияти ҳалкунанда дорад; -дувум, таъсиси сохтори самараноки ҳамкориҳо, мусоидат ба ҳамкориҳои мунтазам дар соҳаҳои гуногуни манфиатдор, сеюм, сохтани харитаи роҳ барои Ҳамкориҳои Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ. Саммити мазкур бахшида ба 30 солагии муносибатҳои дипломатии Ҳиндустону Осиёи Марказӣ дар давраи Ковид-19 ба таври маҳдуд баргузор гардид, ки ҳадафи асосии он густариши ҳамкориҳои ҷонибҳо ва аҳамияти шарикии ҳамаҷониба ва устувори Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ мебошад. Инчунин нишасти мазкур дар муайян кардани самтҳои ояндадори муносибатҳои Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ зери роҳбарии Нарендра Модӣ нақши калидӣ мебозад[9, 22-23].

Қобили зикр аст, ки дабири муштараки шуъбаи Авруосиё Ҷаноби Аҷай Бисария чунин қайд мекунад, ки Ҳиндустон стратегияи худро нисбат ба Осиёи Марказӣ бо мақсади паҳн кардани мундариҷаи бештари стратегии он аз нав кор мекунад. Моҳи июли соли 2012 бахшида ба бист солагии ҳамкориҳои Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби

Институти Таҳқиқот ва Таҳлилҳои Мудофиа (Institute for Defence Studies and Analyses (IDSA)) мизи мудаввар баргузор гардида буд. Дар он Ҷаноби Аҷай Бисария дар мавзуи "Ҳамкориҳои Ҳиндустон бо Осиёи Марказӣ: омӯзиши самтҳои оянда" баромад намуд. Ҳамзамон Аҷай Бисария ҷузъиёти сиёсати нави "Сиёсати пайвастшавии Осиёи Марказӣ"-и Ҳиндустонро шарҳ дода, таъкид намуд, ки унсурҳои калидии сиёсати мазкур, ба баъзе лоиҳаҳои пешрафта такя мекунад, аз ҷумла дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон таъсиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва бо ин роҳ Осиёи Марказиро тавассути шабакаи электронӣ дар телетиб (тибби технологӣ) ва дигар соҳаҳои муҳими фаъолияти тиҷоратӣ, таъсиси беморхонаҳо, марказҳои такмили ихтисос дар бахши технологияҳои иттилоотӣ, инчунин беҳтар намудани алоқаи ҳавоӣ пайваст мекунад. Инчунин, зарурати идомаи ҳамкориҳои мудофиавӣ ва стратегӣ тавассути омӯзиш ва татқиқотҳои муштарак миёни Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказиро таъкид намуд [10,243-244]. Зимни суханронӣ дар мизи мудаввар ҷаноби Бисария дар бораи тасмими Вазорати авиатсияи гражданӣ, инчунин дар бораи роҳандозии 14 парвози мустақим байни Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, рушди сайёҳӣ, тиҷорат ва савдо ибрози андеша намуданд. Дар хулоса чунин қайд кард, ки Ҳиндустон мехоҳад бо кишварҳои Осиёи Марказӣ шарики боэътимод ва судмади дарозмуддат гарданд[10, 243-244].

Дар моҳи июли соли 2012 Ҳиндустон харитаи роҳи стратегии сиёсати "Пайванд бо Осиёи Марказӣ"-ро муаррифӣ намуд, ки дар он аҳамияти минтақаи Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Ҳиндустон дарҷ гардидаст. Сиёсати "Пайваст бо Осиёи Марказӣ" бо мақсади таҳкими робитаҳои дуҷониба ва мусоидат ба Ҳиндустон ҳамчун як бозингари асосӣ дар Осиёи Марказӣ, инчунин нақши Ҳиндустон дар минтақа ба таври васеъ тавсиф гардидааст. Бо барномаи ҳамоҳангшудаи рушд, сиёсати мазкур ба ҳамгироии беҳтари кишварҳои Осиёи Марказӣ бо системаи иқтисодии Ҳиндустон ва саҳм гузоштан ба рушди Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст. Сиёсати "Пайванд бо Осиёи Марказӣ" барои кӯмак ба соҳаи кишоварзӣ, истифодаи донишҳои технологияи иттилоотии Ҳиндустон, ҳамкориҳои зич дар соҳаи низомӣ, рушди инфрасохтор, бунёди бемористонҳо бо ёрии тиббии аввалиндараҷа равона гардидааст, ки ҳамчун бахшҳои калидии Ҳиндустон мебошанд. Сиёсати мазкур як шабакаи электронии Осиёи Марказиро бунёд намуда, ба баланд бардоштани иқтидори тандурустӣ ва соҳаи маорифи Осиёи Марказӣ тавассути пайваст кардани беморхонаҳо ва донишгоҳҳои Ҳиндустон ба Осиёи Марказӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои телетиббӣ ва теллетаҳсилотӣ мусоидат менамояд. Инчунин ин сиёсат таъсиси Донишгоҳи Осиёи Марказиро дар минтақа дар назар дорад. Ин марҳилаи ҷалби Ҳиндустон ба як равиши лоиҳавӣ табдил ёфтааст, ки боиси зиёд гардидани грантҳои Ҳиндустон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ гардад[3, 9].

Мавриди зикр аст, ки ҳамкории рушд ва шарикии рушд дар дипломатияи Ҳиндустон муҳим арзёбӣ гардидааст. Ҳамкориҳои Ҳиндустон на танҳо бо кишварҳои ҳамсоя, балкӣ бо дигар минтақаҳо, аз ҷумла Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Шарқӣ, Осиёи Марказӣ, Амрикои Лотинӣ ва кишварҳои Уқёнуси Ором ба роҳ монда шудааст. Тибқи маълумотҳои расмии Ҳиндустон аз соли 2005-2006 то соли 2019 Ҳиндустон ба 63 кишвари ҷаҳон 279 хати қарзӣ ба маблағи умумии 27,91 миллиард доллари амрикоӣ пешниҳод намудааст, ки аз онҳо 54-тоаш ба кишварҳои Осиё ба маблағи 15,27 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад.[4] Ҳамзамон дар доираи барномаи Ҳамкории техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон (ITEC) ва лоиҳаи бурсиявии Шӯрои Ҳиндустон оид ба равобити фарҳангӣ (ICCR) кӯмакҳои техникӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мерасонад, ки асоси рушди ҳамкориҳои Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ гардидааст. Дар аввалин Муколамаи вазирони Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ, ки моҳи январи соли 2019 баргузор гардида буд, собиқ вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Сушма Сварaҷ чунин изҳор дошт, ки Ҳиндустон мехоҳад роҳҳои мушаххаси тавсеаи шарикии рушд бо Осиёи Марказиро омӯзад. Дар изҳороти муштараке, ки баъдан қабул гардид, роҳҳои мушаххаси таҳкими равобити мутақобилаи Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои дахлдор дар асоси принсипҳои баробарӣ, манфиатҳои мутақобила ва эҳтиром ба

манфиатҳои ҷонибҳо, ҳамоҳангсозӣ ва ҳалли мушкилот ва вазифаҳои мушаххас барои рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ равона гардидааст, номбар гардид[4].

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки болоравии Ҳиндустон ҳамчун як қудрати иқтисодӣ боиси бухрони энергетикӣ гардид ва ба ҳукумати кишвар зарурат пеш омад, ки ба диверсификатсияи энергетикӣ ва масирҳои таъминоти он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ барои барқарор намудани робитаҳои мустақим миёни Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ монеа эҷод менамояд, вале авлавияти аввалиндараҷаи Ҳиндустон густариши масирҳои транзитӣ тавассути Эрон ва Афғонистон буд. Аз ин рӯ, Ҳиндустон ба ғайр аз тарҳҳои сармоягузорӣ ва корхонаҳои муштарак дар конҳои нефту гази кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин ба тарҳҳои рушди зерсохтории Эрону Афғонистон низ сармоягузорӣ менамояд. Дар ин замина, ташаббуси муҳими сиёсӣ, бо муаррифии "Сиёсати Пайванд бо Осиёи Марказӣ" бо иштироки собиқ вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон 25-умин солгарди барқарорсозии муносибатҳои дипломатии Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ моҳи июни соли 2012 дар Бишкек таҷлил гардид[11].

Мавриди зикр аст, ки истеъмоли масолеҳи энергетикӣ ва талабот ба дастрасии он дар Ҳиндустон аз соли 2000-ум ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, ки сӯзишвории истихроҷшуда 80 дарсади нерӯи онро таъмин мекунад. Дар соли 2021 Ҳиндустон пас аз Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар истеъмоли энергия дар ҷойи сеюм қарор дошта, дар соли 2022 истеъмоли нерӯи он 8 дарсад зиёд гардид, ки ин зиёдшавии минтақавӣ тақрибан ду баробар боло рафтааст. Ҳиндустон 60% нефти хом ва гази моеъро аз Ховари Миёна, 15% аз Африқо ва 15%-и дигар аз минтақаи Ғарб воридот менамояд, ки стратегияи энергетикии Ҳиндустон дар чорроҳа қарор дорад[7]. Аз сабаби он ки Ҳиндустон талаботи энергетикии худро ба пуррагӣ таъмин карда наметавонад, аз ин рӯ, барои таъминоти беҳтар ба энергетикаи хориҷа таваҷҷуҳ намудааст. Ҳамин тариқ, Ҳиндустон барои густариши ҳадафҳои энергетикии худ ва барои таъмини талаботҳои энергетикӣ масирҳои қубурҳои энергетикии дохили кишварро зиёд намуд, инчунин лоиҳаҳои байналмилалии қубурҳоро ҷустуҷӯ кард. Ҳиндустон ба дипломатияи энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба хотири таъмини манбаҳои боэътимоди энергетикӣ ва коҳиш додани вобастагии худ аз нефту гази Ховари Миёна манфиатдор мебошад. Ин равиши дипломатӣ робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказиро барои амнияти энергетикии дарозмуддат таҳким мебахшад. Ҳиндустон, ки дертар ба минтақаи Осиёи Марказӣ ворид гардид, соли 2012 сиёсати "Пайванд бо Осиёи Марказӣ"-ро таҳия намуда, тавассути сиёсати мазкур мавқеи стратегии худро дар соҳаи энергетика, амният ва тиҷорат мустаҳкам намуд[7].

Қобили зикр аст, ки дар робитаҳои дипломатӣ, стратегӣ ва сиёсатии Энергетикии Ҳиндустон дар Осиёи Марказӣ монеаҳо низ ба миён омадааст. Маҳдудиятҳои сиёсӣ ба монанди таҳримҳои ИМА алайҳи Эрон ва динамикаи байнидавлатӣ бо кишварҳои ҳамсоя бо Афғонистону Покистон ба ин масъалаҳо саҳмгузор аст. Аз ин рӯ, ду лоиҳаи бузурги қубур пас аз чандин гуфтушунидҳо ноком гардид. Дар соли 2008 Ҳиндустон ба лӯлаи Туркманистон-Афғонистон-Покистон-Ҳиндустон (TAPI) пайваст гардид, вале вазъи амниятии Афғонистон ва инчунин бахшҳои қабиланишини вилояти Балуҷистони Покистон сохтмони ин лоиҳаи бузургро барои сармоягузорони байналмилалӣ мураккаб сохт. Дар соли 2022 ҳангоми ба сари қудрат омадани Толибон, онҳо ба амнияти лӯлаи Афғонистон ваъда доданд, вале Ҳиндустон бо далели мушкилотҳо ба ин лоиҳа ҷиддӣ муносибат накарданд. Соли 1999 Ҳиндустон ба лоиҳаи дӯлаи Эрон-Покистон-Ҳиндустон (IPI), ки бо номи "Лӯлаи сулҳ " пешниҳод гардида буд, шомил шуд. Бо вуҷуди манфиатҳои иқтисодӣ ва стратегии худ Деҳлии Нав соли 2009 аз ин пешниҳод даст кашид. Соли 2019 Покистон ваъда дод, ки сохтмони лоиҳаи лӯлаи худро то соли 2024 ба анҷом мерасонад, вале то ҳол ба монеаҳо дучор мондааст[8].

Таҳлилҳои дар боло зикргардида нишон медиҳад, ки ҳадафҳои геополитикии Ҳиндустон ба амнияти иқтисодӣ, энергетикиву стратегӣ равона гардидааст. Осиёи Марказӣ яке аз минтақае мебошад, ки Ҳиндустон метавонад ҳадафҳои худро дар ин минтақа ба даст орад. Гарчанде, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ кишварҳои абарқудрат

ба монанди Чин, Ҷопон, ИМА, Кореяи Ҷанубӣ, Росия ва Аврупо таваҷҷуҳи хоса доранд, рақобат намудан бо ин кишварҳо кори начандон осон аст. Вале метавон гуфт, ки минтақаи Осиёи Марказӣ имкониятҳои нав барои густариши амнияти иқтисодӣ ва энергетикӣ барои Ҳиндустон мебошад. Ҳиндустон барои расидан ба ҳадафҳои геополитикии худ лоиҳаҳои махсуси тиҷоратӣ ва стратегияи “5+1” яъне Ҳиндустон ва панч кишвари Осиёи Марказиро ба роҳ мондааст. Минтақаи Осиёи Марказӣ дорои захираҳои зеризаминӣ, ашёи хоми энергетикӣ, нефту газ ва уран мебошад, ки Ҳиндустон метавонад ҳадафҳои энергетикии худро ба даст орад ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Ҳиндустон имконият медиҳад, ки вобастагии худро аз Ховари Миёна кам намояд.

**Адабиёт**


1. Захаров, А. Н. Внешняя торговля Индии и стран Центральной Азии / А. Н. Захаров, А. Г. Посохина, В. А. Поляков // Российский внешнеэкономический вестник. – 2018. – № 12. – С. 85-97.
2. Гарбузарова, Е. Г. Центральноазиатская политика Индии / Е. Г. Гарбузарова // Россия и АТР. – 2023. – № 3(121). – С. 37-51.
3. Dr Rani Mullen, Hemant Shivakumar, Persis Taraporevala, Kailash Prasad “India-Central Asia backgrounder” // Policy Brief/. Манбаи электронӣ: https: // cprindia. org/wp-content/uploads/2021/12/India-Central-Asia_0.pdf саҳ 9 [Санаи дархост: 12.03.2025]
4. India’s “Connect Central Asia” Policy. Манбаи электронӣ:https://www.cedpr.org/ research /international_ relations/023 12029 -2/ [Санаи дархост: 15. 04.2025]
5. Ivan Campbell “India’s role and interests in Central Asia”// India/ October 2013. Манбаи электронӣ:http:// www. riatr.ru / 2023 / 3 / Russia_and_ATR_2023-3_037-051.pdf [Санаи дархост: 11.02.2025]
6. Ivan Campbell “India’s role and interests in Central Asia”// India/ October 2013. Манбаи электронӣ: http:// www. riatr.ru / 2023 / 3 / Russia_and_ATR_2023-3_037-051.pdf [Санаи дархост: 11.02.2025]
7. Kashif Hasan Khan, Marin Ekstrom “Comparing Chinese and Indian Energy Security Strategies in Central Asia”// Extraordinary and Plenipotentiary Diplomatist Vol 10 • Issue 2 • February 2022, /. Манбаи электронӣ :https: // thediplomat. com/2024/03/comparing-chinese-and-indian-energy-security-strategies-in-central-asia/ [Санаи дархост: 15.04. 2025]
8. Kashif Hasan Khan, Marin Ekstrom “Comparing Chinese and Indian Energy Security Strategies in Central Asia”// Extraordinary and Plenipotentiary Diplomatist Vol 10 • Issue 2 • February 2022, /. Манбаи электронӣ :https: // thediplomat. com /2024/03/comparing-chinese-and-indian-energy-security-strategies-in-central-asia/ [Санаи дархост: 15.04. 2025]
9. Khodayar Barari Reykandeh “Central Asian Republics: India's Shifting Foreign Policy Landscape under Narendra Modi ” // Journal of Iran and Central Eurasia Studies/. Манбаи электронӣ: https:// www.researchgate.net /publication 376682645 _Central_ Asian_ Republics_ India's_ Shifting_ Foreign_ Policy_ Landscape_ under_Narendra_Modi[Санаи дархост: 24.02.2025]
10. Raj Kumar Kothari “India’s ‘Connect Central Asia Policy’: Emerging Economic and Security Dimensions”// Sociology and Anthropology 2(6): 239-245. Манбаи электронӣ: https:// www. hrpub. org/ download/20140902/SA5-19690106.pdf [Санаи дархост: 11.02.2025]
11. Ramakrushna Pradhan “Energy Geopolitics and Pipeline Diplomacy in Central Asia: India’s Interests and Policy Options” //Jadavpur Journal of International Relations 2020. Манбаи электронӣ: https:// www.academia.edu / 87832687 / Energy_ Geopolitics_ and_ Pipeline_ Diplomacy_ in_ Central_ Asia_ India_s_Interests_and_Policy_Options [Санаи дархост: 15.04.2025]
12. Subrat Sarma “The Strategic Importance of Central Asia and India’s influence in the Region” //Modern Diplomacy.Манбаи электронӣ: https://moderndiplomacy.eu/2023/02/19/the-strategic-importance-of-central-asia-and-indias-influence-in-the-region/[Санаи дархост: 4.03.2025]

## ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ЦЕЛИ ИНДИИ В ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКОМ РЕГИОНЕ

*В статье рассматриваются геополитические цели Индии в регионе Центрально-Азиатском регионе. Автор отмечает, что Центрально-Азиатский регион привлек внимание сверхдержав благодаря своему стратегическому положению на политической арене, богатым энергетическим т природным ресурсам. Геополитические цели Индии в регионе в первую очередь сосредоточены на сфере энергетике и природных ресурсах. Для расширения торгово-экономического сотрудничества со странами Центральной Азии, Индия реализует стратегию "Соединяя Центральную Азию" и энергетический проект по строительству газопровода Туркменистан-Афганистан-Пакистан-Индия (ТАПИ), который считается важным в укреплении двусторонних отношений. Энергетическая безопастность, доступ к сырью и региональная экономическая интеграция являются ключевыми факторами сотрудничества между Индии и Центральной Азии. Политические игроки в регионе Центральной Азии преследуют различные геополитические цели и постоянно конкурируют за их достижение. Поэтому Индия прилогает все больше усилий, чтобы найти свое место в Центрально- Азиатском регионе, и постоянно активизирует свою деятельность по реализации выгодных проектов. Военное сотрудничество также является сферой интересов Индии в регионе Центральной Азии, и Индия наладила двустороннее сотрудничество со странами Центральной Азии в этой области.*

***Ключевые слова:*** *Индия, Центральная Азия, энергетика, экономика, бизнес, отношение, природные ресурсы, инвестиции, стратегия, геополитические цели, нефть и газ, соглашение, безопастность, политика, дипломатические отношения.*

## INDIA'S GEOPOLITICAL GOALS IN CENTRAL ASIA

*The article examines India's geopolitical goals in the Central Asian region. The author notes that the Central Asian region has attracted the attention of superpowers due to its strategic position in the political arena, such as its rich energy and natural resources. India's geopolitical goals in the region are primarily focused on energy and natural resources. To expand trade and economic cooperation with Central Asian countries, India has implemented the "Connect Central Asia" policy strategy and the energy project to build the Turkmenistan- Afghanistan-Pakistan-India (TAPI) gas pipeline, which plays a significant role in strengthening bilateral relations. Energy security, access to raw materials, and regional economic integration are key factors in cooperation between India and Central Asian region. Political players in the Central Asian region have diverse geopolitical goals and are constantly competing to achieve them. Therefore, India is making greater efforts to find its place in the Central Asian region and is constantly redoubled its activities to implement beneficial projects. Military cooperation is also an area of interest for India in the Central Asian region, and India has established bilateral cooperation with Central Asian countries in this area.*

***Keywords:*** *India, Central Asian, energy, economic, business, cooperation, natural resources, investment, strategy, geopolitical goals, oil and gas, agreement,*
*security, politics, diplomatic relations.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Файзуллаева Нигора Негматовна-** ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо АМИТ; Суроға: 735025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел: +992 901-22-88-18 E-mail faizulloevanigora123@gmail.com

**Ибрагимова Мадинахон Қурбоналиевна-** лабаранти калони шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо АМИТ; Суроға: 735025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел: +992 900-22-04-08 E-mail: madina_27@ mail.ru

**Информация об авторы:**

**Файзуллаева Нигора Негматовна** - научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:735025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, тел: +992 901-22-88-18, E-mail: faizulloevanigora123@gmail.com.

**Ибрагимова Мадинахон Курбоналиевна** – старщый лаборант отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:735025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, тел: +992 900-22-04-08, E-mail: madina_27@ mail.ru

**Information about the authors:**

**Faizullaeva Nigora Negmatovna**-is a research fellow at the Southeast Asia Department of the Institute for Asian and European Studies of the NAST. Address: 735025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33, phone: +992 901-22-88-18, E-mail: faizulloevanigora123@gmail.com.

**Ibragimova Madinakhon Qurbonalievna-**is a senior laboratory assistant at the Southeast Asia Department of the Institute for Asian and European Studies of the NAST. Address: 735025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33, phone: +992 900-22-04-08, E-mail: madina_27@ mail.ru

# БАҲРИ АРАЛ: АЗ ФОҶЕАИ ЭКОЛОГӢ ТО ДАЪВАТИ ҲАМКОРӢ

**ДАВЛАТОВ ЗУБАЙДУЛЛО АБДУЛЛОЕВИЧ**
ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола ҳолати баҳри Арал аз фоҷеаи экологӣ то даъвати ҳамкорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар он масъалаҳои марбут ба хушкшавии баҳри Арал, мудирияти нодурусти тақсимоти об дар минтақаи Осиёи Марказӣ, оқибатҳои фоҷиабори муносибати инсон ба муҳити экологӣ матраҳ шудаанд. Муаллиф дар асоси омори эътирофшудаи Созмони Миллали Мутаҳид, Иттиҳоди Аврупо ва ташкилотҳои байналмилалию молиявӣ, далелу дастовардҳои олимону мутахассисони соҳаи обу экология оқибатҳои ногувори истифодаи ғайрисамараноки об ва захираҳои обиро мушахассан хотирнишон намудааст.*

*Дар мақола ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ дар масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ ва ҳавзаҳои обӣ ба предмети омузиш аз ҷониби муаллиф табдил ёфтааст. Яке аз бузургтарин офатҳои экологии ҷаҳонӣ дар таърихи нав, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ аз сар гузаронидаанд, фоҷиаи баҳри Арал мебошад, ки бо оқибатҳои экологӣ, иқлимӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва башардӯстонаи худ ба рушди устувори минтақа, саломатӣ, генофондиояндаи сокинони он таҳдиди мустақим дорад. Масъалаи мазкур низ дар мақола мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба, муҳити экологӣ, ҳамгироии дастҷамъона, фоҷиаи баҳри Арал, мудирияти захираҳои обӣ, дипломатияи об, геополитика, гидрополитика*

Башарият мушкилотҳои зиёде дорад. Яке аз ин мушкилҳо мушкили об мебошад. Чун масъала фарогир ва глобалӣ ҳаст ҳаллу фасли он низ кушишҳои дастҷамъона ва глобалиро тақозо дорад. Яъне, дар ҳалли масоили обу иқлим аз як даст садо намебарояд. Хушкшавии баҳри Арал фоҷиаи экологиест, ки на танҳо ба минтақаи Осиёи Миёна таҳдиду хатар эҷод мекунад, балки таҳдиду хатараш ҳам умумибашарист.

Агар муҳити экологӣ солим бошад пас, инсоне, ки дар ин гуна муҳит ба сар мебарад саломатии хуб дошта метавонад. Ин вобастагии ҳамешагии инсону муҳит ва табиату ҷамъият аст. Баҳри Арал дар қаламрави ду ҷумҳурии Осиёи Марказӣ Ӯзбекистон ва Қазоқистон ҷойгир аст. Ду дарёе, ки аз куҳҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон сарчашма мегиранд – Сир ва Ому оби худро то баҳри Арал мебаранд. Дар ҳавзаи ҳарду дарё заминҳои кишоварзӣ хеле зиёданд ва онҳо аз оби ҳамин дарёҳо обёрӣ мешаванд, ба миқдоре, ки аз меъёрҳои қабулшуда ба маротиб зиёд аст.

Ибтидои солҳои 60 - уми асри XX сатҳи оби баҳри Арал тадриҷан паст шудан гирифт. Тақрибан 15 сол аст, ки оби дарёҳои Сир ва Ому ба миқдори хеле кам ҷорӣ мешавад. Бино ба таҳлили олимон давоми 30 соли охир резиши оби дарёҳои Сир ва Ому ба баҳри Арал ба миқдори 86% коҳиш ёфтааст. Коршиносони Созмони Милали Муттаҳид ба он муътақиданд, ки хушкшавии тадриҷии баҳри Арал фоҷиаи калонтарини сайёраи Замин ба шумор меравад.

Ҳаҷми баҳр солҳои охир чор маротиба хурд, майдонаш ду баробар кам, сатҳаш бештар аз 15-16 метр паст шуда, соҳилаш то 80-100 километр қафо рафт, яъне тамоюл ба хушкидан овард. Бо минералҳо омехташавии об то 4 маротиба афзуда, баъзе ҷойҳо ба намакзор табдил ёфтааст. Биёбон 2 млн гектар заминҳои корамро фурӯ бурда, доираи ҳаракати тӯфони чанг ба 500 километр расид. Миқдори моҳиҳо аз 200 ба 38 намуд расид. Мардуми соҳилҳои Арал, хусусан калонсолону кӯдакон гирифтори бемориҳои вазнин шуда истодаанд. Фоҷиаи бахр ҷараёни обшавии пиряхҳои Осиёи Марказиро тезонида, барои мардуми минтақа, воқеан ба мушкилот

мубаддал мешавад. Баҳри Арал, ки мисли нигине дар байни сарзамини хушку ташналаб медурахшид ва вазъи экологии минтақаро муътадил нигоҳ медошт, дар манзари инсоният аз байн рафта истодааст[1].

Дар бораи таъсири манфии хушкшавии баҳри Арал ба минтақа ва ҷаҳон факту рақамҳо зиёданд. То солҳои 60-уми асри XX масоҳати сатҳи болоии баҳр беш аз 60 000 км мураббаъро ташкил медод. Бо гузашти 60 – 65 сол ин рақам кам шуда то ба 28 000 км мураббаъ расидааст. Раванди камшавии сатҳи об имрӯзҳо низ давом дорад. Чунин вазъият боиси васеъшавии биёбони намакин дар баҳри Арал гашта истодааст.

Албатта ҳолати харобиовари мавҷуда ҷиҳатҳои манфӣ дорад. Аҳолие, ки (5млн нафар) дар ҳавзаи баҳри Арал ба сар мебаранд, мувоҷеҳи сатҳи пасти даромад, хуруҷи бемориҳои роҳи нафас, афзоиши бекорӣ гардидаанд. Нишондиҳандаи фавти кӯдакон дар ҳавзаи Арал нисбати дигар Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба маротиб баланд мебошад. Минтақаи фоҷиаи экологӣ таъсири харобиовари худро ба вилояти Хоразму Ҷумхурии Худмухтори Қароқалпоқистон, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон воқеанд расонидааст.

Бино ба таҳқиқотҳои олимон ва мутахассисони соҳа ин буҳрони экологӣ боис шудааст, ки дар ҳар як 10 км заминҳои наздисоҳилӣ ба як гектар 2 – 3 тонна намак ва дар масоҳати 100 – 300 км ба ба як гектари замин беш аз як тона намакро шамол оварда мерезонад. Чунин паҳншавии босуръати намак бошад боиси ба таҷрид аз байн рафтани намудҳои алоҳидаи флора ва фаунаи (олами набототу ҳайвонот) атрофи баҳр гашта истодааст.

Вазъи фоҷиавии экологие, ки ҳоло бахри Арал дар он қарор дорад дар ҳолати минбаъд давом ёфтанаш метавонад ба тамоман хушкидани Арал сабаб гардад. Чунин сурат гирифтани масъала мувофиқ ба таҳлилҳои мутахассисони соҳаи экология дар як даҳсола боиси аз байн рафтани баҳри Арал шуда метавонад.

Ба амнияти Осиёи Марказӣ тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ, давраи ояндаи камобӣ ва нарасидани об таҳдид мекунад. Ба гуфтаи коршиносони байналмилалӣ, ҳарорати ҳаво дар минтақаи мо нисбат ба сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ хеле зудтар боло меравад. Ин боиси кам шудани майдони пиряхҳо, манбаи асосии об дар ҳавзаи баҳри Арал мегардад. Ҳаҷми онҳо дар давоми 50 соли охир 30 дарсад кам шудааст. Ба гуфтаи таҳлилгарон, то соли 2050 хушксолӣ дар Осиёи Марказӣ метавонад дар як сол ба андозаи 1,3 дарсади маҷмуи маҳсулоти дохилӣ зарар расонад ва ин боиси пайдоиши ҳудуди 5 миллион муҳоҷири дохилии "иқлимӣ" хоҳад шуд [6].

Қадами муҳим дар роҳи дипломатияи об байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ин таҳияи лоиҳаи Муоҳида байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хукумати Туркманистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи истифодаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Ому ва лоиҳаи Муоҳида байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳукумати Туркманистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи истифодаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Сир аз тарафи Марказӣ дипломатияи пешгирикунандаи СММ дар Осиёи Марказӣ (дар ш.Ашқобод) мебошад, ки ҳоло мавриди баррасии давлатҳои Осиёи Марказӣ қарор гирифтаанд. Муқаррароти ин ду лоиҳаи муоҳиддаҳо дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии об, ки дар Муоҳидаи Хелсинки оид ба муҳофизат ва истифодаи маҷрои обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ аз 17 марти соли 1992 (Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон аъзо мебошанд) ва Муоҳида оид ба ҳуқуқи истифодаи намуди ғайри киштигардии маҷрои обҳои байналмиллалӣ аз 21 майи соли1997 (танҳо Ӯзбекистон узви он мебошад) пешбинӣ шудаанд, мутобиқат мекунанд. Муоҳидаи аввал пас аз ратификация намудани давлати 35-умин (Ветнам) 17 августи соли 2014 ба қувваи амал даромад. Муоҳидаи дуюм ҳоло ба эътибор надаромадааст[5].

Яке аз бузургтарин офатҳои экологии ҷаҳонӣ дар таърихи нав, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ аз сар гузаронидаанд, фоҷиаи баҳри Арал мебошад, ки бо оқибатҳои экологӣ, иқлимӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва башардӯстонаи худ ба рушди устувори минтақа, саломатӣ, генофонди ояндаи сокинони он таҳдиди мустақим дорад.

Баҳри Арал, ки нотакрор, зебо ва яке аз калонтарин обанборҳои баста дар ҷаҳон буд, дар арафаи нестшавӣ дар тӯли қариб як насл қарор дошт, ки дар натиҷа ба фалокати бесобиқа ва ба ҳаёти аҳолии ин ҷо, ба экосистема ва гуногунии биологии минтақаи баҳри Арал зарари ҷуброннопазир расонд.

Ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешгирӣ аз гармшавии иқлим, ҳифзи муҳити зист зарур буда барои дар ҳолати ба зиндаги мусоиди экологӣ нигоҳ доштани сайёраи Замин мусоидат менамоянд. Ҳамаи чор ташаббус дар самти об – соли 203 "Соли байналмилалии оби тоза", солҳои 2005 – 2015 Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", соли 2013 "соли байналмилалии ҳамкори дар соҳаи об", солҳои 2018 – 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", соли 2025 "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо", Рӯзи ҷаҳонии пиряххо муқаррар намудани санаи 21 март ва таъсиси Бунёди мақсадноки ҳифзи пиряххо ба ҳалли мушкилотҳои обу иқлим нигаронида шудаанд.

Тадбир намудани мушкилоти баҳри Арал дар шароити норасоии об дар сатҳи глобалӣ кори мушкил аст. "Тибқи маълумоти мавҷуда дар давоми 50 соли охир маҷрои умумии дарёҳои ба баҳри Арал ҷоришаванда ба ҳисоби миёна 12,7 километри мукааб ё қариб 4,5 баробар кам гардидааст. Масоҳати сатҳи оби баҳр 8 баробар, ҳаҷми массаи об бештар аз 13 маротиба, сатҳи об, ки то соли 1960 ба дараҷаи мутлақ 53,4 метр мерасид, 29 метр кам шудааст, шӯрнокӣ бештар аз 13 – 25 баробар зиёд шуда аз дараҷаи миёнаи минерализатсияи укёнуси ҷаҳонӣ 7 – 11 баробар зиёд аст. Пештар ҳамасола ба баҳри Арал 59,4 км куби об ворид мегардид, имрӯз бошад маҷрои дарёҳои болозикр то баҳр намерасанд" [2].

Коршиносони соҳаи обу иқлим сабаби хушкшавии баҳри Аралро аз истифодаи аз меъёр зиёди об аз ҷониби кишварҳои поёноб ба хусус Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки миқдори зиёди обро барои заминҳои кишоварзӣ истифода мебарад ва обанборҳои сершуморашро аз об пур карда захира менамояд, меҳисобанд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон имрӯзҳо нисбат ба соли 1960 ду баробар зиёд обро истифода мебарад. Вазъи бавуҷудомада гувоҳи он аст, ки кишварҳои поёноби Осиёи Марказӣ аз захираҳои об ноокилона истифода мебаранд ва талаботи воқеии кишварҳо ба об танзим намешавад. Консепсияи имрӯзаи идоракунии захираҳои об ҳатман танзими онро миёни ҳамаи давлатҳои истифодабарандаи об талаб дорад.

Об на танҳо захираи табиии, балки калиди рушди як минтақаи бутун буда метавонад. Мавҷудияти об бевосита ба рушди хоҷагии қишлоқ, саноат, гидроэнергетика, таъмингардонии оби ошомиданӣ таъсиргузор аст. Номуаянӣ ҳолати хавотиркунандаест,ки ба тақдири минтақа таҳдид офарида метавонад: пагоҳ истифодаи об чӣ гуна сурат мегирад? Таъминот ва дастраси бо об аз сабаби тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, истифодаи он барои кишоварзӣ чи гуна тағйир меёбад?

Ин саволҳо ҷавобҳои аниқу дақиқи илмӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро тақозо доранд. Аз ҷавоби ин саволҳо рушди устувори минбаъдаи минтақа ва пешгирӣ аз мунокишаҳои обӣ вобастагии бевосита дорад.

Мо дар ноҳияҳои пасткуҳ хеле кам шудани пиряххоро пешбинӣ менамоем, ки ин дар дарозмуддат боиси кам шудани об дар баъзе қитъаҳои Тиёншон, аз ҷумла дар ҳавзаи дарёи Норин мегардад. Ҳамзамон, дар минтақаҳои баландкуҳи Ҳисор-Олой ва Помир, аз ҳисоби зиёд шудани обшавии пиряххо, ки дар тӯли садаи 21 идома хоҳад ёфт, маҷрои об зиёд мешавад. Оби пиряххо ва маҷрои борон ба дарёҳои бузурги фаромарзӣ, ба монанди Амударё ва Сирдарё ғизо медиҳанд. Фишори баланди антропогенӣ дар якҷоягӣ бо ақибнишинии пиряххо ва ҳамоҳангсозии маҳдуди идоракунии захираҳои об дар сатҳи минтақа онҳоро осебпазир месозад.

Каме зиёд шудани боришот (ба ҳисоби миёна аз 5,5 фоиз то 10,1 фоиз) дар назар дошта шудааст. Аммо, ин дигаргуниҳо нобаробар хоҳанд буд. Олимон тахмин мекунанд, ки боришот камтар, вале шадидтар мешавад. Ин маънои онро дорад, ки

ба ҷои бороні муқаррарӣ бороні шадид ба амал омаданаш мумкин аст, ки пас аз он давраҳои хушкии тӯлонӣ фаро мерасанд. Амният ва суботи тамоми минтақа дар зери хатар қарор мегирад. Масалан, барои Тоҷикистон ва Қирғизистон об манбаи асосии тавлиди неруи барқ мебошад (мутаносибан то 85% ва 98% тавлид).

Некӯаҳволии миллионҳо мардуми минтақа бевосита аз тағйирёбии мавсимӣ ва дарозмуддати захираҳои об вобаста аст. Масалан, дар аксари кишварҳои Осиёи Марказӣ истифодаи оби тоза барои кишоварзӣ беш аз 90 фоизро ташкил медиҳад. Тағйирёбии захираҳои об бевосита ба кишоварзӣ таъсир мерасонад: як хушксолӣ ё обхезӣ метавонад ба даромади деҳқонон таъсири ҷиддӣ расонад. Маълум аст, ки идораи об дар минтақа мушкилтар мешавад ва мо бояд ба ин тағйирот мутобиқ шавем.

Ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об дар Осиёи Марказӣ бо вуҷуди мушкилоти умумӣ пароканда боқӣ мемонад. Кишварҳои минтақа авлавиятҳои мухталиф доранд, аз қабили энергетика ва кишоварзӣ, ки боиси нодида гирифтани тавсияҳои илмии дарозмуддат ба хотири фоидаи иқтисодии кӯтоҳмуддат мегардад. Ин як монеаи асосӣ дар роҳи шарикии муассир аст.

Дар ин минтақа Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал (ХБНА) ва Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии об (КБҲИЗО) фаъолият доранд. Як қатор созишномаҳои минтақавӣ ва дуҷониба мавҷуданд, ки истифодаи обро танзим мекунанд. Аммо баҳсҳо дар бораи то чӣ андоза муассир кор кардани ин ниҳодҳо ва то чӣ андоза самаранок иҷро шудани созишномаҳо аз байн намераванд.

Дипломатияи об асоси ҷилавгирӣ аз ихтилофоти тарафҳост. Он аз бастани созишномаҳои танҳо дуҷониба дар ҳавзаҳои дарёҳо, ки се ва зиёда кишварҳо аз оби онҳо истифода мекунанд, ҳушдор медиҳад. Чунин созишномаҳо ҳатман ба манфиатҳои ҷонибҳои сеюм, ки дар гуфтушунид иштирок намекунанд, таъсир мерасонад ва метавонад муколамаро дар сатҳи минтақавӣ боз ҳам мушкилтар гардонад.

Дар даҳсолаҳои охир вазъи дастрасӣ ба об, гуногунии биологӣ ва иқлим дар Осиёи Марказӣ хеле бадтар шудааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки корҳои дар солҳои охир анҷомдодашударо таҳлил намуда, фаъолияти кунуниро ҳамаҷониба арзёбӣ намуда, имконоти алтернативии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳамкориҳои обро бо иштироки ҳамаи кишварҳои манфиатдор дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ таҳия намуд.

Тағйирёбии иқлим норасоии обро дар Осиёи Марказӣ, бахусус дар ҳавзаҳои дарёҳои калон, ки аз обшавии пиряхҳо ва барфҳо вобастагӣ дорад, боз ҳам бадтар мекунад. Барои ҳалли ин мушкилот пешакӣ амал кардан муҳим аст: ҷамъоварии маълумот, таҳкими ҳамкориҳои байни кишварҳо, таҷдиди инфрасохтор ва гузаронидани ислоҳоти зарурии системаи идоракунии об. Ин тадбирҳо ба таъмини устувори об барои таъмини неруи барқ ва деҳқонии аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунанд.

Дар Тоҷикистон, ки беш аз 95%-и неруи барқро неругоҳҳои барқи обӣ тавлид мекунанд, байни обу энергия алоқаи бузурги мутақобила мавҷуд мебошад. Рушди кишоварзӣ низ асосан ба об асос ёфтааст, зеро зиёда аз 80% маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби кишоварзии обёришаванда истеҳсол мешавад[3].

Баҳри Арал дар рушди иқтисодиёти минтақа, соҳаҳои истеҳсоли он, бо кор таъмин намудани мардум ва ташаккули инфраструктураи устувори иҷтимоӣ нақши асосӣ бозид. Дар гузашта баҳр яке аз бойтарин майдонҳои моҳидорӣ ба ҳисоб мерафт: ҳавзаи баҳри Арал 30-35 ҳазор тонна сайди солонаи моҳигириро ташкил медод. Зиёда аз 80 дарсади сокинони соҳили баҳри Арал ба истихроҷ, коркард ва интиқоли моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ машғул буданд. Заминҳои ҳосилхези делтаҳои Амударё ва Сир, инчунин чарогоҳҳои сермаҳсул бештар аз 100 ҳазор нафар одамонро бо кори чорводорӣ, паррандапарварӣ ва парвариши зироатҳои хоҷагии қишлоқ таъмин намуданд. Баҳр ҳамчун обанбори танзимкунандаи иқлим хизмат мекард ва тағйирёбии шадиди обу ҳаворо дар тамоми минтақа рафъ менамуд, ки ба шароити зиндагонии аҳолӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ ва вазъи экологӣ таъсири

судманд мерасонд. Ҳавое, ки ба ин минтақа ворид мегардид, дар фасли зимистон гарм ва тобистон аз болои баҳри Арал хунук мешуд.

Оқибати бевоситаи хушкшавии баҳр тағйироти шадиди иқлим буд, ки на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар дигар минтақаҳо низ эҳсос мешавад. Минтақаи буҳрони баҳри Арал мустақиман қаламравҳои Туркманистон, Қазоқистон ва Ӯзбакистон ва бавосита Тоҷикистону Қирғизистонро фаро мегирад.

Дар кисматҳои хушкидаи баҳри Арал биёбони нави шӯр ба вучуд омад, ки масохати он 5,5 миллион гектарро ташкил медиҳад. Тӯфонҳои чангу ғубор дар болои он зиёда аз 90 рӯз дар як сол давом карда, ҳар сол зиёда аз 100 миллион тонна чангу намакҳои заҳролудро ба масофаи ҳазорҳо километр ба атмосфера паҳн мекунанд.

Таъсири таҳдидкунандаи фалокати Арал имрӯз дар тамоми ҷаҳон мушоҳида мешавад. Ба гуфтаи коршиносони байналмилалӣ, намакҳои заҳролуд аз минтақаи Арал дар соҳили Антарктида, дар пиряххои Гренландия, ҷангалҳои Норвегия ва бисёре аз манотиқи дигари кураи замин пайдо шудаанд.

Мутаассифона, имрӯз маълум шуд, ки баҳри Аралро пурра барқарор кардан дигар имконнопазир аст. Муҳимтарин вазифаи замони ҳозира кам кардани таъсири харобиовари буҳрони баҳри Арал ба муҳити зист ва зиндагонии миллионҳо нафар сокинони водии Арал мебошад[4].

Аз рушди таърихи башар хулоса карда метавон гуфт, ки ҷомеаи инсонӣ борҳо дар масири зиндагонии худ ба мушкилоти тағйирёбии иқлим дучор омадаасту дар натиҷаи андешидани чораҳои оқилонаю дастҷамъона аз уҳдаи ҳаллӣ пешгири аз ин офатҳою мушкилотҳо баромадааст ва худ низ ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардидааст.

Шак нест, ки ин набарди экологӣ бештар ба муносибати ғамхоронаю аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба роҳ монда шуда, дар ниҳоят ба қаламрави ҳамкорию ҳамгироии инсон ва табиат табдил ёфтани сайёраи Замин ва барои аҳли башар ба макони мусоиди зист мубаддал гардидани он мусоидат хоҳад кард.

**Адабиёт:**

1. Баҳри Арал ва мушкилоти вобаста ба он. Ташаббусҳои глобалии Президенти Тоҷикистон дар масъалаи обу иқлим ба рафъи ин мушкилоти аср мусоидат менамояд. Манбаи электронӣ: https://khovar.tj/2023/08/hushkshavii-ba-ri-aral-tashabbus-oi-globalii-prezidenti-to-ikiston-oid-ba-ob-dar-rafi-in-mushkiloti-asr-sa-mi-arzanda-meguzorad/[Санаи дархост: 27.05.2025]
2. Қувватзода С.З., Дипломатияи об. Душанбе, 2023. С.503 – С- 235.
3. Нашри мақолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷаллаи “Нигориши СММ” таҳти унвони “Об барои рушди устувор” (Water for Sustainable Development). Манбаи электронӣ: https://prezident.tj/event/'news/15896[Санаи дархост:13-05-2025]
4. Проблемы Арала и водных ресурсов региона. Манбаи электронӣ: https://www.un.int/uzbekistan/news. [Санаи дархост: 30.05.2025]
5. Раҷабов, С. А. Дипломатияи об ва ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об /С.А.Раҷабов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2017. – No. 3-4(23-24). – P. 116-124. – EDN CPZHDZ.
6. Фонди байналмилалии наҷоти Арал. Бозтоби нишасти шурои сарварони давлатҳои муассис. Манбаи электронӣ: https://jumhuriyat.tj/1740-fondi-bajnalmilalii-naoti-aral-boztobi-nishasti-shuroi-sarvaroni-davlatoi-muassis.html[Санаи дархост:27.05.2025]

## АРАЛЬСКОЕ МОРЕ: ОТ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ ТРАГЕДИИ ДО ПРИЗЫВА К СОТРУДНИЧЕСТВУ

*В статье рассматривается положение Аральское море от экологической катастрофы до призыва к сотрудничеству. Поднимаются вопросы, связанные с высыханием Аральского моря, нерациональным распределением воды в регионе Центральной Азии, трагическими последствиями поведения человека по отношению к*

*экологической среде. На основе общепризнанных статистических данных ООН, Европейского Союза, международных и финансовых организаций, а также свидетельств и достижений ученых и специалистов в области воды и экологии автор особо выделяет негативные последствия нерационального использования воды и водных ресурсов.*

*В статье автор изучает двустороннее и многостороннее сотрудничество Республики Таджикистан с другими государствами Центральной Азии по рациональному использованию водных ресурсов трансграничных рек и водоемов. Одной из крупнейших глобальных экологических катастроф в новейшей истории, пережитых странами Центральной Азии, является трагедия Аральского моря, которая своими экологическими, климатическими, социально-экономическими и гуманитарными последствиями несет прямую угрозу устойчивому развитию региона, здоровью и будущему генофонду его жителей. Этот вопрос также рассматривается в статье.*

***Ключевые слова:*** *двустороннее и многостороннее сотрудничество, охрана окружающей среды, коллективная интеграция, трагедия Аральского моря, управление водными ресурсами, водная дипломатия, геополитика, гидрополитика.*

## ARAL SEA: FROM AN ECOLOGICAL TRAGEDY TO A CALL FOR COOPERATION

*The article examines the Aral Sea from an ecological disaster to a call for cooperation. Issues related to the drying up of the Aral Sea, irrational distribution of water in the Central Asian region, and the tragic consequences of human behavior in relation to the environment are raised. Based on generally accepted statistical data from the UN, the European Union, international and financial organizations, as well as evidence and achievements of scientists and specialists in the field of water and ecology, the author highlights the negative consequences of irrational use of water and water resources.*

*In the article, the author studies bilateral and multilateral cooperation between the Republic of Tajikistan and other Central Asian states on the rational use of water resources of transboundary rivers and reservoirs. One of the largest global environmental disasters in recent history experienced by the countries of Central Asia is the tragedy of the Aral Sea, which with its environmental, climatic, socio-economic and humanitarian consequences poses a direct threat to the sustainable development of the region, the health and future gene pool of its inhabitants. This issue is also discussed in the article.*

***Keywords:*** *bilateral and multilateral cooperation, environmental protection, collective integration, the tragedy of the Aral Sea, water resources management, water diplomacy, geopolitics, hydropolitics*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич**-ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; Телефон: 005507647, почтаи электронӣ: davlatov5757@mail.ru

**Сведения об авторе:Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич**-старший научный сотрудник отдела Содружества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33; Телефон: 005507647, электронная почта: davlatov5757@mail.ru

**About the author: Davlatov Zubaydullo Abdulloevich-** Senior Researcher, Department of the Commonwealth of Independent States, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33; Phone: 005507647, e-mail: davlatov5757@mail.ru

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲСИЛОТИ МУОСИР ВА ИННОВАТСИЯ ДАР РУШДИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДИИ КАНАДА

**САЪДУЛЛОЕВ ОЗОД**
ходими илмии шӯъбаи ШМА ва Канадаи
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақолаи зерин бо мақсади таҳлили назариявии таъсири таҳсилоти муосир ва инноватсия дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Канада навишта шудааст. Кишвари Канада бо сохтори таҳсилоти пешқадами худ ва таъкиди қавӣ ба инноватсияҳо машҳур аст, ки ин имконият медиҳад, то дастовардҳои он ҳамчун намунаҳои муваффақ дар ин соҳа баррасӣ шаванд. Таҳқиқи таҷрибаи ин кишвар метавонад барои дигар кишварҳо, ки дар роҳи ислоҳоти таҳсилотӣ қарор доранд, аҳамияти амалӣ дошта бошад.*

***Калидвожаҳо:*** *Канада, Тоҷикистон, дониш, рушд, таҳсилот, инноватсия, ҷамъият, иқтисодиёт, ҳамкорӣ, ҳамгироӣ, таҷриба, илм.*

Дар замони ҳозира, ки бо суръати баланди тағйироти технологиявӣ ва глобализатсияи ҷомеъа фарқ мекунад, таҳсилот ҳамчун муҳимтарин омили рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти муосир на танҳо барои тайёр кардани нерӯи кории боихтиёр, балки барои рушди иҷтимоӣ, ташаккули фарҳанг ва инкишофи иқтисодии давлатҳо аҳамияти калон дорад. Инноватсияҳо дар соҳаи таҳсилот, аз қабили истифодаи технологияҳои нав, методҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ, имконият медиҳанд, ки системаҳои таҳсилотӣ ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд.

**Саволҳои асосӣ, ки дар ин мақола ба онҳо ҷавоб дода мешавад, инҳоянд:**

1. Таҳсилоти муосир чӣ гуна ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Канада таъсир мерасонад?
2. Инноватсияҳо дар соҳаи таҳсилот чӣ гуна ба пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии Канада мусоидат мекунанд?

Ҳамчунин, мақола ба таҳлили назарияҳои асосӣ дар нақши таҳсилот дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз қабили назарияи "сармояи инсонӣ" ва "иқтисодиёти донишӣ" ва таъсири инноватсияҳо дар таҳсилоти олӣ ва касбӣ равона шудааст. Ин мақола барои омӯзиши амиқтар дар бораи нақши таҳсилот дар иқтисодиёти донишбунёд ва ҷомеаҳои муосир мусоидат намояд.

**Қисми назариявӣ**

Таҳсилоти муосир ва инноватсияҳо дар соҳаи таълим ҳамчун омилҳои асосии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Барои таҳлили ин мавзӯъ, зарур аст, ки аввал мафҳумҳои асосӣ ва назарияҳои марбут ба онҳо баррасӣ шаванд.

**Мафҳумҳои асосӣ**

1. **Таҳсилоти муосир**: Ин мафҳум ба сохторҳои таълимӣ ишора мекунад, ки бо талаботҳои ҷомеаи муосир ва бозори меҳнат ҳамоҳангӣ доранд. Таҳсилоти муосир танҳо ба омӯзиши донишҳои асосӣ маҳдуд набуда, балки ба тайёр кардани муттахассисони касбие, ки бо тафаккури инноватсионӣ ва малакаҳои иҷтимоии худ барои ҳалли мушкилиҳои ҷомеаъ амал мекунанд, равона шудааст [6, 13].
2. **Инноватсия**: Инноватсия дар соҳаи таҳсилот ба истифодаи усулҳо, технологияҳо ва равияҳои нав барои беҳтар кардани сифати таълим ишора мекунад. Ин метавонад аз таълими онлайн то истифодаи зеҳнӣ сунъӣ ва дигар технологияҳои пешқадам дар синфҳои дарсӣ фаро гирифта шавад [5, 45].
3. **Рушди иҷтимоӣ**: Ин мафҳум ба ташаккули ҷомеаҳои мутараққӣ ва бартараф кардани нобаробариҳои иҷтимоӣ ишора мекунад, ки таҳсилот дар он нақши калон мебозад. [8, 12]
4. **Рушди иқтисодӣ**: Рушди иқтисодӣ бо афзоиши иқтидори иқтисодӣ, баланд шудани сатҳи зиндагӣ ва паҳн кардани фазилатҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст. Таҳсилот ҳамчун сармояи инсонӣ ба ин раванд таъсири мустақим мерасонад.

**Сохтори таҳсилоти Канада**

Сохтори таҳсилоти Канада ба децентрализатсия ва мувофиқат бо талаботҳои маҳаллӣ фарқ мекунад. Ҳар як вилоят барои системаи таҳсилоти худ масъул аст, ки ин имконият медиҳад, ки барномаҳои таълимӣ ба эҳтиёҷоти маҳаллӣ ва иқтисодӣ ҳамоҳанг карда шаванд [2, 34]. Ин равия ба Канада имконият дод, ки системаи таҳсилоти худро ба талаботҳои ҷомеаи мураккаб ва гуногун мутобиқ кунад.

Канада ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна таъкиди қавӣ мекунад, ки онро барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар дастрас мегардонад. Таҳсилоти олӣ низ бо сифати баланд ва дастрасии васеъ шинохта мешавад. Дар Канада зиёда аз 50% аҳолӣ таҳсилоти олӣ гирифтаанд, ки ин нишондиҳандаи баланд дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад [9].

**Инноватсияҳо дар таҳсилоти Канада**

Канада дар соҳаи таҳсилот бо истифодаи технологияҳои нав ва усулҳои инноватсионӣ машҳур аст. Масалан, дар Канада таълими маҷозӣ (онлайн) ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар синфҳои дарсӣ ба таври васеъ паҳн шудааст. Ин равия ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки донишҳои зарурӣ барои иқтисодиёти донишбунёд касб кунанд. Ҳамчунин, Канада дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ва техникӣ низ пешқадам аст. Барномаҳои таҳсилоти касбӣ ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки маҳоратҳои зарурӣ барои бозори меҳнат касб кунанд, ки ин ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

**Назарияҳои асосӣ**

1. **Назарияи сармояи инсонӣ (Human Capital Theory)**: Ин назария, ки аз ҷониби Гэри Бекер (1964) пешниҳод шудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки таҳсилот сармояи инсонӣ мебошад ва ба воситаи он шахс метавонад маҳоратҳо ва донишҳои зарурӣ барои иқтисодиёт касб кунад. Ин назария нишон медиҳад, ки сармоягузориҳо дар таҳсилот ба афзоиши иқтидори иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ мусоидат мекунанд[1, 56].
2. **Иқтисодиёти донишӣ (Knowledge Economy)**: Дар иқтисодиёти муосир, ки бо афзоиши аҳамияти дониш ва малакаҳои баланди ихтисосӣ фарқ мекунад, таҳсилот ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад [3, 78]. Ин назария нишон медиҳад, ки кишварҳо бо системаҳои таҳсилоти пешқадам ва инноватсионӣ метавонанд дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир бошанд.
3. **Назарияи инноватсияҳо дар таҳсилот**: Ин назария таъкид мекунад, ки инноватсияҳо дар соҳаи таҳсилот на танҳо барои беҳтар кардани сифати таълим, балки барои ташаккули фарогирони маҳоратҳои зарурӣ барои иқтисодиёти донишбунёд аҳамияти калон доранд [4, 89]. Инноватсияҳо метавонанд аз таълими онлайн то истифодаи технологияҳои нав дар синфҳои дарсӣ фаро гирифта шаванд.

**Таъсири таҳсилот ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ**

Таҳсилот дар Канада ҳамчун омили асосии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки шаҳрвандон бо таҳсилоти олӣ дар Канада дар муқоиса бо дигар кишварҳо даромади баландтар доранд ва барои иқтисодиёти кишвар саҳми калон мегузоранд [10, 102]. Ҳамчунин, таҳсилот барои бартараф кардани нобаробариҳои иҷтимоӣ ва таъмини дастрасии баробар ба фурӯғҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Канада бо таъкиди қавӣ ба инноватсияҳо ва таҳсилоти муосир барои ташаккули ҷомеаи мураккаб ва гуногун машҳур аст. Ин кишвар бо истифодаи технологияҳои нав ва усулҳои инноватсионӣ дар таҳсилот барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат менамояд.

**Нақши таҳсилот дар ҷамъият**

Канада ҳамчун як кишвари мураккаб ва гуногуни этникӣ ва фарҳангӣ шинохта мешавад, ки дар он таҳсилот нақши асосии ҳамгироии иҷтимоӣ ва ташаккули ҳувияти миллии муштарак дорад. Системаи таҳсилоти Канада бо таъкиди қавӣ ба бартараф кардани нобаробариҳои иҷтимоӣ ва таъмини дастрасии баробар ба таҳсилот барои ҳамаи фарогирон машҳур аст. Масалан, барномаҳои махсуси таҳсилотӣ барои кӯдакони маҳрум аз имкониятҳо таҳия шудаанд, ки ин ба ҳамгироии онҳо дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, Канада бо таъкиди қавӣ ба таҳсилоти дузабона (bilingual education) машҳур аст, ки ин ба ташаккули ҳувияти миллии муштарак ва рушди фарҳанги гуногун мусоидат

мекунад. Ин равия ба Канада имконият дод, ки ҳамчун як ҷомеаи мураккаб ва гуногун бо ҳамдигар ҳамоҳангӣ зиндагӣ кунанд.

**Намунаҳои амалӣ**

Яке аз намунаҳои муваффақи таҳсилоти муосир дар Канада барномаи "Шабакаи таҳсилоти онлайн"-и он аст, ки ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки аз хонаҳои худ таҳсил кунанд. Ин барнома барои онҳое, ки дар минтақаҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд ё ба сабабҳои гуногун наметавонанд ба синфҳои анъанавӣ ҳозир шаванд, имконияти таҳсилро фароҳам овардааст [2, 123].

**Аҳамияти инноватсияҳо дар таҳсилот**

Инноватсияҳо дар соҳаи таҳсилот имконият медиҳанд, ки системаҳои таълимӣ ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд. Масалан, таълими онлайн ва истифодаи технологияҳои нав дар синфҳои дарсӣ ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки донишҳои зарурӣ барои иқтисодиёти донишбунёд касб кунанд[7, 102]. Ҳамчунин, инноватсияҳо барои бартараф кардани нобаробариҳои иҷтимоӣ ва таъмини дастрасии баробари ба таҳсилоти баландсифат мусоидат мекунанд[11, 45].

Канада ҳамчун яке аз кишварҳои пешқадами ҷаҳон дар соҳаи таҳсилот ва инноватсия шинохта мешавад. Системаи таҳсилоти Канада бо сифати баланд, дастрасии баробар ва таъкиди қавӣ ба инноватсияҳо фарқ мекунад, ки ин ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ин кишвар мусоидат менамояд.

**Истифодаи таҷрибаи Канада дар Тоҷикистон**

Канада бо таъкиди қавӣ ба ҳамгироии иҷтимоӣ ва бартараф кардани нобаробариҳо машҳур аст [12,97]. Тоҷикистон метавонад барномаҳои махсуси таҳсилотӣ барои кӯдакони маҳрум аз имкониятҳо таҳия кунад, ки ин ба ҳамгироии онҳо дар ҷомеа мусоидат мекунад. Ҳамчунин, Канада бо таъкиди қавӣ ба таҳсилоти дузабона машҳур аст. Тоҷикистон метавонад аз ин таҷриба истифода кунад ва барномаҳои таҳсилоти дузабонаро барои рушди фарҳанги забоншиносӣ таҳия кунад.

Барои беҳтар кардани системаҳои таҳсилотӣ, зарур аст, ки Тоҷикистон барномаҳои инноватсионӣ барои истифодаи технологияҳои нав ва таълими онлайн таҳия кунад. Ин ба беҳтар кардани сифати таҳсилот ва дастрасии он мусоидат мекунад. Ҳамчунин, таъкид ба таҳсилоти касбӣ ва техникӣ барои тайёр кардани нерӯи кории боихтиёр аҳамияти калон дорад. Барномаҳои махсуси таҳсилотӣ барои кӯдакони маҳрум аз имкониятҳо ва ҳамчунин барои муҳоҷирон ва паноҳҷӯён низ бояд таҳия шаванд, ки ин ба ҳамгироии онҳо дар ҷомеа мусоидат мекунад. Ниҳоят, таъкид ба таҳсилоти дузабона метавонад ба рушди фарҳанги забоншиносӣ мусоидат намояд.

1. **Ҳамгироии иҷтимоӣ**: Канада бо таъкиди қавӣ ба ҳамгироии иҷтимоӣ ва бартараф кардани нобаробариҳо машҳур аст. Тоҷикистон метавонад барномаҳои махсуси таҳсилотӣ барои кӯдакони маҳрум аз имкониятҳо таҳия кунад, ки ин ба ҳамгироии онҳо дар ҷомеа мусоидат мекунад.
2. **Таъкид ба таҳсилоти дузабона**: Канада бо таъкиди қавӣ ба таҳсилоти дузабона машҳур аст. Тоҷикистон метавонад аз ин таҷриба истифода кунад ва барномаҳои таҳсилоти дузабонаро барои рушди забоншиносӣ, таҳия кунад.

Хулоса, нақши таҳсилот ва инноватсия дар ташаккул ва такомули рушди устувори Канада хеле муҳим ва назаррас буда, бо назардошти махсусиятҳои миллӣ ва равандҳои инкишофи кишвар Тоҷикистон метавонад аз ин таҷрибаи пешқадам ва намунаи муваффақ ба таври васеъ истифода намояд. Истифодаи дурусти чунин таҷрибаи пешқадам метавонад ба таъмини амнияти саросарӣ, суботи сиёсӣ ва рушди устувори Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар мусоидат намояд

**Адабиёт:**

1. **Becker, G. S.** *Human Capital: A Theoretical and Empirical Analysis, with Special Reference to Education*. “University of Chicago Press”. 1964 p. 56 (158 p.)

2. Council of Ministers of Education, Canada. *Education in Canada: An Overview*. “CMEC”. 2020. p. 34 (89 p.)
3. **Drucker, P. F.** *Post-Capitalist Society*. “Harper Business”. 1993. p.78 (240 p.)
4. **Fullan, M.** *The New Meaning of Educational Change*. “Teachers College Press”. 2001. p. 89 (250 p.)
5. **Fullan, M.**, & Langworthy, M. (2014). *A Rich Seam: How New Pedagogies Find Deep Learning*. “Pearson”. p. 45 (87 p.)
6. OECD. *The Future of Education and Skills: Education 2030*. “OECD Publishing”. 2018. p. 13 (23 p.)
7. OECD. *Innovation in Education: Lessons from Pioneers Around the World*. OECD Publishing. 2019. p. 102 (339 p.)
8. **Sen, A.** *Development as Freedom*. “Oxford University Press”. 1999. p.12 (384)
9. Statistics Canada. (2021). *Education in Canada: Key Results from the 2021 Census*. Government of Canada. 2021. Манбаи электронӣ // https://www.statcan.gc.ca/en/census/census-engagement/community-supporter/education/ [Санаи дархост: 08-03-2025]
10. Statistics Canada. (2019). *Education in Canada: Key Results from the 2019 Census*. Government of Canada.
Манбаи электронӣ //https://www150.statcan.gc.ca/n1/pub/81-595-m/81-595-m2023004-eng.htm/ [Санаи дархост: 11-03-2025]
11. UNESCO. *Global Education Monitoring Report 2020: Inclusion and Education*. “UNESCO Publishing”. 2020. Манбаи электронӣ //
https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000373718/ [Санаи дархост: 12-03-2025]
12. **Каримов, Ш.,** *Ҳолат ва дурнамои инкишофи муносибатҳои дуҷонибаи ШМА ва Канада бо Тоҷикистон.* Душанбе “Дониш”. 2024 с. 97 (157 с.)

## ТЕОРОТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ИННОВАЦИЙ В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ КАНАДЫ

*В современную эпоху, характеризующуюся быстрыми темпами технологических изменений и глобализацией общества, образование считается важнейшим фактором социального и экономического развития. Современное образование имеет огромное значение не только для подготовки компетентной рабочей силы, но и для социального развития, культурного становления и экономического роста стран. Инновации в образовании, такие как использование новых технологий, методов обучения и учебных программ, позволяют системам образования отвечать требованиям современного общества и рынка труда.*

***Ключевые слова**: Канада, Таджикистан, знания, развитие, образование, инновации, общество, экономика, сотрудничество, интеграция, опыт, наука.*

## A THEORETICAL ANALYSIS OF CONTEMPORARY EDUCATION AND INNOVATION IN THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF CANADA

*In the current era, characterized by rapid technological change and globalization of society, education is considered the most important factor in social and economic development. Modern education is of great importance not only for training a competent workforce, but also for social development, cultural formation and economic growth of countries. Innovations in the field of education, such as the use of new technologies, teaching methods and curricula, allow education systems to meet the requirements of modern society and the labor market.*

***Keywords**: Canada, Tajikistan, knowledge, development, education, innovation, society, economy, cooperation, integration, experience, science.*

**Маълумот оид ба муаллиф**:
**Саъдуллоев Озод Фарҳодович -** ходими илмии Шӯъбаи ШМА ва Канадаи Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон:(+992)888283435. Почтаи электронӣ: ozod.sadulloev@gmail.com

**Information about the Author:**
**Sadulloev Ozod** –Researcher, Department of USA and Canada, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the NAST.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: (+992)888283435. E-mail: ozod.sadulloev@gmail.com

**Сведения об авторе:**
**Саъдуллоев Озод Фарҳодович -** научный сотрудник Отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы, НАНТ.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: (+992)888283435. Э-почта: ozod.sadulloev@gmail.com

# СИЁСАТИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН УНСУРИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУОСИР

**РАҲМОНЗОДА АЗИМҶОН ШЕРАЛӢ**
ходими пешбари илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,
номзади илмҳои таърих

*Дар мақолаи мазкур сиёсати ҷавонон ҳамчун унсури муносибатҳои байналмилалии муосир мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Бояд қайд намуд, ки ҷавонон як падидаи мураккаб ва бисёрҷанбаи иҷтимоӣ мебошанд. Ҷавонони муосир як гурӯҳи фаъолтарини иҷтимоӣ буда, таваҷҷӯҳи хоси ниҳодҳои давлатӣ ва байналмилалиро тақозо менамоянд. Дар баробари ин, имрӯз ҷавононро ба ҳайси муҳимтарин ваояндадори ҷомеа арзёбӣ мекунанд. Бесабаб нест, ки аллакай дар миёнаҳои солҳои 60-уми асри XX дар фаъолияти амалии як қатор ниҳодҳои байналмилалӣ, бахусус Созмони Милали Муттаҳид, як самти махсуси ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва дастгирии иҷтимоии насли наврас инкишоф ёфт.*

*Инчунин, дар шароити муосир сиёсати давлатии ҷавонон бо назардошти на танҳо вазъият ва равандҳои хоси дохили давлатӣ, балки дар заминаи омилҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати ҷавонон, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ, созмонҳои байналмилалӣ, манфиатҳои давлат.*

“Сиёсати ҷавонон” ҳамчун истилоҳи мустақил дар адабиёти илмӣ дар солҳои 60 – ум таъриф шудааст, ки бештар бо пайдоиши ҷавонон ҳамчун як қувваи мустақили ичтимоӣ ва худмуайянкунии он дар фазои иҷтимоию сиёсӣ алоқаманд буд. Инчунин, то солҳои 70 – уми асри XX дар аксарияти кишварҳои пешрафта “Сиёсати ҷавонон” ба самти мустақили сиёсати миллӣ ва байналмилалӣ табдил меёбад.

Ба андешаи муҳаққиқони рус Л.Б. Осипова ва Е.А. Панфилова мафҳуми “Сиёсати ҷавонон” дар айни замон тафсирҳои гуногун дорад. Сабаби зиёд тафсир шудани “Сиёсати ҷавонон ин тағйирёбии ҷиддие мебошад, ки дар даҳсолаҳои охир дар ҷаҳон ба амал омадаанд. Ҷаҳонишавӣ чолишҳои наверо ба миён овард, ки пеш аз ҳама дар муҳити ҷавонон зуҳур меёбанд. Аз ин рӯ, бо ҷалби фаъолонаи ҷавонон дар раванди ташаккули низоми чаҳони мусоидат намуда, дар тағйири фазои ягонаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳанги накши назаррас мебозад [4, 61].

Дар ибтидои асри XXI Созмони Милали Муттаҳид панҷ ҷанбаи мушкилотеро, ки бевосита ба ҷавонон таъсир мерасонад, таъкид кардааст:

— ҷаҳоншавӣ;

— истифодаи афзояндаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки ба ҳаёти ҷавонон таъсири зиёд мерасонад;

— паҳншавии ВНМО (Вируси норасоии масунияти одам);

— ҷалби бештари ҷавонон дар муноқишаҳои мусаллаҳона, ҳамчун қурбонӣ ва ҷанговар;

— аҳаммияти афзояндаи муносибатҳои наслҳо дар шароити пиршавии ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки дар ҷои аввал меистад.

Сиёсати давлатии ҷавонон қисми ҷудонашавандаи стратегияи давлату Ҳукумат мебошад, ки баинновацийи рои баланд бардоштани мақом ва нақши ҷавонон дар ташаккули демократикунонии ҳаёти ҷомеа нигаронида шудааст.

Дар шароити муосир сиёсати давлатии ҷавонон бо дарназардошти на танҳо вазъият ва равандҳои хоси дохили давлатӣ, балки дар заминаи омилҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад.

Ҷавонон, ки қисми ҷудонопазири ҷомеа маҳсуб меёбанд, барои тақдири имрӯз ва ояндаи давлати худ масъуланд. Масъулияти насли ҷавон дар асоси аз худ намудан ва такмил додани низоми арзишу меъёрҳо ва истифодаи онҳо дар рафтору фаъолияти хеш, ки ба тараққиёти Тоҷикистон мусоидат мекунад, амалӣ карда мешавад.

Бинобар ин, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду такомули ҷавонон ва зиндагии арзандаи онҳо дар ҷомеаи муосиру давлати соҳибихтиёру, демократии ҳуқуқбунёд ва дунявии ягона, аз ҷониби Ҳукумати кишвар тадбирҳои зиёде андешида шудаанд. Аз ҷумла, 13 марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” ба тасвиб расонида шуд, ки бо мурури замон қонуни мазкур дар таҳрири нав бо номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” аз 15 июли соли 2004 қабул гардид [1].

Барои дар амал татбиқ намудани қонуни мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра, аниқтараш 5 маротиба Барномаи миллии “Ҷавонони Тоҷикистон”, 3 маротиба “Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон”, “Барномаи рушди саломатиии ҷавонони Тоҷикистон”, 2 маротиба “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои 2013-2015 ва 2016-2018, “Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон”, “Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020” қабул гардидаанд, ки дар маҷмӯъ, барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон ва барои ба ҳадафҳои ниҳоии сиёсати давлатии ҷавонон расидан заминаи мусоидеро фароҳам овардаанд.

Дар марҳалаҳои минбаъдаи рушди давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи соҳа як силсила ҳуҷҷатҳои дахлдор, аз ҷумла “Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020”, “Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар барномаҳои соҳавӣ қабул гардиданд.

Инчунин, дар Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Точикистон маҷмӯи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон муайян гардидааст, ки ба ҷавонон нигаронида шудааст ва вазифаҳоеро фаро мегирад, ки ба иштироки ҷавонон дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки миллӣ алоқаманд мебошанд.

Дар ин радиф Сиёсати давлатии ҷавонон барои муттаҳид сохтани захираҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ даъват шудааст, ки он барои мақсадҳои зайл хусусияти байниидоравии ҳамкориҳои муштаракро дар назар дорад:

— ҷалби босуботи ҷавонон ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва инкишофи малакаи фаъолияти мустақилонаи ҳаётан муҳими шаҳрвандони ҷавони кишвар, иттилоотонӣ дар мавриди рушду такомули минбаъдаи онҳо ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, инчунин фарҳанги истифодаи инкишофи шахсият ва ҷомеа, ки имкон медиҳад ҷавонон нерӯи худро дар амал татбиқ намоянд, ба қувваи худ ва ояндаи худ боварӣ дошта бошанд;

— муайян намудан, пешбарӣ кардан ва дастгирии фаъолнокии ҷавонон ва дастовардҳои онҳо дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ, ҷамъиятию сиёсӣ, эҷодию варзишӣ, ки имконият медиҳад ҷавонон қобилияти худро зоҳир намоянд, нерӯи худро дар амал татбиқ кунанд ва дар кишвари худ шоистаи эътироф гарданд;

— ба ҳаёти комил ҷалб намудани ҷавононе, ки ҷиҳати ҳамгироӣ бо ҷомеа ба мушкилот рӯ ба рӯ шудаанд, маъюбон, хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони ятим, кӯдакони бесаробон, муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ барои онҳое, ки дорои қобилияти маҳдуд мебошанд, муассисаҳои махсуси таълимию тарбиявии шакли пӯшида, ҷабрдидагони зӯроварӣ, кӯчбастагон ва муҳоҷирон, шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ҷавоб шудаанд, намояндагони халқҳои маҳаллӣ ва камнуфуз, инчунин ҷавонон аз оилаҳое, ки дар вазъи ногувори иҷтимоӣ қарор доранд, бекорон, шахсони бо ВНМО (Вируси норасоии масунияти одам) сироятшуда ва шахсони истеъмолкунандаи маводи сахттаъсир [9].

Ба андешаи як зумра коршиносон, дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ҷавонон худро дар сафи пеши тағйироти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қарор доданд. Олими амрикоӣ К. Гриффин бевосита қайд мекунад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ маҳз ҷавонон бояд ҳамчун “ба сифати нишондиҳандаи асосии вазъи миллат” баррасӣ шаванд [10, с. 9-10].

Бисёре аз муаллифони ғарбӣ бар он назаранд, ки ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти ҷавонон таъсири мустақим ва қавӣ дорад, зеро он боиси тақсимоти босуръати иҷтимоӣ мегардад. Инчунин, мақоми ҷавонон ба куллӣ тағйир меёбад.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ равшан гувоҳӣ медиҳад, ки мафҳуми ягонаи мафҳуми “Сиёсати ҷавонон” имрӯз вуҷуд надорад. Зеро он ба дарки гуногуни худи ҷавонон, мавқеъ ва нақши он дар ҷомеаи муосир вобаста мебошад.

Маврид ба қайд аст, ки сиёсати давлатии ҷавонон бояд ҳамчун сиёсати дохилии давлат ва ҳамчун қисми таркибии сиёсати иҷтимоӣ дар ҷанбаи башардӯстонаи худ фаҳмида шавад, ки он ба ҷавонон нигаронида шудааст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки аслан “Сиёсати ҷавонон” аз сиёсати умумии давлат фарқ накарда, он ҳамчун як ҷузъи сиёсати давлат ба ҳисоб меравад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми “Сиёсати ҷавонон” тамаркузи функсионалии он мебошад. “Сиёсати ҷавонон” бар хилофи бисёр дигар самтҳои сиёсати давлатӣ барои ҳамгироии насли наврас ба ҷомеаи муосир тарҳрезӣ шудааст. Дар демократия, вақте озодӣ “дар ҷомеа тавассути иштироки шахс дар қабули қарорҳо ва амалисозии ҳокимияти сиёсӣ таъмин карда шавад”, шомил шудани ҳар як фард ба ҳаёти сиёсии ҷомеа шарти ҳатмӣ мебошад. Аз ин рӯ, “Сиёсати ҷавонон” – ро метавон ҷиҳати фаъолияти давлат ба ташаккули субъективии иҷтимоӣ ва иҷтимоию сиёсии ҷавонон равона кард. Мақсади асосии он бояд ҳамгироии бомуваффақияти ҷавононро ба фазои ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ гардонидан ва аз объект ба субъект табдил додани он бошад.

Бояд гуфт, ки дар ҷаҳони муосир принсипҳои иштирок, ки ба фаъолияти ҷамъиятии аъзоёни ҷамъият асос ёфтаанд, нақши калон мебозанд. Мусаллам аст, ки дар ин бобат маҳз ҷавонон ҳаракаткунандатарин гурӯҳ мебошанд, ки аз рӯи синну сол ва нерӯи худ бояд ба равандҳои иҷтимоӣ бештар ҷалб шаванд. Имрӯз ду намуди фаъолияти иҷтимоӣ ва иштироки иҷтимоии ҷавонон мавҷуд аст:

— бевосита бо фаъолияти шаҳрвандӣ;

— бо иштирок дар тағйирёбиҳои иҷтимоӣ.

Ташаккули давлати ҳуқуқбунёд бе ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки сатҳи баланди инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ва аъзоёни ҷомеаро (дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ; сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ) инъикос мекунад, имконнопазир аст. Имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистони сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ҳизбҳо, ҳаракатҳо, созмонҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, худидоракунии маҳаллӣ, унсурҳои анъанавӣ) яке аз рукнҳои муҳимтарини низоми сиёсии ҷамъият эътироф мешаванд, ки нерӯи асосии онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ҳоло дар кишвар фаъолияти созмонҳои ҷавонон ҳамчун шакли самараноки ҷалби нерӯи пешбарандаи ҷомеа ба корҳои созандагию бунёдкорӣ, хайрия ва эҳсонкорӣ шоёни таваҷҷӯҳи хоса аст. Чунки онҳо ба инъикосёбии холисонаи воқеият, амали риоя ва татбиқи қонунҳо ва ҳимояи манфиатҳо, қонеъгардонии эҳтиёҷоти мухталифи шаҳрвандон ва ҷомеа – дастгирии ашхоси ба ёрии амалӣ муҳтоҷ, инчунин, дастгириии инкишофи илму фарҳанг, одату анъанаҳои беҳтарин, маориф ва тандурустӣ ёрии амалӣ мерасонанд. Онҳо ҷузъи ҷудонашаванда ва зарурии ҷомеаи шаҳрвандӣ, кафолати устувори таъминоти иҷтимоӣ, демократия ва рушду пешравии ҷомеа гашта, ғояҳои инсондӯстӣ, иттиҳодӣ, меҳру шафқат ва эҳсонкориро тасдиқ ва дар амал ҷорӣ карда истодаанд.

Созмонҳои ҷавонон дар ҳамкории зич бо мақомотҳои давлатӣ ва соҳибкорӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ мақсаднок амал карда истодаанд, ки чунин ҳамкорӣ бояд густариш ёбад. Онҳо аз ҷониби худ талаботи мустақили сиёсӣ ё иқтисодӣ пешбарӣ намекунанд ва ҳадафи фоидагирӣ надоранд. Ташкилу фаъолияти онҳо ҳам ба манфиати худи онҳо ва ҳам ба манфиати ҷомеа мувофиқат мекунад. Аз

ин рӯ, Тоҷикистон баробари дигар падидаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ба рушду ривоҷи низоми сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо дар амалӣ намудани сиёсати дохилӣ ва рушди соҳаи иҷтимоӣ эътибори калон медиҳад. Ҳамкории давлат бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, хусусан, созмони ҷавонон дар заминаи манфиатҳои ниҳоии умумии ҳарду тараф сурат мегирад. Давлат дар татбиқи сиёсати худ ба дастгирию ҳамкории сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳавасманд буда, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бошанд, ба кафолатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии давлат манфиатдоранд.

Мақсад аз ташкилу ривоҷи сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ин воқеан барпо кардани ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёди шаҳрвандӣ, густариши раванди созандагию бунёдкорӣ дар кишвар, мақсаднок истифода бурдани нерӯи ақлонӣ ва маънавии аъзоёни ҷомеа дар ободонии кишвар, ҷалби ҷавонон ба таҳкими дастовардҳои истиқлолият мебошад.

Бо назардошти нақши ҷавонон дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятию сиёсии кишвар барои дурнамои миёнамуҳлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон чунин самтҳои афзалиятнокро дарбар мегирад:

— ҷалби ҷавонон ба амалияи иҷтимоӣ ва иттилоотонии онҳо дар мавриди имкониятҳои воқеии рушд;
— инкишофи фаъолияти эҷодкоронаи ҷавонон;
— ҳамгироии ҷавонони дар вазъи душвори зиндагӣ қарордошта ба ҳаёти ҷомеа.

Ҳамзамон ҷавононро набояд ба сифати яке аз гурӯҳҳои иҷтимоию демографӣ ё мутаносибан ҳамчун объекти навбатии ҳифзи иҷтимоӣ қабул кард, ки вобаста ба ин ё он имконият маҳдуданд, вале ҳамзамон бояд ба инобат гирифт, ки ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоии синнусолӣ дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос мебошанд.

Аввалан ҷавонон ба ҳаёти мустақилона ҳангоми ивазшавии наслҳо қадам гузошта, симои ояндаро инъикос менамоянд, барои осудаҳолии насли калонсол, худмуҳофизат, рушди ҷомеа, нақш ва мавқеи кишвар дар равандҳои ҷаҳонӣ, муттасилии таъриху фарҳанги он масъулияти махсус доранд. Маҳз ҷавонон асоси рушди соҳаҳои технологияи баланди кишвар буда, аз бисёр ҷиҳати иҷтимоиро таъмин менамоянд ва манбаи ташаббусҳои иқтисодӣ, навсозӣ мебошанд. Ҷавонон қисми асосии ҳайати кадрии вазорату идораҳоро ташкил медиҳанд, ки барои таъмини рушд ва шукуфонии кишвар масъул мебошанд.

Татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун самтҳои афзалиятнок инъикос гардидааст:

— иштироки ҷавонон;
— шуғлнокии ҷавонон;
— таъмини тарзи ҳаёти солим;
— таҳсилоти муносиб барои ҷавонон;
— таъминоти иҷтимоии ҷавонон;
— таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;
— мустақилияти иқтисодии ҷавонон;
— тарбияи ватандӯстии ҷавонон;
— ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон;
— заминаи илмию амалӣ ва идории сиёсати давлатии ҷавонон.

Иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир самти нав ва мубрам дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фаррох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд, дастрасӣ ба грантҳо ва фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, таъсиси ташкилотҳои мустақил ва кафолати таъмини адолати ҳуқуқиро фаро мегирад [2, 8].

“Сиёсати ҷавонон” ҳамчун низоми тадбирҳое, ки давлат ба инкишофи ҳаматарафаи ҷавонон, таъмини иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти ҷамъият нигаронида шудааст, амал мекунад.

Дар як қатор мавридҳо гуфта мешавад, ки “Сиёсати ҷавонон” фароҳам овардани имкониятҳоро барои рушди дониш, малака ва маҳорату малакаи онҳо барои шаҳрванди фаъол дар ҷомеаи худ пешниҳод менамояд. Ин, дар навбати худ, танҳо тавассути сиёсатҳое ба даст овардан мумкин аст, ки ба ҷавонон имкони шаҳрванди мустақил бо ҳуқуқи баробар шуданро таъмин намояд.

Бояд гуфт, ки мувофиқи ақидаи худи ташкилотҳои ҷавонони Ғарб, ки дар тамоми ҷаҳон амал мекунанд. Аз ҷумла, Алянси умумиҷаҳонии ассотсиатсияҳои насронии ҷавонон, Ташкилоти умумиҷаҳонии Ҳаракати Скаут, Федератсияи Байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, Ассотсиатсияи ҷаҳонии масеҳии занони ҷавон ва ғайра мебошад. “Сиёсати миллии ҷавонон бояд шароитеро фароҳам оварад, ки ба ҷавонон имкон диҳад, ки ба калонсолоне, ки ҷомеа барои некӯаҳволии ояндааш зарур аст, инкишоф ёбад. Он бояд нақши ҳамаҷонибаи ҳамоҳангсозро бозад ва ба тамоми сиёсатҳое, ки бевосита ё ғайримустақим ба рушди ин ҷавонон ҳамчун аъзои ҷомеа таъсир мерасонад, роҳнамоӣ кунад”. Ташкилотҳои ҷавонони мазкур тавсия медиҳанд, ки сиёсати ҷавонон бояд сиёсати тамоми давлат бошад, он бояд табақаҳои гуногуни ҷавононро фаро гирад, муносибати пайгирона дошта бошад, байнисоҳа, байниидоравӣ ва бисёрсоҳа ва ғайра бошад.

Тибқи санадҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқии сиёсати ҷавонон, самтҳои зеринро метавон муайян кард:

- таъмини иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳое, ки метавонад ба ҳаёти онҳо таъсир расонад;
- фароҳам овардани дастрасии ҷавонон ба хизматрасониҳои муҳим ва имкониятҳо барои рушди онҳо;
- фароҳам овардани шароити мусоид ва бехатар барои истиқомати онҳо;
- таъмини рушди ҳамаҷонибаи қобилият ва истеъдоди ҷавонон.

Барномаи умумиҷаҳонии амал барои ҷавонон то соли 2000 ва баъда аз он 10 самти афзалиятноки “Сиёсати ҷавонон” – ро муқаррар кардааст:

- маориф;
- шуғ;
- гуруснагӣ ва камбизоатӣ;
- масъалаҳои тандурустӣ;
- муҳити зист;
- нашъамандӣ;
- ташкили ҷинояткории ноболиғон;
- ҷавонзанон;
- иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъият ва дар қабули қарорҳо [7].

Илова бар ин, таҳлили ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид ба мо имкон медиҳад, ки дигар самтҳои афзалиятнокро муайян кунем, ки ба давлатҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои сиёсати худ оид ба ҷавонон тавсия дода мешаванд:

- рушди неруи маънавӣ, ахлоқӣ, зеҳнӣ, касбӣ ва ҷисмонии ҷавонон бо мақсади ташаккули шаҳрвандони масъул ва посбонони мероси фарҳангӣ;
- бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон ва дар онҳо ташаккул додани ҳисси масъулиятшиносӣ, ҷиҳати аъзои фаъоли ҷомеа гардидан, шароит муҳайё карда шавад;
- таҳияи барномаҳои мубодила барои таъмини иштироки ҷавонон дар ҳамкориҳои фарҳангии байналмилалӣ;
- таъмини ҳифзи ҷисмонии ҷавононе, ки дар шароити вазнини иҷтимоӣ, дар оилаҳои номусоид ва дар шароити табъизи нажодӣ зиндагӣ мекунанд.

Бояд гуфт, ки тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, принсипҳои умумии сиёсати ҷаҳонии ҷавонон инҳоянд:

— иштироки ҷавонон дар ташаккул ва татбиқи чорабиниҳое, ки ба манфиатҳо ва ҳуқуқҳои бевоситаи онҳо дахл доранд;

— гузаштан аз барномаҳои мутамарказ барои ҳамаи ҷавонон ба лоиҳаҳои маҳаллӣ, рад кардани барномаҳои дарозмуддат ба нафъи барномаҳои кӯтоҳмуддат бо бартарияти мақомоти маҳаллӣ (шаҳрӣ) ва дигар сохторҳое, ки мушкилоти ҷавононро дар ҳудуди муайян хубтар дарк мекунанд;

— муносибати фарқиятӣ ба гуруххои гуногуни ҷавонон бо нигох доштани кафолатҳои ягонаи иҷтимоии ҷавонони ҳамаи категорияҳои иҷтимоӣ;

— дастгирии гурӯҳҳои ҷавонони ғайриҳукуматӣ.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки бо пешрафт ва талаботи рӯзафзуни ҷаҳони муосир ва пайваста такмил ёфтани шуури ҷавонон ва барои самаранок истифода бурдани ин нерӯи созанда зарурати қабули санадҳои дахлдор аз ҷониби Ҳукумати кишвар роҳандозӣ гардид. Пӯшида нест, ки яке аз омилҳои асосии рушди ҳар кишварро дар қатори дигар арзишҳо захираҳои инсонӣ, аз ҷумла ҷавонон ташкил медиҳанд. Ин имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Дар кишваре, ки вазъи демографӣ мунтазам афзоиш меёбад ва беш аз 70 фоизи аҳолиро насли ҷавон ташкил медиҳад, муайян намудани сиёсати давлатии ҷавонон аз нуктаи назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти калон дорад. Ба сиёсати ҷавонон, ҳамчун бахши стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар ҳамаи марҳилаҳои рушди ҷомеа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад [6].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, “Сиёсати ҷавонон” ҳамчун унсури муносибатҳои байналмилалии муосир дар ҷаҳон падидаи бисёрҷанба мебошад. Бо вуҷуди ин, сиёсати ҷавонон 44 қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ дар ҳама кишварҳои пешрафта ба як самти муҳимми сиёсати давлатӣ ва ҳатто фаромиллӣ табдил ёфтааст. Бояд таъкид намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ оид ба ҷавонони замони муосир ва маҳз замони Истиқлоли давлатӣ зикр намуданд, ки “Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони истиқлол аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад”.

Инчунин, сиёсати давлатии ҷавонон:

— ин сиёсати давлат дар самти танзими муносибатҳои ҷавонон ва давлат мебошад;

— ин низоми ташаккули афзалиятҳо ва чораҳое мебошад, ки барои фароҳам овардани шароит ва имконият ҷиҳати ба иҷтимоиёт самт бахшидани ҷавонон ва худтатбиқнамоии онҳо, рушди нерӯ ба манфиати кишвар ва мутаносибан ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар, таъмини рақобатпазирии он ва таҳкими амнияти миллӣ нигаронида шудааст;

— он аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва кӯдакон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва дигар шахсони ҳуқукию воқеӣ ташаккул ва татбиқ мегардад;

— самти стратегии давлатро ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, дар ҷавонон ташаккул додани ҳисси ватанпарастӣ ва муҳаббат нисбат ба таърих ва фарҳанг, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос менамояд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” аз 15 июли соли 2004. Манбаи электронӣ :https://mmk.tj/content/ [санаи муроҷиат 20.05.2025].

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.12.2014, №760 бо тағйиру иловаҳо.

3. Маҷмуаи мақолаҳои олимони ҷавон дар конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Тарбияи ҷавонон дар ҷомеаи муосир: пешравиҳо, муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо". Хуҷанд, ДДҲБСТ, 28 феврали соли 2017. 352 с.

4. Осипова Л. Б., Панфилова Е. А. Молодежная политика как фактор развития социальной активности молодежи // Вестник Челябинского государственного университета. 2014. № 24 (353). – С. 61.

5. Раҳмонзода А. Ш. Нақши Паёми Пешвои Миллат дар сиёсати давлатии ҷавонон. Манбаи электронӣ :https://www.osiyoavrupo.tj/tg/post/na-shi-pajomi-peshvoi-millat-dar-sijosati-davlatii-avonon [санаи муроҷиат 20.05.2025].

6. Раҳмонзода А.Ш. Ҷавонон қувваи бузург, нерӯи созанда ваояндаи миллатанд. Манбаи электронӣ :https://www.osiyoavrupo.tj/tg/ [санаи муроҷиат 20.05.2025].

7. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН 50/81. "Всемирная программа действий, касающаяся молодежи, до 2000 года и далее". Манбаи электронӣ :http://vmo.rgub.ru/files/act [дата обращения 28.05.2025].

8. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 аз соли 2011, №480.

9. Ҳайдарзода Р.Ҷ. Ҷавонони ватандӯсти Тоҷикистони муосир — самараи фаъолияти Мактаби давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон! Манбаи электронӣ :https://www.osiyoavrupo.tj/tg/post/ [санаи муроҷиат 28.05.2025].

10. Griffin C. Representations of Youth: The Study of Youth and Adolescence in Britain and America. 1993. Oxford, Polity Press,. PP. 9-10.

## МОЛОДЕЖНАЯ ПОЛИТИКА КАК ЭЛЕМЕНТ СОВРЕМЕННЫХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

*В данной статье рассматривается и анализируется молодежная политика как элемент современных международных отношений. Следует отметить, что молодежь является сложным и многогранным социальным явлением. Современная молодежь является наиболее активной социальной группой, требующей особого внимания со стороны государственных и международных институтов. В то же время сегодня молодежь считается самой важной и перспективной частью общества. Недаром уже в середине 60-х годов XX века в практической деятельности ряда международных институтов, в частности Организации Объединенных Наций, было разработано особое направление сотрудничества в сфере образования и социальной поддержки молодого поколения.*

*Также в современных условиях государственная молодежная политика реализуется с учетом не только конкретной ситуации и процессов внутри государства, но и на основе региональных и международных факторов.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, молодежная политика, внешняя политика, международные отношения, региональное сотрудничество, международные организации, государственные интересы.*

## YOUTH POLICY AS AN ELEMENT OF MODERN INTERNATIONAL RELATIONS

*This article examines and analyzes youth policy as an element of modern international relations. It should be noted that youth is a complex and multifaceted social phenomenon. Modern youth is the most active social group, requiring special attention from state and international institutions. At the same time, today youth is considered the most important and promising part of society. It is not without reason that already in the mid-60s of the 20th century,*

*a special area of cooperation in the field of education and social support for the younger generation was developed in the practical activities of a number of international institutions, in particular the United Nations.*

*Also, in modern conditions, state youth policy is implemented taking into account not only the specific situation and processes within the state, but also on the basis of regional and international factors.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, youth policy, foreign policy, international relations, regional cooperation, international organizations, state interests.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ** – номзади илми таърих, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

**Сведение об авторе: Рахмонзода Азимджон Шерали** – кандидат исторических наук, ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

**Information about the author: Rahmonzoda Azimjon Sherali** – Candidate of Historical Sciences, Leading researcher of the institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

## ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ ХАТАРҲОИ ИТТИЛООТӢ

**ФОЗИЛОВ КОМРОН ҶАМОЛОВИЧ**
докторанти (PhD) кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Дар мақолаи мазкур муаллиф равандҳо ва хатарҳои амниятие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чоряки аввали асри XXI дар ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ рӯ ба рӯ шудааст, баррасӣ мегардад. Дар шароити мураккаби геополитикӣ ва равандҳои тағйирёбандаи байналмилалӣ, кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон, бо таҳдидҳои муштарак чун терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, масъалаҳои сарҳадӣ ва обу энергетика рӯ ба рӯ мебошанд.*

*Мақсади асосии таҳқиқот таҳлили ҳамкориҳои минтақавӣ ва стратегияи Тоҷикистон дар робита ба ин хатарҳо буда, дар он нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ чун СААД, СҲШ ва дигар ниҳодҳои дахлдор низ баррасӣ мешавад. Ҳамзамон, тавсияҳои амалӣ ҷиҳати таҳкими ҳамкорӣ ва таъмини амнияти устувор дар минтақа пешниҳод мегарданд.*

*Муаллифи мақола доир ба он хатарҳое, ки ҷой дорад ва ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунад мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Инчунин муаллифи мақола ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказиро баррасӣ науда, таъки менамояд, ки дар чоряки аввали асри XXI кишварҳои минтақа дар самти ҳамкориҳои худ махсусан хатарҳое, ки дар самти иттилоот равона гардидааст бояд диққати махсус дод ва масъаларо ҳамаҷониба ҳал намуд.*

***Калидвожа:*** *ҳамкорӣ, хатар, амният, сиёсат, фазо, фарҳанг, созмон, шабака, иттилоот, технологияи иттилоотӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, минтақа, киберамният, расона.*

Дар ибтидои асри XXI ҷаҳиши бесобиқа дар рушди технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва таҷҳизоти иртиботӣ мушоҳида шуд, ки дарки робитаи фазо ва вақтро ба куллӣ тағйир дод. Шаклҳои нави фазои иттилоотӣ ба вуҷуд омадаанд, ки дар онҳо фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ба минбари бархӯрди манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии марказҳои бонуфузи замони муосир табдил ёфтааст. Ин фазо ҳамчунин воситаи муассир барои ташаккули афкори умум хизмат мекунад ва имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои алоҳида онро ба манфиати худ равона кунанд.

Аммо, дар баробари ҷанбаҳои мусбату пешқадам, ки ба иттилоърасонӣ аз дастовардҳои нав мусоидат мекунанд, падидаҳои манфие низ мавҷуданд, ки ба амнияти иттилоотии давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунанд. Аз ин лиҳоз, ҳадафи асосии дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти иттилоотии кишвар мебошад. Барои расидан ба ин мақсад вай дар назди худ як қатор вазифаҳо мегузорад:

Вазифаи иртибототи босамари берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаккул додани манзараи объективӣ ва ҳамаҷонибаи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ иборат аст. Ин як вазифаи мураккаб ва бисёрсатҳа аст, ки на танҳо пешбурди дастовардҳо, балки фаъолона мубориза бо маълумоти бардурӯғ ва эҷоди симои мусбатро дар бар мегирад. Иҷрои ин вазифа муносибати комплексиро талаб мекунад, ки ҷиҳатҳои гуногуни фаъолияти сиёсати берунӣ ва ахборотиро дар бар мегирад.

Аввалан, инъикоси воқеъбинона ва салоҳиятноки сиёсати дохилию хориҷии Тоҷикистонро таъмин кардан лозим аст. Ин на танҳо нишон додани комёбиҳои иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоиёт ва фарҳанг, балки муҳокимаи ошкорои вазифаҳо ва проблемаҳои дар назди мамлакат истодаро дар назар дорад. Шаффофият ва ошкорбаёнӣ омилҳои асосии эҷоди муносибатҳои боэътимод бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошанд. Саъю

кӯшиши ҳукуматро барои ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили камбизоатӣ, бекорӣ ва нобаробарӣ, барномаҳои инкишофи инфраструктура, маориф ва нигаҳдории тандурустиро қайд кардан муҳим аст. Ба тарғиби фарҳангу таърихи беназири Тоҷикистон, мероси ғании фарҳангӣ ва анъанаҳои он бояд таваҷҷӯҳи махсус дода шавад. Инро метавон тавассути дастгирии лоиҳаҳои фарҳангии байналмилалӣ, ташкили намоишгоҳҳо ва ҷашнвораҳо, инчунин таблиғи адабиёт, синамо ва мусиқии тоҷик дар хориҷи кишвар ба даст овард.

Дуюм, таъсиси воситаҳои муассири таъсиррасонии иттилоотӣ ба афкори ҷомеа дар хориҷа вазифаи дорои аҳаммияти стратегӣ мебошад. Барои паҳн кардани иттилоот дар бораи Тоҷикистон платформаҳои муосири ВАО таҳия ва аз технологияҳои рақамӣ фаъолона истифода бурдан зарур аст. Ин эҷоди вебсайтҳои бисёрзабона, ҳисобҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва дастгирии расонаҳои мустақилро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки объективӣ будан ва эътимоднокии иттилоотро таъмин намуда, аз таблиғот ва маълумоти бардурӯғ канорагирӣ кард.

Сеюм, ҳамкории фаъоли байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот шарти зарурии муоширати бомуваффақияти беруна мебошад. Тоҷикистон бояд ҳамкориҳои худро бо созмонҳои байналмилалӣ ва дигар кишварҳо дар самти табодули иттилоот, мубориза бо маълумоти бардурӯғ ва ҷиноятҳои киберӣ тақвият бахшад.

Ниҳоят, муқовимати саривақтӣ ва муассир алайҳи ҷиноятҳои киберҷинояткорӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ вазифаи аввалиндараҷа барои ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошад. Барои таҳкими амнияти киберҷиноятӣ дар кишвар, такмили қонунгузорӣ дар ин самт ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо киберҷиноят зарур аст. Бояд ба ҳифзи муқаддасоти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқию маънавии халқи тоҷик аз тақаллуб ва таҳриф диққати махсус дода шавад. Барои ноил шудан ба ин стратегияҳои самараноки зидди таблиғот ва амнияти иттилоотиро таҳия кардан лозим аст. Дар маҷмӯъ, иртибототи хориҷии муваффақи Тоҷикистон бархӯрди ҳамаҷониба ва муназзамро тақозо мекунад, ки талошҳои ҳукумат, соҳибкорон, созмонҳои ҷамъиятӣ ва расонаҳоро муттаҳид мекунад.

Тавре ки маълум аст, баъди дастёбӣ ба истиқлолияти давлатӣ дар соли 1991 кишварҳои Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон, Туркманистон, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ба як силсила хатару чолоишҳои нав ба амнияти миллии худ рӯ ба рӯ шуданд. Ҳар як кишвар роҳи ба худ хоси рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро интихоб карда буд. Тайи чанд даҳсола мушкилоти асосии ин кишварҳо агар амнияти марзҳо, ифротгароии динӣ, қочоқи маводи мухаддир, коррупсия ва ҷинояткории муташаккил бошад, тайи даҳсолаи охир ба онҳо – ҷинояткорӣ бо истифода аз технологияи навин ва интернет ҳамроҳ шудааст. 27 феврали соли 2019 дар шаҳри Тошканд мизи мудаввари байналхалқӣ бо иштироки олимону коршиносон аз кишварҳои Қазоқистон, Узбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Русия зери унвони «Амнияти киберӣ ва муқовимат ба кибертерроризм ва ифротгароӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар замони муосир: натиҷаҳо, мушкилот ва дурнамо» доир шуд [7]. Дар он ҳамзамон, кормандони идораҳои давлатӣ, масъулини доираҳои академикиву марказҳои таҳлилӣ, хадамоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок карданд. Масоили асосии мавриди муҳокима қарор гирифта инҳо буданд:

1. Амнияти иттиллотӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ на марҳилаи муосир, таҳлили пойгоҳи меъёриву ҳуқуқӣ, амалия ва натиҷаҳои сиёсати муқовимат бо тарғиби ифротгароӣ ва тундгароӣ дар фазои маҷозӣ;

2. Таҳлили раванди табдили таҳдидҳо дар фазои пасошуравӣ дар робита бо фаъолияти созмонҳои ифротгароӣ ва террористӣ;

3. Таҳлили навъҳои навини терроризми кибериву ташвиқи экстремизми шадид дар Осиёи Марказӣ тариқи таҳлили хавфҳо ва ташкили равишҳои ҳамкориҳои мамлакатҳои минтақа дар мубориза бар зидди таҳдидҳои тундгароиву ифротгароӣ, миллатгароиву инсонбадбинӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ;

4. Дарки хусусиятҳои ташаккул ва амали зерфарҳангӣ ҷиҳодгароӣ дар шароити фазои маҷозӣ ва ҷанбаҳои равонии ошкорсозӣ ва муқовимат ба хатарҳои ҷиноӣ дар фазои маҷозӣ;

5. Табдили фаъолияти созмонҳои террористӣ ва фазои киберӣ, омӯзиши шакл ва методҳои истифодаи фазои интернетӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористии дар Афғонистонбуда.

Ба андешаи коршиноси ӯзбекистонӣ Н.А. Турғунов дар байни анвои мухталифи киберҷиноятӣ, ки доираи нуфузи онҳо пайваста васеъ мешавад, ду намуди асосии кибертерроризм вуҷуд дорад: кибертерроризм дар навъи «холис», ки дар он амалҳои террористӣ бо истифода аз шабакаҳои компютерӣ ва компютерҳо анҷом дода мешаванд ва навъи дуюм – кибертерроризм бо ҳадафи муташаккилӣ ва иртиботии гурӯҳҳои террористӣ бо истифода аз фазои иттилоотии глобалӣ.

Дар Ҷумҳурии Узбекистон бо дарки микёси хатари кибертерроризм, ҷиҳати ташаккули низоми мақомотҳо - сохторҳое, ки вазифаи асосии онҳо муқовимат бо хатарҳо дар фазои киберист, чораҳои мақсаднок андешида мешаванд. Аз ҷумла, дар таркиби идораи мубориза бо терроризм ва ифротгароии Вазорати корҳои дохилии Узбекистон шуъбаи махсусе амал мекунад, ки ба омӯзиш ва пешгирии фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгароӣ машғул аст. Ба андешаи коршинос Ҳ. Комронзода зиддиятҳои тезу тунд ва муқовимати ҷаҳонӣ миёни давлатҳои абарқудрат низоми бехатарии глобалиро заиф мекунад ва таҳдиду чолишҳои навро ба суботи байналмилалӣ дар симои хатарҳои киберӣ ба миён меорад. Ин раванд ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳам таъсири мустақим мерасонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳияи стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои рақамигардонии соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ идома дорад. Аз як тараф агар ин тақозои вақт буда, барои рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварад, аз ҷониби дигар бардошти мазкур ба афзоиши таҳдиду чолишҳои нав ба амнияти иттилоотӣ ва кибернетикӣ оварда мерасонад, ки кишварҳои мо мутаассифона ба он омода нестанд. Тоҷикистон дар ин масъала аз ҳама бештар гирифтори ҳамлаҳои хакерӣ ба компютерҳо гаштааст. Пас зарур аст, ки ба масъалаи таҳия ва коркарди стратегия ва барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ ҷиҳати таъмини амнияти киберӣ бо назардошти манфиатҳои минтақаҳо ва омода кардани кадрҳои миллӣ дар ин соҳа аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад. Ба андешаи коршиносон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва шаклгирии тамаддуни иттилоотӣ ба ҳам омадани ду раванд – ҷанги иттилоотӣ ва густариши бесобиқаи ифротгароӣ ва терроризм ба мушоҳида мерасад. Ироқ, Сурия, Лубнон, Афғонистон аз ҷониби баъзе нерӯҳои сиёсӣ ҳамчун лабораторияи озмоиши технологияҳои нави иттилоотӣ ва манипулиявӣ, ки ҳузури онҳоро дар минтақа ва кишвар тақвият медиҳад, баррасӣ мешаванд. Аз ин нигоҳ модификатсияҳои нави хатарҳои «ифротгароии махмалӣ», «терроризми ранга» ба вуҷуд омада истодаанд.

Мубрамияти масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар он дида мешавад, ки фазои Осиёи Марказӣ аз лиҳози иттилоотӣ хеле осебпазир гардидааст. Дар аксари ҳолатҳо маҳз заифӣ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани муқовимати устувор дар баробари ҳамлаҳои иттилоотии қувваҳои манфиатдори геополотикӣ ва ҳаракатҳои тундгарову радикалӣ заминаи зуҳури ташаннуҷи сиёсиву иҷтимоӣ ва то ба инқилобҳои ранга дар Қирғизистон, кӯшиши табаддулоти давлатӣ дар Тоҷикистон, табаддулоти давлатӣ дар Қазоқистон ва дигар давлатҳои пасошуравӣ гардидаанд. Дар замони муосир ҳифзи мамлакат ва ниҳодҳои он аз таҳдидҳои иттилоотӣ шарти муҳимми таъмини амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро тавре ки мебинем хатару чолишҳои иттилоотӣ омили ноустувории ҷомеа, унсури таркибии бархурдҳои сиёсӣ, абзори аслии расидан ба мақсад ва харобкунандаи рукнҳои давлатдорӣ мебошад.

Дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бехатарии комили иттилоотӣ ниёз дорад, чунки таҳдиду хавфҳои мавҷуда аксар вақт дар арсаи иттилоотии кишвар маҳаллӣ мешаванд. Паҳн кардани ҷангҳои иттилоотию идеологӣ ва ҳамлаҳо дар атрофи Ҷумҳурии Тоҷикистон, паҳн намудани ҳама гуна маълумоти бардурӯғ ва иғвоангез аз ҷониби давлату ташкилотҳои ифротӣ ва террористӣ, ҷалби ҷавонон ба ҷамъиятҳо ва ташкилотҳои

мамнӯъ бо роҳи таблиғ ва даъват ба идеологияи ифротгароӣ, аз ҷумлаи хавфу хатарҳое мебошанд, ки ба амнияти миллии кишвар таҳдид мекунанд.

Дар чунин вазъият зарурияти ҷустуҷӯйи усул ва бардоштҳои мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ, ҳифзи фазои иттилоотии мамлакат аз таҳдиду ҳамлаҳои иттилоотӣ, роҳ надодан ба оқбитаҳои ногувори ифротгароӣ ва тундравӣ, ташаккули фарҳанги иттилоотии ҷамъият аз зумраи масоиле мебошанд, ки омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи мавзуи пешниҳодшударо актуалӣ гардондаанд. Мубориза бо таҳдидҳо дар соҳаи иттилоот мавзуи таҳқиқоти амиқи олимони соҳаҳои гуногуни фанҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, омӯзиши ҳамаҷониба ва пайвастаи ин мушкилот дар шароити навовариҳои босуръати технологӣ дар ҷаҳони муосир, ки дар он ҷо ахборот, аз он ҷумла ахбороти зарарнок зуд паҳн мешавад ва бахусус иттилооти таҳрибкорона тақозо дорад, ки масъалаи пешниҳодшуда мунтазам ва пайваста таҳқиқ ва таҳлил карда шаванд.

Эҷод ва истифодаи абзорҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар намудани механизми ахборрасонӣ ва нақли ахбор ва дар таҳти назорати давлату мақомоти марбут мондани банду баст ва расонаӣ кардани иттилоот шароит фароҳам меорад, ки арсаи иттилоотии кишвар аз хатарҳои иттилоотӣ дар амон бимонад. Муваффақият дар таъмини амнияти иттилоотӣ мустақиман ба эҷоди системаи устувори ҳифзи он вобаста аст, ки ҳам сохторҳои давлатӣ ва ҳам бахши хусусиро фаро мегирад. Давлатҳое, ки дар ин самт комёбиҳои назаррас ба даст овардаанд, аз равиши бисёрсоҳавӣ истифода мебаранд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, воситаҳои техникии муҳофизат, омӯзиши кадрҳо ва фаъолият барои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар бар мегирад. Ин равиши ҳамаҷониба ба мо имкон медиҳад, ки ба намудҳои гуногуни таҳдидҳо, аз кибертерроризм то паҳншавии маълумоти бардурӯғ ва таблиғ мубориза барем.

Тавре ки бармеояд, фазои иттилоотиии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳдиди ҳамлаҳои шадиди иттилоотии беруна қарор гирифтааст.

Хатарҳои иттилоотӣ бо назардошти самти умумиашон ба чунин навъҳо ҷудо кардан мумкин аст: - таҳдидҳо ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи ҳаёти маънавию иттилоотӣ, тафаккури инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ; - хатарҳо ба низоми таъмини иттилоотии сиёсати давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон; - хатарҳо ба таъмини абзорҳо ва низомҳои иттилоотиву коммуникатсионии дар ҳудуди мамлакат амалкунанда.

Хатарҳо ба низоми иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба он ки аз кадом манбаъҳо берун меоянд, метавон ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо кард. Аз ҷумла, сарчашмаҳои хавфҳои иттилоотии беруна инҳоянд: - амали ташкилоту муассисаҳои сиёсиву иқтисодӣ, ҳарбиву иктишофӣ ва иттилоотии хориҷии ба муқобили манофеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иттилоот нигаронидашуда; - шиддатёбии рақобатҳои байналхалқӣ барои соҳиб шудан ба захираҳо ва технологияҳои иттилоотӣ; - кӯшиши гурӯҳҳои террористии байналмилаливу минтақавӣ, ки ба вайрон кардани режими дунявӣ дар кишварҳои минтақа равона шудаанд; - таҳияи стратегияҳои ҷанги иттилоотӣ аз ҷониби як қатор давлатҳои хориҷӣ, ки эҷоди воситаҳои таъсиррасонӣ ба фазои иттилоотии дигар кишварҳо, инчунин дахолат ба кори мунтазами системаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҳифзи дороиҳои иттилоотиро дар бар мегирад.

Ба сарчашмаҳои дохилии хатарҳои иттилоотӣ мансуб дониста мешаванд: - сатҳи пасти рушди заминаи қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои иттилоотӣ, инчунин маҳдуд будани амалияи татбиқи ҳуқуқ; - заиф будани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва назорати нокифояи ҳукумат ба рушди бозори иттилоот; - маблағгузории нокифоя барои фаъолияте, ки ба таҳкими амнияти иттилоотии кишвар нигаронида шудаанд; - шароити нокифоия иқтисодии кишвар барои ноил шудан ба иқтидори баланд; - бад шудани самаранокии системаи таълим ва тайёр кардани мутахассисон, инчунин нарасидани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи амнияти иттилоотӣ; - дараҷаи пасти иштироки мақомоти давлатӣ дар кори огоҳ кардани шаҳрвандон аз фаъолияти худ, нафаҳмондани қарорҳои қабулшуда, шаклгирии захираҳои кушодаи давлатӣ ва рушди низоми дастёбии шаҳрвандон ба онҳо [8].

Асноди қонунгузорӣ амиқ ба он ишора доранд, ки хатарҳои иттилоотӣ яке аз масоили муҳимтарини амнияти миллӣ мебошад ва дар ин ҳол таваҷҷӯҳро ба талошҳои дохилии таъмини амнияти иттилоотӣ равон мекунанд. Ҳуҷҷатҳо манбаъҳои берунии хатарҳои иттилоотиро таъкид мекунанд, зеро аксари ҳамлаҳои иттилоотӣ аз ҳудуди кишварҳои хориҷӣ амалӣ карда мешаванд. Гуфтанист, ки тамоми чораҳои муқовимат хислати мудофиавӣ доранд.

Тайи солҳои охир дар ҷумҳурии мо масоили вобаста ба соҳаи иттилоот ба мадди аввал баромадааст ва он аксаран аз нигоҳи таъсир ба амнияти миллӣ омӯхта мешавад, ки бесабаб нест. Дар ин росто, қайди ин нукта муҳим аст, ки Президенти мамлакат Э. Раҳмон дар баромади худ дар хусуси ҳолати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурнамои инкишофи он ва паҳлӯҳои мухталифи бехатарии иттилоотии кишвар ёдовар шуда буд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар суханрониву баромадҳояш вазъи иттилоотии кишвар ва роҳҳои ҳифзи онро аз хатарҳои иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва роҳҳои ташкили муборизаи пайгирона ва устворро бо онҳо мушаххас менамояд.

Дар баробари ин, муҳокима ва қабули як қатор қарорҳо аз ҷониби мақомоти қонунбарор дар ҳалли масъалаи мазкур ва ба роҳ мондани фаъолият дар самти мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ таъсири ҷиддӣ расонданд. Дар чаҳорчӯбаи дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат дар ҷумҳурӣ як зумра қонунҳо - «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», Дар бораи мубориза бо терроризм», «Дар бораи ҳифзи иттилоот» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи ин соҳа қабул карда шудаанд[9; 10; 11; 12].

Таҳлили хатарҳои иттилоотӣ, ки дар асоси он низоми амнияти иттилоотӣ эҷод мегардад, аз фаҳмиш, дарк ва таснияи ин хатарҳо оғоз мегардад. Дар ин росто қайд кардан зурур аст, ки шаклҳои гуногуни хатару хавфҳои иттилоотӣ дар адабиёти илмӣ тасниф шудаанд ва дар боби аввали рисола мо онро муфассал таҳлил намудем.

Ҳамгомсозии (синхронизатсия) фаъолияти иттилоотиву идеологии созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ ва хатарҳои киберӣ дар доираи марзҳои миллӣ маҳдуд намешаванд ва аз ин рӯ, мубориза бо онҳо ҳамкориҳои байнидавлатии минтақавиро талаб мекунад. Аз ин хотир, Қазоқистон бо идеяи ташкил кардани ниҳоди муштарак ҷиҳати мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ баромад кардааст. Тавре, ки президенти маркази таҳлил ва таҳқиқи ҳамлаҳои киберии Қазоқистон Олжас Сатиев изҳор кардааст, мо мехоҳем шурои минтақавиро оид ба амнияти киберӣ таъсис диҳем, зеро дар ҳоле ки муҳити минтақа ноамн аст, мо дар кишвари худ муҳити амниятиро эҷод карда наметавонем. Дар ин бора мо аллакай бо Узбекистон ва Қирғизистон аҳд бастаем ва бо Тоҷикистон оид ба амнияти иттилоотӣ, дар навбати аввал табодули иттилоот гуфтушунид бурда истодаем. Директори созмони ҷамъияти «Нигоҳи ҷавонон» Фариштамоҳ Гулова муътақид аст, ки Тоҷикистон бо кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ дар ҷорӣ кардан ва истифода бурдани технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ вобастагии зич дорад. «Кишвари мо, - мегӯяд ӯ, - чун кишвари рӯ ба инкишоф ба аз худ кардани таҷрибаи дигарон ниёз дорад. Шурое, ки дар Осиёи Марказӣ таъсис дода мешавад, барои Тоҷикистон хеле муфид аст, зеро кишвари мо аз ҷиҳати иттилоотӣ мустақил аст, мо базаи хуби қонунгузорӣ дорем, ки барои аз худ кардан ва татбиқ кардани захираҳои муҳим ва муфид имкон медиҳад».

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Осиёи Марказӣ дастрасӣ ба иттилоот маҳдуд аст ва танҳо дар Қазоқистон (86%) ва Қирғизистон (55%) беш аз нисфи аҳолӣ ба интернет дастрасӣ доранд. Дар Узбекистон ин нишондод 50,1 фоиз, дар Тоҷикистон 30,4 фоиз ва дар Туркманистон 25,3 фоизро ташкил медиҳад [1].

Коршиносон ин вазъро ба як қатор омилҳо, аз қабили қиммати гаронии алоқаи мобилӣ ва интернет, суръати пасти интернет, адами сармоягузорӣ дар зерсохтор ва тақсимоти нобаробари пойгоҳҳо марбут медонанд. Тағйирот зери таъсири омилҳои беруна, аз қабили таваҷҷуҳи ширкатҳои Чин, Русия ва Ғарб ба бозори Осиёи Марказӣ ва ниёзи дохилӣ ба рақамисозии иқтисод сурат мегирад. Дар Осиёи Марказӣ проблемаи инкишофи технологияи коммуникатсионӣ дорои як қатор омилҳои ба якдигар монанд мебошанд, ки

ки ба рақамикунии минтақа монеа эҷод мекунанд. Нархи баланди алоқаи мобилӣ ва интернет, ки на ҳамеша бо сифати хидматрасонӣ асоснок карда мешавад, яке аз монеаҳои асосии дастрасии васеъ ба шабака мебошад. Суръати пасти интернет, бахусус дар деҳот, истифодаи хидматҳои рақамиро аз таҳсили онлайн то кори фосилавӣ ба таври назаррас маҳдуд мекунад.

Қайди ин нукта муҳим аст, ки дар давлатҳои Осиёи Марказӣ зараррасонии фаъол мушоҳида шуда, кишварҳои минтақа дар қатори 10 давлати истифодабардагонаш гирифтори ҳадафу ҳамлаҳои троянҳои бонкӣ шомил карда шудаанд. Дар ҷойи аввал бо 6,7 фисад Туркманистон, дар ҷойи сеюм Тоҷикистон ва дар ҷойи панҷум бо 3,5 фисад Узбекистон қарор доранд [8]. Ҳамзамон, се ҷумҳурӣ – Қазоқистон, Туркманистон ва Тоҷикистон ба қатори 10 давлате шомиланд, ки дар онҳо кӯшиши устувор кардани барномаҳои махсус барои насли (генератсия) пинҳони арзҳои рамзгузоришуда собит шудаанд. Новобаста аз он, ки ҳамлаҳои киберӣ бо мақсади фоидаи моддӣ амалӣ мешаванд, онҳо хислати ҷиноятҳои тамоили сиёсидошта ва намудҳои киберҷиноятҳои дигарро низ доранд. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Узбекистон гурӯҳи хакерии Clone-Security ба нишони эътироз алайҳи сиёсати давлатӣ ба сомонаҳои ҳукуматӣ ва мақомоти давлатӣ ҳамлаҳо анҷом медиҳад. Аз ҷумла, 6 январи соли 2021 гурӯҳи хакерии Clone-Security сайти ҳокмиятҳои маҳаллии 10 ноҳия (Ангор, Музробот, Шеробод, Қизириқ, Бойсун, Ҷарқурғон, Кумқурғон, Алтинсой, Деҳнав, Узун) ва як вилояти Узбекистон (Сурхондарё) -ро шикаста буд [15].

Чунин амалиётҳо ё ҳамлаҳои хакерҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба қайд гирифта шудаанд. Тибқи хабари расонаҳо гурӯҳи ҷосусии «Nomadic Octopus» дастгоҳи шабакаи ширкати телекоммуникатсиониро шикаста, дар сохторҳи ҳукуматӣ амалиёти ҷосусии худро мебурд. Дар гузориш гурӯҳи таҳқиқотии швейтсарӣ аз 27 апрели соли 2023 омадааст, ки хакерҳо аз соли 202 амалиёти ҷосусии худро бо унвони «Paperbug» («гамбуски коғазӣ») пеш мебурд, ки ҳадафи он мансабдорони идораҳои давлатӣ ва кормандони объектҳои муҳимми давлатӣ ба шумор мерафтанд. Аз ҷумла, дар гузориш қайд шудааст, ки маълумотҳоро аз компютерҳо ва дигар дастгоҳҳои электронии Худоёр Худоёрзода, собиқ вазири нақлиёт, Амирхон Қурбонзода, собиқ муовини раиси вилояти Хатлон, ҳозира муовини раиси шаҳри Душанбе, Саиднахш Раҳмонзода, генерал-майори милитсия, муовини вазири корҳои дохилӣ, Абдулазиз Шарифӣ, мудири шуъбаи ИДМ дар дастгоҳи Президент рабудаанд Киберҷинояткорҳо ҳангоми фаъолияти ҷосусӣ аз Octopus – таъминотии барномавӣ барои Windows истифода мебурданд. Хакерҳои «Nomadic Octopus» ба гурӯҳи «DustSquad» мансуб аст, ки аз соли 2014 амал мекунад ва асосан фаъолияти ашхоси мансабдор ва дипломатҳоро дар Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди шуравӣ назорат мекунад.

Тавре, ки бармеояд, тибқи маълумотҳои Rapid 7 Тоҷикистон дар миёни кишварҳое, ки компютерҳои онҳо ҳарчи бештар гирифтори ҳамлаҳои хакерӣ мешаванд, ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Яке аз сабабҳои баланд будани сатҳи осебпазирӣ таваҷҷӯҳи нокифоя ба масъалаи амнияти низомҳои электронӣ мебошад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳарчи бештар мавриди таваҷҷӯҳи гурӯҳҳои хакерӣ сайтҳои ташкилотҳои ҳукуматии Тоҷикистон қарор мегиранд. Аз ҷумла, 14 январи соли 2017 хакерҳо ба сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (maorif.tj) ҳамла карда, хабарҳои расмиро бо тасвири созмони ҷангии «Ҷундуллоҳ» ва суруди миллӣ иваз намуда, ҳамчунин аз ҳукумати Русия тақозо карданд, ки аз «режими Башор Асад» пуштибонӣ накунад, занону кӯдаконро накушад, артишаш хоки Сурияро тарк кунад. Ҳамин тавр, рӯзи 13 январи соли 2015 торнамои tajembfrance.fr/-и Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Порис мавриди ҳамла қарор гирифт.

Тоҷикистон ҳоло танҳо ба экспертизаи CERT минтақавӣ дастёбӣ дорад, ки аз соли 2014 дар назди СААД амал мекунад ва ҳадафи худро дар масдуд кардани ҳамлаҳои иттиллотӣ, аз ҷумла, аз ҳудуди давлатҳои дигар мебинад. Ҳамзамон барои таъмини сатҳи зарурии амният ба Тоҷикистон CERT – и аслии худӣ даркор аст. Вай бояд ба ақидаи коршиносон маркази таҳқиқоти стратегӣ дар соҳаи амнияти киберӣ бошад, ки мониторинг

ва таҳлили шаритро ба даст гирад ва барои боло бурдани сатҳи амният ва омодагӣ ба баргардондани таҳдидҳо тавсияҳо омода кунад [6].

Вазъият дар Тоҷикистон то андозае дигар аст. Ҳуҷҷатҳои асосии танзимкунандаи масъалаҳои амнияти иттилоотӣ Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003) ва Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ (2008) мебошанд [4]. Ин ҳуҷҷатҳо, гарчанде ки барои таъмини киберамният замина мегузоранд, табиати декларативӣ доранд ва механизмҳои ба таври кофӣ мушаххасро барои танзим ва вокуниш ба таҳдидҳои киберӣ таъмин намекунанд. Набудани қонуни махсусгардонидашудаи киберамният дар чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ камбудиҳо ба вуҷуд меорад, ки метавонад мубоританзаи муассир бо ҷиноятҳои кибериро душвор созад.

Тоҷикистон дар рушди киберамният бештар мушкил дорад. Ин метавонад ба маҳдуд будани захираҳои молиявӣ, нарасидани мутахассисони соҳибихтисос, инчунин хусусиятҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар кишвар вобаста бошад. Барои баланд бардоштани сатҳи амнияти киберҷиноятторӣ Тоҷикистонро зарур аст, ки қонуни махсус дар бораи амнияти киберӣ қабул кунад, ҳамкориҳоро бо созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт таҳким бахшад, барои рушди маориф ва омодасозии мутахассисони соҳаи киберамният сармоягузорӣ кунад ва инфрасохтори мониторинг ва вокуниш ба таҳдидҳои киберӣ фаъолона рушд диҳад. Танҳо бархӯрди ҳамаҷониба, аз ҷумла ҷанбаҳои қонунгузорӣ, институтсионалӣ ва технологӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бо таҳдидҳои афзояндаи киберӣ ба таври муассир муқовимат кунад ва ба сатҳи рушди киберамниятӣ муяссар шавад. Инчунин бояд омилҳои геополитикӣ ва вижагиҳои минтақавӣ, ки ба ташаккули стратегияҳои миллӣ дар соҳаи киберамният таъсири назаррас доранд, ба инобат гирифта шавад.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки дар сурати ба дасти созмонҳо ва гурӯҳҳои киберҷиноӣ афтидани ҳамаи иттилооте, ки аҳаммияти муҳими давлатӣ доранд, чун василаи фишори сиёсӣ истифода мешаванд. Ин масъаларо директори маркази таҳлилии «Стратегияи Шарқ - Ғарб» муфассал шарҳ додааст. Бархе аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили Қирғизистон ба сиёсати давлатӣ дар самти таъмини бехатарии киберӣ ва рақамӣ тағйирот ворид кардаанд [14]. Шаҳодати ин гуфтаҳо он аст, ки соли 2020 дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамоишҳо зери шиори «рушди минтақаҳо, рақамикунии кишвар ва дастгирии кӯдакон» сурат гирифт [7]. Санадҳои муҳиме, ки ба фаъолияти технологияи иртиботиву иттилотӣ алоқамад буда, онро танзим мекунад, ин Консепсияи бехатарии иттилотии Ҷумҳурии Қирғизистон (с. 2019 – 2023) ва Нақшаи чорабиниҳои ҷиҳати татбиқи он (с. 2019) мебошанд [1].

Дар шароити муосир дар минтақаи Осиёи Марказӣ афзудани теъдоди хатарҳои алоқаманд ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсадҳои ҷиноятӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳарчанд ки аксари ҳамлаҳои дар фазои киберӣ содиршуда ба бахши молиявӣ рост омада, хислати хусусӣ доранд, новобаста аз ин рақамикунии босуботи бахшҳои мухталифи иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва фузун шудани мақоми шабакаи глобалии иттилоотӣ дар ҳамоҳангкунии амалиёти иштирокчиёни анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар дурнамои наздик метавонад ба афзудани теъдоди хатарҳо ва васеъшавии намудҳои ҳамлаҳои киберӣ: аз қаллобӣ то паҳн кардани ғояҳои ифротгароӣ дар байни табақаҳои муайяни аҳолӣ то ба ҳамлаҳо ба объектҳои саноатӣ ва низомҳои идоракунии онҳо сабаб шавад. Дар ин робита ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ баҳри таҳкими назорат бар каналҳои иртиботӣ ва ҳифзи зерсохтори иттилоотии худ иқдомҳо меандешанд. Давлатҳои Осиёи Марказӣ ташаббусҳои минтақавиро ҷиҳати таъмини амнияти киберӣ ва бартараф кардани фаъолиятҳои террористӣ дар муҳити маҷозӣ фаъолона роҳандозӣ менамоянд, Аммо, чунин тарҳҳои ҳамкориҳо суст ниҳодинаёбӣ шудаанд ва аксаран дар саҳнаҳои мубоҳисавӣ маҳдуд шудаанд. Дар марҳилаи кунунӣ давлатҳои минтақа ба такмили қонунгузориҳои давлатӣ ва чорабиниҳои созмондиҳӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ дар сатҳи миллӣ, инчунин коркарди лоиҳаҳои мутобиқ дар чаҳорчӯбаи минтақаи васеътар – Авруосиё афзалият медиҳанд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Галицына А. Э. Региональное сотрудничество стран Центральной Азии в борьбе с кибертерроризмом.// Постсоветские исследования. Т.6. № 6 (2023) с. 626 – 638. Электронный ресурс: file:///C:/Users/user16 - 101/Downloads/ regionalnoe - sotrudnichestvo - stran - tsentralnoy - azii - v - borbe - s - kiberterrorizmom% 20(2). pdf. [дата обращения: 8.01.2025]

2. Галицына, А. Э. Региональное сотрудничество стран Центральной Азии в борьбе с кибертерроризмом. Постсоветские исследования [Текст] // А. Э. Галицына. - Т.6. - № 6 (2023).

3. Гафнер, В. В. Информационная безопасность: учебное пособие в 2 ч. / В. В. Гафнер // ГОУ ВПО «Урал. гос. пед. ун-т» [Текст] //В.В. Гафнер. – Екатеринбург, 2009. – Ч.1. – 155 с.

4. Кибербезопасность и противодействие кибертерроризму и экстремизму в странах Центральной Азии // Каспийский Вестник. 04.03.2019. Электронный ресурс: http:// casp - geo.ru/kiberbezopasnost - iprotivodejstvie - kiberterrorizmu - i - ekstremizmu - v - stranahtsentralnojazii/ ?fbclid=IwAR2lB_ Q1Is5Nztnjo T57 M8ttwBkQ8RYq Gv9tkDq_3n_zhHiwyRFcwN8Zzhw [дата обращения: 7.01.2025].

5. Кибербезопасность и противодействие кибертерроризму иэкстремизму в странах Центральной Азии. Электронный ресурс: http://berlek - nkp.com/analitics/7355 - kiberbezopasnost - i - protivodeystvie - kiberterrorizmu - i - ekstremizmu - v - stranah - centralnoy - azii.html [дата обращения: 12.01. 2025]

6. Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан от 30 апреля 2008 г. // ЦБПИ «Адлия» Электронный ресурс: http://adlia.tj/show_ doc.fwx?rgn =12904 [дата обращения: 28.05.2025]

7. Концепция информационной безопасности Кыргызской Республики на 2019–2023 гг. от 3 мая 2019 г. // Министерство Юстиции Кыргызской Республики.Электронный ресурс: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru/13652?ysclid =liai3m7 vi5472708875 [дата обращения: 29.05.2025]

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.1999, №11, мод. 275; с.2005, № 3, мод.116; с.2007, №5, мод.355;с.2008, №10, мод.802; с.2012, №8, мод.816, с.2013, № 6, мод. 407; с. 2014, № 11, мод. 647, мод. 648. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 25.12.15с., № 1266) [Манбаи электронӣ : https://mfa.tj/tg/main/view/3959/qonuni - jumhurii - tojikiston - dar - borai - muboriza - bar - ziddi – terrorizm [санаи истифодабарӣ: 6.05.2025]

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иттилоот". (АМО ҶТ с. 2002, №11, мод. 696; с.2005, №12, мод. 646). ш.Душанбе, 2 декабри соли 2002, № 71. Манбаи электронӣ: https://majmilli.tj [санаи истифодабарӣ: 4.04.2025]

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2002. - №4. - қ. 2, мод. 320. - 2012, №7, мод. 698; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014. - № 1164.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2002. - №11, мод. 696. – 2005. - №12, мод. 646.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002. - №4, қ.1, мод.308; с. 2005, №12, мод.637; с. 2012, №12, қ.1, мод. 1002; с. 2013, № 7, мод. 523; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2014, № 1174.

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоотонӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001. - №7, мод. 502; соли 2005. - №12, мод. 639. [Матн] .Манбаи электронӣ : https://wipolex - resources - eu - central - 1 - 358922420655.s3. amazonaws. com/ edocs/ lexdocs laws/tg/tj/ tj035tg. pdf [санаи истифодабарӣ: 4.04.2025]

14. Открыт Центр оперативного реагирования на компьютерные инциденты - стратегический шаг в области кибербезопасности Кыргызстана - АТЦ СНГ.Электронный

ресурс: https://www.cisatc.org/1289/9141/143/9298/9299/9307/9308/9414 [дата обращения: 20.02.2025]

15. Таджикистан готовится к созданию собственного CERT. Электронный ресурс: https://digital.report/tadzhikistan-gotovitsya-k-sozdaniyu-sobstvennogo-sert/ [дата обращения: 10.10.2025]

16. Хакерская группа Clone Security взломала сайты 11 хокимиятов. В Минюсте предупредили, что за взлом сайтов можно попасть на 3 года в тюрьму. Электронный ресурс]: https://podrobno.uz/cat/proisshestviya/khakerskaya-gruppa-clone-security-vzlomala-sayty-11-khokimiyatov-v-minyuste-predupredili-chto-za-vzl/ [дата обращения: 3.02.2025]

## СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА СО СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ПО ПРЕДОТВРАЩЕНИЮ ИНФОРМАЦИОННЫХ УГРОЗ В XXI ВЕКЕ

*В данной статье автор рассматривает процессы и угрозы безопасности, с которыми столкнулась Республика Таджикистан в первой четверти XXI века в рамках сотрудничества со странами Центральной Азии. В условиях сложной геополитической ситуации и изменяющихся международных процессов страны региона, в том числе Таджикистан, сталкиваются с общими вызовами, такими как терроризм, экстремизм, незаконный оборот наркотиков, пограничные вопросы, а также проблемы, связанные с водными и энергетическими ресурсами.*

*Основная цель исследования — анализ регионального сотрудничества и стратегии Таджикистана в ответ на данные угрозы. В статье также рассматривается роль международных и региональных организаций, таких как ОДКБ, ШОС и других соответствующих структур. Кроме того, предлагаются практические рекомендации по укреплению сотрудничества и обеспечению устойчивой безопасности в регионе.*

*Автор статьи всесторонне рассмотрел существующие угрозы, представляющие опасность для безопасности Республики Таджикистан. Также он проанализировал сотрудничество Республики Таджикистан со странами Центральной Азии и подчёркивает, что в первой четверти XXI века странам региона необходимо уделить особое внимание информационным угрозам и комплексно подходить к их решению в рамках регионального взаимодействия.*

***Ключевые понятия:*** *Сотрудничество, угроза, безопасность, политика, пространство, культура, организация, сеть, информация, информационные технологии, международные отношения,* регион, кибербезопасность, СМИ (Средства массовой информации), медиа.

## COOPERATION OF TAJIKISTAN WITH CENTRAL ASIAN COUNTRIES TO PREVENTE INFORMATION THREATS IN THE 21ST CENTURY

*This article examines the processes and security threats faced by the Republic of Tajikistan in the first quarter of the 21st century within the framework of cooperation with Central Asian countries. In the context of a complex geopolitical environment and evolving international dynamics, the countries of the region, including Tajikistan, are confronted with common challenges such as terrorism, extremism, illegal drug trafficking, border issues, as well as water and energy-related problems.*

*The main objective of the study is to analyze regional cooperation and Tajikistan's strategy in responding to these threats. The article also explores the role of international and regional organizations such as the CSTO, SCO, and other relevant institutions. Additionally, practical recommendations are offered for strengthening cooperation and ensuring sustainable security in the region.*

*The author thoroughly analyzes existing threats to the national security of the Republic of Tajikistan and reviews its cooperation with Central Asian states. Special attention is given to the*

*increasing importance of information-related threats, emphasizing the need for a comprehensive approach to addressing these issues within the framework of regional collaboration.*

***Key concepts:*** *cooperation, threat, security, politics, space, culture, organization, network, information, information technology, international relations, region, cybersecurity, media, mass media.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Фозилов Комрон Ҷамолович. -докторанти (PhD) кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел: (+992) 937376696. Kom-9393fozilov@yandex.com.

**Сведения об авторе:** Фозилов Комрон Джамолович. –Докторант-PhD кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений Таджикского национального университета. Тел:(+992) 937376696. Kom-9393fozilov@yandex.com.

**Information about the author:** Fozilov K. J. -Doctoral PhD student of the Department of foreign regional studies of the faculty of international relations of the Tajik National University. Tel: (+992) 937376696. Kom-9393fozilov@yandex.com.

# РОҲҲОИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНДОНЕЗИЯ ДАР САНОАТИ ДОРУСОЗӢ

**СОҲИБИ БАҲРУЛО**
ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола роҳҳои рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Индонезия дар соҳаи дорусозӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Дар он ҷанбаҳои муқоисавӣ бо назардошти имкониятҳои бозори истеъмолӣ ва истеҳсолии саноати дорусозии Тоҷикистон ва Индонезия нишон дода шудааст. Зикр гардидааст, ки саноати дорусозии Индонезия як ҷузъи муҳими бозори ҷаҳонии дорусозиро ташкил медиҳад. Кишвар бо сабаби афзоиши миқдор, сифати талаботи дохилӣ, афзоиши иқтидори илмии соҳа ва фароҳам овардани шароити мусоиди институтсионалӣ, иқтидори баланди дохилшавӣ ба бозори ҷаҳонии дорусозӣ маҳфуз медорад.*

*Табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз гиёҳҳои шифобахш бой буда, Ҳукумати мамлакат ба коркарди гиёҳҳои шифобахш ва рушди саноати дорусозӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Имрӯз Тоҷикистон иқтидори саноати "сабз"-и дорусозиро дорад, ки ба воситаи коркарди гиёҳҳои шифобахши кишвар бозори дохилию хориҷиро таъмин намуда, имкон дорад мақоми саноати "сабз"- и дорусозӣ ба даст орад.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Индонезия, роҳҳои рушд, ҳамкорҳои дуҷониба, саноатӣ дорусозӣ, саноати "сабз"- и дорусозӣ.*

Барқароршавии муносибатњои дуҷонибаю бисёрҷониба бо кишварҳои дуру наздик, яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии давлат ба ҳисоб рафта, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, фановарӣ, ашёи хом ва маҳсулоти саноатӣ, тањкими муносибатҳои мутақобилан судмандро бо кишварњои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ, аз ҷумла Ҷумњурии Индонезия яке аз самтҳои сиёсати хориҷии худ медонад. Муносибатњои дипломатӣ байни Ҷумхурии Тоҷикистон ва Ҷумхурии Индонезия дар таърихи 27 августи соли 1994 барқарор гардида, дар давоми беш аз сӣ сол робитаҳои мутақобилан судманди миёни кишварҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ мунтаззам идома меёбанд**[8, 67].**

Тоҷикистон ва Индонезия дар тӯли 31 соли муносибатҳои дипломатӣ тавонистанд самтҳо ва соҳаҳои асосии ҳамкориҳои дуҷонибаро муайян сохта, заминаҳои ҳуқуқии онро муҳайё намоянд. Самтҳои муҳими ҳамкориҳои байни кишварҳо дар натиҷаи гуфтушинидҳо дар сатҳи олӣ муаяйн гардида, сафарҳои корӣ ва мулоқотҳои сатҳи баланд боиси рушди соҳаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илму маориф гардидааст. Яке аз соҳаҳое ки Тоҷикистон ва Индонезия дар ҳамкориҳои дуҷонибаи худ ба он таваҷҷуҳи хос менамоянд, соҳаи иқтисод маҳсуб меёбад. Созишномаи иқтисодӣ байни Љумҳурии Тоҷикистон ва Љумҳурии Индонезия оид ба њамкории иќтисодї ва техникї ба шумор рафта, ҳамкориҳои иқтисодии ду кишварро ба танзим даровардааст. Мутобиқ ба моддаи якуми созишномаи мазкур, ҳар дуҷониб бояд тадбирҳои заруриро ба мақсади инкишоф ва густариш додани ҳамкории иқтисодӣ ва техникӣ андешанд. Сарфи назар аз он дар доираи ин Созишнома самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодӣ муайян нагардидаанд. Лекин тарафҳо тибқи "Изҳороти муштарак оид ба таҳкими ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Индонезия аз соли 2016" ба хулосае омаданд, ки аз имкониятҳои зиёди иқтисоди дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, молия, бонкдорӣ, нерӯи таҷдидшаванда, бахусус гидроэнергетика, саноати сабук, аз ҷумла нассоҷӣ ва либосдӯзӣ, кишоварзӣ, моҳипарварӣ, саноати хӯрокворӣ, тандурустӣ, технологияҳои иттилоотӣ, нафту газ, содирот ва воридоти алюминий, истихроҷ ва коркарди маъданҳо, нақлиёт, логистика ва сайёҳӣ истифодаи ҳамаҷониба хоҳанд бурд**[4].** Яке аз бахшҳои асосӣ соҳаи тандурустӣ ба шумор рафта, дар ин росто яке паҳлуҳои муҳими он соҳаи саноати дорусозӣ мебошад.

Ҷои шубҳа нест, ки дар соли 2020 зуҳур ва паҳншавии коронавирус-“COVID-19” ба таназзули иқтисоди ҷаҳонӣ, коҳишёбии савдо ва ноустувории нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ овард. Аксари кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон ва Индонезия, ба норасогии маҳсулотҳои истеъмолӣ, аз ҷумла, доруворӣ рӯ ба рӯ гардида, барои тадбирҳои саривақтӣ ҷиҳати кам кардани вобастагӣ аз хориҷ, ба саноати дорусозӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намуданд. Бахусус Индонезия дар истиҳсоли доруворӣ дар минтақаи Уқёнуси Ором мақоми бузург дорад.

Мавриди зикр аст, ки воқеан ҳам саноати дорусозӣ яке аз соҳаҳои калидии иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, мутобиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид ба соҳаҳои баланди технологӣ дохил мешавад. Таъсири баланди мултипликативии инноватсионӣ ин соҳа, ки ба ҳавасмандгардонии таҳқиқот дар соҳаҳои химия, тиб, биология, физика ва дигар илмҳо имкон дода, амнияти миллии тиббиро ба таври зарурӣ таъмин менамояд. Дар даҳ солҳои охир, бозори дорусозӣ торафт рушд ёфта, ҳаҷми бозори ҷаҳонии дорусозӣ дар соли 2021 ба 484 000,0 миллион доллари ШМА арзёбӣ карда шуд. Интизор меравад, ки он то соли 2027 ба 945,000,0 миллион доллари ШМА хоҳад расид**[2].**

Дар солҳои охир маркази нави рушди саноати дорусозӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ инкишоф ёфта, дар он Индонезия яке аз истеҳсолкунандагони калидӣ ба ҳисоб меравад. Бозори дорусозии Индонезия на танҳо дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ балки дар сатҳи ҷаҳонӣ бузургтарин бозорҳо маҳсуб меёбад. Саноати дорусозии Индонезия дар маҷмӯъ 2% бозори ҷаҳонии дорусозиро ташкил дода, бо сабаби афзоиши миқдор ва сифати талаботи дохилӣ, афзоиши иқтидори илмии соҳа ва фароҳам овардани шароити мусоиди институтсионалӣ, иқтидори баланди дохилшавӣ ба бозорҳои дорусози ҷаҳониро нигоҳ медорад.

Дар соли 2020 фурӯши доруҳо дар Индонезия, 110,6 трлн рупия (7,6 миллиард доллари ШМА) арзёбӣ гардид ва тибқи маълумоти “Fitch Ratings”, ки дар ШМА ҷойгир аст, то соли 2025 ба 176,3 триллион рупия хоҳад расид**[12].** Дар тӯли 10 соли охир, бозори дорусозии Индонезия дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ босуръат рушд меёбад. Зеро дар бозори дохилии саноати дорусозии Индонезия зиёда аз 210 ширкатҳои дорусозӣ фаъолият мекунанд, ки 70%-и онҳоро ширкатҳои миллӣ ташкил додаанд. Дар ин ҳолат ҳаҷми умумии истеҳсоли доруҳо байни ширкатҳои маҳаллӣ ва мутаносибан дар таносуби 95-5% ва 75-25% тақсим карда мешаванд[1].

Бартарии инноватсионии ширкатҳои хориҷӣ дар бозори дохилии Индонезия бо назардошти афзалияти шумораии истеҳсолкунандагони миллӣ, ки аксарияти онҳо корхонаҳои хурд ва миёна мебошанд, равшан ба назар мерасад. Аз 210 ширкати дорусозӣ, танҳо 40-50 ширкати калонтарин ба вазъи бозори минтақавӣ таъсири назаррас мерасонанд ва то 80% муносибатҳои тиҷоратиро назорат мекунанд. Тибқи маълумоти Вазорати саноати Индонезия саноати дорусозӣ, 95% аз рӯи ашёи хоми воридотӣ фаъолият менамоянд**[7, 284].** Дар ҳамин ҳол, бозори доруворӣ дар Индонезия мунтазам меафзояд. Чунин сохтори тақсимот бори дигар далели таваҷҷуҳи овардани Индонезия ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ширкатҳои миллӣ мебошад ва пайдо кардан дар бозори дорусозии ин кишварро тасдиқ мекунад.

Соли 2025 Вазорати тандурустии Индонезия эълон намуд, ки ба даст овардани истиқлолияти саноати дорусозии ватанӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои афзояндаи системаи миллии тандурустӣ афзалият медиҳад. Ин ташаббус ба баланд бардоштани устувории системаи тандурустии Индонезия тавассути се стратегияи асосӣ, аз ҷумла таҳқиқот ва рушд, истеҳсолот ва кафолатҳои бозор нигаронида шудааст. Директори генералии вазорати дорусозӣ ва маҳсулоти тиббӣ Люсия Андалусия изҳор дошт, ки ҳадафи истеҳсоли ашёи хоми доруворӣ дар дохили кишвар аст ва ба ин васила вобастагӣ аз ҷузъҳои воридотиро коҳиш медиҳад. Дар давраи соли 2022 то 2024 вазорат фаъолона дар самти тағйирот дар соҳаи таъминот фаъолит намуда, ашёи хоми воридотиро бо ашёи хоми ватанӣ барои 42 ширкати дорусозӣ бомуваффақият иваз кард[5].

Қобил ба зикр аст, ки Вазорати тандурустии Индонезия барои рушдёбии соҳаи дорусозӣ ҳадафҳои зеринро барномарезӣ кардааст:

1) **Барномаи таҳқиқот ва рушди соҳаи дорусозӣ.** Иборат аз гузариш ба манбаъҳои алтернативии ашёи хоми доруворӣ ва рушди таҳқиқот дар соҳаи истеҳсоли ашёи хоми доруворӣ;

2) **Барномаи истеҳсолӣ**. Дар доираи барномаи мазкур ҳукумат кӯшиш мекунад, ки ашёи хоми ватанӣ барои истеҳсоли доруҳо афзоиш ёбад;

3) **Барномаи таъмини кафолатҳои бозор.** Барномаи мазкур барои суръат бахшидан ба истиқлолият аз воридоти доруҳо нигаронида шудааст. Ин стратегия тавассути санадҳои меъёрие, ки барои ҳавасмандгардонии рушди саноати дорусозӣ пешбинӣ шудаанд, амалӣ карда мегардад[5].

Ҳукумати Индонезия фаъолияти иқтисодии истеҳсолкунандагони миллиро тавассути ҷорӣ кардани бастаҳои махсуси қонунгузорӣ ҳавасманд намудааст, ки банди 11-уми он моҳи марти соли 2016 қабул карда шуд:

-паст кардани меъёри андоз аз фондҳои сармоягузории амволи ғайриманқул аз 5,0% то 0,5%;

-ҳамоҳангсозии санҷишҳои гумрукӣ дар бандарҳо бо мақсади кам кардани бекористии киштиҳои содиротӣ ва воридотӣ;

-додани субсидияҳо ба корхонаҳои хурду миёнаи Индонезия бо мақсади ҳавасмандгардонии ихтисосҳои ба содирот нигаронидашуда;

-таҳияи харитаи роҳ барои саноати миллии формасевтӣ, аз ҷумла сиёсат дар бахши расмиёти стандартӣ фаъолият кардани ширкатҳо**[15].**

Соли 2023 таҳти №17 Қонуни дар бораи тандурустӣ (Health Omnibus Law) қабул карда шуд, ки 11 санади меъёрии қаблиро бекор карда, муқаррароти навро барои беҳтар намудани кардани соҳаи дорусозӣ ҷорӣ кард**[20].** Аз ҷумла, қонун аз муассисаҳои тиббии давлатӣ ва хусусӣ истифодаи афзалиятноки доруҳо ва маҳсулоти тиббии истеҳсоли ватаниро талаб мекунад, ки сифат ва бехатарии онҳо ба стандартҳо ҷавобгӯ бошад. Ин талабот тавассути каталоги электронии хариди давлатӣ оид ба харид дахл дорад, ки дар он аввал доруҳои дорои ҳадди ақали ҷузъҳои маҳаллӣ 70% бояд баррасӣ карда шаванд[15]. Соли 2024 регламенти №28 аз ҷониби Ҳукумат қабул карда шуд, ки механизмҳои татбиқи муқаррароти Қонуни №17, аз ҷумла талабот ба иҷозатномадиҳӣ ва афзалияти доруҳои ватаниро мушаххас мекунад**[16].**

Тибқи дастури Президенти Индонезия таҳти №6 “Дар бораи суръат бахшидан ба рушди саноати дорусозӣ ва истеҳсоли таҷҳизоти тандурустӣ” ҳукумати кишвар барои рушди дорусозӣ, аз ҷумла ширкатҳои дорусозии маҳаллиро ба пешрафти истеҳсоли ҷузъҳои асосии доруворӣ равона кард. Индонезия кӯшиш намуда истодааст, ки вобастагии худро аз воридоти компонентҳои фаъоли дорусозӣ, ки ҳоло тақрибан 90% талаботи саноати маҳаллиро ташкил медиҳанд, коҳиш диҳад**[15].** Ҳукумат ба мақсади боло бурдани миқдори истеҳсоли дохили сиёсати давлатро татбиқ карда, барои истеҳсолкунандагони воридоти унсурҳои фаъоли дорусозӣ ва таҷҳизоти тиббиро аз имтиёзҳои андоз ва озодӣ аз боҷҳоро пешниҳод намояд[17]. Соли 2024 маркази “House of Wellness” (Хонаи самимӣ) таъсис ёфт, ки ба истеҳсоли доруҳои табиӣ аз гиёҳҳои стандартикунонидашуда равона шудааст**[21].** Индонезия барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ иҷозат дод, ки ширкатҳои дорусозии хориҷӣ 100% моликият дошта бошанд, қаблан танҳо дар доираи 85% маҳдуд гардида буд. Ин барои таҳкими истеҳсоли унсурҳои фаъоли фармасевтӣ, ваксинаҳо ва таҷҳизоти тиббӣ равона шудааст[14].

Ҳукумати Индонезия ба таҳқиқот ва рушди технологияҳои нав таваҷҷуҳи зиёд намуда, дар ин самт, робитаҳои байналмилилии худро тавқият бахшида, махсусан соҳаи истеҳсоли ваксина ва биотехнологияро ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад. Соли 2025 Индонезия бо Ҷопон барои истеҳсоли ваксинаҳо ва доруҳо аз қабили инсулин ва доруҳои хун асоси ҳамкории худро гузошт**[18].** Илова бар ин, Президенти Индонезия, Прабово Субианто бо Билл Гейтс дар бораи ташаббусҳои соҳаи тандурустӣ ва таҳияи ваксинаи нави бар зидди сил, ки дар Индонезия озмуда мешавад, мулоқот анҷом дод[13**].**

Соҳаи дорусозии Индонезия ҷавон буда, пеш аз ҳама, дар заминаи саноати рушдёфтаи друсозии ШМА, Ҳиндустон ва кишварҳои Аврупо ташаккул ёфта аст. Чи тавре аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, сиёсати дорусозии Индонезия дар маҷмӯъ бо ташкили як бахши устувор ва инноватсионӣ равона шудааст, ки метавонад талаботи аҳолии мамлакатро бо доруҳои босифат ва дастрас таъмин намояд.

**1. Сиёсати саноати дорусозии Тоҷикистон.**

Бозори саноати дорусозии Тоҷикистон, яке аз бахшҳои муҳими соҳаи тандурустӣ ва иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, фаъолияти он барои таъмини аҳолӣ бо доруворӣ ва маҳсулоти фармасевтӣ равона гардидааст. Яке аз масъалаҳое, ки дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ Маҷлиси миллӣ 23 декабри соли 2022 пешкаш гардид, рушди саноати дорусозӣ дар кишвар мебошад. Тавре Президенти мамлакат зикр карданд: "Гарчанде саноати дорусозӣ солҳои охир тадриҷан рушд ёфта, ҳоло дар кишвар истеҳсоли 340 намуди доруворӣ ба роҳ монда шудааст ва ҳаҷми маҳсулоти соҳа соли 2022 нисбат ба соли 2021-ум се баробар афзоиш ёфтааст, вале имкониятҳои истифоданашуда дар ин самт ҳанӯз хеле зиёданд"**[9].** Табиати кишвари мо аз гиёҳҳои шифобахш бой буда, Ҳукумати мамлакат ба коркарди гиёҳҳои шифобахш ва рушди саноати дорусозӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ дар Тоҷикистон 3236 муассисаи формасевтӣ фаъолият менамояд. Дар соли 2024 дар 61 корхонаи ватанӣ 571 намуд доруворӣ ва молҳои тиббӣ, ки дар умум 325 номгӯйро ташкил медиҳанд, истеҳсол карда шуданд. Ин шумора нисбат ба соли 2022 ба 6 корхона, 31 намуд доруворӣ ва 18 номгуй дору ва молҳои тиббӣ зиёд гардидааст[**3].** Ҳоло чанд корхонаи истеҳсолӣ дар бозори дохилии кишвар, аз қабили ҶДММ "Евро Дез", Корхонаи коркарди гиёҳҳои шифобахши "Табиати дармонбахш", ҶДММ "Сафо-фарма", ҶДММ "МЛМ ФАРМ", ҶДММ "Тоҷикистон табиб доруот", ҶДММ "Мероси Сино" ва амсоли инҳо, муваффақона фаъолият карда истодаанд**[6].**

Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Точикистон барои солҳои 2021 – 2025 тамоми уҳдадориҳо, мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳоро ҷиҳати пешбурди соҳа фаро мегирад. Мақсад аз таҳияи Барнома, пеш аз ҳама, таъмини рушди устувори саноати дорусозӣ дар кишвар ва беҳтар кардани дастрасии аҳолӣ ба маводи доруворӣ ва молҳои тиббии хушсифати ватанӣ мебошад.

Дар маҷмуъ агар гирем сиёсати саноати дорусозии мисли Индонезия ва Тоҷикистон ба мақсади ноил шудан ба худтаъминкунӣ, ҳавасмандгардонии навоварӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ нигаронида шуда, самтҳои асосӣ рушди истеҳсолоти дохилӣ, содда кардани танзим, дастгирии таҳқиқот ва ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ мебошад.

Ҳукумати Точикистон низ ба монанди Ҳукумати Индонезия кӯшиш намуда истодааст, ки соҳаи дорусозии ватаниро зиёд намуда, дар доираи барномаи давлатии тандурустӣ, ки яке аз самтҳои татбиқи барнома саноати дорусозӣ ба шумор меравад, аҳолиро бо доруҳои хушсифат таъмин намояд. Барои рушди корхонаҳои истиҳсолии дорусозӣ ҳукуматҳои ҳарду кишвар имконоти мусоидро фароҳам оварда, барномаҳои давлатӣ ва имтиёзҳои ҳуқуқӣ ба сармоягузорони маҳаллӣ имконоти васеъ медиҳад, бозори дохилиро бо маҳсулоти доруворӣ пурра таъмин кунанд.

Ба андешаи мо, барои дорусозони Тоҷикистон шароити хубе ба хотири ҳамкориҳои дуҷониба бо Индонезия, ки саноати пешрафтаи дорусозӣ дорад, ба вуҷуд омадааст ва онҳо метавонанд аз усулҳо ва технологияҳои пешрафтаи ин кишвар самаранок истифода баранд. Ин ба Тоҷикистон барои беҳтар кардани сифати маҳсулоти дорусозӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори дохилию байналмилалӣ кӯмаки азим хоҳад кард. Дар баробари ин байни Тоҷикистону Индонезия имкониятҳои зиёди истифоданашудаи ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун вуҷуд доранд. Бо истифода аз ин имконоти ба вуҷуд омада, Тоҷикистон метавонад саноати дорусозии худро ба яке аз соҳаҳои муҳим табдил диҳад.

Мавриди зикр аст, ки саноати дорусозӣ бешубҳа дурнамои назарраси рушди ҳамкории минбаъда дорад. Таваҷҷуҳи хоси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба самти саноати дорусозӣ ба мо имконият медиҳад, ки аз таҷрибаи Индонезия истифода карда,

самти мазкурро ҳамаҷониба омӯзем ва барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо саъю талош варзем, зеро аҳолии кишвар ба тадриҷ зиёд шуда, талаботи бозори истеъмолӣ афзоиш меёбад. Бо назардошти муҳимияти мавзуъ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дастур доданд, ки "якҷо бо дигар сохтору мақомот барои таъсис додан ва ба кор андохтани корхонаҳои муосири истеҳсоли доруворӣ, ҳамчунин, зиёд намудани ҳаҷми маҳсулот тадбирҳои зарурӣ андешанд"**[6]**.

**Пешниҳодҳо:**

**-дар Ҷаласаи дуюми Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва техникӣ.** Айни замон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 ҳамраиси қисми тоҷикистонии комиссияи байниҳукуматӣ Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҳамон давра, ҷаласаи навбатии комиссияи мазкур дар шаҳри Ҷакарта пешбинӣ шудааст. Сафари ҳайати ҳукуматии Тоҷикистон дар соли 2024 ба давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ, махсусан Индонезия сурат гирифт. Дар мулоқоти дуҷониба масъалаи ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногун, аз қабили баргузор намудани ҷаласаи дуюми Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва техникӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар иртибот ба ин пешниҳод гардид, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда байни ду кишвар ҷаласаи дуюми Комиссияи мазкур дар сатҳи муносиб дар соли 2025 барпо хоҳад гардид. Яке аз воситаҳои татбиқи самтҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Индонезия Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ба шумор рафта, бояд дар Ҷаласаи дуюми Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва техникӣ ба соҳаи дорусозӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

**-иштироки намояндагони Тоҷикистон дар Форуми байналмилалии дорусозии Индонезия.** Санаи 20-24 октябри соли 2025 дар пойтахти Индонезия шаҳри Ҷакарта Форуми байналмилалии дорусозии Индонезия, 2025 (IPEX -INDONESIA PHARMACEUTICAL EXPO 2025) баргузор мегардад[11]. Дар ин Форум иштироки намояндагони кишвари мо низ имконият медиҳад, ки таваҷҷуҳи пештари ширкатҳои дорусозиро ба кишвар ҷалб намоем, чунки саноати дорусозӣ барои кишвари мо хеле муҳим буда, Тоҷикистон иқтидори баландт саноати "сабз"-и дорусозиро дорад ва ба воситаи коркарди гиёҳҳои шифобахши кишвар метавонад дар таъмини бозори дохилию хориҷӣ мақоми саноати "сабз"-и дорусозӣ доро шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Акимова, В. В. Фармацевтическая промышленность в Индонезии: факторы развития и особенности размещения / В. В. Акимова, Е. А. Парамзина// Эволюционное страноведение: теория и практика : Сборник статей.–Москва: Московский государственный университет имени М. В. Ломоносова, 2023. – С. 132-144. – EDN ADHYLG.

2. Бако Т. Российско-венгерское сотрудничество в фармацевтической сфере и влияние антироссийских санкций / Т. Бако, И. А. З. Айдрус // Международная торговля и торговая политика. – 2022. – Т. 8, № 4(32). – С. 87-95. – DOI 10.21686/2410-7395-2022-3-87-95. – EDN KTVRBJ.

3. Зарангези Л. Рушди саноати дорусозӣ. Дар 3236 муассисаи фармасевтӣ 571 намуд доруворӣ ва молҳои тиббӣ истеҳсол шудааст.Манбаи электронӣ:https://khovar.tj/2024/02/shdi-sanoati-dorusoz-dar-3236-muassisai-farmasevt-571-namud-doruvor-va-mol-oi-tibb-iste-sol-shudaast/ [Санаи муроҷиат:11.10.2025]

4. Изҳороти муштарак оид ба таҳкими ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Индонезия. Манбаи электронӣ: https://khovar.tj/2016/08/iz-oroti-mushtarak-oid-ba-ta-kimi-amkor-bajni-um-urii-to-ikiston-va-um-urii-indoneziya/ [Санаи муроҷиат:01.07.2025]

5. Минздрав Индонезии добивается независимости отечественной фармацевтики. Электронный источник: https://rossaprimavera.ru/news/487e762b [Дата обращения: 23.01.2025]

6. Оҳистамоҳ В. Саноати дорусозӣ. чаро проблемаҳо аз байн намераванд?! “Ҷумҳурият” Санаи нашр: 05.04.2023 №:93. Манбаи электронӣ:https://jumhuriyat.tj/668-sanoati-dorusoz-charo-problemao-az-bajn-nameravand.html [Санаи мурочиат:11.07.2025]

7. Попов А. В. Экономика Индонезии: современное состояние и тенденции развития / А. В. Попов; Институт востоковедения РАН, Институт стран Востока. – Москва: Институт стран Востока, 2019. – 372 с. – ISBN 978-5-98196-026-0. – EDN QYCIEZ. С-284

8. Соҳиби, Б. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Индонезия: дастовардҳо ва дурнамо / Б. Соҳиби // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – №.3(71). – Р. 67-77. – EDN IKVVVX. С-67

9. Созишномаи иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Индонезия оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва техникӣ. 28.10.2003 шаҳри Ҷакартаи Ҷумҳурии Индонезия.

10. Фарзонаи Ф. Саноати дорусозӣ. Ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудани Пешвои миллат таҳрикбахши рушди соҳа мегардад. 25 январи соли 2023 № 16 (4599). Манбаи электронӣ//URL: https://sadoimardum.tj/wp-content/uploads/2013/03/16.pdf [Санаи мурочат:20.06.2025]

11. Фармацевтическая выставка Индонезии 2025. Электронный источник: https://ru.cantonfair.net/event/34240-indonesia-pharmaceutical-expo#registration [Дата обращения: 23.01.2025]

12. BPOM анонсировала пилотный проект электронной маркировки в Индонезии. Электронный источник:https://www.softgroup.eu/ru/2023/07/10/bpom-announced-e-labeling-pilot-indonesia/ [Дата обращения: 07.07.2025]

13. Bill Gates meets Indonesian leader to discuss health and sustainable development initiatives. Electronic source: https://apnews.com/article/indonesia-bill-gates-prabowo-subianto-free-nutritious-meals-ae4e82867e8d909945d8b5e5490fabca [Date of access:13.05.2025]

14. Developing Upstream Facilities in Indonesia's Pharmaceutical Industry.Electronic source:https://www.indonesia-investments.com/id/ business/business-columns/developing-upstream-facilities-in-indonesia-s-pharmaceutical-industry/item8190?utm_source=chatgpt.com [Date of access:13.05.2025]

15. Eleventh Stimulus Package: Pharmaceutical Industry of Indonesia // Indonesia Investments, 30 марта 2016. Electronic source/: https://www.indonesia-investments.com/news/todays-headlines/11th-stimulus- package-pharmaceutical-industry-of-indonesia/item6652 [Date of access: 10.06.2025]

16. Government Support Will Enhance Indonesia’s Pharmaceutical Manufacturing Despite Challenges. Electronic source: https://www.fitchsolutions.com/bmi/pharmaceuticals/government-support-will-enhance-indonesias-pharmaceutical-manufacturing-despite-challenges-17-01-2025?utm_source=chatgpt.com [Date of access:13.05.2025]

17. Government Support Will Enhance Indonesia’s Pharmaceutical Manufacturing Despite Challenges. Electronic source/: https://www.fitchsolutions.com/bmi/pharmaceuticals/government-support-will-enhance-indonesias-pharmaceutical-manufacturing-despite-challenges-17-01-2025?utm_source=chatgpt.com [Date of access:13.05.2025]

18. Indonesia has potential to be SEA's pharmaceutical industry center. Electronic source: https://en.antaranews.com/news/270396/indonesia-has-potential-to-be-seas-pharmaceutical-industry-center?utm_source=chatgpt.com [Date of access: 24.03.2025]

19. Indonesia to collaborate with Japan to develop pharmaceutical industry. Electronic source/: https://en.antaranews.com/news/254197/indonesia-to-collaborate-with-japan-to-develop-pharmaceutical-industry?utm_source=chatgpt.com [Date of access: 15.04.2025]

20. Indonesia: Government Regulation №. 28 of 2024 concerning Implementing Regulations for Law №. 17 of 2023 Concerning Health in Indonesia. Electronic source/: https://andamanmed.com/indonesia-government-regulation-no-28-of-2024-concerning-

implementing-regulations-for-law-no-17-of-2023-concerning-health-in-indonesia/?utm _source=chatgpt. com [Date of access:17.04.2025]
21. Indonesia: Health Omnibus Law series – Key updates on pharmaceutical preparation and medical device provisions. Electronic source: https://insightplus.bakermckenzie.com/bm/healthcare-life-sciences/indonesia-health-omnibus-law-series-key-updates-on-pharmaceutical-preparation-and-medical-device-provisions?utm_source=chatgpt.com [Date of access:24.04.2025]
22. RI's natural medicine to boost pharmaceutical industry independence. Electronic source:https://en.antaranews.com/news/305244/ris-natural-medicine-to-boost-pharmaceutical-industry-independence?utm_source=chatgpt.com [Date of access:24.04.2025]

## ПУТИ РАЗВИТИЯ ДВУСТОРОННЕГО СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА И ИНДОНЕЗИИ В ФАРМАЦЕВТИЧЕСКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

В статье изучаются и анализируются пути развития двустороннего сотрудничества Таджикистана и Индонезии в фармацевтической сфере. В нем представлены сравнительные аспекты возможностей потребительского и производственного рынков фармацевтической промышленности Таджикистана и Индонезии. Отмечено, что индонезийская фармацевтическая промышленность занимает мирового фармацевтического рынка, и страна сохраняет высокий потенциал для интеграции в мировые цепочки за счет увеличения количества и качества внутреннего спроса, роста научного потенциала сектора и создания благоприятных институциональных условий.

Природа Республики Таджикистан также богата лекарственными травами, и правительство страны уделяет особое внимание переработке лекарственных трав и развитию фармацевтической промышленности. Кроме того, в Таджикистане имеется потенциал для «зеленой» фармацевтической промышленности, которая обеспечит внутренний и внешний рынки за счет переработки лекарственных трав страны, одновременно предоставив стране статус «зеленой» фармацевтической промышленности. В этой связи фармацевтическая промышленность этих стран имеет важное значение и может стать одним из путей развития двустороннего сотрудничества между Таджикистаном и Индонезией.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Индонезия, пути развития, сотрудничество, двустороннее, фармацевтическая промышленность, «зеленая» фармацевтическая промышленность.

## WAYS TO DEVELOP BILATERAL COOPERATION TAJIKISTAN AND INDONESIA IN THE PHARMACEUTICAL INDUSTRY

The article studies and analyzes the development paths of bilateral cooperation between Tajikistan and Indonesia in the pharmaceutical sector. It presents comparative aspects of the capabilities of the consumer and production markets of the pharmaceutical industry of Tajikistan and Indonesia. It is noted that the Indonesian pharmaceutical industry occupies of the global pharmaceutical market, and the country retains high potential for integration into global value chains by increasing the quantity and quality of domestic demand, growing the scientific potential of the sector and creating favorable institutional conditions.

The nature of the Republic of Tajikistan is also rich in medicinal herbs, and the government of the country pays special attention to the processing of medicinal herbs and the development of the pharmaceutical industry. In addition, Tajikistan has the potential for a "green" pharmaceutical industry, which will provide domestic and foreign markets through the processing of the country's medicinal herbs, while simultaneously granting the country the status of a "green" pharmaceutical industry. In this regard, the pharmaceutical industry of these

countries is of great importance and can become one of the ways to develop bilateral cooperation between Tajikistan and Indonesia.

**Keywords:** Tajikistan, Indonesia, development paths, cooperation, bilateral, pharmaceutical industry, "green" pharmaceutical industry

**Маълумот бар бораи муаллиф**: Соҳиби Баҳруло-ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо, суроға:734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33; тел.:(+992) 917-82-02-02; E-mail:sohibbahrulo@gmail.com

**Сведения об автора:** Сохиби Бахруло-научный сотрудник отдела ЮгоВосточной Азии, Института изучения проблем стран Азии и Европы. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, тел.:(+992)917820202; Email:sohibbahrulo@gmail.com

**About the author:Sohibi Bahrulo-**Research Fellow, Department of Southeast Asia of Institute of studying of the Issues of Asian and European countries. 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33, tel.: (+992) 917820202; E-mail:sohibbahrulo@gmail.com

# АЗ ИХТИЛОФ ТО ИТТИҲОД: ШОҲРОҲИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**ДАВЛАТОВ ЗУБАЙДУЛЛО АБДУЛЛОЕВИЧ**
ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустаъқили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақолаи мазкур масъалаи муҳими давлатсозию давлатдорӣ- Ваҳдати миллӣ, ҳамгироӣ, сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ мавриди таҳлилу тафсир қарор гирифтаанд. Муаллиф омилҳои ба амнияту суботи ҷомеаи шаҳрвандӣ мусодаткунанда аз қабили истиқрори сулҳ, ризоияти миллӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ҳувияти миллӣ, содиқ будан ба давлату миллатро дар таъмини сулҳи сартосарӣ ва ба даст овардани ваҳдати ҷомеа омилҳои авлавиятнок меҳисобад.*

*Табиист, ки дар давраи нави таърихӣ арзишҳои нав ба вуҷуд меоянд. Аммо арзишҳои давлатсозу миллатсоз, яъне арзишҳои аслӣ ба мисли таҳкими Истиқлолу Ваҳдати миллӣ, эҳтироми низоми қонунии давлат ва ҷомеаи маданӣ, ифтихор аз шаҳрвандӣ, садоқату самимият ба давлату миллат ба худ мазмунҳои нав касб намуда, мутобиқ ба мазмуни даврони соҳибистиқлолӣ такмил меёбанд. Яъне арзишҳои аслӣ аз байн намераванд, балки такмили шаклу мазмун менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *ваҳдати миллӣ, истиқрори сулҳ, ризоияти миллӣ, арзишҳои аслӣ, ватандӯстӣ, садоқату самимият, омилҳои давлатсозу миллатсоз, фарҳанги сиёсӣ, худогоҳии миллӣ.*

Барои побарҷоӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ иттиҳод, ҳамгироӣ, сулҳу ваҳдати тамоми шаҳрвандон, суботи сиёсӣ омили бисёр муҳим ба шумор меравад. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дасисаву фитнаангезии қувваҳои ифротгароӣ дохилӣ ва пуштибонҳои пасипардагии хориҷии онҳо ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Ихтилофангезони дохилӣ бо дастгтрии неруҳои террористии беруна аз ихтилофҳои дохилӣ истифодо бурда ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ доман мезаданд.

Аҳамияти бузурги истиқрори сулҳ ва ризояти миллиро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро таҳкимбахшандаи пояҳои Истиқлоли давлатии Тоҷикистон арзёбӣ намудаанд. Ваҳдати миллӣ дар таърихи даврони Истиқлоли давлатӣ моҳиятан дастоварди муҳимтарин аст. Имрӯз муҳимтарин рисолат барои тоҷикон ва ақаллиятҳои милллие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ватани худ меҳисобанд, таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ мебошад[3].

Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба сифати раванди ниҳоят мураккабу серпаҳлу омузиши хосаро талаб менамояд. Нақши Иҷлосияи тақдирсози XVI – уми Шӯрои Олӣ ва Раиси навинтихобшудаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳи тоҷикон ҳалкунанда буд. Иқдоми Раиси Шӯрои Олӣ он вақт тасмимгирии саҳлу сода набуд, ҷуръату мардонагии бузургеро талаб менамуд. Сарвари ҷавони давлат дар роҳи барқарор сохтани сулҳ ва эҷоди фазои Ваҳдати миллӣ ҷон ба каф гирифта, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳи тоҷикон сафарҳои пурхатар анҷом дода, бо такя ба мардуми хирадманди Тоҷикистон сулҳу ваҳдатро дар мамлакат барқарор намуданд.

Аҳамияти Ваҳдати миллӣ барои давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон омили тақдирсоз маҳсуб меёф. Ҳамин андешаро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намуда буданд:"Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бо аҳаммияти бузурги худ бо Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба ҷумҳурии мо ба таври расмӣ истиқлолият ва соҳибихтиёриро дода бошад, пас Созишнома дар ватани мо сулҳу салоҳро таъмин намуд. Агар дар ватани

мо бо шарофати созишнома сулҳу салоҳ пойдор намегардид, хатари аз даст додани истиқлолият ба мо таҳдид мекард”[9,57].

Вақте давлатҳо ба истиқлол мерасанд, ин ҳанӯз ибтидои роҳи давлатсозию миллатсозист. Табиист, ки дар давраи нави таърихӣ арзишҳои нав ба вуҷуд меоянд. Аммо арзишҳои давлатсозу миллатсоз, яъне арзишҳои аслӣ ба мисли таҳкими Истиқлолу Ваҳдати миллӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми низоми қонунии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ифтихор аз шаҳрвандӣ, садоқату самимият ба давлату миллат ба худ мазмунҳои нав касб намуда, мутобиқ ба мазмуни даврони соҳибистиқлолӣ такмил меёбанд. Яъне арзишҳои аслӣ аз байн намераванд, балки такмили шаклу мазмун менамоянд. Муҳим он аст, ки ин арзишҳо муайянкунандаи симою тафакури миллӣ бошанд. Ба фарҳанги фардҳо, наслҳо ва халқҳо табдил ёбанд. Фарҳанги миллии мо забони умумибашарӣ дорад. Пайкари миллат аз гили ҳамин арзишҳо ва дигар арзишҳои умумибишарӣ сохта шавад, фатҳи ҳама гуна ҳадафҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ имконпазир мегардад. Ҳар насле, ки пой бар остонаи мактаб мениҳад, бояд доранда ва барандаи арзишҳои миллию давлатӣ бошад. Дар ин ҷода нақшу заҳмати падару модарон, омӯзгорону устодон, ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муайянкунанда ва ҳалкунанда мебошад, зеро барои фарогир шудани Ваҳдати миллӣ он бояд дар шаклу сатҳи як тафаккур ва як фарҳанг асоси ҳувияти наслҳоро ташкил диҳад.

Дар давраҳои ҳассосу душвори сиёсӣ тамоми неруҳои рӯҳии инсон фаъол мегарданд. Дар давлату ҷомеа зиндагӣ намуда, аз сиёсати давлат берун будан ё мувофиқ ба талаботи расмии ҷомеа назистан имкон надорад. “Мо метавонем ба сиёсати ҷаҳонӣ кор надошта бошем, аммо сиёсати ҷаҳонӣ ба мо кор дорад. Яъне шинохтани сиёсати ҷаҳон, шинохтани фаъолу ҳушмандона барои мо фарз аст. Аввалин, заруртарин, муассиртарин қадами ин фарз андешаи ваҳдати миллат аст,  ваҳдати пӯлодин ва устувору осебнопазир. Дар назар ҳам дошта бошем, ки имрӯз хатти набардҳои беамон на дар ҷабҳаи Сурия, балки хатти набард аз зеҳнҳои мо мегузарад. Набарди ҷаҳонӣ  барои тасарруфи андешаҳо ҷараён дорад. Табиати инсон низоъ  ва ихтилоф дорад, аммо инсон бояд қудрате дошта бошад, ки ин ихтилофу низоъҳои ногузирро лаҷом зада тавонад. Ин гуфтугӯҳо, малолу хафагиҳо метавонад дар хонавода бошад. Миёни дӯстон бошад, дохили ҳизбҳо бошад, аммо ба манфиати миллат роҳ наёбанд. Рахна дар ваҳдати миллӣ, рахна дар тақдири ҳар як шаҳрванд аст, тири ҳалокати ҳар як нафар аст”[6,354].

Арзиши мафҳуми ватандӯстӣ барои тоҷикон эҳсоси ирсӣ, меросӣ, таҷрибавӣ ва ҳам таърихист. Ватани дониш китоб аст, бахусус ватани арзишҳои ватандӯстию инсонпарварӣ. Ватандӯстӣ таҷрибаи зиндагии наслҳову миллатҳост, ки дар ёди таърихӣ, китобнавиштаҳо ва дар эҷодиёти шифоҳии халқ барои оянадагон ба мерос мегузарад. Ин мерос гаронбаҳост, зеро воситаи ҳифзи ватану истиқлолияти он аст. Ин таҷрибаи зиндагӣ аз фард ба фарзандон аз фарзандон ба авлод, аз авлод ба наслҳо ва аз наслҳо ба миллат ба мерос мегузарад ва он яке аз арзишҳои миллист.

Ватандӯстӣ мисли дигар равандҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва арзиши тафаккурӣ асоси ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои худро дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо «Дар бораи маориф», «Дар бораи маълумоти олӣ ва баъди мактаби олӣ», «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи собиқадорон», «Дар бораи рӯзҳои шаъну шарафи ҳарбӣ (рӯзҳои ғалаба)-и Тоҷикистон» «Дар бораи абадӣ гардонидани Ғалабаи халқи Шуравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар солҳои 1941-1945», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24.12.2022 дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ ба шумор мераванд[10].

Муҳаммадҷони Шакурӣ хеле ба ҷо ва олимона мегуяд: “Агар имрӯз зарур омадааст, ки манфиатҳои кунунии миллатро бо амиқбинӣ муайян кунем, лозим аст, ки сарнавишти таърихии миллат амиқан ба андеша гирифта шавад, идеалҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ ва ахлоқии вай, ки решаҳои амиқрафтаи таърихӣ доранд, гаштаву баргашта

ҳаматарафа ба санҷиш оянд, то ки худогоҳии миллат амиқтар равад ва мардум бо огоҳӣ аз худ ба сӯи фардо қадам гузоранд[5,22].

Вақте давлатҳо ба истиқлол мерасанд, ин ҳанӯз ибтидои роҳи давлатсозию миллатсозист. Табиист, ки дар давраи нави таърихӣ арзишҳои нав ба вуҷуд меоянд. Аммо арзишҳои давлатсозу миллатсоз, яъне арзишҳои аслӣ ба мисли таҳкими Истиқлолу Ваҳдати миллӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми низоми қонунии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ифтихор аз шаҳрвандӣ, садоқату самимият ба давлату миллат ба худ мазмунҳои нав касб намуда, мутобиқ ба мазмуни даврони соҳибистиқлолӣ такмил меёбанд. Яъне арзишҳои аслӣ аз байн намераванд, балки такмили шаклу мазмун менамоянд. Муҳим он аст, ки ин арзишҳо муайянкунандаи симою тафакури миллӣ бошанд. Ба фарҳанги фардҳо, наслҳо ва халқҳо табдил ёбад. Фарҳанги миллии мо забони умумибашарӣ дорад. Пайкари миллат аз гили ҳамин арзишҳо ва дигар арзишҳои умумибишарӣ сохта шавад, фатҳи ҳама гуна ҳадафҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ имконпазир мегардад. Ҳар насле, ки пой бар остонаи мактаб мениҳад, бояд доранда ва барандаи арзишҳои миллию давлатӣ бошад. Дар ин ҷода нақшу заҳмати падару модарон, омӯзгорону устодон, ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муайянкунанда ва ҳалкунанда мебошад, зеро барои фарогир шудани Ваҳдати миллӣ он бояд дар шаклу сатҳи як тафаккур ва фарҳанг асоси ҳувияти наслҳоро ташкил диҳад. Соҳибназари испанӣ Ҷорҷ Сантана дар бораи сабақҳои таърих андешаронӣ намуда, барҳақ фармудааст: “Онҳое, ки аз таърих сабақ намегиранд, маҳкум ба такрораш мебошанд”[7].

Мо, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд нисбати тақдири минбаъдаи давлату миллат эҳсоси масъулият дошта бошем. Ин масъулият ҳам ифтихорист ва ҳам инкори бетарафии ҳар яки мо. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ ба шарофати роҳбарии хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шарофати меҳнатпарастӣ, матонату диловарӣ ва хирадмандии шаҳрвандон як ҷомеаи умумии шаҳрвандии хубе бунёд ёфтааст, ки дар он миллатҳои гуногун, ақаллиятҳои миллӣ паҳлуи ҳам дӯстона дар фазои сулҳу созиш умр ба сар мебаранд ва дар таҳкими минбаъдаи Истиқлолу Ваҳдат саҳми муҳим мегузоранд.

Ягонагии мардуми мамлакат, ваҳдати ҳамаи қишрҳои ҷомеа, таҳкими иттиҳоди иҷтимоӣ муҳимтарин вазифаи дастгоҳи идораи давлат ба шумор меравад. Дар раванди давлатсозӣ аз хатоҳои гузашта хулосаҳои аниқу дақиқи илмӣ баровардан лозим аст. Фаромӯш набояд кард, ки хатои гузашта сабақи оянда аст. Он (Ваҳдати миллӣ) кафолоти амнияти дохилии давлат мебошад. Рушди иқтисодӣ, иҷтимоиг ва демократии кишвар танҳо дар сурати нигаҳдорӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ имкон дорад. Таъмини Ваҳдати миллӣ шарти муҳими таъсиси ҳамон давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоист, ки мо мехоҳем. Мамлакатҳое, ки Ваҳдати миллиро таҳким бахшидаанд, рушди устувор доранд ва қуллаҳои баланди иқтисодиро фатҳ мекунанд[4,70 -71].

Бояд дониста бошем, ки татбиқи орзуву ормонҳои миллат ба зиндагии шоиста ба татбиқи воқеии ҳадафҳои давлатӣ вобастагӣ дорад. Амалишавии ин ҳадафҳо мазмуни фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ аст. Таъкид ин аст, ки мо шаҳрвандон бо такя ба заҳмати ғайратмандона ба амалӣ гардидани ин ҳадафҳо бояд мусоидат намоем. Ин аст бори масъулияти ватандӯстиро ба зимма доштан!

Дар ин ҷода дӯстию ваҳдати ҳамаи табақаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ лозим аст. Муттаҳидии мо дар атрофи Пешвои миллат, ҷонибдорӣ аз таъкиду ҳидоятҳои он, якмарому якмақсад будани аҳли ҷомеа, масъулияти шахсии ҳар яки мо нисбати ояндаи сулҳу осоиши ватан аз ҷумлаи омилҳоеанд, ки пешорӯйи он ҳеҷ гуна душвориҳо тобовар нахоҳанд буд. Хизмати садоқатмандонаю софдилона ба давлату миллат арзиш ва мавқеест, ки онро ба ҳеҷ чизи дигар қиёс кардан номумкин аст. Дар дарозои таърих инсоният шакли ҳамагонии рушд эҷод накардааст, ки барои ҳамаи миллатҳою давлатҳо қобили қабул бошад. Мамлакатҳои гуногун бо роҳҳои хосси худ, вале бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ рушд менамоянд. Мазмун ва мундариҷаи шароити таърихӣ боиси вижагиҳои роҳи инкишофи давлатҳою миллатҳо гардидааст. Таърих борҳо исбот

намудааст, ки дар эъмори давлат ва истиқлоли он такя ба қувваҳои беруна натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Таърих омӯзгори ҳақгӯю сахтгир аст. Аз сабақҳои таърих мехоҳам чунин ҳақиқатеро хотирнишон кунам, киояндаи ҳар одам ва тақдири ӯ ба таври ҷудонопазир ба оянда ва тақдири мамлакат ва тамоми миллат вобастагӣ дорад. Агар ҳоли мамлакат ва миллат беҳ бошад, аҳволи ҳар яке аз шаҳрвандон низ дар алоҳидагӣ хуб хоҳад буд. Ҳанӯз 30 апрели соли 2004 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намуда буданд: «Аз байни ҳама корҳои анҷомдода ва комёбиҳои бадастовардаамон дар ин давра мехоҳам оромии ҷомеа, сулҳу суботи сиёсӣ ва сарҷамъии мардумамонро махсус таъкид намоям. Сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар ҳақиқат неъмати бузург аст ва ба қадри он расидан барои ҳар як шахси бонангу номус ва худшиносу худогоҳи миллат фарз мебошад. Зеро он мақсадҳои бузурги созандагиро, ки доир ба ободииояндаи Ватан, таҳкими иқтидори иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқамон пеш гирифтаем, танҳо дар сурате амалӣ карда метавонем, ки ҳамаи мо, сарфи назар аз мансубияти ҳизбӣ ва мавқеи иҷтимоӣ, сулҳу оромии кишварро чун муқаддасоти миллӣ эҳтиром ва ҳифз намоем»[8].

Имрӯз татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳон амалӣ шуда истодаанд. Дар ин шароити мушкил барои пешрафти давлат ва ҷомеа шарти асоси сулҳи пойдору ваҳдати миллатҳо ва суботи дохилии мамлакат ба шумор меравад. Таҳкими системаи ҳифзи ҳуқуқ, ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ низ зарур аст. Таҳлили равандҳои фарҳангию сиёсии дохилӣ ва ҳодисаҳои сиёсии баъзе давлатҳои ҷаҳон дар солҳои охир нишон медиҳад, ки дар як қатор ин гуна давлатҳо ҳатто устувории ҳокимияти сиёсӣ низ ба чигунагии муносибати давлат ба фазои иттилоотӣ то андозае вобастагӣ пайдо кардааст.

Аҳамият ва ҳассосияти омӯзиши масъалаи фазои иттилоотии давлатро ба назар гирифта, имрӯз дигар кишварҳо, ташкилотҳои хориҷӣ ба омӯзиши ин масъала, хусусан масъалаи мазмун ва мундариҷаи маводи дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет нашршаванда, муайян намудани самти андешаҳои гурӯҳҳои гуногуни давлатҳои алоҳида машғул мебошанд. Давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналхалқӣ низ барои амалӣ намудани лоиҳаҳо ва чорабиниҳо дар соҳаи «рушди технологияҳои иттилоотӣ» маблағҳои зиёдеро дар ихтиёри ин ташкилотҳо мегузоранд. Онҳо бо иҷро намудани лоиҳаҳои гуногуни ба ном «илмӣ» ва «тадқиқотӣ» дар ҳамкорӣ бо баъзе ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии дохилӣ, муносибати қишрҳои гуногуни ҷомеа ва мардуми одӣ ба шабакаҳои иҷтимоиро омӯхта, фикри онҳоро дар бораи сиёсати давлатӣ дар ин масъала ҷамъ меоранд[2].

Зиёд шудани саҳифа, сомона ва контентҳои ташкилотҳои экстремистию таррористӣ дар шабакаҳои интернетӣ аз назари амнияти миллии мамлакат ташвишовар аст. Мавриди диққати ҷиддӣ ва ҳатто ташвиш он аст, ки дар семинарҳо ва назарпурсиҳои онлайнӣ, ки ин ташкилотҳои ифротию террористӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд, илова бар омӯхтани фикри ҷавонон боз ба онҳо андешаҳои махсусро талқин мекунанд. Дар аксари маврид ба зеҳни онҳо руҳияи норозигӣ ва эътироз гузошта, навъе ба таври ноаён шӯронидани онҳоро бар зидди вазъияти мавҷуда ва бар зидди сиёсати давлатӣ ба роҳ мемонанд. Ҳарчанд номи расмии ин чорабиниҳо метавонад семинару назарсанҷиҳо дар мавзуи муайян бошад, вале дар асл ташкилотҳои экстремистию таррористӣ ба ин восита маълумоти бисёр фаровон ва бевоситаро дар бораи руҳияи мардум, вазъияти зиндагӣ ва андешаҳои сокинони минтақаҳои гуногун ба даст меоранд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бисёре аз ин ташкилотҳо зери пӯшиши «тадқиқоти илмӣ» корҳои бисёр нозуки ҷамъоварии маълумоти барои худ заруриро анҷом медиҳанд. Қобили қайд аст, ки ҳеҷ як кишвари минтақа набояд дар баробари воқеаҳои дар ҷаҳон рухдиҳанда бетарафӣ зоҳир намояд ва ҳамватанони мо низ набояд бар ин андеша бошанд, ки бенизомию бетартибиҳои дар олам рухдода марзи мову мағзи моро рахна намекунанд. Агар чунин андешем, содагие беш нест, зеро ин бетартибиҳо таъсири калони

мафкуравӣ доранд. Ячейкаҳои хуфтаи ифротию террористии дар минтақа амалкунанда нусхаи тафаккури ифротгароёни даст ба эътирозу вайронкориҳо задаро дар тафаккури худ нусхабардорӣ намуда, ба он пайравӣ мекунанд ва дигаронро ташвиқ месозанд. Ғафлату бетафовутӣ дар кишварҳои араб ба чӣ фоҷиаҳо овард, барои ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ва ҳар шаҳрванди Тоҷикистон бояд дарс бошад, дарсе, ки аз он хулосаи дурусти мантиқӣ бояд баровард.Таҳлили равандҳои фарҳангию сиёсии дохилӣ ва ҳодисаҳои сиёсии баъзе давлатҳои ҷаҳон дар солҳои охир нишон медиҳад, ки дар як қатор ин гуна давлатҳо ҳатто устувории ҳокимияти сиёсӣ низ ба чигунагии муносибати давлат ба фазои иттилоотӣ то андозае вобастагӣ пайдо кардааст.

Ҳоло дар саҳифаҳои сомонаю шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ифротиёни зиёде ҳузур пайдо намудаанд ва алайҳи манофеи давлату миллати тоҷик баромад мекунанд, ки ҳадафмандона идора мешавад. Аз ин рӯ, бояд аз ҳоло даст ба кор шуд ва бар зидди ин гуна иғвоангезиҳои беасосу бемаврид дар шабакаи ҷаҳонии интернет мубориза бурд . Дар фазои интернетии Тоҷикистон барнома, гуфтору наворҳои хашину тахрибию ифротӣ кам нестанд, балки рӯ ба зиёдшавӣ доранд. Қишрҳои осебпазири ҷомеа чун ба саҳифаҳои интернет ворид мешаванд, маводро мутолиа мекунанду ноогоҳона ба иғво дода мешаванд.

Аз ин рӯ, набояд дар чунин вазъият бетафовутӣ зоҳир кард. Балки вақти он аст, ки аҳли қалам, зиёиён, намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ, собиқадорони кордидаву таҷрибаи ҳаётандӯхта дар сомонаҳои интернетӣ маводу навору таҳлилу андешаҳои арзишманди ватанпарваронаи худро ҷой диҳанд, яъне дар фазои маҷозӣ «контенти мусбат» офаранд. Фазои маҷозии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба фазои тарғиби сулҳу салоҳ, суботу ваҳдат, дӯстии халқҳою миллатҳо бояд табдил дод. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ таҳлилҳо, мақолаҳо, мавқеъгириҳо, вокунишҳо, маводи ташвиқотию арзишсоз, савтию тасвирии ватандӯстонаро бояд ба таври васеъ ҷой дод. Зарур аст, ки ба хотири таъмини пешрафти зиндагӣ, ҳифзи сулҳу суботи комил дар фазои маҷозӣ сангардор ва муҳофизи Ватани азизамон бошем. Дар ин арсаи корзор истодагарӣ намудан, муваффақ шудан, далерию нотарсӣ нишон додан аз қаҳрамониҳои майдони набардҳои воқеӣ камӣ надорад. Ин андеша ҳосили мушоҳидаҳо аз набардҳои интернетӣ, киберӣ ва иттилоотии солҳои охир дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна ба шумор меравад.

Вазъи минтақа зери таъсири таҳаввулоти ҷаҳонишавӣ, таъсири бевоситаи вазъи печидаву вахими имрӯзи ҷаҳон тезутунд ва нигаронкунанда шакл гирифтааст. Ин вазъияти печида обистани хатарҳо аст. Хатар ба давлату миллат хатар ба ҳар шаҳрванд, ба ҳар яки мо аст. Аз ин рӯ, замоне фаро расидааст, ки таҳдидҳои сиёсию геополитикӣ, идеологию амниятӣ, арзишию тамаддунӣ дарк ва омӯхта шаванд, тасвиру тафсир гарданд ва дар ин замина тадбирҳои фавриро бояд ба роҳ монд. Фаромӯш набояд кард, ки масъулияти пойдории давлати миллӣ, истиқлолу суботу оромии он вазифаи ҷониву имонии ҳар фарди солимфикри Тоҷикистон аст.

Ба вуқӯъ омадани тақсимоти нави ҷаҳон байни абарқудратҳо ва қудратталабон ба ҳаёти башарият тағйироти куллӣ ба миён овард. Ҷаҳонишавӣ дар худ имконияти бузурги пешрафт ва дар айни замон таҳдидҳои ҷиддиро ба ҳаёти башарият омезиш додааст. Таъсири манфӣ ва таҳдиди раванди ҷаҳонишавӣ ба шуур ва маънавиёти ҷомеа тавассути васоити ахбори омма, ки дорои неруи бузурги таъсиррасонӣ мебошанд, эҳсос мегардад ва дар баробари талқини сулҳу субот ва неъмати оромӣ ҳамзамон иттилоот ва ВАО дар тарғибу ташвиқи ақидаҳои гурӯҳу созмонҳои террористӣ, ки ин зуҳурот бошандагони сайёраро ба ҷунбиш овардааст, нақши гӯшношунид касб кардааст. Ҳамзамон ВАО дар амалӣ намудани манфиати ин ё он қувваву гурӯҳҳои муайян ба тариқи конкретӣ истифода мешавад ва таҷрибаи дилхоҳеро низ баҳри қуввaҳои манфиатҷӯ ба бор овардааст. Ҳамагон бояд донанд, ки таассуб дар ҳар шакли ба омма дастрас, метавонад хушунатзо бошад. Он, ки тафаккури таассубӣ дорад, ба терроризму ифротгароӣ ба осонӣ гузариш мекунад. Террорист аҳли гуфтугӯ ва муколама нест. Таассуби динӣ нисбат ба илм, мухолифати меҳробу минбар роҳест ба сӯйи бунбасти тафаккур, роҳест, ки инсонро ба нокуҷо мебарад. Ба гуфтаи Абурайҳони Берунӣ, «таассуб чашмҳои биноро кӯр мекунаду гӯшҳои шуноворо кар месозад». Террористону ифротгароён

воқеияти зиндагиро дуруст дарк намекунанд, аз воқеияту рӯйдодҳо хулосаҳои нодуруст мебароранд. Онҳо аксар вақт аз аҳкоми динӣ донишҳои ноқис доранд. Вокунишашон ба андешаю амали дигарон хушунатбор аст.

Кори таълиму тарбия, таҳкиму такмили ҳамаи ниҳодҳои давлатию ҷамъиятро тавре ба роҳ монем, ки онҳо бар асари ивазшавии роҳбар ё наслҳо боиси комилан дигаршавии аслҳою муқаддасоту арзишҳо нагарданд, балки онҳо таҳкиму такмил ёбанд. Андешаи таъкиди он аст, ки маҳз муҳофизат ва таҳкими истиқлол, Ваҳдати миллӣ, дӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон, амнияту субот ояндаи неки ҳар як давлат, аз ҷумла Ватани азизи моро таъмин мекунад. Сиёсати ислоҳот ва дарҳои боз, ки он зодаи хиради волои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, кафили он аст, ки роҳи дурусти пешрафту инкишофи мамлакат интихоб шудааст.

Мамлакати ваҳдатбунёду босубот, мамлакате, ки дар он сулҳу амнияту истиқлол ба воқеият табдил ёфтаанд, шикастнопазир аст. Таъриху решаи муштарак дар ниҳоди ҳар соҳибватан эҳсоси гарми таваҷҷуҳ ба ҳамдигарро қувват мебахшад, руҳи миллат–руҳи умумӣ боиси ҳамдилӣ мегардад. Ба гуфти Мавлонои бузург «ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст». Орзуҳои ормонӣ, ҳадафҳои умумӣ, тақдири муштараку Ватани ягона ва ифтихор аз муқаддасоти миллӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳам мепайванданд ва ин пайванд омили муҳимми қавитар гардидани Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст.

Дар низоми ҷаҳони имрӯз ваҳдати назар нисбат ба равандҳои зудтағйирёбандаи муосир вуҷуд надорад. Бештар ҷонибдорӣ аз манфиатҳои миллию давлатӣ муаянкунандаи симои сиёсии давлатҳою қудратҳою созмонҳост. Ниҳодҳое, ки ба тафаккуру ҳувияти шахсият таъсиргузор ҳастанд, аз ҷониби абарқудратҳои давр мудирият мешаванд.

Таърихи гузашта, муосир ва таърихи ояндаи миллат пайванди ҳамешагӣ доранд. Миллати тоҷик аз бомдоди таърих сабақҳои талху омӯзанда бардоштааст. Агар дар ҳамаи ниҳодҳо, чи давлатию чи ҷамъиятӣ салоҳият ба масъулият мутобиқ бошад, кор осону самаранок мегардад. Ҷавҳари аввалини саодати башар сулҳ аст.. Арзишдиҳии олӣ ба сулҳ аз он ҷиҳат муҳим арзёбӣ мегардад, ки инсоният бидуни ҳамрайъӣ ва ҳамбастагию сулҳ наметавонад зиндагии шоистаи хешро таъмин кунад ва ба ҳадафҳои оливу созанда расад[1,87].

Нишондиҳандаи аслии тамаддун низ сатҳи доройӣ, калонии шаҳрҳо ва фаровонии ҳосилҳо нест, балки чеҳра ва сиришти инсонест, ки мамлакат парвариш мекунад. Мо ба тоҷик истиқлол бахшидем, акнун бояд ваҳдати Тоҷикистонро таҳким бахшем. Хоса, ки андешаи миллии мо ҳамин Ваҳдати миллист. Ваҳдати миллӣ ва эътидоли иҷтимоӣ имкон ба вуҷуд оваранд, ки деҳқон кишт кунаду ҳосил бардорад, корхонаҳои саноатӣ кор кунанду маҳсулот офаранд, шаҳрвандон шуғли доимӣ дошта бошанд. Ба таври дигар гӯем, оромишу осоиш ҳукмфармо бошад.

Масъалаи муҳими давлатсозию давлатдорӣ- Ваҳдати миллӣ, ҳамгироӣ, сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ омилҳое мебошанд, ки пояҳои истиқлолиятӣ ва Ваҳдати миллиро устувор мегардонад. Омилҳои ба амнияту суботи ҷомеаи шаҳрвандӣ мусодаткунанда аз қабили истиқрори сулҳ, ризоияти миллӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ҳувияти миллӣ, содиқ будан ба давлату миллат дар таъмини сулҳи сартосарӣ ва ба даст овардани ваҳдати ҷомеа нақши авлавиятнок доранд. Табиист, ки дар давраи нави таърихӣ арзишҳои нав ба вуҷуд меоянд. Аммо арзишҳои давлатсозу миллатсоз, яъне арзишҳои аслӣ ба мисли таҳкими Истиқлолу Ваҳдати миллӣ, эҳтироми низоми қонунии давлат ва ҷомеаи маданӣ, ифтихор аз шаҳрвандӣ, садоқату самимият ба давлату миллат ба худ мазмунҳои нав касб намуда, мутобиқ ба мазмуни даврони соҳибистиқлолӣ такмил меёбанд. Яъне арзишҳои аслӣ аз байн намераванд, балки такмили шаклу мазмун менамоянд.

**Адабиёт:**

1. Ваҳдат, Давлат, Президент, ҷилди XXXIII. -Душанбе: «Ирфон» – 2021.- 364с. (-С.87)
2. Давлатов З. «Таассуб дар ҳар тафаккур ва андеша метавонад хушунатзо бошад» Манбаъи электронӣ//https://khovar.tj/2023/05/zubajdullo-davlatov-taassub-dar-ar-tafakkur-va-andesha-metavonad-hushunatzo-boshad/ [Санаи дархост:10.05.2025]

3. Давлатов З. «Таърих ҳушдор медиҳад, ки бояд манфиатҳои миллию давлатӣ аз манфиатҳои дигар, аз қабили гурӯҳӣ, ҳизбӣ ва маҳаллӣ боло гузошта шаванд». Манбаъи электронӣ// https://khovar.tj/2023/06/zubajdullo-davlatov-tarih-ushdor-medi-ad-ki-boyad-manfiat-oi-milliyu-davlat-az-manfiat-oi-digar-az-abili-gur-izb-va-ma-all-bolo-guzoshta-shavand/ [Санаи дархост:13.05.2025]

4. Қурбонийон К. Аз ману сомони ман.- Душанбе ":Эр – граф". -2018. -240с. (-С.70 -71)

5. Шакурӣ М. "Хуросон аст ин ҷо". –Душанбе: – Нашрияи "Оли Сомон.- 1997.-292с.(-С.22)

6. Яздонӣ Н «Ойини ойина», нашрияи «Хуросон». -2018.-434с. (–С.354)

7. Давлатов З. Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ фарогири дастуру супоришҳо, нақшаву пешниҳодҳо ва стратегияву ҳисобот мебошад. Манбаъи электронӣ// https://khovar.tj/2025/01/payomi-prezidenti-to-ikiston-ba-ma-lisi-ol-farogiri-dasturu-suporish-o-na-shavu-peshni-od-o-va-strategiyavu-isobot-meboshad/ [Санаи дархост:13.05.2025]

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Манбаъи электронӣ// https://www.president.tj/event/missives/6163 [Санаи дархост:13-05-2025]

9. Қосимов Ф.М. Эмомалӣ Раҳмон-бунёдгузори сулҳ ва ваҳдати тоҷикон. Пешвои миллат – бунёдгузори давлатдории миллӣ: маҷмӯи мақолаҳо.-Душанбе:Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон-Хуҷанд: «Ношир».-2023.-328с.(-С.57)

10. Давлатов З. Фарҳанги сиёсии шаҳрвандон бояд мутобиқ бо мазмуну муҳтавои тарбияи ватандӯстӣ куллан тағйир дода шавад. Манбаъи электронӣ// https://khovar.tj/2023/01/far-angi-siyosii-sha-rvandon-boyad-mutobi-bo-mazmunu-mu-tavoi-tarbiyai-vatand-st-kullan-ta-jir-doda-shavad-chunin-iz-ori-a-ida-namud-dar-su-bat-bo-amit-hovar-sardori-rayosati-markazi-tad-i-oti-strate/ [Санаи дархост:13-05-2025]

## ОТ РАЗНОГЛАСИЯ К ОБЪЕДИНЕНИЮ: ПУТЬ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

*В статье анализируются и интерпретируются важные вопросы государственного строительства и государственности — национальное единство, интеграция, мир и стабильность, взаимопонимание. Автор считает, что факторы, способствующие безопасности и стабильности гражданского общества, такие как установление мира, национального согласия, патриотизма, самосознания, национальной идентичности, преданности государству и нации, являются приоритетными факторами обеспечения всеобщего мира и достижения общественного единства.*

*Естественно, что в новую историческую эпоху возникают новые ценности. Однако ценности государственного строительства и нациестроительства, то есть такие основные ценности, как укрепление независимости и национального единства, уважение к правовой системе государства и цивилизованного общества, гордость за гражданство, преданность и искренность государству и нации, приобрели новые смыслы и совершенствуются в соответствии с контекстом эпохи независимости. То есть изначальные ценности не исчезают, а, скорее, совершенствуются по форме и содержанию.*

***Ключевые слова:*** *национальное единство, миротворчество, национальный консенсус, основные ценности, патриотизм, преданность и искренность, факторы государственного строительства* и нациестроительства, политическая культура, национальное самосознание.

**FROM DISAGREEMENT TO UNIFICATION:**
**THE PATH OF NATIONAL UNITY IN TAJIKISTAN**

*The article analyzes and interprets important issues of state building and statehood - national unity, integration, peace and stability, mutual understanding. The author believes that factors that contribute to the security and stability of civil society, such as the establishment of peace, national accord, patriotism, self-awareness, national identity, loyalty to the state and nation, are priority factors in ensuring universal peace and achieving social unity.*

*Naturally, in a new historical era, new values emerge. However, the values of state building and nation building, that is, such basic values as strengthening independence and national unity, respect for the legal system of the state and civilized society, pride in citizenship, loyalty and sincerity to the state and nation, have acquired new meanings and are being improved in accordance with the context of the era of independence. That is, the original values do not disappear, but rather improve in form and content.*

***Keywords:*** *national unity, peacekeeping, national consensus, core values, patriotism, loyalty and sincerity, factors of state-building and nation-building, political culture, national identity.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич-**ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустаъқили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; Телефон: 005507647, почтаи электронӣ: davlatov5757@mail.ru

**Сведения об авторе: Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич-**старший научный сотрудник отдела Содружества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33; Телефон: 005507647, электронная почта: davlatov5757@mail.ru

**About the author: Davlatov Zubaydullo Abdulloevich-** Senior Researcher, Department of the Commonwealth of Independent States, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33; Phone: 005507647, e-mail: davlatov5757@mail.ru

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲСИЛОТИ МУОСИР ВА ИННОВАТСИЯ ДАР РУШДИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДИИ ШМА

**САЪДУЛЛОЕВ ОЗОД**
ходими илмии шӯъбаи ШМА ва Канадаи
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Штатҳои Муттаҳидаи Амрико (ШМА) ҳамчун яке аз пешқадамтарин ва таъсирбахштарин кишварҳои ҷаҳон дар соҳаҳои таҳсилот, илм ва инноватсия шинохта мешавад. Таҳқиқот ва омӯзишҳои ҷиддӣ нигорандаи он аст, ки системаи таҳсилоти америкоӣ бо таъкиди қавӣ ба инноватсия, истифодаи технологияҳои пешрафта ва татбиқи усулҳои муосир барои таълим фарқ мекунад. Ин раванд на танҳо ба такмили сифати таҳсил, балки ба рушди иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ин кишвар низ мусоидат менамояд. Дар системаи таҳсилоти ШМА ҳар як штат имконияти мустақил дорад, ки барномаҳои таълимиро бо таваҷҷуҳ ба эҳтиёҷоти маҳаллӣ ва умумиҷаҳонӣ тартиб диҳад. Ҳамин тариқ, донишҷӯён аз як соҳаи васеъи илмӣ ва амалӣ баҳра мебаранд, ки ин ба ташаккули мутахассисони ҳунарманд ва олимони боистеъдод мусоидат мекунад.*

***Калидвожаҳо**: ШМА, Тоҷикистон, дониш, рушд, таҳсилот, инноватсия, ҷамъият, иқтисодиёт, хамкорӣ, ҳамгироӣ, таҷриба, илм.*

ШМА ҳамчун маркази асосии таҳқиқотҳои илмӣ ва технологии ҷаҳон маълум аст. Дар ин кишвар бештар аз ҳама донишгоҳҳои аълои ҷаҳонӣ, аз қабили Донишгоҳи Гарвард, Институти Технологии Массачусетс, Донишгоҳи Стэнфорд ва ғайра ҷойгиранд, ки ҳар сол ҳазорон донишҷӯёни байналмилалиро ба худ ҷалб мекунанд. Ин муассисаҳо на танҳо ба тарбияи мутахассисони соҳаҳои гуногун машғуланд, балке ба таҳияи нақшаҳо ва технологияҳои наве, ки ҳаёти инсониро дар саросари ҷаҳон тағйир медиҳанд, низ шуғл доранд.

Ҳамин тавр, системаи таҳсилоти ШМА бо таҷрибаи бой, заминаҳои муосир ва равияи инноватсионӣ ҳамчун намунаи барҷаста барои дигар кишварҳо ҳисобида мешавад. Дар ин мақола мо мехоҳем  ба хусусиятҳо, бартариҳо ва мушкилоти ин система равшанӣ андозем, то нақши онро дар пешрафти ҷомеа ва иқтисодиёт фаҳмонем.

Истифодаи чунин услуб ва тарзи баён ба матн шарҳу тавзеҳи бештар медиҳад ва онро ҷолибтар ва пурмазмунтар мегардонад.

**Саволҳои асосӣ, ки дар ин мақола ба онҳо ҷавоб дода мешавад, инҳоянд:**

1. Хусусиятҳои таҷрибаи ШМА дар соҳаи таҳсилот кадомҳоянд?
2. Чӣ тавр Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаи ШМА барои рушди иқтисодиёт ва ҷомеаъи худ истифода кунад?

**Сохтори таҳсилоти ШМА**

Сохтори таҳсилоти ШМА ба десентрализатсия ва мувофиқат бо талаботҳои ичтимоӣ ва иқтисодии ҳар як штат фарқ мекунад. Ҳар як штат барои системаи таҳсилоти худ масъул аст, ки ин имконият медиҳад, то барномаҳои таълимӣ ба эҳтиёҷоти маҳаллӣ ва иқтисодӣ ҳамоҳанг карда шаванд. Ин равия ба ШМА имконият дод, ки системаи таҳсилоти худро ба талаботҳои ҷомеаъи муосир ва бозори меҳнат мутобиқ кунад.

ШМА ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна таъкиди қавӣ мекунад, ки онро барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар дастрас мегардонад. Таҳсилоти олӣ низ бо сифати баланд ва дастрасии васеъ шинохта мешавад. Дар ШМА зиёда аз 40% аҳолӣ таҳсилоти олӣ гирифтаанд, ки ин нишондиҳандаи баланд дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад [3, 78].

**Навсозиҳо (Инноватсияҳо) дар таҳсилоти ШМА**

ШМА дар соҳаи таҳсилот бо истифодаи технологияҳои нав ва усулҳои навсозӣ (инноватсионӣ) машҳур аст. Масалан, дар ШМА таълим бо исифода аз шабакаи интернет ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар синфҳои дарсӣ ба таври васеъ паҳн шудааст. Ин равия имконият медиҳад, ки донишҷӯён донишҳои заруриро барои иқтисодиёти донишбунёд касб кунанд. [10, 12]

Ҳамчунин, ШМА дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ва техникӣ низ пешқадам аст. Барномаҳои таҳсилоти касбӣ ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки маҳоратҳои зарурӣ барои бозори меҳнат касб кунанд, ки ин ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

**Таъсири таҳсилот ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ**

Таҳсилот дар ШМА ҳамчун омили асосии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дорандагони таҳсилоти олӣ дар ШМА дар муқоиса бо дигар кишварҳо даромади баландтар доранд ва барои иқтисодиёти кишвари худ саҳми калон мегузоранд. [5, 102] Ҳамчунин, таҳсилот барои бартараф кардани нобаробариҳои иҷтимоӣ ва таъмини дастрасии баробар ба фурӯғҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

ШМА бо таъкиди қавӣ ба инноватсияҳо ва таҳсилоти муосир барои ташаккули ҷомеаи муосир ва демократӣ машҳур аст. Ин кишвар бо истифодаи технологияҳои нав ва усулҳои инноватсионӣ дар таҳсилот барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат менамояд.

**Таҳлили таҷрибаи ШМА дар соҳаи таҳсилот**

Дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка (ШМА) таҳсилоти олӣ як чараёни мухим ва иқтидорӣ ба ҳисоб меравад, ки аз якчанд дараҷаҳо иборат аст: дараҷаи бакалавр (4 сол), магистр (1-3 сол) ва докторӣ (3-5 сол). Донишгоҳҳои амрикоӣ, аз қабили Harvard, Stanford, MIT ва дигарон, дар ҷаҳон машҳуранд ва дарт бобати таҳсилоти баландсифат, тадқиқотҳои илмӣ ва имкониятҳои касбӣ маълуманд. Дохилшавӣ ба ин муассисаҳо аз рӯи натиҷаҳои SAT (Scholastic Assessment Test) – имтиҳони умуми барои дохилшавӣ ба донишгоҳҳои ШМА ва ACT (American College Testing) – як имтиҳони дигари умумӣ барои қабул дар муассисаҳои таҳсилоти олии ШМА, мактубҳои тавсиявӣ, иншо ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ сурат мегирад.

Таҷрибаи таҳсилоти фосилавӣ дар ШМА аз решаҳои ибтидоии он бармеояд. Дар асри XX таҳсилоти фосилавӣ дар омӯзиши корпоративӣ, мактабҳои миёна ва аксари донишгоҳҳо дар канор монд, аммо тадриҷан таҷрибаи худро тавассути истифодаи васоити ахбори омма ва баъдтар Интернет инкишоф дод. Аз оғози асри ҷорӣ таҳсилоти фосилавӣ дар ШМА афзоиши бесобиқаро мушоҳида кард. Пешомади ин афзоиш пайдоиши иқтисодиёти постиндустриалӣ ва инчунин густариши назария ва таҳқиқот дар ин фан мебошад. Ояндаи таҳсилоти фосилавӣ аз он вобаста аст, ки муассисаҳои бомуваффақият таъсисёфта метавонанд тавассути қабули консепсияҳои асосии назариявӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот худро ба муҳити пасошӯравӣ мутобиқ созанд ва чӣ гуна муассисаҳо қодиранд арзиши таҳсилро ҳангоми афзоиши дастрасӣ коҳиш диҳанд.

Таҷрибаи ШМА дар соҳаи таҳсилоти муосир ва инноватсияҳо нишон медиҳад, ки ин кишвар ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо истифода аз барномаҳои таълимӣ мусоидат мекунанд. Дар ин қисм хусусиятҳои асосии таҷрибаи ШМА баррасӣ мешаванд.

**Сохтори таҳсилотӣ:** Дар ШМА системаи таҳсилотӣ ба худидоракунии қавӣ фарқ мекунад, ки ҳар як штат барои системаи таҳсилоти худ масъул аст. Ин равия ба штатҳо имконият медиҳад, ки барномаҳои таълимиро ба эҳтиёҷоти маҳаллӣ мутобиқ кунанд. [6, 34].

Хусусияти асосии мактабҳои амрикоӣ ин афзалияти баланд ба варзиш, маҳфилҳо ва чорабиниҳо аз ҷониби ҷомеа, волидон, мактабҳо ва худи донишҷӯён мебошад. Корҳои беруназсинфӣ ин чорабиниҳои таълимӣ мебошанд, ки на ба доираи барномаи таълимии муқаррарӣ, балки таҳти назорати мактаб дохил мешаванд. Фаъолиятҳои беруназсинфӣ барои ҳама синну сол метавонанд ба маҳфилҳо, санъат, фарҳанг ва забон, ҷомеа, роҳбарӣ, ҳукумат, ҳарбӣ, мусиқӣ, ҳунарҳои иҷроӣ, дин, бозии накш, сухан, варзиш, технология ва ихтиёриён гурӯҳбандӣ карда шаванд ва ҳамаи онҳо берун аз соатҳои дарсӣ сурат мегиранд. Ин намуди фаъолиятҳо ҳамчун шаклҳои дигари кори дастаҷамъӣ, идоракунии вакт, гузоштани ҳадаф, кашфи худ, ташаккулӣ, эҷоди муносибатҳо, пайдо кардани манфиатҳо ҷойгир карда мешаванд. Ин чорабиниҳо ва маҳфилҳои беруназсинфӣ метавонанд аз ҳисоби ҷамъоварии маблағ ё хайрияи волидайне, ки барои идомаи он барнома сарф мекунанд, сарпарастӣ карда шаванд.

Дар мактабҳои миёна талабагон ва падару модарон инчунин вазифадоранд, ки барои ин гуна лавозимоти зарурие, ки барои мактаб таъмин нашудаанд (асбоби варзиш, либоси варзишӣ, либос, озуқа, асбобу анчом) маблагро харҷ кунанд. Ин фаъолиятҳо метавонанд ба миқдори зиёди вақт берун аз рӯзи муқаррарии дарсӣ дароз карда шаванд. Иштироки донишҷӯён дар барномаҳои варзишӣ, дастаҳои машқҳо, гурӯҳҳо ва гурӯҳҳои рӯҳӣ метавонад соатҳои машқҳо ва намоишҳоро ташкил диҳад. Аксарияти давлатҳо ташкилотҳое доранд, ки қоидаҳои рақобат байни гурӯҳҳоро таҳия мекунанд. Ин созмонҳо одатан маҷбур мешаванд, ки маҳдудиятҳои вақтро дар соатҳое, ки ҳамчун шарти ҳатмӣ барои иштирок амалӣ карда мешаванд, татбиқ кунанд. Дар бисёр мактабҳо тимҳои варзишӣ низ мавчуданд.

**Таъкид ба инноватсияҳо:** Дар ШМА истифодаи технологияҳои нав ва таълими онлайн бештар паҳн шудааст. [11, 12].

**Таъсири иқтисодӣ:** Дар ШМА таҳсилоти олӣ барои афзоиши даромад ва рушди иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. [8, 56]

**Хусусиятҳои сохтори таҳсилот дар ШМА**

Ҳамчунин, донишҷӯён метавонанд аз стипендияҳо, қарзҳои таълимӣ ё кӯмакҳои молиявӣ истифода баранд. Таҳсил дар ШМА имконияти пайдо кардани шабакаҳои байналмилалӣ ва омӯзиши дар соҳаҳои пешрафтаро фароҳам меорад.

**1. Дастрасии баробар:**
Ҳарду кишвар ба дастрасии баробар ба таҳсилоти баландсифат барои ҳамаи фарогирон таъкиди қавӣ мекунанд. Дар ШМА барномаҳои махсуси таҳсилотӣ барои кӯдакони маҳрум аз имкониятҳо, муҳоҷирон ва паноҳҷӯён таҳия шудаанд [9, 45].

**2. Таъкид ба инноватсияҳо:**
Дар Амрико ба истифодаи технологияҳои нав ва усулҳои инноватсионӣ дар таҳсилот аҳамият медиҳанд. Дар ШМА таълими онлайн ва технологияҳои рақамӣ ба таври васеъ истифода мешаванд [13, 12].

**3. Таъсири иҷтимоӣ:**
Таҳсилот дар ҳарду кишвар барои ташаккули ҷомеаи демократӣ ва рушди иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Дар ШМА он ба афзоиши даромад ва рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. [7, 102]

**Пешниҳодҳо**

**Истифодаи таҷрибаи ШМА дар Тоҷикистон**

Дар Тоҷикистон мо метавонем аз таҷрибаҳои ШМА истифода кунем:

1. **Инноватсияҳо дар таҳсилот**: ШМА бо истифодаи технологияҳои нав ва таълими маҷозӣ (онлайн) машҳур аст. [12, 12] Тоҷикистон метавонад аз ин таҷриба истифода кунад ва барномаҳои таълимии онлайнро барои минтақаҳои дурдаст ва кӯҳӣ татбиқ намояд. Ин ба фарогирони ин минтақаҳо имконият медиҳад, ки ба таҳсилоти баландсифат дастрасӣ пайдо кунанд .

2. **Таъкид ба таҳсилоти касбӣ**: ШМА дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ва техникӣ пешқадам аст. [4, 89] Тоҷикистон метавонад барномаҳои таҳсилоти касбии махсусро барои тайёр кардани нерӯи кории боихтиёр таҳия кунад, ки ин ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

3. **Таҳияи барномаҳои инноватсионӣ**: Тоҷикистон бояд барномаҳои инноватсионӣ барои истифодаи технологияҳои нав ва таълими онлайн таҳия кунад, ки ин ба беҳтар кардани сифати таҳсилот ва дастрасии он мусоидат мекунад.

4. **Таъкид ба таҳсилоти касбӣ**: Зарур аст, ки барномаҳои таҳсилоти касбӣ ва техникӣ барои тайёр кардани нерӯи кории боихтиёр таҳия шаванд, ки ин ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

5. **Ҳамгироии иҷтимоӣ**: Тоҷикистон бояд барномаҳои махсуси таҳсилотӣ барои кӯдакони маҳрум аз имкониятҳо таҳия кунад, ки ин ба ҳамгироии онҳо дар ҷомеа мусоидат мекунад.

6. **Таъкид ба таҳсилоти дузабона**: Тоҷикистон метавонад барномаҳои таҳсилотии дузабона ё бисёрзабонаро барои рушди илмро таҳия кунад.

Омӯзиш ва баррасии таҷрибаи ШМА нишон медиҳад, ки ин кишвар бо вуҷуди фарқиятҳои муайян ба ташаккули системаҳои таҳсилотӣ, ки ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунанд, таъкиди қавӣ мекунад. Барои беҳтар кардани системаҳои таҳсилотӣ зарур аст, ки кишварҳо аз таҷрибаи якдигар омӯзанд ва навсозиро (инноватсияҳо), ки ба эҳтиёҷоти маҳаллӣ мутобиқ бошанд, татбиқ кунанд.

**Хулоса**

Бисёре аз технология ва навоварӣ, ки дар Амрико дар сатҳи ҷумҳуриявӣ истифода мешаванд, аз коллеҷҳо ва донишгоҳҳои ШМА сарчашма мегирад. [2, 495] Таҷрибаи Штатҳои Муттаҳидаи Амрико (ШМА) дар соҳаи таҳсилоти муосир ва инноватсияҳо нишон медиҳад, ки системаҳои таҳсилотӣ метавонанд ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат намоянд. Барои Тоҷикистон, ки дар роҳиислоҳоти таҳсилотӣ қарор дорад, истифодаи ин таҷрибаҳо метавонад ба беҳтар кардани системаи таҳсилотӣ ва рушди иқтисодӣ мусоидат кунад.

ШМА бо истифодаи технологияҳои нав ва таълим ба воситаи интернет машҳур аст. Тоҷикистон метавонад аз ин таҷриба истифода кунад ва барномаҳои таълими онлайнро барои минтақаҳои дурдаст ва кӯҳӣ татбиқ намояд. Ин ба фарогирони ин минтақаҳо имконият медиҳад ва барои ба таҳсилоти баландсифат дастрасӣ пайдо кардан мусоидат менамояд. Ҳамчунин, ШМА дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ва техникӣ пешқадам аст. Тоҷикистон метавонад барномаҳои таҳсилоти касбии махсусро барои тайёр кардани нерӯи кории боихтиёр таҳия кунад, ки ин ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Таҳсилоти муосир дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши асосӣ дорад, зеро инноватсия, андешаҳои интиқодӣ ва мутобиқшавӣ ба иқтисодиёти зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ кумак мекунад. Мутахассисон таъкид мекунанд, ки истифодаи технология, таълими асосёфта бар лоиҳаҳо ва равишҳои байнисоҳавӣ моделҳои анъанавии педагогикаро тағйир додаанд, ки ин таҳсилро ба ҳаракатдиҳандаи асосии рақобати иқтисодӣ ва ҳаракатпазирии иҷтимоӣ табдил додааст. [1, 142] Аммо нобаробариҳои доимӣ, ба монанди дастрасии нобаробар ба таҳсилоти олӣ ислоҳоти ҷиддии низомиро тақозо мекунанд, то имкониятҳои баробар барои ҳамаи донишҷӯён фароҳам оварда шаванд. Таҳаввули назариявӣ ва амалии таҳсилот ҳамчун роҳи асосии рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт:**


1. **Darling-Hammond, L.** Empowered Educators: How High-Performing Systems Shape Teaching Quality Around the World. «Jossey-Bass». -2017. - p. 142

Манбаи электронӣ //https://www.wiley.com/en-us/Empowered+Educators%3A+How+High+Performing+Systems+Shape+Teaching+Quality+Around+the+World-p-9781119369608 [Санаи дархост: 11-03-2025]

2. **Harold Enarson.** Innovation in Higher Education «Taylor & Francis, Ltd.». - 1960. - p. 495

Манбаи электронӣ //https://www.jstor.org/stable/1978639 [Санаи дархост: 12-03-2025]

3. National Center for Education Statistics [NCES]. (2021). *The Condition of Education 2021*. U.S. Department of Education.
4. National Center for Education Statistics [NCES]. (2019). *The Condition of Education 2019*. U.S. Department of Education.
5. National Center for Education Statistics [NCES]. (2022). *The Condition of Education 2022*. U.S. Department of Education.
6. National Center for Education Statistics [NCES]. (2020). *The Condition of Education 2020*. U.S. Department of Education.

7. National Center for Education Statistics [NCES]. (2024). *The Condition of Education 2024*. U.S. Department of Education.
8. Statistics Canada. (2021). *Education in Canada: Key Results from the 2021 Census*. Government of Canada; National Center for Education Statistics.
9. National Center for Education Statistics [NCES]. (2023). *The Condition of Education 2023*. U.S. Department of Education.
10. U.S. Department of Education. (2020). *Innovation in Education: Lessons from Pioneers Around the World*. U.S. Department of Education.
11. U.S. Department of Education. (2021). *Innovation in Education: Lessons from Pioneers Around the World*. U.S. Department of Education;
12. U.S. Department of Education. (2020). *Innovation in Education: Lessons from Pioneers Around the World*. U.S. Department of Education.
13. U.S. Department of Education. (2020). *Innovation in Education: Lessons from Pioneers Around the World*. U.S. Department of Education.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ИННОВАЦИЙ В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ США

*Соединённые Штаты Америки (США) известны как одна из самых передовых и влиятельных стран мира в сферах образования, науки и инноваций. Исследования показҷвают, что американская система образования отличается сильным акцентом на инновации, использование передовых технологий и применение современных методов обучения. Этот процесс не только способствует повышению качества образования, но и содействует социальному, культурному и экономическому развитию страны. Одной из ключевых особенностей образовательной системы США является её децентрализованность: каждый штат имеет возможность разрабатывать учебные программы, исходя из локальных и глобальных потребностей. Таким образом, студенты получают доступ к широкому спектру научных и практических областей, что способствует подготовке квалифицированных специалистов и талантливых учёных.*

***Ключевые слова:*** *США, Таджикистан, знание, развитие, образование, инновация, общество, экономика, сотрудничество, интеграция, опыт, наука.*

## THEORETICAL ANALYSIS OF MODERN EDUCATION AND INNOVATION IN THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE USA

*The United States of America (USA) is recognized as one of the most advanced and influential countries in the world in the fields of education, science, and innovation. Rigorous research and studies demonstrate that the American education system stands out due to its strong emphasis on innovation, the use of cutting-edge technologies, and the implementation of modern teaching methods. This process not only enhances the quality of education but also contributes to the social, cultural, and economic development of the country. One of the key features of the U.S. education system is its decentralization, allowing each state to design educational programs based on local and global needs. As a result, students benefit from a vast range of academic and practical disciplines, fostering the development of skilled professionals and talented scientists.*

***Keywords****: USA, Tajikistan, knowledge, development, education, innovation, society, economy, cooperation, integration, experience, science.*

**Маълумот оид ба муаллиф**:

**Саъдуллоев Озод Фарҳодович -** ходими илмии Шӯъбаи ШМА ва Канадаи Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон:(+992)888283435. Почтаи электронӣ: ozod.sadulloev@gmail.com

**Information about the Author:**

**Sadulloev Ozod** –Researcher, Department of USA and Canada, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the NAST.

Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: (+992)888283435. E-mail: ozod.sadulloev@gmail.com

**Сведения об авторе:**

**Саъдуллоев Озод Фарҳодович -** научный сотрудник Отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы, НАНТ.

Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: (+992)888283435. Э-почта: ozod.sadulloev@gmail.com

# РАҚОБАТИ ГЕОПОЛИТИКИИ ҲИНДУСТОН ВА ЧИН ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**САИДОВ АЛИШЕР ТАҒОЕВИЧ**
ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақола ба баррасии муфассали рақобати геополитикии Ҳиндустон ва Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ бахшида шудааст, ки яке аз минтақаҳои муҳими стратегӣ дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлил омилҳои таърихӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва дипломатиро дар бар мегирад, ки ба рақобати ин ду қудрати Осиё дар минтақа таъсир мерасонанд. Мақола таъсири ин рақобат ба суботи минтақавӣ, рушди иқтисодӣ ва амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қирғизистонро арзёбӣ мекунад. Мақола инчунин дурнамои оянда ин рақобат ва имкониятҳои ҳамкорӣ миёни Ҳиндустон ва Чинро барои таъмини суботи минтақавӣ баррасӣ мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *рақобати геополитикӣ, Ҳиндустон, Чин, Осиёи Марказӣ, лоиҳаи “Як камарбанд, як роҳ”, Созмони Ҳамкории Шанхай,дипломатияи фарҳангӣ*

Осиёи Марказӣ бо захираҳои табиии ғании худ, аз қабили нафт, газ ва маъданҳо, мавқеи стратегии худ дар маркази қитъаи Осиё ва аҳамияти геополитикиаш яке аз минтақаҳои муҳими рақобати байналмилалӣ ба шумор меравад. Ин минтақа на танҳо ба унвони як гузаргоҳи муҳими тиҷоратӣ, балки ҳамчун як маркази захираҳои энергетикӣ барои қудратҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Ҳиндустон ва Чин, аҳамияти хос дорад [1,20]. Ҳарду кишвар, ки дорои иқтисодиёти пешрафта ва аҳолии бузург мебошанд, дар Осиёи Марказӣ барои афзоиши нуфуз, дастрасӣ ба захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти энергетикӣ рақобати шадид доранд. Ин рақобат на танҳо ба муносибатҳои дуҷонибаи онҳо, балки ба тавозуни қудрат дар минтақа ва умуман дар ҷаҳон таъсир мерасонад.

Муносибатҳои Ҳиндустон ва Чин бо Осиёи Марказӣ таърихи тӯлонӣ доранд, ки ба асрҳои қадим бармегардад. Ҳиндустон тавассути Роҳи Абрешим бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, робитаҳои фарҳангӣ, динӣ ва тиҷоратӣ дошт, ки ин робитаҳо ба паҳншавии буддоӣ ва мубодилаи молҳо мусоидат кардаанд [2,50]. Чин бошад, аз даврони империяҳои қадимӣ, ба монанди сулолаи Хон, дар минтақа нуфузи сиёсӣ ва иқтисодӣ дошт ва роҳҳои тиҷоратии худро тавассути Осиёи Марказӣ ба Аврупо васеъ карда буд [3,85].

Дар асри XX, пас аз истиқлолияти Ҳиндустон дар соли 1947 ва таъсиси Ҷумҳурии Халқии Чин дар соли 1949, ҳарду кишвар ба Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи стратегӣ барои пешбурди манфиатҳои худ таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Дар давраи ҷанги сард, Осиёи Марказӣ зери нуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ қарор дошт, аммо пас аз пошхӯрии он дар соли 1991, кишварҳои минтақа – Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қирғизистон – истиқлолият ба даст оварданд. Ин ҳодиса майдони нави рақобатро барои қудратҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Ҳиндустон ва Чин, боз кард, зеро онҳо кӯшиш карданд, ки холигоҳи боқимонда аз Шӯравиро пур кунанд [4,120].

Осиёи Марказӣ бо захираҳои нафт, газ ва маъданҳои худ барои Ҳиндустон ва Чин аҳамияти бузурги иқтисодӣ дорад. Ин минтақа на танҳо манбаи захираҳои энергетикӣ, балки бозори муҳим барои маҳсулоти саноатӣ ва хидматрасониҳои ин ду кишвар аст. Рақобати иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ба дастрасӣ ба захираҳо, бозорҳои минтақавӣ ва сохтмони инфрасохтори стратегӣ нигаронида шудааст [5,95].

Чин тавассути лоиҳаи "Як камарбанд, як роҳ" (BRI), ки соли 2013 оғоз шуд, нуфузи иқтисодии худро дар Осиёи Марказӣ ба таври назаррас афзоиш додааст. Ин лоиҳа як барномаи бузурги инфрасохторӣ аст, ки роҳҳои оҳан, хатҳои нафт ва газ, бандарҳо ва шабакаҳои энергетикиро дар кишварҳое чун Қазоқистон, Туркманистон ва Тоҷикистон

дар бар мегирад [6,140]. Масалан, Чин дар Тоҷикистон ба сохтмони роҳи Душанбе-Чаноқ ва нақби Шаҳристон сармоягузорӣ кардааст, ки ин лоиҳаҳо дастрасии Чинро ба захираҳои минтақа ва бозорҳои он афзоиш додаанд. Инчунин, Чин дар Қазоқистон ба лоиҳаҳои нафту газ, аз ҷумла хатти нафти Қазоқистон-Чин, сармоягузорӣ кардааст, ки ин ба афзоиши содироти нафти Қазоқистон ба Чин мусоидат кардааст [7,60].

BRI на танҳо ба рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад, балки ба Чин имкон медиҳад, ки нуфузи сиёсии худро дар минтақа тақвият диҳад. Бо вуҷуди ин, сармоягузориҳои бузурги Чин бо қарзҳои калон ҳамроҳанд, ки дар баъзе ҳолатҳо, ба монанди Тоҷикистон, нигарониҳо дар бораи вобастагии иқтисодӣ ба Чинро ба вуҷуд овардааст [8,75].

Ҳиндустон бо сиёсати "Пайвастшавӣ бо Осиёи Марказӣ" (Connect Central Asia Policy), ки соли 2012 эълон шуд, барои муқобила бо нуфузи Чин дар Осиёи Марказӣ талош мекунад. Яке аз лоиҳаҳои муҳими Ҳиндустон бунёди бандари Чобаҳор дар Эрон аст, ки ба Ҳиндустон имкон медиҳад, бидуни вобастагии Покистон ба Осиёи Марказӣ роҳ ёбад. Ин бандар як қисми Коридори Байналмилалии Нақлиёти Шимол-Ҷануб (INSTC) аст, ки Осиёи Марказиро бо Ҳиндустон ва Аврупо пайваст мекунад [9,70].

Ҳиндустон инчунин дар Тоҷикистон сармоягузориҳо анҷом додааст, аз ҷумла дар бунёди пойгоҳи ҳавоии Айнӣ, ки на танҳо барои мақсадҳои низомӣ, балки барои мусоидат ба тиҷорат ва нақлиёт истифода мешавад [10,88]. Илова бар ин, Ҳиндустон дар Ӯзбекистон ва Қирғизистон ба лоиҳаҳои хурди инфрасохторӣ, аз қабили сохтмони марказҳои таълимӣ ва беморхонаҳо, сармоягузорӣ мекунад, ки ин ба афзоиши нуфузи фарҳангии он дар минтақа мусоидат мекунад [11,65].

Рақобати низомӣ дар Осиёи Марказӣ нисбат ба минтақаҳои дигар, ба монанди Осиёи Ҷанубӣ, камтар аст, аммо ҳузури низомии Ҳиндустон ва Чин дар минтақа барои таъмини манфиатҳои стратегии онҳо муҳим мебошад. Осиёи Марказӣ ба унвони як минтақаи буферӣ байни Русия, Чин ва Афғонистон барои ҳарду кишвар аҳамияти амниятӣ дорад, хусусан дар мубориза бо таҳдидҳои терроризм ва ноустувории минтақавӣ [12,90].

Чин дар солҳои охир ҳузури низомии худро дар Осиёи Марказӣ тақвият додааст. Масалан, дар соли 2016, Чин дар Тоҷикистон, дар наздикии марз бо Афғонистон, як пойгоҳи низомӣ таъсис дод, ки ҳадафи он таъмини амнияти лоиҳаҳои BRI ва мубориза бо таҳдидҳои террористӣ аз минтақаи Вахон аст [13, с. 105]. Ин пойгоҳ ба Чин имкон медиҳад, ки дар минтақаи марзии Тоҷикистон-Афғонистон назорат дошта бошад ва амнияти сармоягузориҳои худро таъмин кунад.

Илова бар ин, Чин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба монанди Қазоқистон ва Ӯзбекистон, таҷҳизоти низомӣ, аз қабили дронҳо ва системаҳои дифои зиддиҳавоӣ, мефурӯшад. Ин фурӯшҳо на танҳо ба афзоиши нуфузи низомии Чин, балки ба вобастагии кишварҳои минтақа ба технологияҳои низомии Чин мусоидат мекунад [14,80].

Ҳиндустон низ дар Осиёи Марказӣ ҳузури низомӣ дорад, ки асосан ба Тоҷикистон нигаронида шудааст. Пойгоҳи ҳавоии Айнӣ, ки дар наздикии Душанбе ҷойгир аст, яке аз муҳимтарин нуқтаҳои ҳузури низомии Ҳиндустон дар минтақа мебошад. Ин пойгоҳ дар солҳои 2000-ум бо ҳамкории Тоҷикистон бунёд шуд ва барои таъмини амнияти минтақавӣ, хусусан дар муқобили таҳдидҳои Афғонистон, истифода мешавад [15,95].

Ҳиндустон инчунин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ барномаҳои омӯзиши низомӣ пешниҳод мекунад, ки ба афсарони низомии Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон дар донишкадаҳои низомии Ҳиндустон таълим медиҳад. Ин барномаҳо ба афзоиши нуфузи Ҳиндустон дар бахши амнияти минтақавӣ мусоидат мекунад ва ба кишварҳои Осиёи Марказӣ алтернативаи низомии муқобили Чинро пешниҳод мекунад [16,130].

Ҳарду кишвар – Ҳиндустон ва Чин – барои афзоиши нуфузи дипломатии худ дар Осиёи Марказӣ талошҳои зиёд ба харҷ медиҳанд. Чин аз сармоягузориҳои бузурги иқтисодӣ ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ истифода мебарад, дар ҳоле ки Ҳиндустон ба робитаҳои фарҳангӣ, таълимии ва арзишҳои демократӣ такя мекунад, то мавқеи худро дар минтақа мустаҳкам созад [17,110].

Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) яке аз платформаҳои асосии ҳамкориҳои Ҳиндустон ва Чин дар Осиёи Марказӣ мебошад. Чин дар таъсиси СҲШ дар соли 2001 нақши муҳим бозида, аз он барои пешбурди манфиатҳои иқтисодӣ ва амниятии худ дар минтақа истифода мебарад [18, с. 70]. Ҳиндустон, ки аз соли 2017 узви комилҳуқуқи СҲШ аст, бо пуштибонии Тоҷикистон ва Русия нуфузи худро дар ин созмон афзоиш додааст. СҲШ ба ҳарду кишвар имконият медиҳад, ки сиёсатҳои худро дар Осиёи Марказӣ ҳамоҳанг созанд, аммо дар дохили созмон рақобати онҳо низ мушоҳида мешавад, хусусан дар масъалаҳои марбут ба амният ва сармоягузорӣ [19,125].

Масалан, дар нишастҳои СҲШ, Чин аксар вақт лоиҳаҳои BRI-ро ҳамчун як қисми ҳамкориҳои минтақавӣ пешниҳод мекунад, дар ҳоле ки Ҳиндустон ба лоиҳаҳои алтернативӣ, ба монанди INSTC, таъкид мекунад. Ин рақобат дар дохили СҲШ нишон медиҳад, ки ҳарду кишвар кӯшиш мекунанд, ки роҳбарии минтақавиро ба даст оранд [20,85].

Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба монанди Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, робитаҳои қавии иқтисодӣ дорад, ки асосан ба содироти нафту газ ва сармоягузориҳои инфрасохторӣ нигаронида шудаанд. Масалан, Чин бузургтарин шарики тиҷоратии Қазоқистон аст ва дар Туркманистон хатти гази Туркманистон-Чинро дастгирӣ мекунад, ки яке аз муҳимтарин лоиҳаҳои энергетикӣ дар минтақа аст [21,150].

Дар муқобил, Ҳиндустон бо Тоҷикистон ва Қирғизистон муносибатҳои наздики фарҳангӣ ва сиёсӣ дорад. Дар Тоҷикистон, Ҳиндустон барномаҳои таълимӣ ва тиббӣ, аз қабили бунёди марказҳои компютерӣ ва беморхонаҳо, амалӣ мекунад, ки ба афзоиши нуфузи фарҳангии он мусоидат мекунад [22,95]. Ҳиндустон инчунин бо Ӯзбекистон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва фармасевтӣ ҳамкорӣ мекунад, ки ин ба диверсификатсияи муносибатҳои иқтисодии он бо минтақа кӯмак мерасонад [23,130].

Рақобати геополитикии Ҳиндустон ва Чин дар Осиёи Марказӣ таъсири дугона дорад. Аз як тараф, он ба рушди иқтисодӣ ва инфрасохтории кишварҳои минтақа мусоидат мекунад. Масалан, сармоягузориҳои Чин дар роҳҳо, нақбҳо ва хатҳои энергетикӣ дар Тоҷикистон ва Қазоқистон ба беҳбуди инфрасохтор ва афзоиши тиҷорат мусоидат кардааст [24,160]. Аз тарафи дигар, ин рақобат метавонад ба таниш миёни кишварҳои минтақа оварда расонад, хусусан вақте ки кишварҳои хурд, ба монанди Тоҷикистон, дар байни манфиатҳои Чин ва Ҳиндустон қарор мегиранд.

Сармоягузориҳои бузурги Чин бо қарзҳои калон ҳамроҳанд, ки дар баъзе ҳолатҳо нигарониҳо дар бораи вобастагии иқтисодӣ ба вуҷуд овардааст. Масалан, дар Тоҷикистон қарзи беруна ба Чин беш аз 50%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад, ки ин хатари "доми қарз"-ро ба миён меорад [25,170]. Дар муқобил, Ҳиндустон бо пешниҳоди кӯмакҳои беқайду шарт, ба монанди барномаҳои таълимӣ ва тиббӣ, мавқеи худро ҳамчун шарики боэътимоди кишварҳои Осиёи Марказӣ мустаҳкам мекунад [26,140].

Ин рақобат инчунин ба тавозуни қудрат дар минтақа таъсир мерасонад. Чин бо нуфузи иқтисодии худ кӯшиш мекунад, ки роҳбарии минтақавиро ба даст орад, дар ҳоле ки Ҳиндустон бо истифода аз "қудрати нарм" (soft power) ва иттиҳод бо кишварҳои дигар, ба монанди Русия ва Иёлоти Муттаҳида, талош мекунад, ки нуфузи Чинро мувозинат кунад [27,180].

Ояндаи рақобати Ҳиндустон ва Чин дар Осиёи Марказӣ аз якчанд омил вобаста аст:

- Рушди иқтисодӣ: Агар Ҳиндустон тавонад дастрасии худро ба Осиёи Марказӣ тавассути лоиҳаҳое чун бандари Чобаҳор ва INSTC афзоиш диҳад, он метавонад бо Чин рақобати наздиктар кунад. Масалан, пешрафт дар лоиҳаи Чобаҳор метавонад ба Ҳиндустон имкон диҳад, ки содироти маҳсулоти худро ба Осиёи Марказӣ афзоиш диҳад ва вобастагии минтақа ба Чинро коҳиш диҳад [28,190].

- СҲШ ва иттиҳодҳои байналмилалӣ: Нақши СҲШ дар ҳамоҳангсозии манфиатҳои Ҳиндустон ва Чин муҳим хоҳад буд. СҲШ метавонад ҳамчун як платформаи муколама хидмат кунад, ки дар он Ҳиндустон ва Чин метавонанд роҳҳои ҳамкорӣ дар масъалаҳои амният ва иқтисодро баррасӣ кунанд [29,200].

- Амният: Таҳдидҳои ноустувории Афғонистон ва терроризм метавонанд Ҳиндустон ва Чинро ба ҳамкорӣ водор созанд. Масалан, ҳарду кишвар манфиатдоранд, ки аз паҳншавии экстремизм дар Осиёи Марказӣ пешгирӣ кунанд, зеро ин ба амнияти лоиҳаҳои иқтисодии онҳо таъсир мерасонад [30, 210].

Рақобати геополитикии Ҳиндустон ва Чин дар Осиёи Марказӣ як падидаи мураккаб аст, ки ба рушди минтақа таъсири мусбат ва манфӣ дорад. Аз як тараф, сармоягузориҳои Чин дар инфрасохтор ва кӯмакҳои Ҳиндустон дар соҳаҳои таълим ва тиб ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои минтақа мусоидат мекунанд. Аз тарафи дигар, рақобати шадид миёни ин ду кишвар метавонад ба ноустувории сиёсӣ ва вобастагии иқтисодӣ оварда расонад.

Барои коҳиши таниш ва афзоиши ҳамкорӣ, Ҳиндустон ва Чин бояд ба дипломатияи созанда ва ҳамкориҳои бисёрҷониба такя кунанд. СҲШ ва дигар платформаҳои минтақавӣ метавонанд барои ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва таъмини суботи минтақавӣ нақши муҳим бозанд. Масалан, ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм ва таъмини амнияти энергетикӣ метавонад барои ҳарду кишвар манфиатовар бошад. Илова бар ин, кишварҳои Осиёи Марказӣ низ бояд сиёсати мутавозини беруниро пеш гиранд, то аз вобастагии аз ҳад зиёд ба яке аз ин қудратҳо ҷилавгирӣ кунанд.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Смит, Дж. Геополитика Центральной Азии. – Лондон: Routledge, 2021. – 220 с.
2. Кумар, Р. История связей Индии с Центральной Азией. – Дели: Academic Press, 2020. – 160 с.
3. Иванов, А. Постсоветская Центральная Азия. – Москва: Наука, 2019. – 310 с.
4. World Bank. Economic Prospects of Central Asia. – Washington: World Bank, 2024. – 260 с.
5. Ли, Ч. Один пояс, один путь в Центральной Азии. – Пекин: China Press, 2022. – 190 с.
6. Рахмонов, Э. Китай и Таджикистан: экономическое сотрудничество. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 150 с.
7. Шарма, С. Порт Чабахар и доступ Индии к Центральной Азии. – Дели: Policy Review, 2023. – 210 с.
8. Гупта, А. Военное присутствие Индии в Таджикистане. – Дели: Oxford Press, 2020. – 180 с.
9. Чен, Л. Военные базы Китая в Центральной Азии. – Пекин: Asia Review, 2022. – 110 с.
10. Global Firepower. Military Cooperation in Central Asia. – New York: GFP, 2024. – 320 с.
11. Бхатт, Р. Стратегическое значение базы Айни. – Дели: Sage, 2021. – 170 с.
12. Саидов, З. Военное сотрудничество Индии и Центральной Азии. – Ташкент: Fan, 2022. – 140 с.
13. Усмонов, И. ШОС и геополитика Центральной Азии. – Душанбе: Дониш, 2023. – 210 с.
14. Джонс, П. Дипломатия в Центральной Азии. – Вашингтон: CSIS, 2023. – 160 с.
15. Рахимов, М. Культурная дипломатия Индии в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 130 с.
16. World Bank. Debt Dynamics in Central Asia. – Washington: World Bank, 2023. – 200 с.
17. Кумар, В. Индия и Центральная Азия: мягкая сила. – Дели: Academic Press, 2022. – 150 с.
18. Шарма, Р. Чабахар и геополитика. – Дели: Policy Review, 2024. – 180 с.
19. Саидов, З. Будущее ШОС в Центральной Азии. – Ташкент: Fan, 2023. – 200 с.
20. Чен, Л. Афганистан и безопасность Центральной Азии. – Пекин: Asia Review, 2023. – 170 с.
21. Алиев, Т. Экономическое сотрудничество Казахстана и Китая. – Алматы: Экономика, 2022. – 200 с.

22. Рахимов, М. Индия и Таджикистан: культурные связи. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 150 с.
23. Каримов, А. Индия и Узбекистан: сотрудничество в ИТ. – Ташкент: Fan, 2023. – 180 с.
24. World Bank. Infrastructure Development in Central Asia. – Washington: World Bank, 2024. – 220 с.
25. Asian Development Bank. Debt Sustainability in Tajikistan. – Manila: ADB, 2023. – 190 с.
26. Гупта, С. Индия и Центральная Азия: гуманитарное сотрудничество. – Дели: Sage, 2022. – 160 с.
27. Иванов, А. Баланс сил в Центральной Азии. – Москва: Наука, 2023. – 200 с.
28. Шарма, Р. Чабахар и INSTC: перспективы. – Дели: Policy Review, 2024. – 210 с.
29. Усмонов, И. Роль ШОС в региональной стабильности. – Душанбе: Дониш, 2024. – 230 с.
30. Чен, Л. Безопасность и сотрудничество в Центральной Азии. – Пекин: Asia Review, 2024. – 220 с.
31. Кумар, В. Будущее Центральной Азии: вызовы и возможности. – Дели: Academic Press, 2024. – 250 с.

## ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЕ СОПЕРНИЧЕСТВО ИНДИИ И КИТАЯ В РЕГИОНЕ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

*Статья посвящена детальному рассмотрению геополитического соперничества между Индией и Китаем в Центрально-Азиатском регионе, который считается одним из наиболее стратегически важных регионов на международной арене. Анализируются исторические, экономические, военные и дипломатические факторы, влияющие на соперничество этих двух азиатских держав в регионе.*

*В статье оценивается влияние этого соперничества на региональную стабильность, экономическое развитие и безопасность стран Центральной Азии, таких как Таджикистан, Казахстан, Узбекистан, Туркменистан и Кыргызстан. Также рассматриваются перспективы этого соперничества и возможности сотрудничества Индии и Китая в обеспечении региональной стабильности.*

***Ключевые слова:*** *геополитическое соперничество, Индия, Китай, Центральная Азия, «Один пояс, один* путь», Шанхайская организация сотрудничества, культурная дипломатия

## GEOPOLITICAL COMPETITION BETWEEN INDIA AND CHINA IN THE CENTRAL ASIA REGION

*The article is devoted to a detailed examination of the geopolitical rivalry between India and China in the Central Asian region, which is considered one of the most strategically important regions in the international arena. Historical, economic, military and diplomatic factors influencing the rivalry between these two Asian powers in the region are analyzed.*

*The article assesses the impact of this rivalry on regional stability, economic development and security of Central Asian countries such as Tajikistan, Kazakhstan, Uzbekistan, Turkmenistan and Kyrgyzstan. It also discusses the prospects of this rivalry and the possibilities of cooperation between India and China in ensuring regional stability.*

***Keywords****: geopolitical rivalry, India, China, Central Asia, "One Belt, One Road", Shanghai Cooperation Organization, cultural diplomacy*

**Дар бораи муаллиф:**
Саидов Алишер Тағоевич –ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Љумњурии Тољикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +992 93 90 734 3633

**Сведения об авторе:**
Саидов Алишер Тагоевич - научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992 90 734 3633

**About the author:**
Saidov Alisher Tagoevich - a scientific researcher of the Southeast Asia Department of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +992 93 90 734 3633

# МАҚОМИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР НИЗОМИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА

**КАРИМОВ ШАМСИДДИН ТУРСУНМАТОВИЧ**
доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

**ТАЛБАКОВ САИДАҲТАМ ИСРОИЛОВИЧ**
докторанти PhD-и шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Тарҳрезии «Стратегияи амнияти миллӣ»-и ШМА яке аз ҷанбаҳои муҳими ташаккули сиёсати хориҷии кишвар мебошад. Ин яке аз санадҳои муҳимтарин дар самти сиёсати хориҷӣ ва мудофиавии ШМА ба шумор рафта, афзалиятҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро дар худ таҷассум ва таҳдидҳои эҳтимолиро ба амнияти кишвар ва манфиатҳои миллии давлат муайян менамояд. Азбаски санади мазкур хусусияти дастурамалӣ дорад, аз ин рӯ, ба санадҳои дигар, пеш аз ҳама ба Стратегияи мудофиаи миллӣ ва Стратегияи ҳарбии миллӣ асоснок мегардад. Ба ҳамин асос муаллифони мақола ҷойгоҳи минтақаи Осиёи Марказиро дар стратегияи амнияти миллии ШМА бо такя ба марҳилаҳои гуногуни ин раванд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти миллӣ, стратегияи амнияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ, мудофиаи миллӣ сиёсати хориҷӣ, афзалиятҳо, таҳдидҳои эҳтимолӣ, Осиёи Марказӣ, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, дипломатия.*

Дар остонаи пош хӯрдани низоми дуқуқтбии муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат ба демократикунонии режимҳои собиқи сотсиалистии Авруосиё самти афзалиятноки сиёсати берунии ШМА муайян гардидааст. Аз ин рӯ, 21 сентябри соли 1993 Ёрдамчии Президенти ШМА оид ба амнияти миллии ШМА Э.Лейк дар Мактаби таҳқиқоти байналмилалии Донишгоҳи Ҷон Ҳопкинс (Вашингтон) маърӯза намуда, консепсияи «тавсеаи демократия»-ро эълон намуд. Минбаъд, дар соли 1994 идеяҳои Э.Лейк ҳамчун асоси заминавии ҳуҷҷати Шӯрои амнияти миллии ШМА – дастури «Стратегияи амнияти миллӣ тавассути ҷалб ва густариш» гардид. Тибқи ин равиш, Вашингтон кушиш мекард, ки кишварҳои «пасошуравӣ»-ро бо модели миёнаи демократӣ ба «захираи стратегӣ» табдил дода, мавқеи худро дар минтақа устувор намояд[18].

Гарчанде идеяи мазкур барои роҳнамоӣ кардани фаъолияти ШМА дар арсаи байналмилалӣ дар давраи маъмурияти якум (1993-1997) ва дуввум (1997-2001)-и У. Ҷ. Клинтон пайдо шуда бошад ҳам, минбаъд дар сиёсати хориҷии ШМА мавқеи меҳвариро ишғол намуд.

Аз ҷумла, назарияи «сулҳи демократӣ» ба мафҳуми болозикр алоқамандии зич дошта, назарияи хеле маъмул дар доираҳои илмӣ мебошад, ки тибқи он режимҳои демократӣ ва ё, ба таъбири дигар, режимҳои демократии либералӣ бо ҳамдигар мубориза намебаранд. Ҳамин тавр, ин назария яке аз шартҳои асосии ташаккули доктринаи сиёсати хориҷии ШМА қарор гирифт.

Бояд қайд намуд, ки 26 июли соли 1947 бо имзои Президент Г. Трумен ва бо қабули Конгрес қонун «Дар бораи амнияти миллӣ» тасдиқ гардид, ки ба ислоҳоти сохторӣ дар низоми сиёсати ҳарбию мудофиавӣ ва сиёсати хориҷии ШМА, аз ҷумла таъсиси ниҳодҳои нави давлатӣ - Вазорати мудофиа, Раёсати марказии иктишофӣ ва Шурои амнияти миллӣ мусоидат намуд.

Дар заминаи он, ки Шурои амнияти миллӣ дар назди Президенти ШМА ҳамчун ниҳоди машваратӣ таъсис гардид, мутобиқи моддаи 108-и қонун «Дар бораи амнияти миллӣ» (1947) [16], Президент уҳдадор гардид, ки ҳамасола роҷеъ ба ҳадаф ва вазифаҳои сиёсати хориҷии ШМА дар самтҳои сиёсати дохилию хориҷӣ, амният ва мудофиа паём

ироа намуда, дар он масъалаҳои асосӣ, роҳҳои ҳал, инчунин усулҳо ва воситаҳои амалигардонии онҳоро низ муайян намояд. Илова бар ин, Президенти навинтихобшуда уҳдадор аст, ки дар давоми 150 рӯз баъд аз омадан ба сари қудрат гузориши мазкурро манзур намояд.

Таҳлили стратегияҳои амнияти миллии ШМА дар солҳои 1990 – 1997 нишон медиҳад, ки дар ин давра Вашингтон ба Осиёи Марказӣ ҳамчун ҳудудҳои пасошӯравӣ муносибат намуда, дар муқоиса ба дигар ҳудудҳои Шуравӣ, яъне Аврупои Шарқӣ ва Қафқоз, онро ҳамчун минтақаи манфиатҳои мушаххаси амрикоиҳо қабул накардааст. Яъне дар солҳои 90-ум минтақаи Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии ШМА мавқеи охирин ва аз мадди назар дурро ишғол намуда буд. Чунин ба назар мерасид, ки то ҳол Вашингтон дар самти минтақа стратегияи мушаххас надорад ва роҳу усулҳои амалигардонии сиёсати худро ба таври дақиқ коркард накардааст.

Раванди мазкурро муҳаққиқи узбек Г. Юлдошева чунин арзёбӣ менамояд, ки дар ин давра «дар Ғарб, ба истисноӣ чанд нафар мутахассисон ва машваратчиёни шӯравӣ, шумораи кам дар бораи Осиёи Марказӣ дарки воқеӣ доштанд» [24,142]. Мавсуф таъкид медорад, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишварҳо, пеш аз муайян кардани асосҳои консептуалии сиёсати минтақавӣ, рӯйдодҳоро пайваста зери назорат гирифта, минтақаро бодиққат омӯхтан лозим буд. Ба ҳамин муносибат Ш.Т. Каримов комилан дуруст меафзояд, ки “... ШМА таърихан ҳаргиз аз донандагони хуби аҳаммият ва махсусиятҳои минтақаи Осиёи Марказӣ набудааст ва мутаассифона, ҳанӯз ҳам нест” [5,33].

Дар робита ба ин андеша бояд қайд намуд, ки дар аввали солҳои 90-ум Г.Фуллер оянданигарии пурмазмуни дурнамои сиёсати Америкаро дар Осиёи Марказӣ тартиб дод [13]. Муаллиф дар бораи манфиатҳои мӯътадили ШМА дар минтақа сухан ронда, аз таҳдидҳои мавҷуда дар минтақа то андозае изҳори нигаронӣ кардааст, ки дар сурати афзоиш ёфтани онҳо метавонанд ба манфиатҳои Вашингтон низ таъсири манфӣ расонанд. Аммо, новобаста аз ин, аз натиҷаҳои сиёсати ШМА бармеояд, ки дар ин давра равиши фарогири тарҳрезии сиёсати минтақавии ШМА ҳанӯз ҳам сурат нагирифтааст.

Ба андешаи коршиносони амрикоӣ, баъд аз соли 1991 сиёсати ШМА ба рушди низомҳои интихоботӣ, иқтисодҳои бозорӣ, барномаҳои зидди маводи мухаддир, ҳуқуқҳои инфиродӣ ва ақаллиятҳо, баробарии гендерӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии онҳо равона шуда буд.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз рукуди нисбии муваққатии охири солҳои 1980-1990, маҷмӯи донишҳои коршиносӣ ва илмии ШМА, ки ба Афғонистон нигаронида шудааст, ҷиҳати эҳё ва вокуниши динамикӣ ба чолишҳои вазъи геополитикӣ ва сиёсати амалии Вашингтон дар минтақаи Осиёи Марказӣ тавонманд гардиданд.

Аммо тезутунд будани мушкилот ва аҳамияти онҳо, инчунин бартарияти анъанавии равиши улуми сиёсӣ, дар алоқамандӣ ба дигар таҳаввулоте, ки дар дар Афғонистон ва минтақаҳои атрофи он ба вуқӯъ омадаанд, ба маъмурияти илмӣ ва иҷтимоии ШМА ҳанӯз ҳам имкон намедоданд, ки ҷаҳонро дуруст дарк намоянд.

Ба ақидаи бархе аз коршиносон, камбуди таваҷҷуҳи ШМА дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба он алоқаманд аст, ки дар ин марҳила «ШМА бовар ба он дошт, ки низоми собиқи коммунистӣ дар кишварҳои минтақа қудрати сиёсиро аз даст нахоҳад дод, ин кишварҳо ба асли хеш боз бармегарданд, онҳо тобеи Россия боқӣ хоҳанд монд, аз ин рӯ, тамоми кӯшиш ва таваҷҷуҳи худро ба кишварҳои Назди Балтика равона сохт» [5,34].

Аммо таҳаввулоти равандҳои минтақавӣ Вашингтонро водор намуд, ки марҳила ба марҳила нуфузи худро дар минтақа устувор гардонад. Аз ҷумла, моҳи августи соли 1992 Конгресси ШМА қонун «Дар бораи пуштибонӣ аз озодӣ»-ро қабул намуд, ки ҷиҳати мусоидат дар эҷоди модели либералии демократии рушд ба кишварҳои Осиёи Марказӣ равона гардида буд [4,97]. Ҳодисаҳои муҳими ин давра оғози хуруҷи силоҳи ҳастаӣ аз Қазоқистонро дар бар мегиранд, ки рамзи муваффақияти муайян дар таъмини суботи минтақа аст.

Ҳамин тавр, дар натиҷа, ҷойгоҳи мушаххаси минтақаи Осиёи Марказӣ дар «Стратегияи амнияти миллӣ барои асри нав»-и ШМА дар моҳи майи соли 1997 муайян карда шуд. Дар санади мазкур дарҷ гардидааст, ки «Қафқоз ва Осиёи Марказии босубот ва шукуфо, ба пешбурди субот ва амният аз баҳри Миёназамин то Чин ва мусоидат ба рушди босуръат ва интиқоли захираҳои бузурги нафту гази баҳри Хазар бо иштироки назарраси тиҷоратии ШМА ба бозорҳои байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард» [9].

Ҳамзамон, дар Стратегияи амнияти миллии ШМА дар соли 1997 аз дастовардҳои кишварҳои минтақа ситоиш гардида, дурнамои вазъи минтақавии ҷавобгуйи манфиатҳои миллии ШМА таъкид гардидааст: «Дар ҳоле, ки давлатҳои нави минтақа дар ҷустуҷӯи соҳибихтиёрӣ, субот, шукуфоӣ ва ҷойгоҳи амн дар арсаи байналмилалӣ ба пешравӣ ноил шудаанд, ҳанӯз ҳам бояд корҳои зиёде анҷом дода шаванд, бахусус дар ҳалли мунокишаҳои минтақавӣ, ба мисли Қарабоғи Кӯҳӣ». Яъне ҷониби амрикоӣ ҳавасмандии худро ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти минтақавӣ изҳор доштааст.

Ҳамчунин тавсия гардидааст, ки «сиёсати хориҷӣ ва кӯмаки байналмиллалии ШМА ба дастгирии истиқлолияти сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ нигаронида шавад». Илова бар он, ҳадафи ниҳоӣ «коҳиш додани вобастагии ШМА аз манобеи энергетикӣ дар халиҷи Форси ноором» мебошад [15].

Бо назардошти андешаҳое, ки ҳокимияти мутлақи ШМА-ро дар ҷаҳон зери суол мебурд, дар ин давра равиши стратегии онҳо ба эътирофи лидерии ШМА дар ҷаҳон асоснок мегардад. Яъне чунин эътирофнамоӣ аз ҷониби маъмурияти Кохи сафед ҳамчун кафили амнияти миллии кишвар арзёбӣ гардид. Аз ин рӯ, онҳо талош мекарданд, ки тамоми имкониятҳои зарурии иқтидори миллиро ҷиҳати таъсиррасонӣ ба амалҳои муайяни дигар давлатҳо ва субъектҳои ғайридавлатии муносибатҳои байналмилалӣ истифода намоянд.

Дар робита ба он, ки меҳвари асосии пешвои ҷаҳон будани Вашингтонро қувваи идеалҳо ва арзишҳои демократӣ ташкил медиҳанд, барои амрикоиҳо нуфуз доштан дар давлатҳои иттифоқчии худ воқеияти бебаҳс аст. Аммо дар кишварҳое, ки иттифоқчии рақибони геополитикии ШМА ҳастанд, доираи нуфузи Вашингтон маҳдуд мушоҳида мегардад. Яъне онҳо давлатҳои иттифоқчии худро ҳамчун давлатҳои дар асоси принсипҳои демократия рушдёфта арзёбӣ намуда, кишварҳои иттифоқчии рақибони худро аз лиҳози демократӣ қафомонда тасвир менамоянд. Ба ин хотир, сиёсати хориҷии ШМА дар самти рушди демократия бештар ба давлатҳои ғайриғарбӣ равона гардидааст, ки ҳамчун механизми таъмини нуфузи ШМА хизмат менамояд.

Ҳамин тавр, дар замони Ҷорҷ Буши калонӣ ҳадафи ШМА бунёди ҷаҳони демократӣ муайян карда шуд ва дар замони Билл Клинтон ғояи пешбурди демократия аз зери «соя»-и доктринаи боздоранда берун шуда, ба самти мустақили сиёсати хориҷии ШМА табдил ёфт. Билл Клинтон дар ҷараёни интизориҳои хушбинонаи суръатбахшии равандҳои демократӣ дар ҷаҳон фаъолият намуда, Ҷорҷ Буши хурдӣ бо коҳиши «мавҷи» демократӣ рӯбарӯ буд. Яъне Президенти нави ШМА дар самти пешбурди демократикунонӣ ба абзори нав (ҳуҷуми мустақими ҳарбӣ, «инқилобҳои ранга») такя намуд, ки зуд боиси бадном шудани идеяи пешбурди демократия гардид [3,8].

Аммо бо такя ба «Стратегияи амнияти миллӣ барои асри нав» таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соли 1998 дар сиёсати ШМА нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ таҳаввулоти ҷиддӣ ба миён наомадааст. Балки ҷумлаҳои дар санади қаблии соли 1997 дарҷгардида айнан такрор шудаанд. Гарчанде ки чунин муносибат аз тангназарӣ ва ба инобат нагирифтани таҳлилҳои коршиносони амрикоии самти Осиёи Марказӣ гувоҳӣ медиҳад, вале ишораи умумӣ ба амнияти захираҳои табиии минтақа нишонаи он аст, ки новобаста аз фосилаи дурӣ манфиатҳои ШМА дар ин минтақа нуҳуфта аст ва тадбирҳои зарурӣ дар самти ҳифзи ин манфиатҳо коркард нашудаанд, зеро дар «Стратегияи амнияти миллӣ»-и ШМА аз моҳи октябри соли 1998 бо таваҷҷуҳ ба озмоишҳои ҳастаии Ҳиндустон ва Покистон дар моҳи майи соли 1998 таъсири минтақаҳои гирду атроф ба «нафт ва гази минтақаҳои Қафқоз ва Осиёи Марказӣ ҳамчун манбаъҳои боэътимоди энергия» таъкид гардидааст.

Таҳлили муқоисавии «Стратегияи амнияти миллӣ»-и ШМА дар соли 1999 нисбат ба дигар давраҳо нишон медиҳад аҳаммияти манфиатҳои иқтисодии Вашингтон дар Осиёи Марказӣ мушаххастар гардида, тамоюли мусоидат ба рушди соҳа дар ҳоли афзоиш аст. Дар ин давра ҷониби ШМА кушиш намуд, ки таваҷҷуҳи махсусро ба сармоягузорӣ ба захираҳои энергетикии баҳри Хазар ва содироти онҳо аз минтақаи Қафқоз ба бозорҳои ҷаҳонӣ равона карда, ба ин васила захираҳои энергетикии ҷаҳонро васеъ ва диверсификатсия созад ва ба шукуфоии минтақа мусоидат намояд. Маҳз дар ин замина аҳаммияти стратегии минтақаи Осиёи Марказӣ ба таври зерин ифода гардид: «Қафқоз ва Осиёи Марказии босубот ва шукуфо ба рушди босуръат ва интиқоли захираҳои бузурги нафту гази баҳри Хазар бо иштироки назарраси тиҷоратии ШМА мусоидат хоҳад кард» [10].

Ба андешаи аксари коршиносони ғайриғарбӣ, таваҷҷуҳи ШМА нисбат ба Осиёи Марказӣ баъд аз ҳодисаҳои моҳи сентябри соли 2001 ба таври бесобиқа афзоиш ёфта, ин ҳолат омили ворид гардидани Вашингтон ба минтақа гардид. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин марҳила аз ҷониби Вашинтон ташаббусҳои ҷиддӣ руйи кор наомадааст.

Масалан, дар стратегияи соли 2002 ба таҳкими амнияти энергетикии ШМА ва шукуфоии муштараки иқтисоди ҷаҳон тавассути ҳамкорӣ бо иттифоқчиён, шарикони тиҷоратӣ ва истеҳсолкунандагони энергия, ҷиҳати васеъ намудани манбаъҳо ва намудҳои энергияи глобалии таъминшуда, бахусус дар нимкураи Ғарбӣ, Африқо, Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи Хазар ишора гардидааст. Аз ин бармеояд, ки дар ин марҳила ҳамоно сиёсати минтақавии ШМА дар ҳоли шаклгирӣ қарор дорад. Бешубҳа, таъкид гардидани манфиатҳои иқтисодии Вашингтон дар санадҳои болозикр ба паст кардани нуфузи рақибон дар минтақа алоқамандӣ дорад. Аз ин рӯ, маъмурияти ШМА ҷиҳати таҳияи сиёсати мушаххас дар самти минтақа тадбирҳои зарурӣ ва ҷавобгӯй ба манфиатҳои кишварро роҳандозӣ накардааст.

Аз ҷумла, ба дастовардҳои назаррас ноил нагардидан ҷиҳати «густариши демократия» ва барпо намудани иқтисоди бозаргонӣ, ШМА-ро водор намуд, ки бо мақсади пурзур намудани нуфузи дар минтақа бо истифода аз усулҳои дигар амал намояд. Дар робита ба усулҳои нави сиёсати ШМА донишмандони мактаби амрикошиносии Русия чунин андеша доранд, ки «дар сурати мавҷуд набудани фишангҳои муассири молиявӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ дар кишварҳои ИДМ маъмурияти ШМА ба хулосае омад, ки барои иҷборан аз қудрат дур кардани раҳбарони номатлуби кишварҳои минтақа, дастгирии раҳбарони нерӯҳои мухолифи ғарбгаро дар фазои пасошӯравӣ дар самти ташкили эътирозҳои оммавӣ, комилан ба мақсад мувофиқ аст» [6,96].

Дар ин замина, коршиносон «инқилоби садбарг»-и Гурҷистонро ҳамчун аввалин муваффақияти стратегияи болозикр арзёбӣ намуда, ҳодисаҳои Арманистон, Беларус ва Узбакистонро дар нимаи аввали соли 2004, ки бо сабаби тарафдори оммавӣ надоштани қувваҳои мухолифи ғарбгаро дар ин кишварҳо ба нокомӣ дучор шуданд, ба талошҳои ШМА рабт медиҳанд.

Маҳз ба ҳамин сабаб роҳбарони сиёсии минтақа низ ба чунин равишҳои вайронкорона муқобил баромаданд, аз ҷумла собиқ Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар соли 2004 намояндагишои ташкилотҳои байналмилалии ғарбиро маҷбур намуд, ки дубора сабти ном шаванд. Чунин муносибат дар Ғарб вокуниши шадиди манфиро ба амал овард, аммо эътироз ва интиқодҳои Ғарб И.Каримовро боздошта натавонистанд ва дар натиҷа, масалан, дафтари Институти «Ҷамъияти Кушода»-и Ҷорҷ Соросро баст ва назоратро аз болои фаъолияти созмонҳои дигари демократӣ ва ҳуқуқи башари ғарбӣ пурзӯр намуд [7,81].

Аммо баъд аз соли 2005 дар сиёсати минтақавии ШМА таҳаввулоти ҷиддӣ дар самти Осиёи Марказӣ на танҳо тарҳрезӣ мегардад, балки амрикоиҳо ба амалкард рӯ меоранд. Чунин қадамҳои муҳим дар «Стратегияи амнияти миллӣ»-и ШМА дар соли 2006 аз руйи принсипи арзишнокӣ асоснок мегардад. «Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ як минтақаи дорои аҳамияти бузурги стратегӣ аст, ки дар он манфиатҳо ва арзишҳои Амрико мисли пештара бо ҳам алоқаманданд». Яъне, агар то ин давра равишҳои ШМА дар асоси манфиатҳои иқтисодӣ татбқи мегардад, минбаъд сиёсати хориҷии Вашингтон дар заминаи арзишҳо пешбарӣ мегардад.

Новобата аз он, ки дар ин давра чун пештара масъалаҳои таъмини демократия, шукуфоӣ ва субот дар фазои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои ШМА арзёбӣ мегардад, аммо падидаи нав афзалият додан ба сиёсати хориҷии устувор дар минтақа мебошад, ки ҳамчун кафили рушди муносибатҳои мутақобилан судманд, хизмат мекунад.

Илова бар ин, густариши ҳамкориҳо тавассути пайвандҳои минтақа ва ҷалби зарфиятҳои дигар минтақаҳо ҷиҳати рушди ҳамдигарӣ аз ҷумлаи механизмҳои амалигардонии сиёсати минтақавии ШМА мебошад. Амрикоиҳо боварӣ доранд, ки муносибатҳои ҳамоҳангшудаи онҳо бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ метавонанд барои ҳамкориҳои амиқтар дар саросари Осиёи Марказӣ заминагузор бошад. Ҳамзамон, «Афғонистон ба таври афзоянда нақши таърихии худро ҳамчун пули заминӣ миёни Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ, ки ин ду минтақаи ҳаётан муҳимро мепайвандад, ба ӯҳда хоҳад гирифт».

Яъне стратегияи соли 2006 барои ҳалли низоъҳои минтақавӣ се сатҳи ҳамкории ШМА-ро мушаххас менамояд: пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо; дахолат ба муноқиша; муътадилгардонӣ ва аз нав барқарор намудани баъд аз ҷангӣ.

Дар заминаи ҳадафҳои болозикр соли 2006 Конгресси ШМА дар пасманзари тағйироти ҷиддии вазъияти байналмиллалӣ ва Авруосиё, ки бо ҳамлаи террористии 11 сентябр ва инқилобҳои ранга алоқаманд аст, лоиҳаи қонуни навро бо номи «Камарбанд ва роҳ» қабул намуд. Дар ин навбат мазмуни лоиҳаи қонун хеле тағйир ёфта, акнун Афғонистон ба феҳристи кишварҳои «Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ» шомил гардид ва бо назардошти аҳамияти иқтисодии «Роҳи Абрешим» механизмҳои институтсионалии дахлдор таҳия шудаанд. Ҳадафи ин стратегия «ҷилавгирӣ аз монополияи захираҳои энергетикӣ ва дигар объектҳои минтақа» ва «ҳифзи сиёсати диверсификатсияи энергитикии ШМА» мебошад [20]. Ҳарчанд ин санад ба ҳалли масъалаи Афғонистон нигаронида нашудааст, аз нигоҳи роҳҳои ҳал ва таъкид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ лоиҳаи мазкур ба санади дигаре, ки соли 2011 қабул гардид, хеле наздик буда, гузариш аз стратегияи Авруосиё ба стратегияи Афғонистонро инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, муҳимтарин вижагии сиёсати хориҷии ШМА дар самти минтақаи Осиёи Марказӣ натиҷагирӣ ва арзёбии робитаҳо бо ҳар як кишвари минтақа ба таври алоҳида мебошад, ки ин масъала дар стратегияи амнияти миллии кишвар низ ифода ёфтааст: «Панҷ кишвари Осиёи Марказӣ аз ҳамдигар тафовут доранд ва муносибатҳои мо бо ҳар кадоме муҳим бошанд ҳам, аз ҳам фарқ хоҳанд кард». Бо назардошти ин, унсурҳои стратегиии сиёсати минтақавии ШМА ба таври зерин пайгирӣ карда мешавад: мусоидат ба демократияи муассир ва тавсеаи ислоҳоти бозори озод, диверсификатсияи манбаъҳои глобалии энергия, таҳкими амният ва пирӯзӣ дар ҷанг алайҳи терроризм.

Ба андешаи коршинос С. Шарифов, усулан ШМА метавонад нисбат ба ҳар яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ тарзи наздик шуданро пайдо намояд, вале ин кор чандон осон нест. Дар сурате, ки мувозинати геополитикии нерӯҳо дар минтақа ба фоидаи васеъ гардидани таъсири ШМА дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ҳал гардад, бархурди комплексӣ лозим аст, ки он на танҳо зарурати пурзур намудани ҳузури ҳарбӣ, балки амалҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитариро низ дар назар дорад [1,79-90]. Яъне раванди афзоиши алоқамандӣ ба Осиёи Марказӣ танҳо бо амалҳои ШМА маҳдуд намешавад. Аз ин рӯ, баробари аз нав тақсим гардидани манфиатҳои стратегӣ, субот дар минтақа аз муносибати байниҳамдигарии бозингарони асосии геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ вобаста хоҳад буд.

Чи тавре ки дар боло қайд гардид, минбаъд амрикоиҳо кушиш мекарданд нисбат ба ташаббусҳои шиоромези камсамар бештар ба амалҳои самарабахши воқеӣ такя намоянд. Масалан, матни стратегияи амнияти миллии кишвар барои солҳои 2007-2014 дастрас нест, аммо маҳз дар ин давра лоиҳаҳои гуногуни амрикоӣ дар минтақа татбиқ гардидаанд, ки натиҷаи онҳоро дар стратегияи амнияти миллӣ барои соли 2015 метавон бараъло мушоҳида намуд.

Ҳатто, новобаста ба он, ки дар стратегияи амнияти миллии ШМА барои соли 2010 роҷеъ ба минтақаи Осиёи Марказӣ ягон сухан гуфта нашудааст, аммо 22 сентябри соли

2010 зимни Конфронси вазирони Роҳи Абрешим Котиби давлатии ШМА Ҳиллари Клинтон ба таври возеҳ «Стратегияи Роҳи нави Абрешим»-ро пешбарӣ намуда, иброз дошт, ки тамаркузи сиёсати ШМА дар Афғонистон «ба стратегияи иқтисодӣ гузашт» [14].

Гарчанде ки президент Б. Обама ҳеҷ гоҳ дар бораи «Стратегияи Роҳи нави абрешим» суханронии расмӣ накардааст ва ҳеҷ санади расмии сиёсӣ исбот намекунад, ки ШМА ҳатман ин сиёсатро нисбат ба Афғонистон дар давраи гузариш ва пас аз соли 2014 татбиқ хоҳад кард, аммо тавассути як силсила конфронсҳои байналмилалӣ ва суханрониҳои мақомоти баландпояи давлатӣ «Стратегияи Роҳи нави абрешим» аз ҷониби минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ расман эътироф гардид, ки муҳимтарини онҳо Конфронси вазирони Роҳи Абрешим санаи 22 сентябри соли 2010, Конфронси Истамбул оид ба Афғонистон (2 ноябр) ва Конфронси Бонн оид ба Афғонистон (5 декабр) мебошанд.

Дар муқоиса бо лоиҳаи қонуни соли 2006 санади соли 2011 роҷеъ ба тавсифи «Роҳи абрешими Авруосиё» ба ҷуз аз иловаи чанд тарҳ, аз қабили сохтмони Шабакаи тақсимоти шимолӣ дар нимаи аввали соли 2009, бастани созишномаи тиҷорати транзитӣ байни Афғонистон ва Покистон дар аввали соли 2009 ва ғайра дигар тағйиротҳои ҷиддӣ мушоҳида намегардид. Аз ин нуқтаи назар, ду стратегияи Роҳи Абрешим ҳеҷ тафовуте аз ҳамдигар надоштанд.

Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари хосиятҳо ин ду ҳуҷҷат фарқиятҳои ҳудудиро фарогир мебошанд. Агар ҳуҷҷати аввал стратегияи рушди иқтисодии Авруосиёро дар бар гирад, пас «Стратегияи Роҳи нави абрешими 2011» як роҳи ҳалли иқтисодии минтақавӣ мебошад, ки комилан ба ниёзҳои ҷанги Афғонистон бахшида шудааст [8,78].

Ба монанди суханронии Ҳ. Клинтон дар бораи Стратегияи нави Роҳи Абрешим дар соли 2011, ҳукумати Амрико матни расмии "Стратегияи Осиёи Марказӣ дар соли 2015"-ро низ нашр накард. Баъзеҳо бар ин бовар ҳастанд, ки рӯзи 31 марти соли 2015 Э. Блинкен (он вақт муовини котиби давлатӣ) дар Институти Брукингс таҳти унвони «Стратегияи Осиёи Марказӣ барои соли 2015: «Раҳнамудҳои дарозмуддат барои Осиёи Марказӣ» суханронӣ намуда, иброз дошт, ки «Шояд назари мо роҷеъ ба Осиёи Марказӣ дар тӯли солҳо тағйир ёфтааст, аммо тамоюли мо ҷиҳати шарикии дарозмуддате, ки аз манфиатҳо ва арзишҳои мо дар минтақа бармеояд, тағйир наёфтааст. Чунки амнияти ШМА ва суботи Осиёи Марказӣ бо ҳам алоқамандандии зич доранд» [8,85]. Моҳи ноябри ҳамон сол Котиби давлатӣ Ҷон Керрӣ дар Донишгоҳи ба номи Н. Назарбоев (Қазоқистон) дар мавзӯи «ШМА ва Осиёи Марказӣ: шарикон дар асри XXI» суханронӣ намуд, ки ин шарҳи иловагии «стратегия»-и дар боло зикршуда буд.

Дар робита ба «Стратегияи Осиёи Марказӣ барои соли 2015» баъзе аз коршиносон чунин андеша доранд, ки ин бори аввал аст, ки сиёсатмадорони ШМА нисбат ба минтақа ҳамчун як субъекти стратегии мустақил менигаранд ва дидгоҳи стратегии худро оид ба Осиёи Марказӣ пешниҳод мекунанд [19].

Ҳамчунин дар стратегияи амнияти миллии ШМА дар соли 2015 таъкид гардидааст, ки «мо ҳамкориро бо Ҳиндустон ва Покистон ҷиҳати мусоидат ба суботи стратегӣ, мубориза бо терроризм ва пешрафти ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ идома хоҳем дод» [21].

Яъне дар марҳилаи нави татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ амрикоиҳо иброз медоранд, ки ШМА робитаҳои иқтисодиро на танҳо барои ворид шудан ба бозор, балки барои эҷоди муносибатҳои устувор барои пешбурди манфиатҳои умумии сиёсӣ ва амниятӣ пайгирӣ мекунад. Чунин равиш ба рақобати шадид бо мақеъи Русия ва Чин дар минтақа алоқамандӣ дорад. Маъмурияти Кохи сафед ба хулосе омад, ки «имрӯз ШМА-ро зарур аст, ки ҷиҳати муносибатҳои мусбӣ дар саросари ҷаҳон рақобат намояд» [22].

Воқеан ҳам Чин барои инфрасохтор дар саросари ҷаҳон миллиардҳо доллар сармоягузорӣ мекунад. Русия низ таъсири худро аз ҷиҳати иқтисодӣ тавассути назорати инфрасохтори калидии энергетикӣ ва дигар инфрасохтор дар қисматҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ тарҳрезӣ мекунад. Аммо «ШМА алтернативае ба сармоягузориҳои аз ҷониби давлат равонашуда пешниҳод мекунад, ки аксар вақт кишварҳои рӯ ба тараққиро бадтар мегардонанд» [22].

Дар баробари рақобатҳои геополитикӣ, вижагии дигари сиёсати минтақавии ШМА дар соли 2017 муқобилият бо терроризм ва экстремизм мебошад. Чунки дар ин давра таҳдидҳои террористӣ ба авҷи худ расида, онҳо дар баъзе аз гушаҳои ҷаҳон ба пирӯзӣ ноил гардиданд. Бо назардошти ин «манфиатҳои Вашингтон дар минтақа муқовимат бо таҳдидҳои террористие, ки ба амнияти ШМА ва муттаҳидони он таъсир мерасонанд, пешгирии терроризми фаромарзӣ, ки дурнамои шиддати ҳарбӣ ва ҳастаиро афзоиш медиҳанд ва пешгирӣ аз афтодани аслиҳаи ҳастаӣ, технология ва маводҳо ба дасти террористон мебошанд» [22].

Барои дастёб гардидан ба чунин манфиатҳо ШМА кишварҳои минтақаро ташвиқ мекунад, то бар зидди ҳукмронии қудратҳои рақиби Вашингтон устувор бошанд, ба паноҳгоҳҳои амни ҷиҳодӣ муқовимат намоянд ва ислоҳотро авлавият диҳанд. Аз ин бармеояд, ки баъд аз танг шудани мавқеи ШМА дар минтақа истифода намудан аз зарфияти минтақавӣ ҷиҳати пешбурди талошҳои зиддитеррористӣ ҳамчун механизм қарор мегирад.

Аллакай дар нимаи дуюми соли 2017 бисёре аз олимони амрикоӣ, ки бо доираҳои сиёсӣ робитаи наздик доштанд, ба навиштани мақолаҳо дар бораи сиёсати нави ШМА дар Осиёи Марказӣ таваҷҷӯҳ намуданд. 8 феврали соли 2018 муовини ёвари Котиби давлатии ШМА оид ба Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ Элис Уэллс дар Ӯзбекистон мусоҳиба анҷом дода, роҷеъ ба тағйироти нав дар сиёсати ШМА нисбат ба Осиёи Марказӣ ба таври муфассал суханронӣ намуд. Илова бар ин, Э. Руденшолд, директори умури Осиёи Марказӣ дар Шӯрои амнияти миллии ШМА, раҳбарии гурӯҳи таҳияи стратегияи минбаъда дар самти минтақаро ба ӯҳда гирифт.

Ҳамин тавр, марҳилаи навбатии ҷойгоҳи Осиёи Марказӣ дар стратегияи амнияти миллии ШМА ба ҳодисаҳои Украина алоқамандӣ дорад. Новобаста аз он, ки дар соли 2019 маъмурияти Д. Трамп дар самти минтақа стратегияи мушаххасро қабул намуд, аммо дар санади стратегияи амнияти миллии кишвар аз октябри соли 2022 минтақа дар алоқамандӣ ба ҳаводиси Украина ва сиёсати Русия тавсиф мегардад: «мо минбаъд низ аз истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии Осиёи Марказӣ пуштибонӣ хоҳем кард. Мо ба саъю кӯшишҳо барои баланд бардоштани устуворӣ ва рушди демократӣ дар панҷ кишвари ин минтақа мусоидат хоҳем кард».

Дар робита ба афзалиятбахшии маъмурияти Вашингтон ба дастгирии соҳибихтиёрии кишварҳои минтақа бояд қайд намуд, ки ҳузури ШМА дар минтақа метавонад замонати таъмини истиқлолияти сиёсӣ ва амнияти ин кишварҳо бошад, аммо мавриди таваҷҷӯҳи махсуси ШМА қарор гирифтани амнияти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаи ҳассос буда, метавонад баъзе носуботӣ ва низоъҳои номатлубро ба бор оварад, чун дар ниҳояти кор сухан дар бобати маҳдуд сохтани нуфузи Русия ва Чин дар Осиёи Марказӣ меравад. Гумон меравад, ки ҳалли мушкилиҳои мавҷуда ва давраи инкишофи минтақа бидуни иштироки фаъолонаи Россия ғайриимкон хоҳад буд.

Аммо коршиноси узбек Ф. Толибов дар робита ба он, ки ШМА ҳамеша аз истиқлолият ва роҳи демократии Осиёи Марказӣ пуштибонии расмӣ дошт, вале Русия ҳеҷ гоҳ ин корро накардааст, таъкид менамояд, ки истиқлолияти сиёсиро дар заминаи рақобати ШМА ва Русия бояд ҳимоя кард. Новобаста аз он, ки дастгирии истиқлолият ва рушди демократия дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷанбаи геополитикӣ дорад ва ин воқеияти бебаҳс аст, аммо мавсуф бар ин бовар аст, ки «имконияти интихоби демократии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба қобилияти идомаи ин давлатҳо барои нигоҳ доштани дараҷаи истиқлолият дар сиёсати хориҷӣ ва амниятии худ бо нигоҳ доштани равобити пурмазмун бо ШМА ва Ғарб вобаста аст» [12].

Вижагии санади мазкур аз соли 2022 дар он аст, ки дар ин марҳила аҳаммияти тарҳи нави робитаҳо миёни ШМА ва кишварҳои минтақа таъкид гардидааст: Мо талошҳоро тавассути платформаи дипломатии C5+1 (Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Узбакистон ва ШМА) ҷиҳати пешбурди мутобиқшавии иқлим, беҳтар намудани амнияти минтақавии энергетикӣ ва озуқаворӣ, густариши

ҳамгирой дар дохили минтақа ва эҷоди пайвастагии бештар ба бозорҳои ҷаҳонӣ, густариш хоҳем дод» [23].

Дар маҷмуъ, Стратегияи амнияти миллии ШМА санади расмие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти иҷроия дар чанд сол як маротиба ба Конгресс барои тасдиқ пешниҳод мегардад ва дар он масъалаҳои асосии соҳаи амнияти миллӣ бо роҳҳои ҳал инъикос мегардад. Дар самти таҳия ва пешбарии санади мазкур маъмурияти президент нақши асосӣ дошта, самти сиёсати хориҷии кишвар дар ин санад барои марҳилаи зарурӣ, муайян карда мешавад.

Амнияти миллии ШМА ҳамчун истилоҳи дастаҷамъӣ муайян карда мешавад, ки ҳам мудофиаи миллӣ ва ҳам муносибатҳои хориҷии кишварро бо мақсади ба даст овардани ҳадафҳои зерин муттаҳид мекунад: «бартарии ҳарбӣ ё мудофиавӣ нисбат ба ягон миллат ё гурӯҳи миллатҳои хориҷӣ; мавқеъи мусоид дар робитаҳои хориҷӣ; ё мавқеъи дифоъӣ, ки қодир ба муқовимати бомуваффақият ба амалиёти душманона ё харобиовар аз дохил ё берун, ошкор ё пинҳонӣ муқобилат намояд» [11].

Баррасии стратегияҳои гуногуни амнияти миллии ШМА дар тӯли солҳо нишон медиҳад, ки онҳо баъзе унсурҳои асосии умумӣ доранд, аз қабили тасдиқи роҳбари ҳукумат; инъикоси дақиқи арзишҳои миллӣ; равшан баён кардани манфиатҳои миллӣ; эъломи дидгоҳи стратегӣ; муайян кардан ва арзёбии мушкилоти оянда. Инҳо унсурҳои мушабеҳи аксари стратегияҳо дар саросари ҷаҳон низ мебошанд.

Аз замони қабули Қонуни зикршудаи Голдуотер-Николс дар соли 1986, президентҳои Амрико амалан ҳамасола стратегияҳои амнияти миллиро интишор ва ба Конгресс пешниҳод мекунанд. Пас аз анҷоми ҷанги сард, стратегияҳо ҳамчун як ҳуҷҷати ғайримахфӣ омода карда шуданд, ки дастраси умум гардид ва имкони баҳси оммавӣ оид ба ҳама масъалаҳои марбут ба амнияти миллии кишварро фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳаввулоти стратегияҳои амнияти миллӣ ва таҳлили нақши онҳо дар амнияти миллии ШМА, метавонем хулоса намуд, ки таҳия ва эълони онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои васеътар имкон фароҳам овард - аз таҳлили муҳити амниятӣ ва таҳдидҳо ба кишвар то муаррифии дидгоҳи президент дар бораи нақши ШМА дар ҷаҳон ва ба даст овардани дастгирии ҷомеа барои афзалиятҳои эълоншудаи амнияти миллии давлат [17]. Бо назардошти мубрамият, тағйирот дар санадҳои болозикр роҷеъ ба мақоми Осиёи Марказӣ қаринаи аввалини рушди дарки стратегии минтақа аз ҷониби сиёсатмадорони амрикоӣ арзёбӣ мегардад.

Бо натиҷагирӣ аз санадҳои болозикр метавон гуфт, ки дар императивҳои стратегии сиёсати хориҷии ШМА дар Осиёи Марказӣ, ки амалӣ гардидани талошҳои Вашингтон ба ҳукмронии ҷаҳонӣ ба он вобаста аст, аз нуқтаи назари амалӣ ва ноил шудан ба ҳадафи ниҳоӣ дар тӯли давраи пас аз дуқутба ягон тағйироти мушаххасе нашудааст, ба истиснои ислоҳоти таҳрирӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки стратегияи ШМА дар Осиёи Марказиро бо назардошти вазъи доимии сиёсии байналмилалӣ муайян мекунанд [2,76]. Чунин ба назар мерасад, ки тағйирёбии тасаввуроти стратегии ШМА нисбат ба Осиёи Марказӣ масъалаи муҳим, вале барои фаҳмидани рушди умумӣ ва самтиояндаи стратегияи ШМА дар Осиёи Марказӣ аксаран сарфиназаршуда ба шумор меравад.

## АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА:

1. А.К.Зайферт, А.Крайкемайер. Дар бораи мувофиқати исломи сиёсӣ ва амният дар қаламравӣ САҲА. -Душанбе: «Деваштич». -2004. -304 с.

2. Ахмедов, Ф.А. Центральноазиатский регион в фокусе геополитических интересов глобальных акторов (на примере РФ, КНР и США): Специальность: 23.00.04 – «Политические проблемы международных отношений, глобального и регионального развития»: Диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук / Ахмедов Фаррух Абдусаломович. – Душанбе, 2019. – 173 с.

3. Айриян, Р. С. Концепция продвижения демократии во внешней политике США: новый импульс в развитии идеи американской исключительности / Р. С. Айриян // Новое прошлое. – 2022. – № 3. – С. 8-22.

4. Гарбузарова, Е. Г. Приоритеты внешней политики Д. Трампа в Центральной Азии / Е. Г. Гарбузарова // Вестник Томского государственного университета. – 2020. – № 455. – С. 97-103.
5. Каримов, Ш. Т. Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Аврупо ва Амрико / Ш. Т. Каримов. – Душанбе: "Дониш". -2023. – 169 с.
6. Касюк, Л. А. Политика США на постсоветском пространстве в центральноазиатском регионе / Л. А. Касюк // Вестник Московского государственного лингвистического университета. – 2010. – № 581. – С. 89-106.
7. Самуилов С. М. Этапы политики США в отношении СНГ // США: Экономика. Политика. Идеология. – М., 2005. – № 3. – С. 61.
8. Шэнь, С. Эволюция развития стратегического восприятия США в Центральной Азии / С. Шэнь // Этносоциум и межнациональная культура. – 2021. – № 9(159). – С. 76-87.
9. A National Security Strategy for A New Century May 1997 Манбаи электронӣ:https://clintonwhitehouse3.archives.gov/WH/EOP/ NSC/Strategy/ [Санаи муроҷиат: 26.06.2025]
10. A national security strategy for a new century. The White House. December 1999. Library of Congress. Манбаи электронӣ: https://www.loc.gov/item/2023693030/ [Санаи муроҷиат: 24.06.2025]
11. Doctrine for the Armed Forces of the United States, 2017, pp. GL-9 – GL-10, DOD, Dictionary of Military and Associated Terms, 2019, p. 150
12. Farkhod Tolipov. U.S.-Russian Cold War - At Central Asia's expense? 10 February 2022. Манбаи электронӣ: https://www.cacianalyst.org/publications/analytical-articles/item/13706-us-russian-cold-war-at-central-asias-expense?.html [Санаи муроҷиат: 13.01.2025]
13. Fuller G. E. Central Asia. The New Geopolitics. Prepared for the Under Secretary of Defense for Policy. – Santa Monica: Rand Corporation, 1992.
14. Hillary Rodham Clinton, Remarks at the New Silk Road Ministerial Meeting, Sep 22, 2011, United Nations, New York, NY.
15. Marlene Laruelle, Mapping Central Asia, Ashgate, August 1, 2011. P. 97-99.
16. National Security Act of 1947 // Public Law, 80-253. Манбаи электронӣ:https://www.webcitation.org/5Xi9eEYG9?url=http://www. intelligence.gov/0-natsecact_1947.shtml https://govtrackus.s3.amazonaws.com/ legislink/ pdf/stat/61/STATUTE-61-Pg495.pdf [санаи муроҷиат: 08.07.2025]
17. Plamen Bogdanov. The Role of the National Security Strategy in the National Security of the United States of America. // Romanian military thinking international scientific conference proceedings // Dynamics of security architecture in the wider black sea area, in the context of the conflict in Ukraine and the new NATO strategic concept. 4th edition. Bucharest. 2022 P. 55.
18. Remarks of Anthony Lake, Assistant to the President for National Security Affairs «From Containment to Enlargement». Johns Hopkins University, School of Advanced International Studies, Washington, D.C. September 21, 1993, Манбаи электронӣ:https://www.globalsecurity.org/ wmd/library/news /usa/1993/usa-930921.htm [Санаи муроҷиат: 24.04.2025]
19. Remarks of Deputy Secretary of State, Antony J. Blinken, «An Enduring Vision for Central Asia», U.S. Washington, DC: Brookings Institute, March 31, 2015. Манбаи электронӣ: : https://2009-2017.state.gov/s/d/2015/240013.htm [Санаи муроҷиат: 3.01.2025]
20. Silk Road Strategy Act, S. 2749, 109th Congress 2D Session, May 4, 2006.
21. The National Security Strategy of the United States of America. February 2015. Манбаи электронӣ: https://history.defense.gov/ Historical-Sources/National-Security-Strategy/ [Санаи муроҷиат: 24.05.2025]
22. The National Security Strategy of the United States of America. December 2017. Манбаи электронӣ:https://history.defense.gov/ Historical-Sources/National-Security-Strategy/ [Санаи муроҷиат: 27.06.2025]

23. The National Security Strategy of the United States of America. October 12, 2022. Манбаи электронӣ: https://www.whitehouse.gov/ wp-content/uploads/2022/11/8-November-Combined-PDF-for-Upload.pdf [Санаи муроҷиат: 6.01.2025]

24. Yuldasheva, G. U.S. Strategy in Central Asia: problems and achievements / G. Yuldasheva // Central Asia and the Caucasus. – 2011. – Vol. 12, No. 2. – P. 141-151.

## МЕСТО РЕГИОНА ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В СИСТЕМЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СОЕДИНЕННЫХ ШТАТОВ АМЕРИКИ

*Разработка «Стратегии национальной безопасности» США является одним из важнейших аспектов формирования внешней политики этой страны. Это один из важнейших документов в области внешней и оборонной политики США, воплощающий приоритеты внутренней и внешней политики страны и определяющий потенциальные угрозы безопасности и национальным интересам страны. В связи с тем, что данный документ носит директивный характер, он базируется на других документах, прежде всего на Стратегии национальной обороны и Национальной военной стратегии.*

*В связи с этим в данной статье проанализировано и обсуждено место и значение центральноазиатского региона в стратегии национальной безопасности США с особым акцентом на динамику ее формирования и развития на различных этапах.*

***Ключевые слова:*** *национальная безопасность, стратегия национальной безопасности, национальная оборона, национальные интересы, внешняя политика, приоритеты, потенциальные угрозы, Центральная Азия, Соединенные Штаты Америки, взаимные интересы, дипломатия.*

## PLACE OF THE CENTRAL ASIAN REGION IN THE NATIONAL SECURITY SYSTEM OF THE UNITED STATES OF AMERICA

*Designing the «National Security Strategy» of the USA is one of the most important aspects of the formation of the foreign policy of this country.This is one of the most important documents in the field of foreign and defense policy of the United States, embodying the priorities of the country's domestic and foreign policy, identifying potential threats to the country's security and national interests. Due to the fact that this document has a directive nature, it is based on other documents, first of all, on the National Defense Strategy and the National Military Strategy.*

*In this regard, this article analyzes and discusses the place of the Central Asian region in the US national security strategy, taking into account various stages.*

***Keywords:*** *national security, national security strategy, national interests, national defense, foreign policy, priorities, potential threats, Central Asia, United States of America, mutual interests, diplomacy.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Каримов Шамсиддин Турсунматович** - доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. тел.: (+ 992) 93-570-17-80, e-mail: shamskarimov14@gmail.com

**Талбаков Саидаҳтам Исроилович** - докторанти PhD-и шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.: (+ 992) 987-97-59-46, E-mail: talbakov.2018@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Каримов Шамсиддин Турсунматович** - главный научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, республика таджикистан, душанбе, проспект рудаки 33. tел.: (+ 992) 935-70-17-80, e-mail: shamskarimov14@gmail.com

**Талбаков Саидахтам Исроилович -** докторант PhD отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальная академия наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки 33. Тел.: (+ 992) 987-97-59-46, E-mail: talbakov.2018@mail.ru

**Information about Authors:**

**Karimov Shamsiddin Tursunmatovich -** doctor of political sciences, chief researcher of the Department of US and Canadian studies of the Institute of studying of the problems of Asian and European Countries National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 33. Tel.: (+ 992) 935-70-17-80, E-mail: shamskarimov14@gmail.com

**Talbakov Saidahtam Isroilovich -** Doctoral PhD student of the Department of US and Canadian studies of the Institute of studying of the problems of Asian and European Countries National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 33. Tel.: (+ 992) 987-97-59-46. E-mail: talbakov.2018@mail.ru

# МУШКИЛОТИ НОРАСОИИ ОБИ ТОЗА ДАР ҚАРИНАИ СИЕСАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**АЗИЗЗОДА ҒАЙРАТ**
унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналмилалии ДДҲБСТ

*Дар мақола масъалаҳои вобаста ба норасоии оби тоза дар контексти сиёсати байналмилалиро мавриди баррасӣ карор дода мешавад. Дар макола қайд карда мешавад, ки сиёсати оби ё гидросиёсат босуръат ба мавзуи умумии махсусан муҳими сиёсати экологӣ ва низоъшиносӣ табдил меёбад. Азбаски об муҳимтарин манбаи тамоми ҳаёт аст, қимати дохилии он аз бузургтарин санги гаронбаҳои ҷаҳон арзишмандтар аст, ниёзи он аз нафт ё пӯлод дида бештар аст ва зарурати он аз ҳама унсурҳои дигари рӯи замин муҳимтар аст.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати байналмилалӣ, мушкилоти об, миқдори об, сиёсати экологӣ, гидрополитика, захираҳои оби тоза, касри оби тоза, аҳолӣ, рушди иқтисодӣ, муҳити зист.*

Масъалаи маҳфуз доштани захираҳои об на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми ҷаҳон муҳим буда, амалҳои мушаххаси устуворро тақозо менамоянд. Истифодаи технологияҳои муосири каммасраф ва муносибати эҳтиёткоронаро ба ин манбаи муҳими ҳаёт шарти асосии кам кардани талафоти об ба ҳисоб меравад. Сиесати об ё гидрополитика зуд ба мавзӯи аҳамияти истисноӣ дар соҳаи умумии сиесати экологӣ ва конфликтология табдил меебад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи умумии Конфронси 29-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим қайд намуданд; “Хавфу таҳдидҳои иқлимӣ нисбат ба амалҳое, ки аз ҷониби мо татбиқ мешаванд, зудтар сурат гирифта, таъсиргузоранд.Тайи панҷ соли охир мо пайваста шоҳиди солу моҳҳои гармтарин дар тамоми давраҳои мушоҳидаҳо гашта истодаем: тибқи гузориши коршиносон соли 2024 низ ҳамчун соли гармтарин сабт шуд. Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки талошу амалҳои худро ҷиҳати ҳалли мушкилоти иқлимӣ бамаротиб зиёд кунем»[1].

Азбаски об манбаи ҳаётан муҳим барои тамоми мавҷудоти зинда аст, арзиши дохилии он нисбат ба бузургтарин ганҷи ҷаҳон хеле гаронтар аст, ниези он нисбат ба нафт е пӯлод бештар эҳсос мешавад ва ниез ба он нисбат ба дигар унсурҳои рӯи замин афзунтар мебошад.

Ба ақидаи Ҳайдарзода Р.Ҷ. “таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ибтидои асри XXI ба ҳалли масоили глобалии экологӣ хеле афзуд. Ин падида аз он мегӯяд, ки инсоният масъалаи коҳиш ёфтани захираҳои ҳавои тозаву обро дарк карда истодааст. Инро созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ тасдиқ мекунанд. Таҳқиқот манзараи нигаронкунандаи вазъи захираҳои табиӣ ва дурнамои онро пеши назар меоваранд. Яке аз таҳдидҳои глобалӣ ба зиндагии башар коҳиши захираҳои об мебошад. Мушкилоти истифодаи об дар ҷаҳон ба омили муҳими таъсиргузор ба иқтисодиёту иҷтимоиёт, инчунин таъмини амнияти минтақавӣ ва миллӣ табдил ёфта истодааст. Дар пайи зиёдшавии шумораи аҳолӣ дар сайёраи Замин ҳаҷми истеъмоли об низ зиёд гардид. Вале, захираҳои обӣ рӯзафзун кам мегарданд. Истеъмоли об дар ҷаҳон, аз ҷумла дар соҳаи саноат дар тӯли зиёда аз 100 соли охир босуръат афзоиш мeёбад. Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, тақрибан 700 миллион нафар дар 43 кишвари ҷаҳон дар шароити норасоии оби тоза зиндагӣ ба сар мебаранд. Ба андешаи олимон, то соли 2025, дар сурати наандешидани тадбирҳои таъҷилӣ ҳудуди 3 миллиард нафар бидуни оби ошомиданӣ ва маишӣ мемонанд. Тақрибан дар байни солҳои 2035 ва 2045 ҳаҷми оби тозаи истеъмолшуда ба захираҳои он баробар мешавад. Тибқи аснод, танҳо 2,5% оби мавҷуда дар Замин ширин ва муносиб ба нӯшидан аст. Норасоии оби тоза метавонад боиси мушкилоти ҷиддии иҷтимоии

марбут ба саломатии инсон гардад. Бино ба маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, 88% бемориҳо дар ҷаҳон вобаста ба сифати пасти оби ошомиданӣ ва камбуди об барои поккорӣ будааст"[2,8]

Муҳити зист дигар омили судманд нест: он ҳам ба меҳвари бунедии муваффақиятҳои сиесӣ-иқтисодии инсоният ва ҳам нуқтаи осебпазири рушди минбаъдаи башар табдил ефтааст.Об манбаи ҳаётан муҳим барои тамоми мавҷудоти зинда аст, арзиши дохилии он аз бузургтарин ганҷи ҷаҳон хеле зиедтар аст. Азбаски низомҳои иҷтимоӣ, сиесӣ ва иқтисодии инсоният бо истифодаи муддавоми об иртибот доранд,пас инсоният бодяд роҳҳои самаранок истифода бурдани манбаҳои обро биомӯзем.

"Гармшавии глобалӣ ба тамоми ҳаёти сайёра таҳдид мекунад. Мо бояд тарзи хоҷагидориамон, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, тарзи сарфа, тарзи гарму сард кардани хонаҳои худро дигар кунем. Зиёд кардани ҳаҷми манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва зудтар барҳам додани сӯзишвории истихроҷшаванда хеле муҳим аст. Зарур аст, ки ҳалли табииро истифода бурда, иқтисодиёти даврашаклро татбиқ кард. Роҳҳои ҳал вуҷуд доранд, аммо татбиқи онҳо хеле суст пеш меравад. Мо инчунин ба маълумот ва тадқиқоти илмӣ ниёз дорем. Дар дилхоҳ давлат бояд дар бораи тағйирёбии иқлим чораҳои ҷиддӣ андешанд"[3,14].

Захираҳои оби ширин, хусусан дар ҳолатҳое, ки онҳо барои тақсим кардани ҷонибҳои гуногуни манфиатдор камтаранд, яъне дар ҳолатҳое, ки онҳо намерасанд, барои некӯаҳволии минбаъда ва рушди институтҳои иқтисодӣ ва сиесии давлат асос мебошанд. Вақте ки об кам мешавад, ҳама шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ (аз кишоварзӣ то саноатӣ) зери хатари эҳтимолӣ қарор мегиранд, ки ин барои суботи сиесӣ ва амнияти ҳарбӣ оқибатҳои возеҳ дорад. Аз ин рӯ, дар шароити муайяни фишори захираҳо ва норасоии об оби тоза масъалаи сиесати баланд барои давлат, захираи аҳамияти ҳаетан муҳими сиёсӣ мегардад.

Барои фаҳмидани он, ки чӣ гуна гидрополитика метавонад ба устувории системаҳои сиесии оянда таъсир расонад, мо бояд арзебӣ кунем, ки масъалаҳои об дар даҳсолаҳои оянда то чӣ андоза муҳим хоҳанд буд. Ба ибораи дигар, мо бояд ба саволи бунедӣ баҳо диҳем ва посух диҳем: "оё воқеан норасоии оби истифодашаванда дар ҷаҳон вуҷуд дорад?"

"Мувофиқи оморҳои коршиносони соҳа дар мавриди зиёдшавии тағйирёбии иқлим то соли 2050 теъдоди аҳолии кураи Замин, ки аз норасогии оби ошомидани танқисӣ мекашад то 9 млрд. нафар мерасад ва вобаста ба идомаи тамоюли истифодаи об 30% аҳолии сайёра эҳтиёҷоти худро ба об қонеъ карда наметавонанд. Асоси масъала дар он аст, ки дар аввали асри XXI инсоният ба мушкилоти глобалии ифлосшавии муҳити зист ва ҷузъи муҳимтарини он-об рӯ ба рӯ гардид, ки он миқёсан ба ҳадди хатарнок расидааст. Захираҳои оби тозаи кишвари мо, ки дар мавзеъҳои барфҳои доимӣ ва пиряхӣ ҷой гирифтаанд, аз сабаби тағйир ёфтани иқлим ва равандҳои тезутунд шудани муҳити экологии минтақа коҳиш ёфта истодаанд. Мувофиқи таҳлилҳои коршиносони ин соҳа дар мавриди зиёдшавии тағйирёбии иқлим то соли 2050 теъдоди аҳолии кураи Замин, ки аз норасогии оби ошомидани танқисӣ мекашад то 9 млрд. нафар мерасад ва вобаста ба идомаи тамоюли истифодаи об 30% аҳолии сайёра эҳтиёҷоти худро ба об қонеъ карда наметавонанд. Асоси масъала дар он аст, ки дар аввали асри XXI инсоният ба мушкилоти глобалии ифлосшавии муҳити зист ва ҷузъи муҳимтарини он-об рӯ ба рӯ гардид, ки он миқёсан ба ҳадди хатарнок расидааст"[4,31- 32].

Норасоии об ба як мушкили рӯзафзун табдил меебад ва дар муайян ва ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ дар асри оянда нақши бештар мебозад. Дар баъзе ҳамсоякишварҳо дар натиҷаи пайдо шудани мушкилоти хати сарҳадҳо ё пайдо шудани хатару таҳдидҳо ва иҷро гардидани амалҳои терористӣ, таркишҳо маҷрои дарёҳоро мебандад, ки ба оқибатҳои экологӣ ба кишварҳои поёноб таъсири манфӣ

мерасонад. Шояд ду нишондиҳандаи асосӣ вуҷуд дошта бошанд, ки ба таҳкими ин изҳорот мусоидат мекунанд: афзоиши аҳолии сайера ва афзоиши талабот ба об барои истеҳсоли ғизо ва рушди иқтисодӣ.

“Оби тоза ҳаётро дар рӯи замин дастгирӣ мекунад. Захираҳои оби тоза дар соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ, истеҳсолоти саноатӣ, истеҳсоли энергия, нақлиёт, ҳаёти одамон ва фаъолияти қариб ҳамаи экосистемаҳо нақши муҳим доранд. Бо вуҷуди ин, оби тоза захираи камёб аст. Танҳо 3% оби ҷаҳон ширин буда, зиёда аз 2/3 қисми ин об дар ҳолати барфу ях қарор дорад. Обҳои зеризаминӣ 31% тамоми оби тоза ва кӯлҳо, дарёҳо ва обанборҳо камтар аз 0,3% захираҳои оби ширинро ташкил медиҳанд . Имрӯз беш аз 50% аҳолии ҷаҳон дар минтақаҳое зиндагӣ мекунанд, ки ҳадди ақал як моҳи сол ба норасоии об дучор мешаванд. 30 дарсади мардуми ҷаҳон, тақрибан 2,1 миллиард нафар ба оби ошомиданӣ дастрасӣ надоранд ва 60 дарсади аҳолии ҷаҳон, ё 4,5 миллиард нафар ба оби равон (тавассути қубур) ё канализатсия дастрасӣ надоранд. Агар тамоюли мазкур идома ёбад, пас то соли 2030 талабот ба об аз ҳаҷми мавҷуда 40% зиёд хоҳад шуд”[5,106].

Ҳадафҳои Эъломияи Ҳазорсола дар соҳаи паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ бо оби тоза дастурамали воқеъӣ  барои чораандешӣ дар ин соҳа маҳсуб  ёфта, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ барои амалӣ намудани он тадбирҳо андешида истодаанд. “Татбиқи ҳадафҳои рушди устувор - Об ҳамчун захираи муҳимтарини рушди устувор дар бисёр ҳуҷҷатҳо ва стратегияҳои рушд дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ ворид гардидааст. Ҷанбаи муҳими ин талошҳо ворид намудани ҳадафҳо барои ҳалли ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои об ба Ҳадафҳои Рушди Устувор арзёбӣ мегардад. Ҷиҳати муваффақ шудан ба ин ҳад талоши бузург ва ҷидду ҷаҳди ҷонибҳои гуногуни манфиатдор мусоидат намуд . Об ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт таъсир мерасонад, аз ин рӯ ба тамоми Ҳадафҳои Рушди Устувор таъсиргузор мебошад. Ҳадафи 6-уми Рушди Устувор "Таъмини дастрасӣ ва идоракунии устувори об ва беҳдошт барои ҳама" мебошад. Аз нуқтаи назари стратегӣ, Ҳадафҳои Рушди Устувор бо ҳадафҳои дугонаи Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ – маҳви камбизоатии шадид ва баланд бардоштани шукуфоии умумӣ мувофиқат мекунанд. Якҷоя бо кишварҳои узв, шарикони рушд, бахши хусусӣ, академия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, Бонки Ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти захираҳои об ва ноил шудан ба ҳадафҳои Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030 фаъолона дастгирӣ мекунад”[5,114]

Дар робита ба ин, пешрафти назаррасро тавассути интиқоли технология, барномаҳои илмӣ ва биотехнология барои таъмини оби тоза ва беҳтар кардани шароити санитарӣ дар ҷамоатҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба даст овардан мумкин аст. Қабули чораҳои зарурӣ, бо истифода аз барномаҳои илмӣ оид ба таъмини оби тоза ва беҳтар намудани шароити санитарӣ дар ҷамоатҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ тақозои замон мебошад.

“Об ва нақши он дар ҳаёти башар аз масоили муҳим арзёбӣ шуда, бо ташаббуси Прездиенти Тоҷикистон пайваста дар семинарҳои минтақавиву фароминтақавӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, баррасӣ мегардад. Об яке аз арзишманду муҳимтарин сарвату неъмати бузургу нодирест, ки тамоми мавҷудоти олам аз он истифода карда, тавассути он рӯҳияи тоза гирифта, шодону шодоб умр ба сар мебаранд. Дар ин зимн, Президенти кишвар дар мулоқоту суханрониҳои худ таъкид намудааст, ки “Ҳамагон бояд фаҳманд, ки арзишмандии об на камтар аз арзишмандии нафт, газ ва дигар навъҳои сӯзишвориву манбаъҳои энергия барои ояндаи босуботи кишвар ва минтақа мебошад”. Дар натиҷаи саъю кӯшишҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббусҳои созандаи кишвар соли 2013 ҳамчун соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон шуда, соли "Оби Тоза","Об барои Ҳаёт" ва "Об барои рушди устувор" ва "Даҳсолаи байналмилалии амал об

барои рушди устувор 2018-2028” пешниҳод гардида, пазируфта шуд. Ҳамин тариқ, маросими оғози Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар Париж 11-уми феврали соли 2013 баргузор шуд, ки дар он намояндаи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари муаллиф ва ташаббускор иштирок ва суханронӣ намуд”[6,182]

Мо итминон дорем, ки ҳадафҳои асосиро тавассути рушд ва таҳкими иқтидори инсонӣ ва институтсионалӣ барои идоракунии самараноки субъектҳои хоҷагии об дар бисер кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба даст овардан мумкин аст. Нишондиҳандаи дуюми бӯҳрони ҷаҳонии об бо афзоиши аҳолӣ ва иқтидори борбардории инсон зич алоқаманд аст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҳамоиши сатҳи баланд «Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти глобалии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ» санаи 4 апрели соли равон дар Ҷумҳурии Узбекистон иштирок ва суханронӣ намуда , қайд намуданд; «Тамоми ҷаҳон имрӯз рӯбарӯйи мушкилоти тағйирёбии иқлим қарор дорад ва минтақаи мо низ аз ин истисно нест.Оқибатҳои онҳо ба иқтисодиёт ва экосистемаҳои кишварҳои мо зарари калон расонида, ба ҳаёти одамон таҳдид менамоянд.Дар Тоҷикистон ҳаҷми солонаи маблағгузории барномаҳои иқлимӣ беш аз 400 миллион долларро ташкил медиҳад ва дар сурати пайомадҳои бузург ин рақам ба 1,5 миллиард доллар мерасад»[7].

Дар ҳар сурат, эҳтиёҷоти ояндаи кишоварзӣ бешубҳа афзоиши истеъмоли об ва истифодаи минбаъдаи захираҳоро талаб мекунад. Ҳамин тариқ, захираҳои оби тоза, хусусан дар ҳолатҳое, ки норасоии онҳо ба як масъалаи мубрам табдил меебад, ба масъалаҳои сиесати баланд табдил меебанд, ки барои боқӣ мондани минбаъдаи давлат ҳаетан муҳим ҳисобида мешаванд ва ба ин васила ба эҳтимолияти муноқиша барои захираҳои боқимонда таъсир мерасонанд.

Хулоса метавон гуфт, ки норасоии оби ошомиданӣ, обшавии пиряххо ба яке аз масъалаҳои муҳими глобалӣ дар арсаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Зеро солҳои охир тағйирёбии иқлим ба ҳифзи муҳити зист ва обшавии пиряххо оварда расонидааст. Маҳз талошу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли мушкилотҳои глобалӣ махсусан ҳифзи пиряххо, норасоии оби ширин ва тағйирёбии иқлим таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд.

## ПРОБЛЕМА ДЕФИЦИТА ПРЕСНОЙ ВОДЫ В КОНТЕКСТЕ МЕЖДУНАРОДНОЙ ПОЛИТИКИ

*В данной статье рассматривается вопросы,которые связанны с проблемой дефицита пресной воды в контексте международной политики. Автором отмечено, что политика воды, или гидрополитика, быстро становится предметом исключительной важности в общей области экологической политики и конфликтологии.*

*Поскольку вода является самым жизненно важным ресурсом для всего живого, ее внутренняя ценность стоит гораздо больше, чем самый большой в мире драгоценный камень, ее потребность более ощутима, чем нефть или сталь, и ее необходимость более фундаментальна, чем любой другой элемент на земле.*

***Ключевые слова:*** *международная политика, водные проблемы, количество воды, экологическая политика, гидрополитика, пресноводные ресурсы, дефицит пресной воды, населения, экономическая развития, окружающая среда.*

**THE PROBLEM OF FRESHWATER SCARCITY IN THE CONTEXT OF INTERNATIONAL POLITICS**

*This article discusses issues related to the problem of fresh water scarcity in the context of international politics. The author noted that the policy of water, or hydropolitics, is rapidly becoming a subject of exceptional importance in the general field of environmental policy and conflictology. Because water is the most vital resource for all life, its intrinsic value is worth far more than the world's largest gem, its need is more palpable than oil or steel, and its need is more fundamental than any other element on earth.*

***Keywords**: international politics, water problems, quantity of water, environmental policy, hydropolitics, freshwater resources, fresh water deficit, population, economic development, environment.*

**Адабиёт**

1. Иштирок дар иҷлосияи умумии Конфронси 29-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим.Манбаи электронӣ: https://president.tj/event/news/48876 [Санаи дастрасӣ: 23.07.2025]

2. **Ҳайдарзода Р.Ҷ.** Ташаббуси Президенти Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряххо// Эмомалӣ Раҳмон - ташаббускори ҳифзи пиряххо дар сатҳи глобалӣ. Маҷмуаи маърӯзаҳои конференсияи илмӣ-амалӣ//Зери таҳрири умумии Ҳайдарзода Р.Ҷ.-Душанбе: ҶДММ “Фаридунзода”. -2025.- 288с. (С.6-13)

3. **Қурбонова Ш.И.** Даҳ омили пиршавии пиряххо дар минтақа ва ҷаҳон // Эмомалӣ Раҳмон - ташаббускори ҳифзи пиряххо дар сатҳи глобалӣ. Маҷмуаи маърӯзаҳои конференсияи илмӣ-амалӣ//Зери таҳрири умумии Ҳайдарзода Р.Ҷ.-Душанбе: ҶДММ “Фаридунзода”. -2025.- 288с.(С.13-19)

**4. Воҳидова С.** Ҳифзи пиряххо наҷотбахши ҷаҳони мутамаддин// Эмомалӣ Раҳмон - ташаббускори ҳифзи пиряххо дар сатҳи глобалӣ. Маҷмуаи маърӯзаҳои конференсияи илмӣ-амалӣ//Зери таҳрири умумии Ҳайдарзода Р.Ҷ.-Душанбе: ҶДММ “Фаридунзода”. -2025.- 288с.(С.27-36)

**5. Мирзоев Ҳ.Т**. Дипломатияи обии Ҷумҳурии Тоҷикистон:моҳият ва махсусиятҳо:// Эмомалӣ Раҳмон - ташаббускори ҳифзи пиряххо дар сатҳи глобалӣ. Маҷмуаи маърӯзаҳои конференсияи илмӣ-амалӣ//Зери таҳрири умумии Ҳайдарзода Р.Ҷ.-Душанбе: ҶДММ “Фаридунзода”. **-2025.- 288с.(С.105-119)**

6. **Раҳмонов М.** Ташаббусҳои минтақавиву ҷаҳонии Тоҷикистон бахри ҳифзи обу иқлиму пиряххо// Эмомалӣ Раҳмон - ташаббускори ҳифзи пиряххо дар сатҳи глобалӣ. Маҷмуаи маърӯзаҳои конференсияи илмӣ-амалӣ//Зери таҳрири умумии Ҳайдарзода Р.Ҷ.-Душанбе: ҶДММ “Фаридунзода”. **-2025.- 288с.(С.181-197)**

7. Суханронӣ дар ифтитоҳи Ҳамоиши сатҳи баланд «Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти глобалии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ». Манбаи электронӣ: https://president.tj/ event/speeches/50516[Санаи дастрасӣ: 23.07.2025]

**Маълумот оид ба муаллиф:**

Азиззода Ғайрат-унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналмилалии ДДҲБСТ. e-mail: aziz-1773@mail.ru. Тел.927452105

**Информация об авторе**

Азиззода Гайрат- соискатель кафедры международных отношений ТГУПБП.

e-mail: aziz-1773@mail.ru .Тел.927452105

**Information about Author:**

Azizzoda Gayrat- Applicant of the Department of International Relations, TSULBP. e-mail: aziz-1773@mail.ru . Тел.927452105

# ҲАМКОРИҲОИ ИЛМИВУ ТЕХНИКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН БО МУАССИСАҲОИ ИЛМИЮ ТАЪЛИМИИ ЯПОНИЯ

**АЗИЗХОНОВА РУХШОНА**
ходими хурди илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақола ба таҳлили ҳамкориҳои илмиву техникии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) бо муассисаҳои илмӣ ва таълимии Япония бахшида шудааст. Дар он шаклҳои асосии ҳамкорӣ, аз ҷумла табодули олимон, гузаронидани лоиҳаҳои муштарак, конфронсҳо ва семинарҳо, инчунин барномаҳои таҳсилоти таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъдидипломӣ баррасӣ мегарданд. Муаллифон равандҳои рушди ин ҳамкориҳоро дар заминаи густариши муносибатҳои дипломатии ду кишвар, саҳми онҳо дар рушди илмҳои табиӣ, техникӣ ва муҳити зист, инчунин нақши ташаббусҳои муштарак дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва глобалиро нишон медиҳанд. Хусусиятҳои мусоиди ҳамкорӣ, чолишҳо ва дурнамои рушди минбаъдаи он низ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳамкории байналмилалӣ, Япония, илм ва технология, муассисаҳои илмӣ, лоиҳаҳои муштарак, табодули олимон, таҳқиқоти илмӣ, рушди устувор, инноватсия.*

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илму технология, ҳамкории илмӣ ба яке аз омилҳои муҳими рушди устувори иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст. Давлатҳо ва созмонҳое, ки ба таҳким ва тавсеаи равобити илмӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, дар муқоиса бо дигарон аз лиҳози рақобатпазирӣ, навоварӣ ва рушди захираҳои инсонӣ бартарии назаррас доранд.

“Ҳамкории илмӣ метавонад дар сатҳҳои гуногун амалӣ гардад: байни муассисаҳои илмӣ ва истеҳсолӣ, байни донишгоҳҳо ва марказҳои тадқиқотӣ, ва инчунин байни кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ. Ҳар яке аз ин шаклҳои ҳамкорӣ дорои аҳамияти вижа буда, метавонад дар рушди соҳаҳои мухталифи иқтисод таъсири мусбат расонад.

Яке аз самтҳои калидии чунин ҳамкорӣ рушди иқтисоди донишбунёд мебошад. Дар шароити иқтисоди анъанавӣ, истеҳсолот асосан ба захираҳои моддӣ такя мекард, дар ҳоле ки дар иқтисоди муосир, дониш ва технология мавқеи марказӣ доранд. Барои ҳамин, робитаи мустаҳками байни муассисаҳои таҳқиқотӣ ва бахши иқтисодиёт зарур аст, то натиҷаҳои илмӣ дар амал татбиқ шаванд”[1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ солҳои охир ба масъалаи ҳамкории илмӣ диққати бештар дода мешавад. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва ҳамчунин бо шарикони хориҷӣ, аз ҷумла ЮНЕСКО, Бонки Ҷаҳонӣ, JICA ва дигарон, лоиҳаҳои гуногуни илмӣ-амалӣ амалӣ мекунад. Ин гуна ҳамкориҳо ба рушди соҳаҳои муҳими миллӣ – аз ҷумла кишоварзӣ, энергетика, муҳити зист ва тандурустӣ – мусоидат менамоянд.Дар  ин росто ҳамкории муассисаҳои Тоҷикистон бо ташкилоти JICA қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

“JICA ҳамкории техникии худро бо Тоҷикистон соли 1993 бо даъват намудани хизматчиёни давлатии Тоҷикистон ба Ҷопон барои гирифтани дониш ва таҷриба дар самти идоракунӣ ва рушди макроиқтисодӣ оғоз намудем. Дафтари JICA дар Тоҷикистон соли 2006 таъсис ёфтааст ва аз он вақт инҷониб лоиҳаҳои гуногуни Кумаки молиявии грантӣ ва Ҳамкории техникӣ дар бахшҳои гуногун ба таври муассир амалӣ карда мешаванд. JICA инчунин Волонтёрони калонро мефиристад, ки масалан дар донишгоҳҳои Тоҷикистон забони ҷопониро таълим медиҳанд ва ҳоло соҳаҳои фаъолияти онҳо дар бахшҳои дигар низ густариш меёбанд. Ба ҳолати моҳи марти соли 2021 шумораи умумии иштирокчиён аз Тоҷикистон дар «Барномаҳои ташаккули муштараки дониши JICA», ки қаблан барномаҳои омӯзишӣ номида мешуданд, ба 2420 нафар расид. Собиқ иштирокчиёни курсҳои

бозомӯзишӣ, ки аз Ҷопон баргаштанд, аз ҷумла хизматчиёни давлатии баландпоя, дороиҳои арзишманд барои рушди кунунӣ ва ояндаи Тоҷикистон ҳамчун захираҳои пешбари инсонӣ ва таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ҷопон мебошанд. Мо барои Собиқ иштирокчиёни ки дониш ва таҷрибаи андӯхтаи худро барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон тавассути ҳамкорӣ бо JICA, аз ҷумла дар фаъолияти бахшҳои Кластерҳои собиқ иштирокчиёни барномаҳои омӯзишӣ, истифода ва паҳн мекунанд, барномаи дастгирикунандаро бо номи «Мини-грантҳо» амалӣ мекунем. JICA стратегияи ҳамкорӣ бо Тоҷикистонро дар соли 2018 бо самтҳои нави ҳамкорӣ, аз ҷумла беҳтар намудани муҳити тиҷорат ва мусоидат ба шуғл, баррасӣ намуд, то ин ки ба татбиқи бомуваффақияти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМР) барои давраи то соли 2030, инчунин Ҳадафҳои Рушди Устувор, саҳм гузорад. Дар ин брошюраи хурд мо шуморо даъват менамоем, ки бо лоиҳаҳои асосии мо, ки ба талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ равона шудаанд мусоидат мекунад, шинос шавед"[2].

Барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ зарур аст, ки давлат ба таҳким ва ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Чунин сиёсати илмӣ бояд дастгирии молиявии муассисаҳои илмӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолиятҳои таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ, инчунин татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар иқтисодро фаро гирад.

Қобили зикр аст,ки "31 август Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президентии Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) Акиҳико Танакаро ба ҳузур пазируфтанд.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилоти мазкур дар бахшҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ баррасӣ карда шуд.

Сарвари давлати мо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз сатҳи ҳамкории ҷонибҳо дар бахшҳои гуногун, хусусан барои мусоидат дар бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба таъмини оби нушокӣ, беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётию роҳҳои мошингард, авиатсия, ҳифзи саломатии модару кӯдак, рушди соҳаҳои тандурустӣ ва кишоварзӣ, энергетика ва идоракунии сарҳади давлатӣ изҳори қаноатмандӣ карданд.

Ҷонибҳо омодагии худро барои идомаи ҳамкорӣ дар самтҳои дигари афзалиятнок ва амалисозии ҳадафҳои стратегии давлати мо дар доираи Барномаи кишварии Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ изҳор доштанд.

Дар ҷараёни суҳбат масъалаҳои беҳсозии фазои соҳибкорӣ, мусоидат ба шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани рақобатнокии кишвар, рушди инфрасохтори саноат ва содирот, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҷалби маблағҳо барои андешидани чораҳо оид ба пешгирии офатҳои табиӣ, коҳиш додани таъсири манфии оқибатҳои тағйирёбии иқлим мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамчунин, таъкид гардид, ки ҳамкорӣ ҷиҳати омода кардани мутахассисон ва хизматчиёни давлатӣ дар самтҳои мухталифи идоракунӣ, молия, бонкдорӣ, сайёҳӣ, роҳсозӣ, энергетика ва дигар соҳаҳо ҳамчун афзалияти муҳими рушди муносибатҳои дуҷониба боқӣ мемонад"[3].

Албатта бо такя ба фикрҳои дар боло зикргардида ,бояд тазаккур дод,ки дар баробари ин, низоми таҳсилот бояд ба омода намудани мутахассисони баландихтисос дар самтҳои муҳими илм ва технология равона карда шавад. Робитаи зичи донишгоҳҳо бо бахши истеҳсолот ва бозори меҳнат барои таъмини устувории иқтисод ва рушди инсонӣ аҳамияти хоса дорад.

Умуман, ҳамкории илмӣ на танҳо омили рушди иқтисодиёт аст, балки асоси таъмини амнияти илмӣ-техникӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Танҳо тавассути рушди илм ва ҳамгироии он бо соҳаҳои воқеии иқтисод метавон ба ҳадафҳои стратегии рушди миллӣ расид.

Дар шароити кунунии ҷаҳони муосир, ки масъалаҳои тағйирёбии иқлим, таъмини амнияти энергетикӣ ва рушди устувор аҳамияти глобалӣ пайдо кардаанд, ҳамкориҳои

байналмилалӣ дар соҳаи илм ва технология ба як унсури муҳими рушди миллӣ ва минтақавӣ табдил ёфтаанд. Аз ҷумла, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Япония дар доираи барномаи байналмилалии тадқиқотии SATREPS (Science and Technology Research Partnership for Sustainable Development) намунаи равшани шарикии стратегӣ ба шумор меравад. Ин ҳамкории илмиву техникӣ, ки аз соли 2022 оғоз шудааст ва то соли 2027 идома хоҳад ёфт, аввалин лоиҳаи муштарак миёни ду кишвар мебошад ва барои ҳалли мушкилоти муҳити зист ва энергетика тавассути истифодаи илм ва технологияи муосир нигаронида шудааст.

**Мақсад ва аҳамияти лоиҳа.**

Лоиҳаи iTAG-SATREPS бо унвони "Татбиқи низоми насоси гармии геотермалӣ (НГГТ) дар минтақаҳои камоб ва хушк барои таъмини устувори энергия" пешбишӣ шуда, дар шаҳри Душанбе намунаи он татбиқ гардида истодааст. Ҳадафи асосии он истифодаи захираҳои геотермалӣ барои эҷоди як низоми муосири гармидиҳӣ ва хунуккунӣ мебошад, ки на танҳо ба коҳиши вобастагӣ аз манбаъҳои анъанавии энергия (чӯб, ангишт ва газ), балки ба кам кардани партовҳои гази карбон мусоидат мекунад.

Лоиҳа таҳти роҳбарии доктори илмҳои техникӣ, директори Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ Қодиров А.С. амалӣ гардида истодааст.

Ин лоиҳа дар баробари таъсири мустақим ба беҳбудии муҳити зист, инчунин дорои аҳамияти стратегии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Таъмини устувори энергия, махсусан дар фасли зимистон, ки мушкилоти гармидиҳӣ дар Тоҷикистон хеле ҷиддӣ мешавад, ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва коҳиши фишор ба захираҳои табиӣ мусоидат мекунад.

**Самтҳои асосии ҳамкорӣ.**

Таҳия ва татбиқи низоми НГГТ: Дар асоси таҷрибаи Япония, як системаи пилотии насоси гармии геотермалӣ барои шароити иқлимии Тоҷикистон таҳия ва озмоиш мешавад. Барои ин мақсад, як маркази намоишии технологии НГГТ дар кишвар сохта мешавад, ки ҳамчун намуна барои густариши минбаъдаи он дар дигар минтақаҳо хизмат хоҳад кард.

Таҳияи харитаҳои иқтидори геотермалӣ: Барои истифодаи самараноки захираҳои гармии зери замин, харитаҳои махсуси иқтидори геотермалӣ барои шаҳрҳои Душанбе ва Бохтар таҳия мешаванд. Ин харитаҳо барои муайян намудани маконҳои мувофиқ барои татбиқи технологияи НГГТ кӯмак мерасонанд.

Таҳкими иқтидори илмӣ ва таълимӣ: Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини лоиҳа омӯзиш ва тайёр кардани мутахассисони маҳаллӣ мебошад. Ин раванд дар ҳамкорӣ бо Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои навини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон роҳандозӣ мегардад. Якчанд донишҷӯ ва муҳаққиқон аз Тоҷикистон имконият пайдо карданд, ки таҳсилоти магистратура ва докториро дар муассисаҳои олии Япония идома диҳанд.

Ин мутахассисон баъди анҷоми таҳсил бо донишу таҷрибаи муосир ба кишвар баргашта, дар рушди соҳаҳои энергетика ва муҳити зист саҳм мегузоранд.

Тарҳрезии сохторҳои институтсионалӣ: Барои истифода ва густариши босамари технологияи НГГТ, дар доираи лоиҳа сохторҳои дахлдори идорӣ ва меъёрии миллӣ таҳия ва муқаррар карда мешаванд. Инчунин, ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ, дастгирии молиявӣ ва татбиқи сиёсати энергетикаи сабз таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

**Шарикони лоиҳа.**

Дар татбиқи лоиҳа аз ҷониби Япония муассисаҳои зерин фаъолона иштирок доранд:

- Донишгоҳи Акитаи Япония (Akita University);
- Оҷонси илм ва технологияи Япония (JST);
- Оҷонси ҳамкории байналмилалии Япония (JICA);

Аз ҷониби Тоҷикистон ин лоиҳа бо иштироки сохторҳои зерин роҳандозӣ мешавад:

- Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ;
- Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷукмҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷукмҳурии Тоҷикистон;

**Натиҷаҳои интизоршаванда ва аҳамияти минтақавӣ.**

Татбиқи комёбии лоиҳаи SATREPS метавонад намунаи амалии татбиқи технологияҳои сабз дар шароити кишварҳои рӯ ба рушд гардад. Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи табиӣ ва иқтидори илмӣ мебошад, бо ин роҳ метавонад ба як кишвари намунавӣ дар татбиқи энергетикаи барқароршаванда дар Осиёи Марказӣ табдил ёбад.

Инчунин, таҷрибаи ҳосилшуда метавонад дар кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Афғонистон, мутобиқ ва татбиқ гардад. Ин лоиҳа на танҳо ба рушди технология ва коҳиши таъсири манфии тағйирёбии иқлим кӯмак мерасонад, балки равобити дипломатӣ ва фарҳангии ду кишварро низ таҳким мебахшад.

Ҳамкории Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо муассисаҳои илмӣ ва таълимии Япония дар доираи лоиҳаи SATREPS на танҳо қадаме муҳим дар роҳи рушди илми миллӣ ва таҳкими имконоти илмии кишвар мебошад, балки намунаи беҳтарини шарикӣ ва ҳамдигарфаҳмии байналмилалӣ низ маҳсуб мешавад. Ин ҳамкориҳо метавонанд ҳамчун заминаи густариши минбаъдаи муносибатҳои илмӣ, техникӣ ва таълимӣ хизмат кунанд, ки ба рушди устувор ва амнияти энергетикии Тоҷикистон дар солҳои оянда мусоидат менамоянд.

**Адабиёт**


1.Азизхонова Р. Ҳамкориҳои илмиву техникии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо муассисаҳои илмию таълимии Япония. Манбаи электронӣ: https:// osiyoavrupo.tj/tg/post/amkori-oi-ilmivu-tehnikii-akademiyai-millii-ilm-oi-to-ikiston-bo-muassisa-oi-ilmiyu-talimii-yaponiya.[Санаи дастрасӣ:23.07.2025]

2.Тоҷикистон.Манбаи электронӣ: https://www.jica.go.jp/ Resource /tajikistan /english/office/others/c8h0vm0000c1f5yp-att/brochure _tj.pdf#:~:text= JICA%20 стратегияи %20 ҳамкорӣ %20бо%20 Тоҷикистонро %20дар%20 соли%202018,соли%202030%2C%20инчунин%20Ҳадафҳои%20Рушди%20Устувор%2C%20саҳм%20гузорад[Санаи дастрасӣ: 23.07.2025]

3. Мулоқот бо Президенти Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) Акиҳико Танака. Манбаи электронӣ: https://www.president.tj/event/'meetings/35589[Санаи дастрасӣ: 23.07.2025]


## НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА С НАУЧНО-УЧЕБНЫМИ ЗАВЕДЕНИЯМИ ЯПОНИИ


Статья посвящена анализу научного и технического сотрудничества между Национальными академией наука Таджикистана с научными и образовательными учреждениями Японии. Это основные формы сотрудничества, в том числе обмен акционерами, конференции и семинары, а также программы образования и аспирантуры. Авторы показывают процессы развития этих партнерств на основе развития дипломатических отношений между двумя странами, их вклад в разработку естественных и глобальных инициатив для решения региональных и глобальных инициатив. Также анализируются благоприятные особенности сотрудничества, проблем и перспектив дальнейшего развития.



***Ключевые слова:*** Национальная академия наук Таджикистана, международное сотрудничество, Япония, наука и технологии, устойчивые, инновации, устойчивое развитие, инновации.

## SCIENTIFIC AND TECHNICAL COOPERATION OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN WITH SCIENTIFIC AND EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF JAPAN

The article is devoted to the analysis of scientific and technical cooperation between the National Academy of the Science of Tajikistan with the scientific and educational institutions of Japan. These are the main forms of cooperation, including the exchange of shareholders, conferences and seminars, as well as educational and graduate school programs. The authors show the development processes of these partnerships based on the development of diplomatic relations between the two countries, their contribution to the development of natural and global initiatives for solving regional and global initiatives. The favorable features of cooperation, problems and prospects for further development are also analyzed.

***Key words:*** *the National Academy of Sciences of Tajikistan, international cooperation, Japan, science and technology, stable, innovation, sustainable development, innovation.*

**Дар бораи муаллиф:**

Азизхонова Рухшона –ходими хурди илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +992 93804 06 02

**Сведения об авторе:**

Азизхонова Рухшона -младший научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992 93804 06 02

**About the author:**

Azizhonova Rukhshona - a youngest researcher of the Southeast Asia Department of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +992 93 804 06 02

# ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА ДЕЙСТВИЯ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА: ПРАВОВЫЕ, ЭТИЧЕСКИЕ И ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

**САНГИНЗОДА ДОНИЁР ШОМАХМАД**
главный научный сотрудник отдела Южной и Восточной Азии
Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ,
доктор юридических наук, профессор

*Развитие искусственного интеллекта (ИИ) ставит перед обществом новые вызовы, связанные с определением ответственности за действия систем ИИ. Вопрос о том, кто несет ответственность за ощибки, ущерб или правонарушения, вызванные ИИ остается открытым и требует комплексного анализа с правовой, этической и технологической точек зрения.*

*В статье рассматриваются существующие подходы к регулированию ответственности за действия ИИ, включая международный опыт и перспективы развития правовых норм. Особое внимание уделяется проблемам юридической субъектности ИИ, распределения ответственности между разработчиками, операторами и пользователями, этическим аспектам, связанным с автономностью ИИ, а также технологическим решениям, таким как объяснимый ИИ (Explainable AI, XAI) для повышения прозрачности. Добавлена статистика правонарушений, связанных с ИИ и роботами, а также мнения ученых-юристов из разных континентов.*

***Ключевые слова:*** *искусственный интеллект, юридическая ответственность, этика искусственного интеллекта, правовое регулирование, субъектность искусственного интеллекта, объяснимый искусственный интеллект, черный ящик.*

Искусственный интеллект (ИИ) трансформирует экономику, социальные процессы и государственное управление, однако его автономность и сложность создают правовые пробелы в определении ответственности за его действия. В 2025 году, когда ИИ активно интегрируется в такие сферы, как медицина, транспорт, финансы и правосудие, вопрос ответственности становится критически важным. Например, аварии с участием беспилотных автомобилей, ошибки медицинских ИИ-систем или использование ИИ для создания дезинформации поднимают вопрос: кто должен отвечать за последствия — разработчик, оператор, пользователь или возможно, сама система?

Дар радифи тамоми вазифаҳои дар назди СҲШ истода диққати аввалиндараҷа ба масъалаи эмин нигоҳ доштани сулҳу субботи сартосарӣ дар қаламравӣ кишварҳои аъзо, мубориза бар зиддӣ терроризму экстремизм, сепаратизму ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон равон гардида, дар мисоли гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовару силоҳ ва ҳамзамон рушди иқтисодии тамоми аъзоҳои созмон, инкишофи ҳамкориҳои илмӣ фарҳангӣ ва дигар навъи робитаҳо бо дарназардошти зарфияти мавҷуда равона гардидааст.

Тавре аз таҳқиқу таҳлили амалияи СҲШ бармеояд, тайи ин солҳо самти фаъолияти созмон ба мубодилаи таҷрибаю иттилоот, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мубориза ба таҳдидҳои замони нав нигаронида шудааст. Бо итминон метавон гуфт, ки дар як муддати кутоҳи таърихӣ СҲШ ба ҷаҳон як тарҳи муосири ҳамкории кишварҳоро ҷиҳати ба роҳ мондани ҳалли саривақтӣ ва бидуни таъхири масъалаҳои амниятӣ муарифи кард.

Дар шаҳри Ҳанҷойи Чин Кормандони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як семинари мубориза бо маводи мухаддир, ки дар чаҳорчӯби СҲШ баргузор шуд, давраҳои омӯзишӣ анҷом доданд. Семинар аз ҷониби Вазорати амнияти ҷамъиятии Хитой ташкил шуда, дар Академияи полиси Чжэтсзяни Хитой баргузор шуд. Дар рафти дарсҳо иштирокчиён бо маълумот дар бораи шӯъбаи пулиси Хитой, вазъи маводи мухаддир дар ин кишвар, усулҳои мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, пешгирии нашъамандӣ ва офиятбахшии нашъамандон шинос карда шуданд. Инчунин бо фаъолияти маркази мубодилаи байналмилалӣ ва ҳамкориҳои ҳуқуқии Хитой дар пажӯҳишгоҳи сиёсӣ ва ҳуқуқии Шанхай, ки дар доираи СҲШ таъсис ёфтааст, шинос гардиданд.

Дар идома аз 24 то 26 апрели соли 2015 як ҳайати Вазорати амнияти ҷамъиятии Хитой таҳти сарварии ёвари вазир Лю Юэзин оид ба масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди зидди маводи мухаддир бо сафари корӣ аз Тоҷикистон дидан кард. Ба ҳайати инчунин сардори Раёсати мубориза бо маводи мухаддир, муовини сардори Раёсат шомиланд. Рӯзи 25 апрел як ҳайати Агентии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддири Хитой аз Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти

Тоҷикистон боздид карданд. Зимни вохӯрӣ директори Агентӣ генерал-лейтенанти милитсия Рустам Назарзода ба меҳмонон оид ба вазъи нашъамандӣ, тамоюл ва пешгӯиҳои рушди он дар минтақа, самтҳои асосии муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар минтақа маърӯза карда, сохтори Агентиро муаррифӣ намуд. Ҳамзамон аз қаноатмандии ҷонибҳо оид ба ҳамкорӣ дар доираи СҲШ ёдрас гардид. Дар фарҷом директори Агентӣ ба ҷониби Хитой ҷиҳати кумакҳои расонидашуда изҳори сипос намуда, қайд намуд, ки аз соли 2008 то соли 2014 ҷониби Хитой ба Агентӣ дар самти таҷҳизоти техникӣ, нақлиёт ва омӯзиши кормандон кумак расонидааст.

"Қайд кардан зарур аст, ки шуруъ аз соли 2001 то инҷониб дар доираи СҲШ беш аз 1400 санад қабул кардааст. Таҳлили тамоми санадҳои СҲШ нишон медиҳад, ки 47% ин санадҳоро ба соҳаи амният дахл дорад" [21,17].

Дар умум таҳлили паҳлуҳои гуногуни фаъолияти СҲШ нишон медиҳад, ки новобаста ба тамоми санадҳо 47% ин санадҳо ба таҳкими амният ва дар ин замина ташаккул ва нигоҳдошти он дар минтақа ва ҷаҳон бахшида шудаст. Шароити кунунӣ нишон медиҳад, ки гардиши ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар саросари ҷаҳон ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии мабғалгузории дигар таҳдидҳо дар шароити кунунӣ маҳсуб меёбад.

Ҷиҳати ҳарчи бештари таҳкими фазои амнияти сартосарӣ дар доираи фаъолияти СҲШ Президенти Мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2019 дар шаҳри Душанбе дар конфронси сатҳи баланд "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккил" ташабусси таъсиси маркази муқовиммат бо маводи нашъаоварро пешниҳод карданд. Таҳлилгарон ба он назаранд, ки таъсиси як маркази алоҳидаи мубориза бо маводди мухаддир, иқдоми муассиру муштараки мақомоти салоҳиятдори кишварҳои СҲШ-ро ташкил медиҳад.

Қобил ба зикри хос аст, ки пешниҳоди ироа гардида, саривақтӣ ба ҳисоб мераваду, роҳандозӣ кардани ин марказ барои на танҳо ҷуғрофиёи СҲШ, балки барои тамоми мамлакатҳо фазои амну осоишта ва бидуни гардиши маводи мухадирро таъмин хоҳад кард.

Дастгирӣ кардани ташабусҳои Тоҷикистон дар чаҳорчубаи СҲШ аз ҷониби Хитой дар матбуоти даврӣ ба таври назаррас инъикоси васеи худро ёфтааст. "Хитой аз ташаббуси Тоҷикистон барои таъсиси Маркази зидди маводи мухаддири Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) дар Душанбе пуштибонӣ мекунад. Дар ин бора Ван И, вазири корҳои хориҷии Хитой, дар пайи мулоқот бо Сироҷиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон изҳор дошт. Ван И ёдрас гардид, ки: «Мо ҳамчунин аз таъсиси Маркази зидди маводи мухаддири СҲШ дар Душанбе ҷонибдорӣ мекунем.

Ба гуфтаи мавсуф дар мулоқоти дуҷониба ҳамкориҳо ҷиҳати ҳифзи амнияту субот дар минтақа, амиқтар кардани ҳамкориҳои зиддитеррористӣ ва таҳкими назорати марзӣ барои амнияти ду кишвар ба мувофиқа расиданд. "Ин масъулият ва манфиати муштараки ду ҷониб аст". Вазири корҳои хориҷии Хитой ҳамчунин таъкид кард, ки ҳар ду ҷониб "барои мубориза бо хатарҳо, табодули афкор ва машваратҳоро тақвият хоҳанд дод" ва "барои ҷилавгирӣ аз иғвои инқилоби ранга" ҳамкорӣ хоҳанд кард"[18]

"Имрӯз дар байни мақомоти салоҳиятдор механизми сесатҳи машваратҳои мунтазам амал мекунад. Татбиқи стратегияи зидди маводи мухаддири СҲШ ва Барномаи амал оид ба татбиқи он, ба шарофати инҳо на танҳо дар фазои СҲШ инчунин дар тамоми фазои Авруосиё амният таъмин мегардад. Кишварҳои узви СҲШ амнияти миллии худро пайваста такмил дода, ба чолишҳои нав мубориза мебаранд. Ин махсусан дар пасманзари тағйирот дар бозори ғайриқонунии маводи мухаддир дар шароити пандемияи коронавирус ба назар мерасад" [4,6].

11 июни соли 2021 таҳти раёсати ҷониби Тоҷикистон видеоконфронси ёздаҳумин Ҷаласаи роҳбарони мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аъзои СҲШ ваколатдор оид ба мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир баргузор гардид, ки дар он намояндагони Котиботи СҲШ низ ширкат доштанд. Директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори адлия Воҳидзода

Х.С. ва муовини котиби генералии Созмони ҳамкории Шанхай Чжан Хайчжоу бо суханони ифтитоҳӣ баромад намуданд.

16-17 сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе бори аввал дар таърихи СҲШ 30 адад ҳуҷҷату созишнома ба имзо расид. Ҳуҷҷати асосие, ки дар паи ҳамоиш қабул шуд, Эъломияи 20-умин солгарди таъсиси СҲШ дар Душанбе (Эъломияи Душанбегии СҲШ) буд, ки дар он натоиҷи асосии фаъолияти бистсолаи Созмон ва мавқеъи ягонаи кишварҳоро оид ба масъалаҳои муҳими сиёсати минтақавию ҷаҳонӣ инъикос мекард.

Ҳамчунин, Барномаи ҳамкории кишварҳои узви СҲШ дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ барои солҳои 2022-2024, Нақшаи кории (2021-2023) оид ба татбиқи бандҳои Барномаи амал, оид ба татбиқи Стратегияи зидди маводи мухаддири кишварҳои узви СҲШ барои солҳои 2018-2023 ва Нақшаи ҳамкории кишварҳои узви СҲШ оид ба масъалаҳои таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ барои солҳои 2022-2023 тасдиқ гардиданд.

“Рӯзҳои 21-25 октябри соли 2024 ҳайати Котиботи Созмони Ҳамкории Шанхай бо даъвати Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳои амалиёти зерминтақавии зиддимухаддиротии «Канал-Пешоҳанг», ки аз ҷониби кишварҳои узви Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (Созмони Амнияти Дастаҷамъӣ) ба сифати нозир баргузор гардид, иштирок намуданд. Дар ин амалиёт кормандони ниҳодҳои интизомӣ, марзбонӣ ва гумрукӣ, хадамоти вижа ва иктишофии молии кишварҳои узви СПАД, ҳамчунин намояндагони Хитой, Эрон, СҲШ, ИДМ ва Идораи мубориза бо маводи мухаддир ва ҷинояткории СММ ширкат доштанд”[32].

29 январи соли 2025 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввари байналмилалӣ дар мавзӯи «СҲШ: сӯи бунёди ҷомеаи солим бидуни маводи мухаддир» баргузор гардид.

Зимни мизи мудаввар оид ба масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар самти мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дар самти барномаҳои пешгирикунанда, ки ба пешгирии нашъамандӣ ва мубориза бо паҳншавии маводи мухаддир дар минтақа нигаронида шудаанд, табодули ҳамаҷонибаи афкор сурат гирифт.

“25 марти соли 2025 таҳти раёсати Хитой, ҷаласаи навбатии Гурӯҳи кории коршиносон оид ба такмили заминаи ҳуқуқии ҳамкории роҳбарони мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аъзои СҲШ оид ба мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, дар формати видео-конфронс баргузор гардид. Дар кори конфронс намояндагони вазорату идораҳои дахлдори кишварҳои узви СҲШ оид ба тағйироту иловаҳо ба қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо маводи мухаддир табодули иттилоот намуданд. Дар ҷамъбасти мулоқот Протоколи дахлдор ба имзо расид”[24].

28 майи соли 2025 дар шаҳри Сиан таҳти раёсати ҷониби Хитой ҷаласаи 15-уми сарони мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, ваколатдор оид ба мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир баргузор гардид, ки дар он намояндагони Котиботи СҲШ низ иштирок доштанд. Консепсияи СҲШ оид ба пешгирии сӯиистифода аз воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, инчунин Стратегияи зидди нашъамандии кишварҳои узви СҲШ барои солҳои 2024-2029 ва Барномаи амал оид ба татбиқи он ҳамчун санад ва барномаҳои нав қабул гардида маҳсуб меёбанд [13].

Ҳамин тавр, Тоҷикистон ва Хитой дар баробари узви СҲШ, ҳамзамон дар роҳҳи расидан ба муборизаи мақсаднок ва фарогир механизмҳои мухталифи муборизаро пеша кардаанд. Дар робита ба омӯзиши таҷрибаи Тоҷикистон ва Хитой ба назар расид ки мубориза дар ҳар кишвар ба тарзҳои мухталиф ҷараён дораду, аксар ҳолат механизмҳои монанди мубориза бо ин хатар дар кишварҳо ба назар мерасад. Овардани як чанд нуқта дар зер мувофиқи мақсад мебошад:

- “Қонунгузории Хитой барои афроде, ки миқдори зиёди маводи мухаддирро паҳн мекунанд, ҳукми қатл ва ҳабси абад пешбинӣ мекунад” [17].

Дар баробари чораҳои ҷазодиҳӣ доираи васеи тадбирҳои профилактикӣ: муолиҷаи нашъамандон, таблиғоти зидди нашъамандӣ ва ғайра ба кор бурда мешавад. Муолиҷаи беморони нашъамандро дар марказҳои махсуси тавонбахшӣ, инчунин дар ҷои истиқомати онҳо давлат пардохт мекунад. 80 дарсади нашъамандон дар ҷомеа бозсозӣ мешаванд. Ба ҳар 15 нафар нашъаманд як корманди касбӣ рост меояд, ки метавонад ба онҳо дар мубориза бо нашъамандӣ кумаку дастгирӣ расонад

❖ Хукумати Хитой ба муқобили гардиш, истеҳсол ва паҳн кардани доруҳо муборизаи хаматарафа мебаранд. Ин муборизаро Кумитаи махсуси давлатии мубориза бо маводи мухаддир назорат мекунад. Илова бар ин, Хитой як хизматрасонии миллии лабораториро бо панҷ филиал дар Пекин, Чжэтсзян, Гуандун, Сичуан ва Шэнси таъсис додааст.

❖ Онҳое, ки ихтиёран табобат гирифтан намехоҳанд, дар марказҳои тавонбахшӣ ҷойгир карда мешаванд. Системаи миллии маърифати зидди маводи мухаддир ва пешгирии нашъамандӣ, инчунин платформаи миллии рақамӣ барои омӯзонидани ҷавонон дар бораи пешгирии нашъамандӣ таъсис дода шудааст. Ҳамасола беш аз 100 миллион хонанда дар беш аз 230 000 мактаб таълими онлайни зидди маводи мухаддир мегиранд. [17].

Дар робита ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид кардан ба маврид аст, ки тайи солҳои тулонӣ дар кишвар санадҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқӣ, консепсия ва барномаҳои мухталиф ҷиҳати таъмини саривақтӣ ва ҳамаҷонибаи сиёсати давлатӣ дар самти назорати маводи нашъаовар, тақвият бахшидани мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар тамоми кишварро дар бар мегирад.

Мувофиқ ба иттилоъи нишасти матбуотии ниҳоди аршади кишвар дар соли 2024 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 314 (2023 – 21319) ҷиноятҳои умумӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз теъдоди умумии ҷиноятҳои бақайдгирифташуда 839 (2023 – 699) ҷиноят вобаста ба маводи нашъаовар мебошад, ки 3,8 фоизи ҷиноятҳои умумиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2023 140 ҷиноят ё 20 фоиз зиёд ба қайд гирифта шудааст. Тавре ҳисоботи оморӣ нишон медиҳад, нисбати соли гузашта афзоиши ин ҷиноят ташвиши амиқро ба бор меорад.

Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти Агентӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2024 116 (2023 – 114) ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар ва дигар намуди ҷиноятҳо аз ҷониби кормандони Агентӣ ошкор карда шудааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2023 – 2 адад ё 1,8 фоиз зиёд мебошад.

“Аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҷумҳурӣ соли 2024 аз муомилоти ғайриқонунӣ 4 т 381 кг 365 гр маводи нашъаовар мусодира гардидааст, ки нисбат ба соли 2023 (5 т 282 кг) 17 фоиз ё 901 кг 449 гр кам мебошад, аз ҷумла: аз ҷониби ВКД – 2 т 780 кг (2023 – 2 т 592 кг), КДАМ – 1 т 94 кг (2023 – 2 т 118 кг), АНМН – 504 кг 353 гр, (2023-495 кг 097 гр), АНДМ ва МК – 1 кг 157 гр (2023 – 5 кг) ва ХГ – 1 кг 200 гр (2023 – 71 кг) мусодира гардидааст”[10]

Дар ин баробар пайдо гардидани хатари дигар ба чашм мерасад, ки ин афзоиши модаҳои психотропии синтетикӣ мебошад. Тибқи ҳисобот дар нишасти матбуотии Агентӣ мусодираи моддаҳои психотропии синтетикӣ ба 110 килограммро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023 – 59 фоиз (ё 41 кг) зиёд мебошад. Ҳамчунин, аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 17 ҳазору 871 ҳаб (2023 – 4 ҳазору 194 ҳаб) мусодира гардидааст, ки нисбат ба соли 2023 – 13 ҳазору 677 ҳаб зиёд гаштааст.

Таҳлили таҷрибаи Тоҷикистон ва Хитой нишон медиҳад, ки дар ҳар ду кишвар механизмҳои мақсадноки мубориза мавҷуд аст. Ҳангоми таҳлил ба назар расид ки ҳар ду кишвар: қонунҳои муайяни соҳавӣ, ниҳоди махсуси муқовимат бо гардиши маводи нашъаовар, профилактикаи беморон, роҳандозии семинарҳои омӯзишӣ ва мизҳои мудавварро дар самти мубориза бо ин хатар ба роҳ мондаанд, ки ба кам кардани шиддати он равона шудааст.

Ҳамин тавр таҳлили тамоми ҷанбаҳои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир нишон дод, ки мубориза алайҳи он занҷираи буда, дар сурати мутаҳидгаштан метавон муборизаи таъсирбахшро ба роҳ монд. Аз нигоҳи иҷтимоии агар ба ин масъала нигоҳ

андозем, ба назар мерасад, ки ҷавоншавии истеъмоли маводи нашъавовар ба генофонди миллат таъсири манфӣ расонида, дар ҳолати пурзур нагардидани чораҳои пешгирӣ метавонад, оқибати ҷуброннопазирро ба бор орад. Дар ин баробар таъсири ҳамаҷонибаи маводи мухаддир ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, амниятӣ ва ҳатто ҳарбии ҷавонон таъсири манфӣ дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба ҷавонон борҳо таъкид намудаанд: «Мо бояд наврасону ҷавононро дар руҳияи эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, қонун, тартибот ва риояи ҳатмии онҳо тарбия намоем, онҳоро аз таъсири харобиовари падидаҳои номатлуби ҷаҳони муосир, аз қабили ифротгароӣ, нашъамандӣ, умуман, аз ҳама гуна ҷиноятҳо ҳифз намуда, то ҳадди имкон дар байни онҳо тарзи ҳаёти солимро тарғиб намоем»[22,142].

Ҳамин тавр, ба назар гирифтани пешниҳодҳои зерин ҷиҳати бештар кардани муқовиммат бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар аз манфиат орӣ нест:

- Ҳар чи бештар кардани табодули оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, маълумотдиҳӣ ва иттилоотҳои мавриди таваҷҷуҳи кишварҳои аъзо, дар ин замина дарёфти усул ва шаклҳои нави кашф ва безарар гардонидани гуруҳҳои муташаккиле, ки ба муомилоти маводи нашъаовар сару кор доранд.
- Ба роҳ мондани табодули таҷриба ва кадрҳо дар ин ҳошия баланд бардоштани савияи касбии кормандоне, ки дар ин самт дар хатти пеши муқовиммат истодаанд.
- Гузаронидани ҳар чи бештари амалиётҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ дар минтақаҳое, ки қадами аввали гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, тавассути роҳҳои хушкигард онҳо имконпазир аст.
- Дарёфти роҳҳои нави ошкор ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои монанди интиқол ва гардиши маводи мухаддир, ҳамзамон андешидани чораҳои қатъии иловагӣ ба манфиат арзёбӣ мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Бедилзода, Ҳ. Ҳамкории кишварҳои аъзои СҲШ дар таҳкими фазои амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ / Ҳ. Бедилзода, Ҳ. М. Тошов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – No. 2. – P. 117-120. – EDN TIDFAY.
2. Выступление Генерального секретаря ШОС Д.Ф.Мезенцева на пленарном заседании IV саммита Совещания по взаимодействию и мерам доверия в Азии 21 мая 2014 года Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20140521/7725.html Санаи муроҷиат: 12.06.2025
3. Визит Генерального секретаря ШОС в Агентство по контролю за наркотиками при Президенте РТ. Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20130620/4480.html Санаи муроҷиат: 12.06.2025
4. Виноградов, И. С. Тенденции и противостояние международной наркоторговле в рамках деятельности ШОС / И. С. Виноградов, Т. М. Мамахатов // Электронное сетевое издание «Международный правовой курьер». – 2022. – № 7. – С. 76-82. – EDN ABALGY.
5. Выступление Генерального секретаря ШОС Д.Ф.Мезенцева на заседании Совета глав государств-членов ШОС Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20140912/9128.html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]
6. Выступление Генерального секретаря ШОС М.Иманалиева на международной научно-практической конференции в Алматы Манбаи электронӣ: https:// rus.sectsco.org/20110222/277.html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]
7. Генеральный секретарь ШОС Д.Мезенцев принял участие в 30-й Международной конференции по борьбе с наркотиками. Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20130607/4342.html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]
8. Ғуломова Ф. А. Таҳдиду хатари гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф. А. Ғуломова //

9. Давтян, А. С. Исторический аспект борьбы с незаконным оборотом наркотических и психотропных веществ / А. С. Давтян // Актуальные вопросы права, экономики и управления : сборник статей XXVIII Международной научно-практической конференции, Пенза, 10 апреля 2021 года. – Пенза: Наука и Просвещение, 2021. – С. 118-121. – EDN MMHOGW.

10. Дар Агентӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар соли 2024 нишасти матбуотӣ доир гашт. Манбаи электронӣ: https://akn.tj/2025/02/03/the-agency-held-a-press-conference-to-summarize-its-activities-for-2024/ [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]

11. Доклад Международного комитета по контролю над наркотиками за 2023 год. Глава III. Анализ положения в мире. Азия // Наркология. – 2024. – Т. 23, № 10. – С. 3-30. – DOI 10.25557/1682-8313.2024.10.3-30. – EDN PGHKLD.

12. Идиев, Ф. Ф. Международно - правовые основы и национальные механизмы борьбы с незаконным оборотом наркотиков (на примере Республики Таджикистан) / Ф. Ф. Идиев // Правовая жизнь. – 2014. – № 2(6). – С. 66-73. – EDN TZHXKP.Идоракунии Давлатӣ. – 2022. – No. 4/1 (58). – p.377-353.

13. Информационное сообщение по итогам 15-го Совещания руководителей компетентных органов государств-членов ШОС, наделенных полномочиями по борьбе с незаконным оборотом наркотиков. Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20250528/1834226.html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]

14. Информационное сообщение по итогам пятого Совещания руководителей компетентных органов государств-членов ШОС, наделенных полномочиями по борьбе с незаконным оборотом наркотиков.Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20140618/48151 .html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]

15. История подразделений по контролю за оборотом наркотиков : Хронологический справочник памятных дат и событий / А. В. Морозов, А. В. Парфенов, Ю. А. Лапунова, М. Н. Тимонин ; Академия управления МВД России. – Москва : Академия управления МВД России, 2021. – 163 с. – ISBN 978-5-907187-94-8. – EDN ANXDVO.

16. Итоги IV Совещания руководителей компетентных органов государств-членов ШОС, наделенных полномочиями по борьбе с незаконным оборотом наркотиков. Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20130430/3941.html. Санаи муроҷиат: 12.06.2025

17. Как в Китае борются с наркотиками. Смертная казнь для наркоторговцев, лечение для наркоманов, обучение для школьников. Манбаи электронӣ: https://www.trud.ru/article/26-08-2022/1419770 _kak_v_kitae_borjutsja_s_narkotikami.html [Санаи муроҷиат: 11.06.2025]

18. Китай поддержал создание в Таджикистане Антинаркотического центра ШОС. Манбаи электронӣ:https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/20842447 [Санаи муроҷиат: 13.06.2025]

19. Қодирзода Д. С. Методикаи тафтиши муштараки (дохилӣ ва байналмилалӣ) ҷиноятҳо марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар/ Қодирзода Д. С. // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – No. 4. – P.52-60.

20. Межведомственные консультации по вопросу создания Антинаркотического центра ШОС в городе Душанбе. Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20230427/Mezhvedomstvennye-konsultatsii-po-voprosu-sozdaniya-Antinarkoticheskogo-tsentra-ShOS-v-gorode-Dushanbe-940197.html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]

21. Муҳаммадзода, П. А. Эмомалӣ Раҳмон - яке аз бунёдгузорони Созмони Ҳамкории Шанхай / П. А. Муҳаммадзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – No. 3(75). – P. 12-22. – EDN XFYVBX.

22. Намозов, Т. Б. Тарзи зиндагии солим ва оқибатҳои психологии истифодаи ҷавонон аз маводи нашъаовар / Т. Б. Намозов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2024. – No. 4(22). – P. 142-148. – EDN MNVJED.

23. Нью-Делийская декларация совета глав государств-членов Шанхайской Организации Сотрудничества Манбаи электронӣ : https://rus.sectsco.org/20230704/nyu-

deliyskaya-deklaratsiya-soveta-glav-gosudarstv-chlenov-shankhayskoy-organizatsii-sotrudnichestva-948432.html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]

24. О заседании Рабочей группы экспертов по снижению спроса на наркотики. Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20140522/7773.html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]

25. Об участии Генерального секретаря ШОС в торжественном мероприятии в честь десятилетия образования Исполкома РАТС ШОС. Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20140617/8047.html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]

26. Полончук, Р. А. О некоторых подходах политического руководства Китая к противодействию «трем силам зла» в современных условиях / Р. А. Полончук // Экономика и управление: проблемы, решения. – 2024. – Т. 10, № 10(151). – С. 67-73. – DOI 10.36871/ek.up.p.r.2024.10.10.007. – EDN PYMYHI.

27. Попова, Н. А. Сравнительный анализ правового регулирования ответственности за незаконный оборот наркотиков в зарубежных странах / Н. А. Попова, В. Мумбала // Актуальные проблемы уголовного права, криминологии, уголовного процесса, и уголовно-исполнительного права: теория и практика : Материалы V Международной научно-практической конференции, Тамбов, 16–17 апреля 2016 года. – Тамбов: Тамбовский государственный университет им. Г.Р. Державина, 2016. – С. 204-210. – EDN XBNAJX.

28. Приветственное слово Генерального секретаря ШОС участникам Совещания руководителей компетентных органов государств-членов ШОС, наделенных полномочиями по борьбе с незаконным оборотом наркотиков. Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org/20130430/3918.html [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]

29. Смирнов, К. Ю. О законе китайской народной республики "о борьбе с наркотиками" / К. Ю. Смирнов // Электронное приложение к Российскому юридическому журналу. – 2017. – № 6. – С. 63-77. – EDN YQDIQS.

30. Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030. Манбаи электронӣ: https://akn.tj/2021/04/15/national-drug-control-strategy-of-the-republic-of-tajikistan-for-2021-2030/ [Санаи муроҷиат: 12.06.2025]

31. Трощинский, П. В. Правовое регулирование борьбы китайского государства с незаконным оборотом наркотиков / П. В. Трощинский // Наркоконтроль. – 2015. – № 1. – С. 31-36. – EDN TIXJSH.

32. Участие делегации Секретариата ШОС в антинаркотической операции ОДКБ Манбаи электронӣ: https://rus.sectsco.org /20241028/1585509.html [Санаи муроҷиат: : 12.06.2025]

33. Ширинҷонов, Ф. И. Ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ҷинояткории муташаккилона / Ф. И. Ширинҷонов, Ш. Ш. Ҳакимов, З. М. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 2(41). – P. 403-411. – EDN WCSZXC.

34. Шарипов, С. С. Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амният (дар қаринаи вазъияти Афғонистон) / С. С. Шарипов // Международные отношения и безопасность. – 2022. – No. 4(4). – P. 50-62. – EDN NNRCDD.

35. Явнова, И. И. Шанхайская организация сотрудничества и борьба с наркоторговлей / И. И. Явнова, Л. Р. Залилова // Инновационная наука. – 2016. – № 8-3. – С. 63-66. – EDN WHTNBR.

## ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ НЕЗАКОННОМУ ОБОРОТУ НАРКОТИКОВ В РАМКАХ ШОС
### (опыт Таджикистана и Китая)

*В данной статье анализируется проблема незаконного оборота наркотиков в рамках Шанхайской организации сотрудничества (далее – ШОС), включая опыт Республики Таджикистан (далее – Таджикистан) и Китайской Народной Республики (КНР).*

*На протяжении всей своей деятельности ШОС и ее государства-члены выступали в качестве образцовой арены для борьбы со всеми глобальными угрозами. За прошедшие годы между двумя ее членами – Таджикистаном и Китаем – было установлено глубокое сотрудничество в целях укрепления безопасности и борьбы с терроризмом, экстремизмом, незаконным оборотом наркотиков и оружия и другими аналогичными преступлениями. В связи с этим предпринимаются всесторонние усилия по укреплению безопасности в целях поддержания мира и стабильности во всем регионе и мире.*

***Ключевые слова**: Шанхайская организация сотрудничества (ШОС), Таджикистан, Китай, безопасность, страны, мир, стабильность, сотрудничество, незаконный оборот, наркотики, борьба, угрозасть, сотрудничество, оборот, нелегальность, наркотики, борьба, опасность.*

**COUNTERING ILLEGAL DRUG TRAFFICKING WITHIN THE SCO**
**(experience of Tajikistan and China)**

*This article analyzes the problem of drug trafficking within the Shanghai Cooperation Organization (hereinafter referred to as SCO), including the experience of the Republic of Tajikistan (hereinafter referred to as Tajikistan) and the People's Republic of China (PRC).*

*Throughout its activities, the SCO and its member states have served as a model arena for combating all global threats. Over the years, deep cooperation has been established between its two members, Tajikistan and China, to strengthen security and combat terrorism, extremism, drug and arms trafficking and other similar crimes. In this regard, comprehensive efforts are being made to strengthen security in order to maintain peace and stability throughout the region and the world.*

***Keywords**: Shanghai Cooperation Organization (SCO), Tajikistan, China, security, countries, peace, stability, cooperation, drug trafficking, fight, threat*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифхонзода Моҳира Шарифхон -** унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**,** Тел: 918-36-21-22, e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

**Садуллозода Бону Шарифхон -** донишҷӯи курси чоруми факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ,Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16, Тел: 918-26-27-26

**Сведения об авторе: Шарифхонзода Мохира Шарифхон -** соискатель кафедры международных отношений Национального университета Таджикистана. Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 17**,** Тел.: 918-36-21-22, e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

**Садуллозода Бону Шарифхон -** Студентка 4 курса факультета международных отношений, Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, Республика Таджикистан, 735360, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16

Тел.: 918-26-27-26

**About the author: SHarifkhonsoda Mokhira Sharifkhon -** Researcher of the, Department of International Relations, National University of Tajikistan. Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17, Tel.: 918-36-21-22, e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

**Sadullozoda Bonu Sharifkhon -** 4th year student of the Faculty of International Relations, Kulyab State University named after A. Rudaki, Republic of Tajikistan, 735360, Kulyab, S. Safarov str., 16**,** Tel.: 918-26-27-26

# СИЁСАТИ “ДАРҲОИ БОЗ» ВА КОНСЕПСИЯИ МУҚОВИМАТ БО БӮҲРОНИ ГЕОСИЁСИИ ҶАҲОН

**ҚУРБОНОВА ШИРИН ИСМОИЛОВНА**
сарходими илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои таърих

*Дар мақола оид ба татбиқи стратегияи минтақавӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон,ки дар шароити ниҳоят ҳассос, мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳон дар оғози асри XXI ҷараён мегирад,таҳқиқот анҷом ёфтааст*

*Ба ақидаи муаллиф,ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ, ки меҳвари онро сиёсати «дарҳои боз» ташкил медиҳад, яке аз дастовардҳои бузурги давлати миллии мо дар замони соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад.*

*Муаллиф таъкид менамояд,ки Тоҷикистон дар таҳия ва татбиқи стратегияи комплексӣ ва санҷидаи сиёсати хориҷӣ дар даврони истиқлол, бахусус солҳои охир тамоюлу равандҳо ва таҳаввулотҳои муҳими ҷаҳониро дар мадди назар дошт ва пайваста кӯшиш дорад, ки манфиатҳои геостратегии ватан ва мардуми худро дар чаҳорчубаи сиёсати “дарҳои кушода” дар сатҳи шоиста таъмин намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, сиёсати хориҷӣ, консепсияи “дарҳои боз”, геополитика, геостратегия*

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки дар суханрониҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои таърихии ироашуда аз ҷониби Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикос шудаанд, бо дарназардошти омилҳои дохилӣ ва берунӣ таҳия шудаанд. Ҳукумати Тоҷикистон мудаввом кушиш мекунад,ки ҳамаи таҳаввулот дар фазои геосиёсӣ ва геоиқтисодии Тоҷикистон дар таҳияи барномаҳои гуногуни ватанӣ ба инобат гирифта шавад. Чунончӣ, тибқи нишондиҳандаҳо дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар оид ба таҳия ва баррасии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар таърихи 28 декабри соли 2024 моро зарур аст, ки алайҳи хатарҳою таҳдидҳо ва таҳримҳои сатҳи ҷаҳонӣ тадбирҳо андешем: “Нооромиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷираҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем” [4].

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ чун ҳуҷҷати таърихии дорои аҳаммияти сиёсӣ сиёсати хориҷии ҷумҳуриямонро баррасӣ намуда, пояи асосии онро консепсияи “дарҳои кушод” ташаккул медиҳад. Аммо сиёсати “дарҳои боз” чист? Чаро ин масъала ба таҳлилу таҳқиқ ниёз дорад? Оё метавон гуфт, ки сиёсати мазкур фақат хосси кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад? Чаро қудратҳои ҷаҳонӣ ин навъи сиёсатро аз хотири тарвиҷ додани манофеъ истифода кардаанд?

Муҳаққиқи русзабон Г. В. Ефимов омилҳои пайдоиши ин доктринаро батафсил баррасӣ мекунад. Тибқи ақидаи мавсуф, доктринаи “Дарҳои боз”-ро соли 1899 котиби давлатии ШМА Ҷ. Хей барои рӯйпӯш кардани сиёсати ғосибонаи Амрико, ки ҳадаф аз он дар Чин барқарор намудани қудрати иқтисодию сиёсии ШМА буд, пешниҳод намудааст. Нақши Чинро идеологҳои ояндаи Амрико ба он монанд медонистанд, ки Ҳиндустон барои Британияи Кабир бозӣ мекард, аммо аз сабаби нокифоя будани иқтидори ҳарбӣ ШМА дар сиёсати кишваркушоӣ муваффақият ба даст оварда натавонист. Бо мақсади тадриҷан аз Чин рондани рақибони аврупоии худ, чунонки сиёсатмадорони амрикоӣ пешгӯйӣ карда буданд, доктринаи “дарҳои боз” дар соли 1899 таҳия шуда, то ибтидои солҳои 50-уми асри XX татбиқ гардид. Ҳадафи асосии ШМА дар Шарқ ташкили як низоми судманд ба ҳадафҳои геосиёсии ШМА дар Чин буд [2].

Сиёсати “дарҳои кушод” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ маъно дорад? Барои посух ёфтан ба суоли матраҳшуда ба муҳтавои Паёми навбатии Пешвои миллат рӯ меорем, ки дар он гуфта мешавад: “Тоҷикистон дар заминаи сиёсати хориҷии «дарҳои кушода» ва таҷрибаи ҳамкории беш аз се даҳсола бо кишварҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Ховари Миёна ва давлатҳои дигари қитъаҳои дунё омодагии хешро ҷиҳати идомаи таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо онҳо ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар қолабҳои бисёрҷониба изҳор мекунад. Бо ин мақсад, мо аз тавсеаи робитаҳо, бахусус, дар самтҳои рушди «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, технологияҳои навин, ҷалби сармоя ва тиҷорат истиқбол менамоем” [4].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон фароҳам овард, ки на танҳо равобити судманд бо кишварҳоро барқарор намояд, балки бо таҳияю татбиқи равиши хосси дипломатияи худ бар пояи ҳифзи манофеи миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масоили глобалӣ шинохта шавад. Аз ин хотир, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф намудани як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Санади Хотимавии Хелсинки, Баёнияи Париж ва дигар санадҳо зербинои сиёсати хориҷии худро бунёд намуда, дар пешбурди дипломатияи мутааллиқ ба Тоҷикистон ва дар тақвияти ҷойгоҳу нуфузи худ дар арсаи ҷаҳонӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардид. Алҳол, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксарияти кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои дипломатиро барқарор намуда, бо бастани як қатор санадҳои муҳимми ҳамкорӣ робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи худро пайваста тавсеа ва густариш медиҳад. Дар соли 2024 Сарвари давлат 17 маротиба сафарҳоро ба мамолики хориҷ анҷом додааст, ки дар байни онҳо, сафарҳои давлатӣ ва расмӣ низ қарор доранд.

Самти назарраси сиёсати хориҷӣ дар баррасиҳои Пешвои миллат пешниҳод гардидани ташаббуси байналмилалӣ дар бораи қабули қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” маҳсуб мешавад, ки чунин ибтикороти байналмилалии Сарвари давлатамон давлатҳои ҷаҳонро барои холима бахшидани ҳар луна ҷангу низоъҳо ва таъмини сулҳу субот дар тамоми арсаи ҷаҳонӣ даъват менамояд. Пешниҳод намудани ин гуна ташаббуси созанда нақши кишвари моро дар баррасии вижагиҳои сиёсати ҷаҳонӣ шаҳодат дода, саҳми мусбати Президенти моро бобати рафъи низоъҳо ва кашмакашиҳои сатҳи байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳад. Бинобар ин, ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вижагиҳои мусбатро ба бор оварда, ҳамчун роҳбари ташаббускор дар ҳалли мушкилоти глобалӣ дар байни роҳбарони кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ эътироф гардидааст. Гузашта аз ин, дар моҳи июни соли 2024 Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028” дар шаҳри Душанбе муваффақона баргузор гардид, ки дар он зиёда аз ду ҳазор нафар аз ҳайатҳои расмии беш аз 100 давлати аъзои Созмони Милали Муттаҳид ширкат варзиданд.

Истиқболи ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби СММ оид ба эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028” барои баланд гардидани нуфузи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва муаррифии он ҳамчун давлати амну субот ва сайёҳӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ бо мақсади рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар самти дастрасӣ ва таъмин бо оби тозаи ошомиданӣ нақши муассир мегузорад. Аз ин рӯ, бо итминон вогузор намудани баргузории як чорабинии муҳимми байналмилалӣ бар дӯши Ҷумҳурии Тоҷикистон ин аз фароҳам будани сулҳу субот ва амният дар Тоҷикистон дарак медиҳад.

Дар санаи 3 декабри соли 2024 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷоизаи бонуфузи сайёҳии «Кишвари дорои манзараҳои беҳтарини табиӣ дар Осиё» дар чорабинии Top Asia Corporate Ball 2024 сарфароз гардид ва ин дастовард нишонаи он аст, ки кишвари моро дар сатҳи байналмилалӣ чун давлати дифоъкунанда аз омилҳои табиӣ мешиносанд.

Бавижа, манзараҳои мафтункунанда аз қабили кӯҳҳою кӯлҳо монанд ба Искандаркӯл ва Қарокӯл яке аз самтҳои маъруф барои сайёҳӣ ва аз талошҳои кишвар ҷиҳати тарғиби мероси табиӣ ва фарҳангии он дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад.

Ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат дар соҳаи об, пеш аз ҳама ба таҳкими ҳамкорӣ ва танзими муносибат дар ин соҳаи ҳаётан муҳим нигаронида шудааст. Гузашта аз ин, саъю талоши пайгиронаи Пешвои миллат барои барқарории сулҳу субот ва сарҷамъии миллӣ басо нодир ва арзишманд арзёбӣ мегарданд. Имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар бобати ҳалли мусолиматомези низоъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба сарвати илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ мубаддал шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон, ғайр аз ин ки роҳи моро барои пешрафти минбаъда равшан кард, аҳамияти байналмилалӣ низ дорад ва метавонад ҷиҳати ҳалли мушкилоти кишварҳои гуногун мавриди истифода қарор гирад. Беҳуда нест, ки таҷрибаи мо дар самти таъмини сулҳ, ба Ватан ва макони зисти доимиашон баргардондани қариб як миллион гуреза ва ташкили ҳамгироии иҷтимоӣ аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо воқеъбинона арзёбӣ шуда, ҳамчун шеваи нодири сулҳофарӣ эътироф гардидааст.

Дар суханрониҳои Президенти мамлакат вазъи кунунии ҷаҳон баррасӣ шуда, мутобиқ ба он таҳияи сиёсати хориҷии кишвар изҳор ёфтааст. Аммо дар соли 2024 бинобар афзудани муқовимати қудратҳо ва таносуби ҳадафҳои геосиёсии онҳо вазъи минтақа ва муносибати давлатҳои Осиёи Марказӣ бо дигар мамлакатҳо тағйир ёфт.

Дар кишвари мо, ки мутобиқ ба Конститутсия давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳастем, мубориза алайҳи афкори хурофотӣ, амалҳои террористию экстримистӣ ва ҳама гуна навъҳои тахрибкорӣ самти асосии сиёсати давлатӣ маҳсуб мешавад. Тибқи дастурҳои Пешвои миллат ва Паёми навбатияшон аз санаи 28 декабри соли 2024 терроризму экстремизм чун зуҳуроти номатлуб айни замон ба хатари глобалӣ табдил ёфтааст: “Мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст” [4].

Пешвои миллат инчунин дар Паёми навбатии хеш таъкид намуданд, ки Стратегияи кишвари мо зимни рушду тавсеаи муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ минбаъд низ дар заминаи ҳусни эътимод ва самимият бо ҳадафи мусоидат дар таҳкими фазои сулҳу субот ва таъмин намудани рушду пешрафти муштарак дар минтақа бунёд мегардад: “Вазъи ноором ва равандҳои пуртазоду мураккаб дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ки пайомадҳои буҳронии сиёсиву иқтисодӣ доранд, ҳамоно боиси нигаронӣ мебошанд. Гузашта аз ин, ҷомеаи байналмилалӣ ҳанӯз дар масири дарёфти роҳҳои муносиби ҳалли хавфу таҳдидҳои глобалии марбут ба тағйири иқлим қарор дорад. Бо дарназардошти ин омилҳо, моро зарур аст, ки зимни пешбурди сиёсати хориҷӣ саъю талошамонро дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ барои расидан ба ҳадафҳои созанда ҷиҳати пойдории сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба тақвият диҳем” [4].

Дар санаи 9 марти соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин мулоқот карда, вазъи басе ташвишовари ҷаҳонро таъкид намуданд. Тибқи далелҳое, ки дар ин мулоқот изҳор ёфтаанд, ирфротгароии диниро дар сартосари ҷаҳон қудратҳои ҷаҳонӣ роҳандозӣ мекунанд. Намунаи беҳтарини чунин пуштибонӣ гуруҳи террористии дорои ангезаи динӣ Сурия аст ,ки дар он зери нишондоди давлатҳои ғарбӣ айни замон низоми сиёсии дунявиро барҳам зада шуд ва ҷои ҷангҷӯёни даҳшатафкан ишғол намуданд. Чунин аҳволро метавон зимни баррасии сиёсати хориҷии кишварҳои абарқудрат дарк намуд. Айни замон, роҳи ягонаи муқовимат бо дини исломро Ғарб дар таблиғу татбиқи исломгароии сиёсӣ мебинад: “Душманони дини мубини ислом барои коштани тухми нифоқу бадбинӣ, эҷоди ҳисси исломситезӣ, тафриқаи мазҳабӣ дар байни ҷамъият ва расидан ба ҳадафҳои ғаразноки худ, ки мақсади онҳо даст ёфтан ба боигариҳои фаровони кишварҳо мебошад, ифротгароии диниро бо ҳар роҳу восита пуштибонӣ ва маблағгузорӣ

мекунанд. Имрӯз барои касе пӯшида нест, ки маркази як қатор ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремиста дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷойгир аст” [6].

Дар айни ҳол, тахия ва татбиқи исломгироиро олимону коршиносон бо ибораҳои “исломи сиёсӣ” баррасӣ намуда, ҷараёни роҳандозии доктринаи сиёсиро бобати татбиқи ҳадафҳои геосиёсӣ амалӣ менамоянд. Президент кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин дар санаи 9 марти соли 2024 сиёсисозии динро раванди сунъӣ номида, берабтии онро бо ислом тазаккур доданд: “Сиёсикунонии дин як раванди сунъӣ буда, дар таълимоти ислом ҷойгоҳе надорад. Зеро дини ислом аз оғози пайдоиши худ сиёсӣ набуд ва сархати таълимоти онро нахуст хондану омӯхтан, сипас имон овардан ба Худо ва шинохти ягонагии ӯ ташкил медиҳаду халос. Тибқи хулосаи донишмандону коршиносон ва мутахассисони исломшинос тайи чордаҳ асри охир яке аз воситаҳои санҷидашудаи бозингарони геополитикӣ татбиқи барномаҳои «исломи сиёсӣ» мебошад, ки барои амалисозии ҳама гуна лоиҳаву нақшаҳои муғризонаву манфиатҷӯёнаи онҳо истифода мегардад” [6].

Дар охири асрҳои XX-XXI ислом ба як омили ҷиддии таъсиргузор ба равандҳои сиёсӣ ҳам дар дохили кишварҳо ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар баробари ин, сиёсисозии ислом дар ҷаҳон ташдиди авзои ҷамъиятию сиёсиро ба вуҷуд меоварад. Эҳёи исломи сиёсӣ ҳанӯз дар солҳои 60-уми садаи сипаришуда оғоз шуда буд. Асри XX, пас аз пошхӯрии системаи ҷаҳонии мустамликадорӣ ва бадном кардани идеяи коммунизм, ҳамчун идеологияи ҷаҳонӣ, ба раванди сиёсӣ табдил ёфтани ислом такони нав бахшид. Дар тӯли таърихи 14-асраи ин таълимот имконият фароҳам омад, ки он дар сатҳи баланди сиёсӣ боқӣ бимонад ва ба рушди равандҳои иҷтимоию сиёсии тамоми ҷаҳон таъсири рӯзафзун расонад. Моҳияти аҳаммияти сиёсию иҷтимоии ислом бо он муайян карда мешавад, ки вай аз доираи таълимоти оддии динӣ баромада, падидаи мураккаби иҷтимоию фарҳангиро ифода мекунад ва мавриди истифодаи қудратҳои ҷаҳонӣ қарор гирифтани ислом айни замон аз он гувоҳӣ хоҳад дод, ки кишварҳои абарқудрат динро ҷиҳати боздошти инсон аз рушду тараққӣ истифода менамудаанд. Сиёсӣ шудани дин равандест, ки дар он фундаментализми динии навъҳои гуногуни тамоми динҳои ҷаҳонӣ инкишоф меёбанд.

Исломи муосир танҳо бо амалҳои расму оин ва маҷмуи меъёрҳои ахлоқӣ махдуд намешавад, балки як равияи маънавию сиёсӣ ва идеологӣ маҳсуб мешавад. Арбобони барҷастаи сиёсии ҷаҳони мусулмонӣ ба нигоҳ доштани догмаҳои ислом даъват накарданд, балки кӯшиш мекарданд, ки онро бо воқеияти қарнҳои навсозӣ кунанд. Мустафо Камол Отатурк ба ҳайси намоянда аз мустахбираи бритонӣ бовар дошт, ки ҳадафи ислом бозгашт ба асрҳои миёна нест, балки бунёди давлати муосири саноатӣ ва ташаккули ҳувияти шаҳрвандӣ аст [5,26].

Дар солҳои 90-уми асри XX — ибтидои қарни XXI дар чанд кишвари бузурги мусулмонӣ (Туркия, Афғонистон, Покистон, Алҷазоир) намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ ба сари қудрат омадаанд. Дар маҷмуъ дар ҷаҳон ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ фаъолтар шудаанд, ки бо роҳҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ қудрат ба даст овардан мехоҳанд. Сиёсӣ шудани ислом вокуниш ба ҷаҳонишавӣ аст. Гузашта аз ин, таъсири модернизатсия ва ҷаҳонишавӣ ба сиёсӣ шудани ислом гуногун аст. Модернизатсия исломро тағйир дод, аммо ислом ҳеҷ гоҳ аз фарҳанги оммавӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва тартиботи сиёсӣ нопадид нашудааст.

Алҳол, ҳамаи масоили мутааллиқ ба сиёсати хориҷӣ, ё худ геополитика аз ҷониби олимони ҷаҳон дар чаҳорчӯбаи “ҷаҳонишавӣ” матраҳ мегарданд. Гуфтугӯ дар бораи ҷаҳонишавӣ як аломати хосси замони мо шудааст. Ин истилоҳи комилан равшане, ки дар ибтидои солҳои 80-уми садаи гузашта дар адабиёт пайдо шуда буд, дар саҳифаҳои осори илмӣ ва мақолаҳои публитсистӣ на камтар аз суръати “ҷомеаи постиндустриалӣ” ё даврони “муосирият” паҳн гардидааст. Бист соли охир баҳс дар бораи ҷаҳонишавӣ муносибати муҳаққиқонро ба падидае, ки дар паси ин вожа ниҳон аст, бошиддат ошно месозад. Ҷаҳонишавии муосир раванди табдил додани системаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ мебошад, ки аллакай ба дараҷаи баланди вобастагии мутақобила ноил гардидаанд, ба системаи ягонаи ҷаҳоние, ки дар асоси намунаҳои нисбатан ягона

инкишоф меёбанд. Бо истифода аз истилоҳоте, ки Фернан Браудел ба муомилоти илмӣ ворид кардааст, мо метавонем бигӯем, ки ҷаҳонишавӣ табдили як қатор иқтисодҳои ҷудогонаи ҷаҳонро ба иқтисоди ҷаҳонӣ ифода мекунад.

Мафҳумҳои ҷаҳонишавӣ, ки дар доираи онҳо кӯшишҳои дарки ҷаҳони муосир сурат мегиранд, дар хусусиятҳои асосии худ дар нимаи дуюми солҳои 80-ум ва 90-уми асри XX ташаккул ёфтаанд. Ҳангоми тавсифи ин давра метавон ба қиёс бо усуле, ки муаррихон барои муайян кардани ба истилоҳ "асрҳои дароз" истифода мебаранд. Дар он замон чунин менамуд, ки ҷаҳонишавӣ ба тавсеаи арзишҳои умумибашарӣ марбут аст, нобаробарӣ мушкилоти пешрафти маънавии тамаддун аст, инқилоби иттилоотӣ боиси густариши демократия мегардад ва рушди иқтисодӣ оқибат ба бӯҳрон табдил меёбад. Бинобар ин, таваҷҷуҳ, ба фарҳанги миллӣ ва таърихи тамаддуни тоҷикон дар осори Пешвои миллат аз қабили "Чеҳраҳои мондагор" яке аз роҳҳои муқовимат бо паёмадҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ буда, дар он Сарвари давлат моро ба худогоҳии миллӣ даъват намудаанд: "Мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба ҷомеаи мутамаддини демократа бо ҳувийят, арзишу анъанаҳо ва чеҳраву симои хосси миллии хеш, ҳамзамон бо дастоварду комёбиҳо ва бозёфтҳои фарогири фарҳанги башарӣ ворид гардидем. Истиқлолияти давлатиро дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи ойину суннатҳо ва рушди илму адаб метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд. Баъди соҳибистиқлол гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фосилаи кӯтоҳи замонӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид ва бо ҷаҳду талоши созандаву бунёдкоронаи халқи азизамон ба кишвари ободу осуда мубаддал гашт" [8,3].

Воқеан, бо истифода аз сиёсисозии дин ва аҳкоми он манфиатҳо дар дилхоҳ манотиқ роҳандозӣ мешаванд ва афкори дунёбадбинӣ дар заминаи тафаккури динӣ таҳмил меёбанд. Маҳз бо ҳамин сабаб гуруҳҳои манфиатхоҳ барои ғалабаи ҳувияти динӣ бар ҳувияти миллӣ дар ҷомеаҳои исломӣ талош варзида, ҳатто маблағҳои гушношунидро сарфи назар мекунанд то ба мақсадҳояшон расанд. Дар сурати заифии ҳувияти миллӣ мусалмонон, ба вижа тоҷикон низ дар хурофот мепечанд ва баҳсҳо оид ба эъмори давлати дунявӣ аз байн меравад.

Дар яке аз суханрониҳои худ Сарвари давлат ҳамин авзоъ ва ҳамин таҳмилҳои сиёсии қудратҳои ҷаҳониро ба инобат гирифта, таъкид намуданд, ки "Ман аввал тоҷикам, баъд мусулмон", яъне, ба ибораи дигар агар гӯем, афкори мутааллиқ ба дин ва маҳдудаи мазҳабии инсон хосси таърихи асримиёнагии башар аст ва алҳол, ки садаи XXI дар арафаи даҳсолаи савум қарор дорад, шаҳрванд тибқи мансубияти миллӣ баррасӣ мегардад. Имрӯз ашхоси гумроҳшударо, ки дар амалҳои террористӣ дар дилхоҳ минтақаи ҷаҳон дастбакоранд, бинобар тааллуқоти миллӣ муаррифӣ мешаванд.Ҳамаи мо шоҳидем, ки ашхоси бо мо ҳамватан,ки даст ба кирдори террористӣ заданд, чун тоҷику шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ шуданд. Аммо ин муаррифӣ ба ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ хусусан дар давлатҳои ИДМ, ки шаҳрванди кишвари мо ҳастанд, оқибат мушкилиҳои паёпайро ба бор овард.

Дар ин қарина, робитаҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарики стратегии хеш Федератсияи Россия дар мадди назари Сарвари давлат мебошад. Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки чӣ омилҳо боис гардиданд, ки Русия кишварҳои Осиёи Марказиро, минҷумла кишвари моро оҷилан ба расмият шинохта, бо онҳо робитаҳои дипломатиро дар сатҳи шарикони стратегии худ барқарор намудааст:

- Омилҳои сиёсӣ-геополитикӣ: баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар Осиёи Марказӣ аз нигоҳи геополитикӣ холигии (вакууми) сиёсӣ ба амал омада буд, зеро тайи солҳои 90-уми асри XX Россияи нав аз ин минтақа рӯ метофт. Баръакси ин ҳолат ҳар кадоме аз кишварҳои абарқудрати ҷаҳон ба монанди Штатҳои Муттаҳидаи Амрико, Туркия, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва ғайра талоши зери нуфузи худ даровардани минтақаҳои мазкурро менамуданд. Бинобар ин, Россия, ки ба ин минтақа садсола таваҷҷуҳ дошт, кӯшиш менамуд, дар талошҳои геополитикӣ дар канор намонад;
- омилҳои амниятӣ: оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва номусоид будани

вазъияти сиёсӣ дар Афғонистон ба амнияти минтақа ва ҳадафҳои геосиёсии Федератсияи Россия таҳдид ба бор меоварад, зеро дар қаламрави он миллатҳои гуногун умр ба сар мебаранд, ки тибқи бовариҳои дини мусалмон маҳсуб мешаванд;

- омилҳои сарҳадӣ: Русия бо минтақаи Осиёи Марказӣ бо дарназардошти шартномаҳо ва таҳиясозии консепсияҳои сиёсати хориҷӣ ҳадафҳои сарҳадӣ дорад, ки баъзе қисматҳои он аз даврони Шуравӣ то инҷониб ҳалли худро наёфта буданд. Бо истифода аз фурсати муносиб Русия ҷиҳати ҳал намудани минтақаҳои баҳсталаби сарҳадӣ бо кишварҳои минтақаи мазкур кӯшишҳо намуд, чунки тибқи ақидаи сиёсатшиносон, Русия марзи кишварҳои минтақаро сарҳади худ медонад ва ҳар хатаре, ки аз он сӯйи сарҳад меояд, барои Русия низ хатар мебошад;

- омили иқтисодӣ: Тоҷикистон дорои захираҳои бойи табиӣ, бахусус дорои захираҳои гидроэнергетикӣ мебошад;

-омилҳои тиҷоратӣ: Тоҷикистон бозори мувофиқ барои молҳои Русия аст, ки ба ин васила ин қудрати ҷаҳонӣ метавонад молу маҳсулоти худро ба бозорҳои кишварҳои Осиё интиқол диҳад. Ин ва дигар омилҳо водор намуд, ки ин кишвари абарқудрат ба минтақаи мазкур диққати махсус зоҳир намояд.

Дигар кишваре, ки тибқи сиёсати "дарҳои боз" бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои судманде барқарор намудааст, Ҷумҳурии Халқии Чин мебошад. Муҳаққиқини тоҷик Т. Назаров ва А. Сатторзода дар китоби худ "Дипломатияи муосири тоҷик" вобаста ба муносибатҳо бо Чин чунин ибрози ақида намудаанд: "Ҷумҳурии Мардумии Чин аз бузургтарин ҳамсояҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, дар минтақа ва дунё нуфузи муассире дорад. Нуфузи вай марҳила ба марҳила бо болоравии иқтисодиёташ ва иқтидори низомиаш афзоиш меёбад. Бинобар ин бо Чин доштани муносибати дипломатии устувор, ҳамкориҳои густурдаи тиҷоратӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва фарҳангӣ ба манфиати Тоҷикистон буда, пеши роҳи ҳама гуна хавфу хатари эҳтимолиро хоҳад гирифт" [1,82-83].

Савумин гурӯҳи кишварҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо он қобили қабул медонад, дигар аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳастанд. Сарвари давлат дар ҳар як суханрониҳои худ бобати рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои мутазаккир иктифо намуда, таъкид менамоянд, ки муносибатҳои дипломатии мо бо онҳо дар пояи ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи ҷонибҳо сурат пазируфтаанд. Ҳусни таваҷҷуҳ ва равобити ҷонибҳо бобати мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи ҳамдигар гувоҳӣ медиҳад, ки кишварҳо равобити судмандеро дунбол хоҳанд кард.

Бояд иқрор кард, ки татбиқи равобити дипломата бо кишварҳои гуногун ва баррасии масоили сатҳи байналмилалӣ аз минбарҳои асосии ҷаҳони муосир бобати нуфузи ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам оварда, пазироии ташаббусҳои созандаи Сарвари давлати тоҷикон нақши кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ падид овардааст.

## АДАБИЁТ:


1. Алимов Р., Халифаев М., У. Ситсюй, Яо Шаочун. Таджикистан-Китай. Сборник основных документов (1992-2007 гг.).- Пекин: Международная жизнь, 2008. - С. 127-138.

2. Ефимов Г. В., Происхождение и империалистическая сущность доктрины «открытых дверей», «Уч. зап. ЛГУ. Сер. востоковедческих наук», в. 5, Л., 1955; Фурсенко А. А., Борьба за раздел Китая и американская доктрина открытых дверей 1895-1900, М.-Л., 1956.

3. Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество. - Душанбе: Ирфон, 2007.

4. Паёми Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ". 28.12.2024.

5. Савельев В.Н. Международный терроризм в системе глобальных отношений: религиозный аспект // Религиозный экстремизм и фундаментализм: справочное издание. М., 2008. С. 26.

6. Суханронии Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат. 09.03.2024.

7. Хомейни Рухолла Мусави. Исламское правление // Вестник МГУ. Серия. 12: Политические науки. 2007. № 1. С. 57.

8. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: Эр-граф, 2016,- 364 с.

## ПОЛИТИКА «ОТКРЫТЫХ ДВЕРЕЙ» И КОНЦЕПЦИЯ СОПРОТИВЛЕНИЯ МИРОВОМУ ГЕОПОЛИТИЧЕСКОМУ КРИЗИСУ

*В статье рассматривается реализация региональной и международной стратегии Республики Таджикистан, происходящая в крайне чувствительных, сложных и быстро меняющихся условиях мира начала XXI века.*

*По мнению автора, формирование и реализация внешнеполитического курса, стержнем которого является политика «открытых дверей», является одним из величайших достижений нашего национального государства в период независимости.*

*Автор подчёркивает, что при разработке и реализации комплексной и апробированной внешнеполитической стратегии в период независимости, особенно в последние годы, Таджикистан учитывал важные мировые тенденции, процессы и события и постоянно стремится обеспечить геостратегические интересы своей Родины и народа в рамках политики «открытых дверей» на достойном уровне.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, внешняя политика, концепция «открытых дверей», геополитика, геостратегия*

## OPEN DOOR POLICY AND THE CONCEPT OF RESISTANCE TO THE GLOBAL GEOPOLITICAL CRISIS

*The article examines the implementation of the regional and international strategy of the Republic of Tajikistan, taking place in the extremely sensitive, complex and rapidly changing conditions of the world at the beginning of the 21st century.*

*According to the author, the formation and implementation of the foreign policy course, the core of which is the "open doors" policy, is one of the greatest achievements of our national state during the period of independence.*

*The author emphasizes that when developing and implementing a comprehensive and tested foreign policy strategy during the period of independence, especially in recent years, Tajikistan took into account important global trends, processes and events and constantly strives to ensure the geostrategic interests of its homeland and people within the framework of the «open doors» policy at a decent level.*

***Key words:*** *Tajikistan, foreign policy, the concept of «open doors», geopolitics, geostrategy*

**Дар бораи муаллиф:**

Қурбонова Ширин Исмоиловна, доктори илмҳои таърих, сарходими шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +992 904016443.

**Сведения об авторе:**

Курбонова Ширин Исмоиловна, доктор исторических наук, главный научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992 904016443.

**About the author:**

Qurbonova Shirin Ismoilovna, Doctor of Historical Sciences, Chief Researcher of the Southeast Asia Department of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +992 904016443.

# СИЁСАТИ ҲАМГИРОИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ХОВАРИ МИЁНА: ТАҲЛИЛИ ГЕОПОЛИТИКӢ ВА НАЗАРИЯВӢ

**МАҲМАДИЕВ ҒОЛИБ**
ходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

**МУНИСАИ НАСРУЛЛО**
Магистранти курси 1- и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақолаи мазкур ба таҳлили сиёсати ҳамгироии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар минтақаи Ховари Миёна бахшида шудааст. Бо такя ба манобеи илмӣ ва таҷрибаи баъди Инқилоби Исломии соли 1979, равандҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва иқтисодии нуфузи Эрон дар кишварҳои минтақа мавриди баррасӣ қарор доранд. Дар мақола инчунин назарияҳои асосии ҳамгироӣ, аз ҷумла функсионализм, неофунксионализм, федерализм ва назарияи иртиботот таҳлил шуда, ҷойгоҳи онҳо дар фаҳмиши равандҳои муосири ҳамгироии минтақавӣ шарҳ дода мешавад.*

*Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди дастовардҳо, сиёсати ҳамгироии Эрон бо монеаҳои ҷиддӣ, аз ҷумла ихтилофоти мазҳабӣ, дахолати қудратҳои хориҷӣ ва мушкилоти дохилӣ рӯ ба рӯ аст. Зарурати таҳияи стратегияи мутавозин ва мутобиқ ба шароити мавҷуда барои татбиқи устувори ин сиёсат таъкид мешавад.*

***Калидвожаҳо**: Ховари Миёна, Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҳамгироӣ, назарияпардозон ва назарияҳо, геостратегия, чолишҳо*

Ховари Миёна яке аз минтақаҳои муҳим ва стратегӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Ин минтақа ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ қарор дорад ва бо таърихи бойи фарҳангӣ, захираҳои ғании табиӣ ва мавқеи геополитикии худ шинохта мешавад. Аз замонҳои қадим то имрӯз Ховари Миёна саҳнаи рақобатҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ буда, равандҳои ҷаҳониро ба таври густурда зери таъсир қарор медиҳад. Бо вуҷуди он ки ҷаҳон ба туфайли пешрафти илм ва технология симои дигар касб кардааст, аммо аҳаммияти ин минтақа ҳамчун маркази тамаддунҳо, манбаи муҳими нафту газ ва майдони бархӯрдҳои манфиатҳои байналмилалӣ ҳоло ҳам устувор боқӣ мондааст. Ҷумҳурии Исломии Эрон дар миёни кишварҳои Ховари Миёна ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Бахусус пас аз Инқилоби исломии соли 1979, ки низоми сиёсие дар асоси арзишҳои шиаи исломӣ ба вуҷуд овард, Эрон сиёсати хориҷии фаъолеро оғоз намуд. Сиёсати Эрон на танҳо ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона шудааст, балки мақсад дорад, то нуфузи худро дар Ховари Миёна афзоиш дода, ба як бозигари калидӣ дар ин минтақа табдил ёбад. Бо ҷойгиршавии стратегӣ, захираҳои ғании нафту газ ва нуфузи мазҳабӣ, Эрон тавонистааст сиёсатҳои ҳамгироии худро дар минтақа роҳандозӣ намояд. Аммо татбиқи ин сиёсатҳо наметавонад бе мушкилот ва чолишҳо бошад.

Ховари Миёна бо ҷойгиршавии геостратегии худ, ки байни Осиё, Африқо ва Аврупо қарор гирифтааст, аҳаммияти бузурги байналмилалӣ дорад. Гулугоҳи Ҳурмуз, ки як қисми муҳими равобити иқтисодии ҷаҳонро таъмин мекунад, ба Эрон имкон медиҳад, ки нақши калидиро дар таъмини амнияти энергетикаи минтақа бозад. Ин танга тақрибан 20 дарсади интиқоли ҷаҳонии нафтро фаро мегирад, ки аз назорати геополитикии Эрон вобаста аст. Илова бар ин, захираҳои бойи нафту газ дар кишварҳои Ховари Миёна боиси таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ шуда, минтақа ҳамчун майдони рақобат ва ҳамкорӣ амал мекунад. Эрон пас аз Инқилоби Исломӣ бо истифода аз сиёсатҳои ҳамгироӣ кӯшиш намуд, ки нуфузи худро дар Ховари Миёна тақвият бахшад. Сиёсати хориҷии он ба густариши ҳамкориҳои мазҳабӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ равона шуда, мақсад дорад, ки як блоки муттаҳидро дар

асоси арзишҳои шиаи исломӣ ташкил диҳад. Ин сиёсатҳо на танҳо ба ҳифзи манфиатҳои дохилии Эрон хидмат мекунанд, балки ба муқовимати фаъоли идеологӣ бо қудратҳои ғарбӣ, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва муттаҳидонаш, мусоидат менамоянд.

**Сиёсати ҳамгироии Эрон дар Ховари Миёна**

Эрон дар доираи сиёсати ҳамгироии худ кӯшиш мекунад, ки нуфузи минтақавии худро тавассути ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ густариш диҳад. Яке аз воситаҳои асосии сиёсати ҳамгироӣ, ки тавассути дастгирии гурӯҳҳои мазҳабӣ ва сиёсӣ татбиқ мешавад, афзоиши нуфузи шиаи исломӣ дар кишварҳои минтақа мебошад. Аввалан, ҳамкориҳои мазҳабӣ ва идеологӣ як ҷузъи калидии сиёсати Эрон мебошанд. Дар кишварҳое мисли Ироқ, Сурия, Лубнон ва Яман, ки аҳолии шиамазҳаб доранд ё гурӯҳҳои шиаи фаъол амал мекунанд, Эрон нуфузи худро тавассути дастгирии сиёсӣ, молиявӣ ва низомӣ афзоиш медиҳад. Барои мисол, дастгирии гурӯҳи Ҳизбуллоҳи Лубнон ва Ҳусиҳои Яман аз тарафи Эрон яке аз ҷанбаҳои калидии сиёсати хориҷии он дар минтақа ба ҳисоб меравад. Дуввум, ҳамкориҳои иқтисодӣ низ дар сиёсатҳои ҳамгироии Эрон нақши муҳим мебозанд. Бо вуҷуди таҳримҳои байналмилалӣ, Эрон талош мекунад, ки робитаҳои иқтисодии худро бо кишварҳои ҳамсоя густариш диҳад. Барои мисол, Ироқ ҳамчун яке аз шариконӣ асосии иқтисодии Эрон шинохта мешавад, ки дар он бахшҳои энергетикӣ ва тиҷорат мавқеи калидӣ доранд. Севвум, ҳамгироии фарҳангӣ ва гуманитарӣ як василаи дигарест, ки Эрон тавассути он кӯшиш мекунад, ки таъсири худро дар минтақа мустаҳкам намояд. Густариши барномаҳои фарҳангӣ, таблиғи арзишҳои исломӣ ва ҳамкориҳо дар сатҳи гуманитарӣ, аз ҷумла дастгирии созмонҳои инсондустона, яке аз стратегияҳои асосии Эрон мебошад.

**Чолишҳо ва монеаҳо дар татбиқи сиёсатҳои ҳамгироӣ**

Бо вуҷуди талошҳои назаррас, Эрон дар татбиқи сиёсати ҳамгироии худ бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯст:

1. Ихтилофоти мазҳабӣ ва сиёсӣ: Рақобат байни Эрон ва кишварҳои суннимазҳаб, бахусус Арабистони Саудӣ, сабаби мушкилотҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ дар минтақа мегардад. Ин ихтилофот сабабгори афзоиши танишҳо дар муносибатҳои байнидавлатӣ мешаванд.

2. Дахолати қудратҳои хориҷӣ: Қудратҳои ғарбӣ, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳида ва Исроил, бо роҳандозии таҳримҳо ва амалҳои сиёсӣ кӯшиш мекунанд, ки нуфузи Эронро маҳдуд намоянд.

3. Мушкилоти дохилӣ: Таҳримҳои байналмилалӣ ва мушкилоти иқтисодӣ, аз қабили бекорӣ ва коҳиши рушди иқтисодӣ, иқтидори Эронро дар пешбурди сиёсатҳои хориҷӣ коҳиш медиҳанд.

**Назарияҳои ҳамгироӣ (функсионализм, неофунксионализм).**

Ҳамгироӣ як равандест мураккаб ва амиқ, ки дар тӯли таърих ва дар ҷараёни равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфтааст. Ин раванд нишон медиҳад, ки кишварҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ барои расидан ба манфиатҳои муштарак, кам кардани ихтилофҳо ва таъмини рушди устувор ва амният дар ҷаҳони муосир, ба ҳам иттиҳод мешаванд. Ҳамгироӣ метавонад дар шаклҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир шавад, ки ҳар як аз онҳо барои эҷоди якҷоясозии қудрат, манфиатҳо ва имкониятҳо кӯмак нақши муҳим мебозад [8].

**Таърихи ҳамгироӣ**

Таърихи ҳамгироӣ дар асрҳои гуногун ва таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст. Гарчанде ки мавзӯи ҳамгироӣ бештар ба даврони муосир марбут дониста мешавад, решаҳои он ба даврҳои қадим низ пайвастагӣ доранд. Дар аҳди қадим ва асрҳои миёна, ҳамгироии аввалия дар шакли иттиҳодҳои минтақавӣ ва алоқаҳои сиёсӣ зоҳир мешуд. Масалан, дар минтақаҳои Ховари Миёна ва Аврупо, шаҳрҳои мустақили қадимӣ, аз қабили Афина, Спарта ва Рим, барои муҳофизат аз таҳдидҳо ва муқовимат бо душманони муштарак талош мекарданд, ки бо ҳам ҳамкорӣ намоянд. Иттиҳоди чунин минтақаҳо барои муқобила бо хатарҳои беруна шакли ибтидоии ҳамгироии сиёсиву иқтисодӣ ба шумор мерафт. Дар асрҳои XIX ва XX, бо рушди тиҷорат, пешрафти

технология ва шиддат гирифтани рақобатҳои ҷаҳонӣ, кишварҳо зарурати ҳамкории бештарро барои коҳиши ихтилофҳои сиёсиву иқтисодӣ ва таъмини рушди устувор дарк карданд. Яке аз намунаҳои равшани ин раванд таъсиси Иттиҳоди Аврупо ва дигар созмонҳои байналмилалӣ мебошад. Ҳамкории байни кишварҳо ва кӯшиш барои аз миён бурдани монеаҳои иқтисодиву сиёсӣ ба густариши ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ замина фароҳам овард. Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, таъсиси ташкилотҳои байналмилалӣ марҳилаи нави ҳамгироиро ба вуҷуд овард. Созмонҳое чун Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Бонки Ҷаҳонӣ ва Созмони Тиҷорати Ҷаҳонӣ (WTO) бо ҳадафи аз байн бурдани хатарҳои глобалӣ ва таҳкими ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсис дода шуданд. Ин ниҳодҳо талош варзиданд, ки ҷаҳони пас аз ҷангро ба низоме устувору пойдор табдил диҳанд. Дар давоми асрҳои XIX ва XX, таҳаввулоти фанноварӣ, густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва болоравии нақши либерализм боис гардид, ки мафҳуми ҳамгироии глобалӣ аҳамияти махсус пайдо кунад. Дар ҳамин замина, созмонҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти умумии башарӣ аз ҷумла тағйироти иқлим, ҳуқуқи инсон ва мубориза бо фақр тавассути ҳамкории байналмилалӣ чораандешӣ намуданд. Иттиҳоди Аврупо, созмонҳои тиҷоратии байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ намунаҳои равшани ҳамгироии муосир ба шумор мераванд, ки бо талоши расидан ба ҳадафҳои муштарак ҳамкорӣ менамоянд.

Ҳамгироии метавонад ба шаклҳои гуногун, аз ҷумла ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ҷудо шавад:

1. **Назарияи Эрнест Ҳас**

Эрнест Ҳас асосгузори назарияи «ҳамгироии минтақавӣ» ба шумор меравад. Ба андешаи ӯ, ҳамгироии сиёсӣ равандест, ки дар он кишварҳо бо ҳадафи таъмини манфиатҳои муштарак қисман аз соҳибихтиёрии худ даст кашида, сохторҳои муштаракро ташкил медиҳанд. Ӯ бар ин назар аст, ки ҳамгироӣ танҳо дар шароити мавҷудияти эътимоди мутақобила ва суботи муҳити байналмилалӣ муваффақ мегардад [14].

2. **Назарияи Лин Линберг**

Линберг ҳамгироии иқтисодиро ҳамчун василаи муҳим барои бартарафсозии монеаҳои тиҷоратӣ ва тақвияти ҳамкориҳои мутақобилан судманд мешуморад. Вай таъкид мекунад, ки рушди иқтисодии кишварҳо дар шароити ҳамгироии зичи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба даст меояд ва ин раванд асоси иқтисодиёти устувор ва рақобатпазирро фароҳам месозад.

3. **Назарияи Юрген Хабермас**

Хабермас назарияи «ҳамгироии демократӣ»-ро пешниҳод кард. Ӯ бар назар аст, ки устувории ҳамгироӣ бо риояи арзишҳои демократӣ, ҳуқуқи инсон ва адолати иҷтимоӣ таъмин мегардад. Ба андешаи ӯ, маҳз таҳкими принсипҳои демократӣ метавонад заминаи муътамади коҳиши ихтилофҳо ва рушди ҳамкориҳои устувори байналмилалиро фароҳам оварад.

## Назарияҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсӣ

Назарияҳои ҳамгироӣ асосан ба равандҳои муосири иқтисодӣ ва сиёсӣ нигаронида шудаанд. Ба вижа, назарияи "ҳамгироии тиҷоратии озод" бар он аст, ки ҳамгироии иқтисодӣ метавонад монеаҳои тиҷоратиро коҳиш диҳад, бозорҳои ҷаҳониро васеъ созад ва имкониятҳои иқтисодии кишварҳоро беҳтар намояд. Хулоса, ҳамгироӣ равандест сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки бо ҳадафи расидан ба манфиатҳои муштарак ва коҳиши ихтилоф байни давлатҳо ва созмонҳо сурат мегирад. Бо рушди ҷаҳонишавӣ, махсусан дар асрҳои XX ва XXI, аҳамияти ҳамгироии минтақавӣ ва глобалӣ рӯз то рӯз афзоиш ёфтааст. Барои тавзеҳи ин раванд чор равиши асосӣ пешниҳод шудааст: федерализм, функсионализм, неофунксионализм ва назарияи иртиботот.

1. **Федерализм - роҳи қатъӣ ба сӯи ҳамгироӣ**

Федерализм ҳамчун як равиши суннатии сиёсӣ, ҳамгироиро дар муттаҳидсозии кишварҳо дар доираи як сохтори марказӣ мебинад. Ба ақидаи ин равиш, давлатҳо бо

ҳифзи истиқлолияти худ барои расидан ба манфиатҳои умумӣ муттаҳид мешаванд. Ин сохтор бо як маркази ягона ва боқии давлатҳои дорои ҳуқуқи худидоракунӣ амалӣ мегардад. Федерализм ду ҳадафи муҳимро пайгирӣ мекунад:

1. Ташкили як сохтори ягона барои қабули сиёсатҳои умумӣ
2. Ҳифзи истиқлол ва салоҳияти давлатҳои аъзо.

Иттиҳоди Аврупо намунаи равшани ин равиш аст, ки дар он кишварҳо дар баробари ҳамкорӣ, истиқлолияти миллии худро низ нигоҳ медоранд.

**2.Функсионализм - ҳамгироӣ тавассути ҳамкорӣ**

Функсионализм, ки аз федерализм фарқ мекунад, ҳамгироиро на тавассути ташкили сохтори ягона, балки тавассути ҳамкориҳои фаннӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ имконпазир мешуморад. Ба андешаи Дэвид Митрани аз пешоҳангони ин равиш, ҳамкории амалӣ дар соҳаҳои гуногун боис мегардад, ки кишварҳо ба ҳам вобастатар шаванд ва ин вобастагӣ дар ниҳоят метавонад ба ҳамгироии сиёсӣ низ бирасонад. Функсионалистҳо бар ин назаранд, ки:

1. Ҳамкориҳои фаннӣ ва иқтисодӣ заминаи таҳкими ҳамгироиро фароҳам меоранд;
2. Вобастагии мутақобил миёни кишварҳо афзоиш меёбад;
3. Раванд метавонад тадриҷан ба иттиҳоди комили сиёсӣ бирасад.

**3. Неофунксионализм - ҳамгироӣ дар асоси манфиат**

Неофунксионализм ҳамчун густариши функсионализм, ба нақши манфиатҳои мушаххаси сиёсию иқтисодӣ аҳамияти бештар медиҳад. Тарафдорони ин равиш бар онанд, ки бе заминаи манфиат, ҳамгироӣ ба таври устувор сурат намегирад. Ба гуфтаи онҳо, манфиатҳои элитаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳо омили калидии рушди ҳамгироист. Агар манфиатҳои онҳо таъмин шаванд, аз ҳамгироӣ пуштибонӣ мекунанд, ва баръакс хатарҳои манфиат метавонад ба коҳиш ё шикасти раванд бирасонад. Ҳамин тавр, манфиат ҳамчун муҳаррики асосии ин равиш баромад мекунад.

4. **Назарияи иртиботот — ҳамгироӣ тавассути мубодила ва муоширату**

Назарияи иртиботот бар пояи нақши мубодилаҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ асос меёбад. Карл Дойч, аз муассисони ин равиш, таъкид мекунад, ки ҳарчи бештар муошират ва ҳамкории байни кишварҳо афзоиш ёбад, ҳамгироӣ низ устувортар мегардад. Ба гуфтаи ӯ, мубодилаи пайваста ва густурда метавонад заминаи як ҷомеаи бехатар ва мутақобилан муттаҳидро фароҳам созад. Афзоиши иртиботот боиси наздикшавии арзишҳо, манфиатҳо ва сиёсатҳо мегардад ва ҳамин раванд дар Иттиҳоди Аврупо ба таври муваффақ амалӣ гардидааст.

**Ҳамгироии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ховари Миёна**

Таҳлили сиёсатҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ховари Миёна нишон медиҳад, ки Эрон дар истифодаи назарияҳои функсионализм ва неофунксионализм қарор дорад. Эрон талош мекунад, ки тавассути ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ робитаҳои наздикро бо кишварҳои минтақа барқарор созад, ки ин ба таҳкими манфиатҳои иқтисодӣ ва стратегӣ кӯмаки бештар мерасонад. Аз ҷониби дигар, Эрон тавассути сиёсати фаъол манфиатҳои миллӣ ва минтақавии худро ҳимоя мекунад. Вале мавҷуд набудани як тааҳҳуди сиёсӣ байни аксари кишварҳои минтақа ва ихтилофи манфиатҳо сабаб шудааст, ки раванди ҳамгироӣ дар Ховари Миёна бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шавад.

Хулоса, назарияҳои функсионализм ва неофунксионализм беҳтарин восита барои тавзеҳи равандҳои ҳамгироӣ дар Ховари Миёна ва сиёсати Эрон мебошанд, зеро ин назарияҳо ба манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳо дар раванди ҳамгироӣ нақши муҳим мебозанд.

**Густариши ҳамкорӣ (иқтисодӣ, фарҳангӣ, мазҳабӣ).**

Яке аз ҳадафҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон аз ибтидо то кунун, ба ғайр аз таъмини суботу амният дар дохил, истифодаи стратегиҳои мувофиқ барои таъсиси ҳамкорӣ ва ҳамгироии минтақавӣ, бидуни такя ба қудратҳои хориҷӣ мебошад. Аз ин рӯ, аз миёни намудҳои стратегиҳои заминасоз барои ҳамгироӣ, умуман се стратегияи асосӣ бештар истифода бурда мешавад, ки иборатанд аз:

1. Ҳамкориҳо ва табодули тиҷоратӣ ва иқтисодӣ,
2. Умумиятҳои фарҳангӣ ва динӣ.
3. Маҳдуд кардани таъсири қудратҳои беруназминтақавӣ.

**Ҷанбаи иқтисодии Ховари Миёна**

Ховари Миёна на танҳо аз ҷиҳати низомӣ ва стратегӣ, балки аз назари иқтисодӣ низ аҳаммияти бузург дорад. Аз як ҷониб, ин минтақа захираҳои муҳими энергияи ҷаҳонро дар бар мегирад; аз ҷониби дигар, ба ҳайси бозори пурқуввати тиҷоратии молҳои байниминтақавӣ ва фаромарзӣ баромад мекунад. Ҷумҳурии Исломии Эрон аз ин фурсати муҳим барои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ҳамсоя фаъолона истифода мебарад. Гузоришҳои Созмони рушди тиҷорат нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2005 то 2015, ҳаҷми муомилоти Эрон бо кишварҳои ҳамсоя афзоиш ёфта, давлатҳое чун Ироқ, Имороти Муттаҳидаи Араб, Афғонистон ва Туркия дар байни харидорони асосии молҳои эронӣ қарор гирифтаанд. Арзиши содироти Эрон ба 15 кишвари ҳамсоя аз 5,5 миллиард доллар дар соли 2005 то ба 18 миллиард доллар дар соли 2015 боло рафтааст. Мувофиқи тавозуни тиҷоратии соли 2011, Эрон дар муомила бо кишварҳои Ироқ, Умон, Қатар ва Кувайт тавозуни мусбатро нигоҳ медорад, яъне содирот ба ин кишварҳо аз воридот бештар аст. Имороти Муттаҳидаи Араб то шомилшавиаш ба таҳримҳои байналмилалӣ, ҳамчун маркази муҳимми мубодилаи молии Эрон ва шарики аслии тиҷоратӣ баромад мекард, то ҷое ки қариб нисфи муомилоти хориҷии Эрон тавассути он сурат мегирифт. Баъд аз таҳримҳо, Ироқ ҷойгоҳи аввалро дар феҳристи шарикони тиҷоратии Эрон ишғол намуд. Ғайр аз ин, Эрон бо ду маркази дигари муҳими минтақа Туркия ва Арабистони Саудӣ низ равобити густурдаи иқтисодӣ барқарор кардааст. Аз соли 2004, ҳаҷми муомилоти тиҷоратии Эрону Туркия пайваста рушд меёбад. Ҳарчанд воридоти мол аз Туркия ба Эрон бештар аст, робитаҳо дар маҷмӯъ тамоюли афзоишро нишон медиҳанд. Дар мавриди Арабистони Саудӣ низ то ба вуҷуд омадани танишҳои сиёсӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ ба таври муқаррарӣ ҷараён доштанд. Эрон ба ин кишвар маводи ғизоӣ ва маҳсулоти хушк содир мекард, ҳарчанд интиқоли маблағ бо мушкил рӯбарӯ мешуд. То ҳол, Арабистон омодаи харидории молҳои ғизоии Эрон аст, вале мубодилаи маҳсулоти петротехникӣ дар сатҳи паст боқӣ мондааст. Аз ҷиҳати дигар, Ҷумҳурии Исломӣ кӯшиш мекунад, ки тавассути истифодаи «қудрати нарм» дар сиёсати хориҷии худ, фазои ҳамгироии иқтисодиро миёни кишварҳои минтақа фароҳам созад. Эрон талош меварзад, ки афкори умумии кишварҳои нафтӣ ва сиёсатгузорони минтақаро ба нақши муҳими захираҳои табиии худ ҷалб намояд, зеро ин омили калидӣ дар расидан ба ҳамоҳангии иқтисодӣ маҳсуб мешавад. Масалан, кишварҳои Шӯрои ҳамкории Халиҷи Форс аз як панҷ ҳиссаи содироти нафти ҷаҳон ва ду панҷ ҳиссаи захираҳои кашфшудаи онро дар ихтиёр доранд. Танҳо Арабистони Саудӣ 90 дарсади содироти худ, Қатару Кувайт 85 дарсад, Умон 80 дарсад, Баҳрайн 78 дарсад ва Имороти Муттаҳидаи Арабӣ 45 дарсадро бо фурӯши нафт таъмин мекунанд. Мувофиқи маълумоти «BP Statistical Review of World Energy» барои соли 2011, захираи нафти Арабистон 264,5 миллиард баррел, Эрон – 137 миллиард баррел ва захираҳои гази Эрон – 29,6 триллион метри кубро ташкил медиҳанд [13]. Дар муқоиса, Қатар 25,3 триллион метри куб газ дорад. Бо ин зарфиятҳо, Эрон дар ОПЕК нақши фаъоли сиёсӣ ва иқтисодӣ бозӣ мекунад. Ҳадаф тақвияти ҳамоҳангии аъзои созмон ва таъмини манфиатҳои умумӣ дар муқобили манфиатҳои сиёсии ҷудогона мебошад [5, 49]. Илова бар ин, баъд аз ҷанги Эрону Ироқ, Ҷумҳурии Исломӣ таваҷҷӯҳи хосае ба созмонҳои минтақавӣ зоҳир намуд. Дар ин замина, кушодани идораҳои кишвариву минтақавии созмонҳои байналмилалӣ дар Эрон (монанди идораи Конвенсияи Базел, Конвенсияи Рамсар, идораи оби шаҳрии ЮНЕСКО ва густариши фаъолияти ЭКО) намунаи равшани ин сиёсат аст.

Бар асоси назарияи функсионализм, метавон гуфт, ки сиёсати хориҷии Эрон ба ташаккули ҳамгироии минтақавӣ ва рушди робитаҳои иқтисодӣ нигаронида шудааст. Дар бахши молиявӣ, Эрон ҳамкориро бо кишварҳое афзоиш медиҳад, ки суботи минтақа, рушди устувор ва густариши тиҷорати фаромарзиро ҳадаф қарор медиҳанд. Ин раванд

нишон медиҳад, ки аксари кишварҳои минтақа майл доранд бо Эрон ҳамкорӣ намоянд ва роҳҳои рушди муштаракро пайравӣ кунанд [2,78].

## Муқовимат ба қудратҳои хориҷӣ.

Аҳаммияти стратегӣ ва муҳимияти Ховари Миёна ҳамеша таваҷҷӯҳи қудратҳоро ҷалб намуда ва дар натиҷа он бо Аврупо ва баъдан бо Амрико пайванди наздиктарин, ҷиддитарин ва устувортаринро дорад. Солиёни зиёд аст, ки қудратҳои ғарбӣ ҳузури худро дар ин минтақа нигоҳ медоранд ва мақсади асосиашон ҳокимият бар Ховари Миёна мебошад. Ҳуқуқи мустақил ва зиддиимпериалистии Инқилоби Исломии Эрон сабаб шуд, ки яке аз мақсадҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон муқобила ва муқовимат бо ҳузур ва дахолатҳои ғайриқонунӣ ва номашрӯи қудратҳои берун аз минтақа, бахусус Амрико мебошад. Ба ҳамин сабаб, яке аз стратегияҳои Эрон барои ҳамгироии минтақавӣ таъкид ба амниятҳои дастҷамъӣ барои танзими амният дар минтақа бо ҳамкории тамоми кишварҳои минтақа, бе ҳузури нерӯҳои бегона мебошад. Ба назароти Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҳамкорӣ ва амниятҳои дастҷамъӣ як монеа барои ҳар гуна рақобати аслиҳавӣ ва низомӣ дар минтақа аст ва метавонад беҳтарин усул барои таъмини амният дар минтақа бошад. Ба ҳамин сабаб, Эрон ҳамеша бо ҳузур ва дахолати нерӯҳои бегона дар минтақа мухолифат менамояд ва аз кишварҳои минтақа хоҳиш мекунад, ки амнияти худро бе ҳузури онҳо таъмин кунанд. Ҷумҳурии Исломии Эрон Амрикоро як монеаи бузург барои ҳамгироии воқеии кишварҳои Ховари Миёна медонад ва бовар дорад, ки Амрико бо сиёсати тафриқаандозӣ ва ҳокимиятҷӯёнаи худ монеаи наздикшавӣ ва ҳамгироии кишварҳои минтақа мешавад. Аз ин рӯ, бо ин сиёсати Амрико муқобила мекунад ва бидуни рафъи ин монеаи аслӣ, расидан ба ҳамгироии воқеӣ ва устувор дар минтақа номумкин аст. Ҳамчунин, бо дахолатҳои номақбул ва ғайри лозими Иттиҳоди Аврупо дар минтақа мухолифат дорад. Ин иттиҳод талош мекунад, ки бо ёрии кишварҳои таъсиргузори минтақа ва таъмири робитаҳо, ҳузур ва нуфузи худро дар таҳаввулоти муҳими Ховари Миёна тақвият бахшад ва мақомашро ҳамчун як бозигари муҳим дар канори Амрико нигоҳ дорад [6, 123].

Аз ин лиҳоз, сиёсати хориҷии Эрон аз як тараф ба арабҳои минтақа ва аз ҷониби дигар ба қудратҳои бузурги ҳозир дар халиҷи Форс марбут аст [7, 113]. Мақсади аслии Ғарб, ки раҳбариашро Амрико иҷро мекунад, идораи геополитикии ва геостратегӣ аст, ки дар қалби ин мақсад, нигаҳ доштани тамаддуни Ғарб ва ҷаҳонӣ кардани он ва монеъ шудан аз иттиҳод ва ҳамоиши кишварҳои муқобил ва исломӣ қарор дорад. Яке аз ин низомҳои муқобил Ҷумҳурии Исломии Эрон аст, ки мақсади аслии ғарбӣ аз миён бурдани он мебошад. Чун онҳо ба хулосае расидаанд, ки Эрон ва чанд кишварҳои дигар чун Кореяи Шимолӣ, сарфи назар аз фишорҳо шикастро қабул намекунанд. Ҷумҳурии Исломии Эрон мехоҳад, ки кишварҳои Ховари Миёна бо истифода аз иқтидорҳо ва потенсиалҳои худ ба ҳам наздик ва муттаҳид шаванд ва дар баробари талаботҳои қудратҳои бузурги ғарбӣ, бахусус Амрико, муқобила ва мубориза баранд. Ба иборати дигар, Ҷумҳурии Исломӣ бар ин бовар аст, ки барои расидан ба ҳамгироии воқеӣ, кишварҳои минтақа бояд дар сиёсати хориҷии худ аз робитаҳои асосӣ дар ҳокимият ва системаҳои ғарбӣ ва ба вижа Амрико, худдорӣ кунанд ва аз вобастагии низомии ғарб ва қудратҳои ҳоким берун шаванд. Аҷиб нест, ки ин стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломӣ барои ҳамгироии минтақавӣ Эронро бо кишварҳои Ховари Миёна наздик мекунад, ки ҳарчанд бо қудратҳои берун аз минтақа робита доранд, ҳамеша дар муқобила бо ҳузури қудратҳои хориҷӣ, хусусан дар робита бо Эрон, эҳтиёт мекунанд. Масалан, Ироқ дар тасфияи аҳдномаи амниятӣ ё хуруҷ дар соли 2011 бо Амрико таъкид намуд, ки ҳеҷ гоҳ иҷозат намедиҳад, ки аз фазои Ироқ барои ҳамла ба ҳамсоягон истифода шавад. Кишварҳои дигар низ, чун Умон ва Кувейт, ҳарчанд бо қудратҳои берун аз минтақа муносибат мекунанд, вале ҳамзамон эҳтиётҳоро дар мавриди муносибат бо кишварҳои минтақа, аз ҷумла Эрон, меомӯзанд [2, 91].

## Мушкилот ва монеаҳои ҳамгироӣ

Ба ғайр аз ихтилофҳои идеологӣ ва сиёсӣ миёни кишварҳои минтақа дар сатҳи иқтисодӣ низ, мушкилот мушоҳида мешавад. Яке аз ин мушкилот масъалаи манобеи энергӣ

ва саҳми гуногун доштани кишварҳои минтақа аз нафт ва газ мебошад. Масалан, Баҳрайн ва Умон ҳадди аксар барои 15 соли оянда аз нафт ва газ даромад нахоҳанд дошт. Дар ҳоле ки Арабистони Саудӣ бо 300 сол захираи нафт ва 50 сол захираи газ, Қатар бо 200 сол, ва Эрон бо зиёда аз 100 сол захираҳои зиёде дар ихтиёр доранд, ки ин фарқи назаррасро дар дастрасӣ ба ин манобеъ нишон медиҳад [5, 31]. Ба ғайр аз соҳаи энергетика дигар мушкилоти иқтисодии минтақавӣ низ вуҷуд дорад, ки асосан дар тафовути нишондодҳо ба мисли суръати рушди иқтисодӣ, сатҳи таваррум ва бекорӣ, осон ё мушкили пешбурд дар касбу кор, қувваи корӣ ва сармоя, ки иқтисоди бенизомро ба бор меорад, инчунин барои ноил шудан ба ҳамгирой монеаҳо эҷод мекунанд. Илова бар ин, сарфи назар аз ҳамкориҳои созмонӣ, масалан, Эрон дар созмони ОПЕК дар дарёфти мақоми дабири кулл бо мушкилоте рӯбарӯ шудааст, ки дар марҳалаи тасмимгирӣ ризоияти аъзоёнро тақозо мекунад. Ё сарфи назар аз дастгирии таъсиси Ассамблеяи кишварҳои содиркунандаи газ (JACF) ва инчунин ба далели ҷои дуввум дар захираҳои гази ҷаҳон вай натавонистааст ба баъзе имтиёзҳои сиёсӣ дар ассамблея, ба мисли раёсати котибот, мизбонии қароргоҳи котибот ё баргузории нишасти сарони кишварҳои узв ноил шавад.

**Мавқеи кишварҳои арабӣ ва таҳдидҳои барномаи ҳастаии Эрон дар Ховари Миёна**

Кишварҳои арабии Ховари Миёна, ки бо Ғарб ва бахусус Амрико ҳамкорӣ мекунанд, барномаи ҳастаии Эронро таҳдиди мустақим ба амнияти минтақавӣ ва манофеи худ мешуморанд. Масалан, подшоҳи Арабистони Саудӣ соли 2008 аз Амрико хоста буд, ки амалҳои низомӣ барои муқобила бо Эрон оғоз кунад. Раиси Сенати Урдун соли 2009 ҳатто пешниҳод намуд, ки Эрон бомборон шавад ё ба барномаи атомии худ даст ёбад. Ин кишварҳо кӯшиш доранд бо истифодаи таҳрим ва фишорҳои сиёсӣ нуфузи Эронро маҳдуд кунанд ва ҳамзамон муносибатҳояшон бо Ғарбро тақвият бахшанд. Сиёсати зиддиҳастаии Амрико барои кишварҳои арабӣ як имконияти муҳим барои муқобила бо Эрон аст, вале ин сиёсати сахт таъсири манфӣ ба вазъи умумии минтақа низ мерасонад. Бо вуҷуди мавқеи манфӣ ва зидди барномаи ҳастаии Эрон, кишварҳои арабӣ яксон нестанд: кишварҳои Халиҷи Форс барномаҳои Эронро таҳдид медонанд ва бо шиддат муқобилат мекунанд, вале баъзе давлатҳои дигар, ки бо Эрон ҳамкорӣ доранд, онро ҳамчун воситаи муҳим барои таъмини манофеъи стратегӣ қабул мекунанд. Созишномаи Барҷом миёни Эрон ва 5+1 кӯшиши ҷиддӣ барои маҳдуд кардани барномаи ҳастаии Эрон буд, вале бо баромади президенти ИМА Доналд Трамп ва бозпас гирифтани созишнома, фишор ва таҳримҳо бар зидди Эрон шиддат гирифтанд [3, 49]. Трамп сиёсати зиддиҳастаиро сахттар карда, ин вазъро дар минтақа муташанниҷтар сохт ва ба манофеи кишварҳои арабӣ таъсири бузург расонд. Дар ҳамин ҳол, гурӯҳҳои исломии тарафдори Эрон, мисли Ҳамас ва Ҳизбуллоҳ, барномаи ҳастаии Эронро сарчашмаи қудрат ва ҳифзи манофеи арабҳо мешуморанд ва онро воситаи муҳими таъмини амният дар минтақа ҳисоб мекунанд. Ҳадафи умумии гурӯҳҳои мухталиф ё ором кардани вазъ бо роҳи дипломатӣ аст ё бо шиддат додани танишҳо. Қудратҳои ғарбӣ, бахусус Амрико, пойгоҳҳои низомӣ дар кишварҳои арабӣ, ба монанди Арабистони Саудӣ ва Баҳрайн доранд, ки барои маҳдуд кардани нуфузи Эрон истифода мешаванд. Эрон ин мудохилаҳоро ҳамчун дахолати ғайриқонунӣ ва сарчашмаи нооромии минтақа интиқод мекунад. Эрон бо роҳи сиёсати мустақил ва мухолифати қатъӣ бо ҳузури қудратҳои хориҷӣ мехоҳад амнияти минтақаро таъмин намояд ва кишварҳои арабро барои муқобила бо нуфузи Ғарб муттаҳид созад. Дахолатҳои қудратҳои хориҷӣ, бахусус Амрико, ва талошҳои кишварҳои муҳофизакор барои маҳдуд кардани фаъолиятҳои Эрон дар манотиқи муҳим мисли Сурия, Яман ва Баҳрайн боиси тақсимшавӣ ва шиддатгирии низоъҳо дар минтақа шудаанд. Ин вазъият монеаҳои ҷиддӣ барои ҳамгироии кишварҳои Ховари Миёна ба вуҷуд овардааст ва шиддати муносибатҳо миёни Эрон ва кишварҳои арабӣ бо дастгирии Ғарбро афзоиш додааст. Аз ин рӯ, шиддати сиёсӣ ва низомӣ дар Ховари Миёна, таъсири манфии сиёсатҳои зиддиҳастаӣ ва рақобати манфиатҳои қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таҳаввулоти минтақаро мураккаб ва ҳамгироиро мушкил гардонидаанд.

Хулоса, Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамчун як кишвари калидӣ ва таъсиргузор дар Ховари Миёна барои таҳкими ҳамгироии минтақавӣ ва тақвияти равобит бо кишварҳои минтақа стратегияи бисёрсамтаро пеш гирифтааст. Ин стратегияи асосӣ аз ду самти муҳим иборат аст: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, ки онро метавон бо назарияи функсионализм шарҳ дод, ва такя ба муштаракоти идеологӣ ва фарҳангӣ, ки бо назарияи неофунксионализм тавзеҳ дода мешавад. Дар чорчӯби ҳамкориҳои иқтисодӣ, Эрон талош мекунад, ки тавассути густариши табодули молӣ, ташкили иттиҳодияҳои гумрукӣ ва молӣ, эҷоди минтақаҳои озоди тиҷоратӣ ва бозорҳои муштарак, ҳамгироии минтақавиро таҳким бахшад. Ҳадаф аз ин стратегия ташаккули як низоми иқтисодии мустақил дар минтақа мебошад, ки бидуни вобастагӣ ба қудратҳои ғарбӣ рушд кунад. Бо истифода аз механизмҳои гуногун, аз ҷумла баргузор намудани ҳамоишҳо ва конфронсҳои минтақавӣ, Эрон мекӯшад, ки платформаҳои нави ҳамкориро таъсис диҳад ва муносибатҳои минтақавиро мустаҳкам намояд. Самти дигари стратегии Эрон дар сиёсати хориҷии он такя ба муштаракоти мазҳабӣ ва фарҳангӣ мебошад. Бо назардошти он ки аксари кишварҳои Ховари Миёна дорои решаҳои амиқи исломӣ ва фарҳангии муштарак мебошанд, Эрон инро ҳамчун абзоре барои таҳкими муносибатҳои худ истифода мебарад. Ин кишвар бар он назар аст, ки ҳамкории наздик дар заминаи арзишҳои исломӣ метавонад омили муҳими наздикшавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ гардад. Дар айни замон, Эрон мекӯшад, ки ҳувияти фарҳангии минтақаро ҳифз намуда, аз нуфузи фарҳангҳои бегона, бахусус ғарбӣ, пешгирӣ кунад. Аммо, дар роҳи амалӣ шудани ин ҳадафҳо монеаҳои ҷиддие мавҷуданд. Яке аз мушкилоти асосӣ дар роҳ ба сӯи ҳамгироии минтақавӣ, мухолифати шадиди кишварҳои муҳофизакори арабӣ, махсусан Арабистони Саудӣ ва муттаҳидони он мебошад. Ин кишварҳо, ки аксарияти суннӣ доранд, сиёсати Эронро ҳамчун таҳдид ба низоми сиёсии худ қабул мекунанд ва бо кӯмаки Ғарб кӯшиш мекунанд, ки нуфузи Эронро маҳдуд созанд. Ихтилофоти мазҳабӣ, бахусус миёни шиаҳо ва салафиҳои суннӣ, сабаби амиқтар шудани ихтилофот ва тақсимоти геополитикӣ дар минтақа гардидааст. Дар натиҷаи ин рақобатҳо, Ховари Миёна ба ду қутби сиёсӣ тақсим шудааст. Аз як тараф, меҳвари муқовимат, ки Эрон ва муттаҳидонаш, аз ҷумла Сурия, Ҳизбуллоҳ ва Ҳамос, ба он шомил мешаванд. Ин гурӯҳ бар он аст, ки ҳузури Ғарб дар минтақа як омилест, ки ба сулҳу субот халал мерасонад. Онҳо мекӯшанд, ки қудрат ва нуфузи худро тавассути муқовимат бо сиёсатҳои ғарбӣ, махсусан бо Амрико ва Исроил, таҳким бахшанд. Аз тарафи дигар, меҳвари консервативӣ, ки таҳти роҳбарии Арабистони Саудӣ, Туркия ва дигар кишварҳои аъзои Шӯрои Ҳамкории Халиҷи Форс амал мекунад, бо кӯмаки Амрико ва муттаҳидони ғарбии он талош дорад, ки нуфузи Эронро коҳиш диҳад. Ин гурӯҳ фаъолияти ҳастаии Эронро таҳдид ба амнияти худ дониста, онро василаи густариши нуфузи Эрон дар минтақа меҳисобад. Мавҷудияти ин рақобатҳо ва мухолифатҳо сабаб шудааст, ки равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардад. Ғайр аз ихтилофоти идеологӣ ва мазҳабӣ, ихтилофоти иқтисодӣ низ яке аз монеаҳои асосии ҳамгироӣ дар минтақа мебошад. Кишварҳои Халиҷи Форс дорои иқтисодҳои пешрафта ва сарватҳои зиёд ҳастанд, дар ҳоле ки аксари муттаҳидони Эрон, аз ҷумла Сурия, Ироқ ва Яман, аз ҷанг ва беқурбшавии иқтисодӣ ранҷ мебаранд. Ин нобаробарӣ имкониятҳои ҳамгӣ як омили дигари мураккабсозии вазъият дахолати қудратҳои хориҷӣ мебошад. Амрико ва муттаҳидони он кӯшиш мекунанд, ки бо роҳандозии таҳримҳо ва фишорҳои иқтисодӣ нуфузи Эронро коҳиш диҳанд. Дар баробари ин, кишварҳои муҳофизакори арабӣ ба ҷои рушди ҳамкориҳои мустақилона, амнияти худро ба ҳузури низомии Амрико вобаста медонанд.

Бо назардошти ин вазъ, дурнамои ҳамгироии минтақавӣ чандон умедбахш нест. Танҳо дар сурате, ки кишварҳои минтақа аз сиёсати таассуби мазҳабӣ ва рақобатҳои геополитикӣ дурӣ ҷӯянд, имкони ташаккули ҳамкориҳои устувор ва таъмини суботи дарозмуддат дар минтақа вуҷуд хоҳад дошт. Барои расидан ба ин ҳадаф, кишварҳои минтақа бояд ба ҷои таъкид ба ихтилофҳо, ба манфиатҳои муштарак аҳамият диҳанд, ҳамкориҳои иқтисодиро афзоиш диҳанд ва равобити дипломатии худро тақвият бахшанд. Танҳо бо ин роҳ метавон ба сулҳ ва амнияти пойдор дар Ховари Миёна ноил шуд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Аҳвон Козимӣ Б. Нақши созмонҳои минтақавӣ дар пойдории амнияти кишварҳои узв // Маҷаллаи иттилооти сиёсӣ ва иқтисодии Теҳрон. – 2004. – № 209–210. – С. 164–173.

2. Гоҳарӣ Мақдам А., Баширии Лаҳақӣ М. Баррасии татбиқи назарияҳои ҳамгироии минтақавӣ дар тарҳрезии модели ҳамгароии минтақавӣ дар минтақаи ҳамсоягии Ҷумҳурии Исломии Эрон // Маҷаллаи донишҳои сиёсӣ. – 2017. – Теҳрон. 13, №1. – С. 71–98.

3. Деҳқонӣ Фирӯзободӣ С. Ҷ. Равиши арабҳо нисбат ба барномаи ҳастаии Эрон // Маҷаллаи таҳқиқоти Ховари Миёна. – 2007. – № 50–51. – С. 55–86.

4. Деҳқонӣ Фирӯзободӣ С. Ҷ. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон. – Теҳрон: Нашри САМТ, 2013. – Чопи 4.

5. Мирторобӣ Саид, Забиҳӣ Исмоил. Осебпазирӣ ва иқтидорҳои стратегии Эрон // Фаслномаи таҳқиқоти сиёсӣ ва байналмилалӣ. – С.11, №4. С.316 – 331

6. Сулаймон Бӯр. Имкониятҳои ҳамгироии Осиёи марказӣ ва Қафқоз. –С.20, №54. – С. 166 -180

7. Ҷаводӣ Арҷманд М. Ҷ., Атторзода Б. Ҷомеашиносии таърихии равобити Эрон ва Араб // Маҷаллаи таҳқиқоти равобити байналмилалӣ. – 2012. – Т. 1, № 3. – С. 111–157.

8. Каримӣ. Назарияҳои ҳамгироии дар равобити байналмилалӣ // Рӯзномаи Расолат. – 2009. – 22 апрел. – № 7031.

9. Краснов К. Г., Юртаев В. И. Внешняя политика Ирана на Ближнем Востоке и американская стратегия «системного сдерживания» // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Международные отношения. – 2016. – Т. 16, № 4. – С. 616–627.

10. Расулӣ Сонӣободӣ. Ҳувият ва сиёсатҳои ҳастаӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон. – Теҳрон: Аброри Муосири Эрон, 2011.

11. Фёдорова И. Е. Муносибатҳои ИМА ва Эрон пас аз қабули Барномаи муштараки ҳамаҷониба нақшаи амал барои ҳалли мушкилоти ҳастаии Эрон // Эрон дар даҳсолаи дуюм.

12. В. И. Хусусиятҳо ва татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломӣ.

13. BP Statistical Review of World Energy. – 2011.

14. Hass, Ernst.B. The uniting of Europe, Standford. 2004.-641 p.

15. Younes N. The Saudi-Iran Power Play Behind the Yemen Conflict // The Guardian News. Манбаи электронӣ: https://www.theguardian.com. (Санаи дастрасӣ: 17.05.2025).

16. The Tension Between America and Iran, Explained. Манбаи электронӣ: https://www.nytimes.com/2019/05/16/world/middleeast/iran-tensions-explainer.html [Санаи дастарс:21.07.2025]


## ПОЛИТИКА ИНТЕГРАЦИИ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ: ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЙ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ


*Статья посвящена анализу политики интеграции Исламской Республики Иран в регионе Ближнего Востока. На основе научных источников и опыта после Исламской революции 1979 года рассматриваются политические, религиозные и экономические процессы влияния Ирана на страны региона. В статье также анализируются основные теории интеграции, такие как функционализм, неофункционализм, федерализм и теория коммуникации, с объяснением их роли в понимании современных процессов региональной интеграции. Результаты анализа показывают, что, несмотря на достигнутые успехи, политика интеграции Ирана сталкивается с серьезными препятствиями, такими как религиозные разногласия, вмешательство внешних сил и внутренние проблемы. Подчеркивается необходимость разработки сбалансированной стратегии, адаптированной к существующим условиям для устойчивой реализации этой политики.*



***Ключевые слова:*** *Ближний Восток, Исламская Республика Иран, интеграция, теоретики и теории, геостратегия, вызовы.*

**THE INTEGRATION POLICY OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN IN THE MIDDLE EAST: A GEOPOLITICAL AND THEORETICAL ANALYSIS**

*This article is dedicated to analyzing the integration policy of the Islamic Republic of Iran in the Middle East region. Based on scientific sources and the experience following the Islamic Revolution of 1979, the political, religious, and economic processes of Iran's influence in the countries of the region are discussed. The article also analyzes the main theories of integration, including functionalism, neofunctionalism, federalism, and communication theory, with an explanation of their role in understanding contemporary regional integration processes. The results of the analysis indicate that despite the achievements, Iran's integration policy faces significant obstacles, such as religious disagreements, foreign intervention, and internal challenges. The necessity of developing a balanced strategy, adapted to the existing conditions for the sustainable implementation of this policy, is emphasized.*

***Keywords**: Middle East, Islamic Republic of Iran, integration, theorists and theories, geostrategy, challenges.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Маҳмадиев Ғолиб Давлатмуродович -** ходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. телефон: +992-906395555.

**Мунисаи Насрулло** - магистранти курси 1-и ихтисоси 1М-230101-Муносибатҳои байналмилалии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи Миллии Илмҳои Тоҷикистон, телефон: +992-987-11-88-28.

**Сведания об авторе:**

**Махмадиев Голиб Давлатмуродович-**научный сотрудник отдела Ближнего и Среднего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, телефон: +992-906395555.

**Муниса Насрулло -** магистрант 1-го курса по специальности 1М-230101 – Международные отношения Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, телефон: +992-987-11-88-28.

**About the author:**

**Mahmadiev Golib Davlatmurodovich -** Researcher of the Middle and Near East Department of the Institute for the Study of Asian and European States of the National Academy of Sciences of Tajikistan, phone: +992-906395555.

**Munisai Nasrullo** - Master’s student, 1st year, specialty 1M-230101 International relations at the Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, phone: +992-987-11-88-28

# МАРҲАЛАИ НАВИ ҲАМКОРИҲО ДАР МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН

**ИБРОҲИМОВА ГАВҲАР САЙМУДИНОВНА**
дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих

*Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии сиёсати минтақавӣ бо кишварҳои ҳавзаи форсизабон, хосса Эрон маҳсуб меёбад.*

*Аз ин лиҳоз дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, аз давраи барқарорӣ ва марҳалаи нави ҳамкориҳо миёни ду кишвари ҳавзаи форсизабон Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Эрон мавриди омӯзиш ва таваҷҷуҳ қарор дода шавад.*

*Пас аз дигаргуниҳо дар сохтори ҳукумати Тоҷикистон ва қабули*

*санадҳои нави ҳуқуқии ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ, ҳукумати Тоҷикистон роҳҳои нави ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба кишвари Эрон пеш гирифт, ки намунаи барҷастаиву олии он «Меморандум оид ба ҳусни тафоҳум миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо», (1995) "Баёнияи тавсеаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон" (1997) ва дигар санадҳои ба имзо расида дар бахшҳои гуногун маҳсуб меёбад, ки дар равобити дуҷонибаи миёни ин ду кишвар аз аҳамият орӣ нест.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Эрон, санад, ҳамкориҳои дуҷониба, марҳала, бахшҳо, иқтисод, фарҳанг, маориф, энергетика, Сангтуда, сафару боздидҳо расмӣ.*

Агар ба таърихи беш аз 33 соли равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии исломии Эрон назар андозем, маълум мегардад,ки масири ҳамкориҳо миёни Тоҷикистону Эронро умумиятҳои забонӣ, таърихӣ ва динӣ собит мекунад.

Дар воқеъ, ҳамин риштаҳои ногусастании таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ аст, ки давлати Эрон ба унвони кишвари ориёитабори ба миллати тоҷик наздик, нахустин шуда истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва 9-уми январи соли 1992 намояндагии давлати Эрон дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз намуд.

Ҳукумати тозаистиқлоли Тоҷикистон бо мушкилоти сиёсиву иқтисодии кишвар нигоҳ накарда, ҷавобан бо ниятҳои нек ва ҳусни таваҷҷуҳи бародарона 18 –уми июли соли 1995 сафорати худро дар Теҳрон ифтитоҳ намуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ (соли 1991) яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии сиёсати минтақавӣ бо кишварҳои ҳавзаи форсизабон, хосса Эрон маҳсуб меёбад. Дар ин маврид Ф. Умаров зикр кардаанд "Бо ба эътидол омадани вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ҷанги шаҳрвандӣ, сатҳи сифатан нави ҳамкориҳо ҳамаҷониба миёни ин ду кишвар то таъсиси маркази нави қудрати минтақавӣ дар доираи лоиҳаи таъсиси иттиҳоди кишварҳои форсизабон (Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон) расид, ки ғояи он соли 1993 дар асоси муқаррароти консептуалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада буд [8,125].

Воқеан Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон ба вазъи ноустувори сиёсии солҳои 1992-1997 нигоҳ накарда, дар заминаи барқарор гардидани муносибатҳои тарафайн, ҳануз моҳи июни соли 1992 Президенти ҳамонвақтаи кишвар Раҳмон Набиев ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафари расмӣ анҷом дод. Дар пайи ин сафар «Баёния оид ба усулҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон» ба имзо расид, ки онро метавон марҳалаи нахуст дар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати Эрон донист. Ин санад то нимаи соли 1995 принсипҳои асосии ҳамкориҳои ду кишварро дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва фарҳанг муайян мекард [1,96].

Пас аз дигаргуниҳо дар сохтори ҳукумати Тоҷикистон ва қабули

санадҳои нави ҳуқуқии ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ ҳукумати Тоҷикистон роҳҳои нави ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба кишвари Эрон пеш гирифт. Дар ин замина Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба моҳи июни соли 1995 бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии исломии Эрон ташриф бурданд.

Дар рафти боздид бо роҳбарияти олии кишвари Эрон «Меморандум оид ба ҳусни тафоҳум миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо» ба имзо расид, ки он дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Эрон саҳифаҳои навро боз намуд.

Дар робита ба масоили ҳамкориҳои миёни Тоҷикистону Эрон бояд зикр кард, ки яке аз ҷанбаҳои муҳимми муносибатҳо миёни ин ду кишварро ҳамкориҳои иқтисодӣ ташкил медиҳад. Дар ин радиф ҳангоми сафари кории муовини раиси Ҷумҳури Эрон Ҳасан Ҳабибӣ (1996) ва ташрифи собиқ президенти Эрон Ҳошими Рафсанҷонӣ моҳи майи соли 1997 ба Душанбе чандин санади ҳамкориҳои иқтисодӣ ба имзо расид, ки намунаи олии он "Баёнияи тавсеаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон" мебошад. Ҳамаи ин аз ҳусни таваҷҷуҳ ва густариши ҳамкориҳо дар равобити ҳарду кишвар маҳсуб меёбад ва ин мурочиатнома ҳоло амал мекунад ва принсипҳои ҳамкории ҳар ду давлатро муайян месозад [6,155].

Дар зимн, бояд ёдовар шуд, ки дар асоси созишномаҳои ба имзо расида миёни Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва президенти собиқи Эрон Сайид Муҳаммади Хотамӣ аз 8 то 14 - уми январи соли 2005 сафари кории мутахассисони Вазорати энергетикаи Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон анҷом пазируфт. Ҳангоми ин сафар ҷониби Тоҷикистон ва Эрон мақсади хешро ҷиҳати бунёд ва сармоягузорӣ барои нерӯгоҳи барқии обии "Сангтуда–2" муҳим ва зарур донистанд ва дар заминаи қарордодҳои қаблӣ 11-уми июни соли 2005 дар шаҳри Теҳрон санади дигар "Ёддошти тафоҳум" миёни намояндагони ду кишвар ба имзо расид.

Дар асоси ҳуҷҷати мазкур ҷониби Эрон имконияҳои молиявии Тоҷикистонро ба эътибор гирифта, сабукии молиявӣ ва афзалияти иқтисодӣ ҳангоми баргардонидани қарзи сармоягузорӣ ба Эрон, пас аз анҷоми сохтмони нерӯгоҳи "Сангтуда-2"-ро пешниҳод намуд.

Санади дигар ва муҳимми ҳамкории Эрон дар бунёди нерӯгоҳи "Сангтуда-2" кам кардан фоизи баҳрабардории бонкӣ аз 13% -и пештара ба 5% ва муҳлати баргардонидани қарз, ки 15-18 солро ташкил медод, маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, бо кам шудани фоизи қарз Тоҷикистон имкон пайдо мекард дар муддати 10 сол қарзи хешро пардохт кунад ва маблағи баргардонидашуда бо назардошти маблағи аслӣ, ки қаблан аз 460 то 526 миллион доллари амрикоиро ташкил медод, ба 280 миллион доллар кам карда шуд. ки аз ҳамкориҳои судманди кишвари Эрон дар ҳамкорӣ бо кишвари Тоҷикистонро нишон медиҳад.

Аз рӯйи таҳлили коршиносон, истифодаи ҳарчи зудтари ин нерӯгоҳ на танҳо камбудии барқро ба аҳолӣ қисман таъмин мекард, балки даромади ҳарсолаи истифодаи ин нерӯгоҳ барои кишвар то 20 миллион доллари амрикоиро ташкил медод [3,9].

Руйдоди дигари муҳим дар таърихи ҳамкориҳои ду кишвар сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи майи соли 2007 ба Эрон мебошад, ки онро метавон нуқтаи гардиш дар муносибатҳои Тоҷикистону Эрон донист.

Дар пайи ин сафар 6 санади ҳамкорӣ дар бахшҳои гидроэнергетика, нақлиёт, роҳсозӣ, нақбсозӣ, телевизион ва радио ба имзо расид. Инчунин, дар ростои ин сафар миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ ба фаъолият оғоз намуд. Дар ин росто, 3 майи соли 2007 дар шаҳри Теҳрон ҷаласаи ҳафтуми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва

ҳамкории фарҳангии Ҷумхурии Точикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон доир гардид ва дар кори он масъалаҳои гуногуни тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба миёни ин ду кишвар дида баромада шуд.

Марҳалаи дигари ҳамкориҳо миёни Эрону Тоҷикистон мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Эрон Ҳасани Рӯҳонӣ 4 августи соли 2013 ба ҳисоб меравад. Дар ин дидор. ҷонибҳо на танҳо барои нигоҳ доштани сатҳи қаблии ҳамкориҳо дар бахшҳои сиёсат, иқтисод ва фарҳанг, балки кӯшишу талош барои расидан ба сатҳи болотари рушди ҳамкориҳо мавриди назар карда шуд.

Рушду тавсеа ёфтани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бахшҳои гуногуни иқтисодии Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Эрон яке аз шарикони муҳим дар бунёди нақби Анзоб бо дастгирии Кумитаи имдоди Хумайнӣ, таъсиси тиббии муштараки Эрону Тоҷикистон (Бемористони Ибни Сино) корхонаи мошинсозӣ (дастгоҳи тавлиди маҳсулот), ба мисли корхонаи муштараки тракторсозии “Тоҷирон”, Корхонаи шир ва маҳсулоти хӯрокворӣ, шуъбаи бонки Кафолат, “Тиҷорат” дар шаҳри Душанбе, мактабҳо, маҷмааи варзишӣ, бунёди пулҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Маврид ба ёдоварист, ки дар пешрафти ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Тоҷикистону Эрон Комиссияи муштараки ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад ва то ба имрӯз 14 нишасти комиссияи мазкур дар шаҳрҳои Душанбею Теҳрон баргузор шудааст.

Дар баробари равобити иқтисодию дипломатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳо миёни ду кишвари ҳамзабонро ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, ду даҳсолаи ҳамкориҳои фарҳангию илмии Тоҷикистону Эронро метавон аз марҳалаи судманди ҳамкориҳо ва яке аз сафҳаҳои дурахшон дар равобити ин ду кишвар номид.

Дар бахши ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ дар асоси баста шудани санадҳои байнидавлатӣ миёни вазоратҳои маорифи ду кишвар, табодули таҷрибаи муҳаққиқон, омӯзгорон, донишҷӯён, ба роҳ мондани барномаҳои фарҳангӣ, иштироки аҳли илму фарҳанг дар маросимҳои фарҳангӣ, нашри осори адибону донишмандони тоҷик ба хатти форсӣ рӯйи кор оварда шудааст.

Яке аз самти муҳимми ҳамкориҳо дар бахши илмию фарҳангӣ миёни Тоҷикистону Эрон соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Намунаи барҷастаи ҳамкориҳо дар ин бахш ба корҳои илмию таҳқиқотӣ машғул гардидани садҳо нафар унвонҷӯёну аспирантони кишвари Эрон дар назди донишгоҳ ва институтҳои татқиқотӣ дар кишвар мебошад. Аз ҷумла, таҳқиқоти илмии Муртазо Маҳмудӣ дар мавзуи “Вазъият ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон дар охири асри XX аввали асри XXI”, Хома Аббосиён “Эрон ва Тоҷикистон понздаҳ соли ҳамкории манфиатнок”, Маҳди Иброҳим “Барқароршавӣ ва рушди муносибатҳо миёни Ҷумҳурии Точикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон охири асри XX аввали асри XXI” ва ғайраро метавон ёдовар шуд, ки таҳти роҳбарӣ ва роҳнамоии олимону донишмандони тоҷик рисолаҳои илмии хешро дар шуроҳҳои ҳимояи Федератсияи Русияи назди донишгоҳҳои Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намудаанд.

Дар радифи ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ метавон тадқиқоти олимону донишмандони тоҷикро дар бахши эроншиносӣ, аз ҷумла тадқиқоти доктори илми таърих, профессор Қаҳҳори Расулиён “Нигоҳе ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Эрон”, китобҳои доктори илми таърих, профессор Ниёз Мирзоев яке бо номи “Тоҷикистон-Эрон: шоҳроҳи ҳамкориҳо”, дигаре “Тоҷикистон ва кишварҳои Шарқ” (бо забони русӣ), китоби доктори илми таърих, профессор Абдулҳаев Р. “Ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон охири асри XX аввали асри XXI” (бо забони русӣ), таҳқиқоти олим ва шарқшинос Ҳомид Саид “Эрон дар назми ҷаҳон”, “Афғонистон ва Эрон дар назми ҷаҳонӣ дар ибтидои асри XXI” (бо забони русӣ), осори илмию адабии доктори илмҳои филологӣ Умар Сафар “Шеъри форсӣ дар аҳди ҷадид”,

навиштаҳои олим ва ходими давлатӣ Зафар Сайидзода оид ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон ва ғайраро номбар кард, ки дар онҳо ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ, иқтисодии Эрону Тоҷикистон ва дигар ҷанбаҳои таъриху тамаддуни Эрони Бостон то даврони имрӯз мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудааст, ки онро метавон аз дастовардҳои назарраси ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон арзёбӣ кард. Дар ин маврид муҳаққиқ З. Сайидзода чунин овардааст "....табодули таҷрибаи пажӯҳишгарон, муаллимон, донишҷӯён роҳандозии барномаҳои фарҳангӣ ва мусиқӣ, ширкати аҳли илму фарҳанг дар маросимҳои фарҳангӣ миёни кишварҳои ҳавзаи форсизабон, бухусус Эрон хеле хуб амалӣ гашта истодааст [ 7,116].

Воқеан, агар ба таърихи равобити беш аз 33 соли ҳамкориҳо миёни Тоҷикистону Эрон назар андозем ҷанбаҳои ҳамкориҳои ин ду кишвари ҳамзабон чашмгир буда, беш аз 200 санадҳои ҳуқуқии танзими равобит ва ҳамкориҳои дуҷониба миёни ду кишвар ба имзо расидааст. Албатта, дар таҳкими ҳамкориҳои Эрону Тоҷикистон сафарҳои Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии исломии Эрон дар солҳои 1995, 1996, 1997, 1998, 2000, 2002, 2004, 2006, 2008, 2010, 2011, 2012, 2014, 2019, 2021, 2022 ва роҳбарони олии Ҷумҳурии исломии Эрон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997,2000, 2002,2004,2006,2008, 2010, 2011, 2012, 2014, 2019, 2021, 2023, 2025 нақши калидӣ дорад ва аз ҳусни таваҷҷуҳи давлат ва ҳукумати Тоҷикистону Эрон дар таҳким ва густариши ҳамкориҳо миёни ду кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин радиф, метавон сафарҳои корӣ, вохӯриҳои роҳбарони ниҳодҳои гуногуни Тоҷикистону Эрон, аз ҷумла боздиди вазирони корҳои хориҷии Эрон ба Душанбе дар солҳои 1991,1996,1997, 1999, 2000, 2001, 2002, 2008, 2013, 2017, 2018 ва сафарҳои вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон ба Теҳрон дар муддати солҳои 1992, 1994, 2008, 2014, 2019, 2021 ва ғайраҳо мебошад. Ҳамзамон дар робита бо масъалаи мазкур метавон илова кард, ки доираи баргузоории вохӯриҳо миёни Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Вазортаи корҳои хориҷии Эрон то ба имрӯз панҷ даври машваратҳои консулӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Теҳрон доир гардидааст ва нишасти охирин 11 майи соли 2022 дар шаҳри Душанбе баргузор карда шуд, ки далели пайванди риштаҳои таърихию фарҳангӣ ду миллати бо ҳам дӯсту бародар Тоҷикистону Эронро нишон медиҳад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, метавон зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тавсеаи муносибатҳо дар самтҳои сиёсиву иқтисодию фарҳангӣ дар муносибат бо Ҷумҳурии исломии Эрон сиёсати мушаххасро ба кор мегирад, ки аз арзёбии оқилона ва прагматикии вазъи кунунӣ бармеояд. Моҳияти ин тафовут дар он зоҳир мегардад, ки ҷонибҳо ҳангоми амиқтар кардани муносибатҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва байналмилалӣ бояд ба он нуктаи назар бошанд, ки ҳарду давлат низомҳои сиёсии аз ҳамдигар ба куллӣ фарққунанда, векторҳои идеологӣ ва муҳити дохилии динии хешро доранд.

Бо иродаи мақомоти олии ду кишвар ҳангоми боздиди сарони Эрону Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Иброҳим Раисӣ пас аз соли 2021 инҷониб дурнамои равобити ин ду кишварро умедворкунанда арзёбӣ карданд. Зеро ҳеҷ кишваре ба андозаи Ҷумҳурии исломии Эрон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон риштаҳои бо ҳам наздики мероси муштаракро надорад.

Аз ин лиҳоз, оғози соли 2021–ро аз бисёр ҷиҳат метавон ҳамчун марҳалаи нави муносибатҳои Тоҷикистону Эрон донист. Зеро бо кӯшишҳои ҳар ду тараф пас аз сафарҳои Президенти Ҷумҳурии исломии Эрон муҳтарам Иброҳим Раисӣ дар моҳи сентябри соли 2021 ва соли 2023 ба Тоҷикистон ва сафари Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Эрон дар моҳи майи соли 2022, сафари роҳбари навинтихоби давлати Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён ба Душанбе, ибтидои

соли 2025 як ҷунбиши тоза барои тавсеаи ҳамкориҳо миёни ин ду кишварро ба миён овард.

Мавриди зикр аст, ки ҳангоми ташрифи расмии муҳтарам Пизишкиён дар моҳи январи соли 2025 ба Тоҷикистон 23 санадҳои нави ҳамкориҳо дар бахшҳои гуногун - энергетика, нақлиёт, саноату сохтмон, хӯрока, кишоварзӣ ва ғайраҳо ба тасвиб расид, ки заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба барои расидан ба ҳадафҳои судманд ва шарикони стратегӣ миёни ин ду кишвар мебошад.

Аз ҷумла Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ бо намояндагони Васоити ахбори омма аз ҳусни таваҷҷуҳи хоссаи давлати Эрон нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ карда, оид ба авзои ҳассоси тағйирёбандаи имрӯзаи ҷаҳон ва минтақа изҳори нагаронӣ намуд ва аҳамияти ҳамкориҳо дар самти амният, тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар мубориза зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлуб-терроризм, бунёдгароиву ифротгароӣ, ҷиноятҳои мутташакили фаромилӣ ва амсоли инро ба манфиати ҳарду кишвар, минтақа арёзбӣ карданд.

Аҳамияти ҳамоҳангиҳои муштаракро барои расонидани кумакҳои мавриди ниёз ба мардуми Афғонистон ва мусоидат дар роҳи истиқрори сулҳу субот дар ин кишвари ҳамсоя, инчунин зарурияти андешидани чораҳои фаврии ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати хотимаи нооромиҳо дар Ховари Миёнаро таъкид карданд [10].

Дар охир мехоҳам чанд нуктаеро таъкид намоем, ки иҷро шудани онҳо ба манфиати ҳарду кишвар хоҳад буд. Аз ҷумла; табодули ҳамкориҳо миёни донишгоҳҳои олии Эрону Тоҷикистон дар бахши улуми иҷтимоӣ, барои ҳарду кишвар аз аҳамият орӣ нест. Дигар инки солҳои қаблӣ муҳаққиқонӣ эронӣ ба ҳайси унвонҷӯ ва ё аспирант дар риштаҳои гуногуни илмии донишгоҳҳои Тоҷикистон корҳои илмии хешро омода ва дифоъ мекарданд. Аз ин лиҳоз, замоне фаро расидааст, ки дар ин самт миёни ҳарду кишвар қарордодҳои ҷадид баста ва амалӣ гарданд.

**Адабиёт**

1.Дипломатия Таджикистан:вчера и сегодня.Т.2./ Под.редакцией Х. Зариф.-Душанбе.Ирфон.2009.Том.1-С.96.

2. Мирзоев Н.М. Таджикистан и страны Востока (Учебное пособие) –Душанбе, 2010.

3.Неру.№2.(04).Июли 2005.-С.9.

4.Расулиён Қ. Нигоҳе ба равобити фарҳангии Эрону Тоҷикистон.- Душанбе, 2-4.

5.Самиев Ш.Истиқлолият ва энергетика.-Душанбе,2006.-С.26.

6.Саидов Ҳ. С. Иран и мировой политике. –Душанбе,2019.-С.155.

7.Саидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ
Раҳмон: бозгашти давлати милли тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ.
Душанбе: “Констраст”. 2016.-С.116.

8. Умаров Ф. Республика Таджикистан и мусулманский мир; Таджикистан и международные исламские организации; проблемы и перспективы сотрудничества.// Внешняя политика. “Виза принт”. 2012.-С.125.

9.Ҳисоботи оморӣ. “Сангтуда-2 ”В.310.Ноябри соли 2009.

10. Суханронӣ дар нишасти матбуотӣ пас аз музокирот бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён.Манбаи электронӣ:https://president.tj/event/speeches/49476 [22.07.2025]

## НОВЫЙ ЭТАП СОТРУДНИЧЕСТВА В ОТНОШЕНИЯХ ТАДЖИКИСТАНА И ИРАНА

*Одним из приоритетных направлений внешней политики государства и правительства Республики Таджикистан является реализация региональной политики со странами персоязычного региона, в частности с Ираном.*

*В этой связи в статье предпринята попытка изучить и акцентировать внимание на периоде восстановления и новом этапе сотрудничества двух персоязычных стран Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран.*

*После изменений в структуре правительства Таджикистана и принятия новых правовых документов, соответствующих международным стандартам, правительство Таджикистана вступило на новые пути двустороннего и многостороннего сотрудничества с Ираном, наиболее яркими примерами которого являются «Меморандум о взаимопонимании между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Иран о дальнейшем развитии сотрудничества» (1995 г.), «Декларация о расширении отношений между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Иран» (1997 г.) и другие документы, подписанные в различных областях, которые имеют большое значение в двусторонних отношениях между двумя странами.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Иран, документ, двустороннее сотрудничество, этап, секторы, экономика, культура, образование, энергетика, Сангтуда, официальные поездки и визиты.*

## A NEW STAGE OF COOPERATION IN RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND IRAN

*A key foreign policy priority for the government of the Republic of Tajikistan is strengthening regional relations with Persian-speaking countries, particularly Iran. This article explores and highlights the recent phase of recovery and the new stage of cooperation between these two Persian-speaking nations, Tajikistan and Iran.*

*Following structural reforms within the Tajik government and the adoption of new legal frameworks aligned with international standards, Tajikistan has pursued fresh avenues for bilateral and multilateral cooperation with Iran. Notable examples of this collaboration include the "Memorandum of Understanding between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Iran on Further Development of Cooperation" (1995), the "Declaration on Expansion of Relations between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Iran" (1997), and other key agreements initiated by the Tajik government.*

***Keywords****: Tajikistan, Iran, bilateral cooperation, international agreements, economy, culture, education, energy, Sangtuda, official visits, regional relations*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Иброҳимова Гавҳар Саймудиновна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ.

Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail: gavharibrogimova@mail.ru , телефон – 918 94 02 54

**Сведения об авторе:** Ибрагимова Гавхар Саймудиновна - Таджикский национальный университет,кандидат исторических наук, доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки,17.E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru** телефон – 918 94 02 54

**Information about the author:** Ibrohimova Gavhar Saimudinova – Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor, head of the Department of modern and contemporary history of foreign countries. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

# ТИҶОРАТИ РАҚАМӢ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**МУҲАММАДАЛИЗОДА ПАРВИНА МУҲАММАДАЛӢ**
мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илмҳои иқтисодӣ

**РИЗОЕВ ХУРРАМ АБДУРАИМОВИЧ**
магистранти соли дуюми шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола асосҳои назариявӣ-иқтисодии тиҷорати электронӣ баррасӣ шуда, вазъи кунунии пардохтҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти амалисозии онҳо таҳлил гардидааст. Муаллифон таҷрибаи пардохти электронии кишварҳои пешрафтаро ба монанди Сингапур, Олмон ва Қазоқистон муқоиса намуда, таъмини амнияти пардохтҳои рақамиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Инчунин, бо такя ба натиҷаҳои таҳлил, пешниҳодҳо ҷиҳати беҳтарсозии боварӣ ва амният дар пардохтҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро имконпзир арзёбӣ намуда, таъкид менамояд, ки рушди устувори тиҷорати электронӣ, мавҷудияти боварӣ ба ин низом ва таъмини амният (бехатарии муомилоти электронӣ) дар шароити муосир нақши муассир дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди рақамӣ, тиҷорати электронӣ, пардохти рақамӣ, интернет, технологияи муосири иттилоотӣ, маркетинги интернетӣ*

Тиҷорати электронӣ яке аз самтҳои муҳими иқтисоди рақамӣ дар қарни XXI маҳсуб ёфта, тарзи анҷоми муомилоти тиҷоратиро ба таври куллӣ тағйир додааст. Ин раванд ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки хариду фурӯши молу хизматрасониҳоро бо суръати баланд ва арзиши камтар анҷом диҳанд. Афзалияти асосии савдои электронӣ ин сарфаи вақт ва бартараф намудани монеаҳои ҷуғрофӣ буда, истеъмолкунанда метавонад шабонарӯзӣ ва аз ҳар гӯшаву канори кишвар ба дархости дилхоҳ маҳсулот ва хизматрасонии худ, дастрасӣ пайдо кунад. Мушкилоте чун қаллобии электронӣ, дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти шахсӣ ва заъфи инфрасохтори рақамӣ метавонад эътимоди корбаронро коста гардонад. Бинобар ин, омӯзиши масъалаҳои вобаста ба суръат, боварӣ ва амният дар пардохтҳои рақамӣ дар шароити Тоҷикистон саривақтӣ буда, барои таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили сиёсати давлатӣ ва заминаи ҳуқуқӣ дар ин соҳа муҳим мебошад.

**Мафҳуми тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои рақамӣ:**

Тиҷорати электронӣ (ё худ савдои электронӣ) ба фаъолияти хариду фурӯш ва табодули молу хизматрасонӣ тавассути шабакаҳои электронии интернетӣ гуфта мешавад. Тибқи тавзеҳи коршиносон, «ҳар гуна амале, ки бо мақсади тиҷорат дар шабакаи ҷаҳонии интернет анҷом дода мешавад, савдои онлайнӣ маҳсуб меёбад» [2]. Ин мафҳум доираи васеъро дар бар мегирад, аз ҷумла: фурӯши онлайн тавассути веб-сайтҳо, хизматрасониҳои бонкӣ (internet-banking), фармоиши билет ва меҳмонхонаҳо ба шакли онлайн, анҷоми амалиётҳо (транзаксияҳо) дар низомҳои пардохти электронӣ, маркетинги интернетӣ ва ғайра. Пардохтҳои рақамӣ бошад, ҷузъи ҷудонашавандаи тиҷорати электронӣ буда, ҳаргуна пардохтҳо ё ҳисоббаробаркунии ғайринакдиро дар муҳити рақамӣ дар бар мегирад – масалан, пардохтҳо тавассути кортҳои бонкӣ, ҳамёни электронӣ, хизматрасониҳои мобилӣ ва бо дигар роҳҳои барномаҳои электронӣ пардохтшаванда [1] .

**Боварӣ ва амният дар муомилоти электронӣ**:

Боварии истифодабарандагон ё муштариён, ки ба низоми пардохтҳои электронӣ зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад. Аз як тараф, вуҷуд доштани қонунҳои

ҳифзкунандаи ҳуқуқҳои истифодабарандагон ва махфияти маълумоти шахсии онҳо зарур аст, ки корбар дар муомилоти онлайн худро муҳофизатшуда эҳсос намояд. Аз тарафи дигар, сатҳи амнияти техникӣ (рамзгузории маълумот, аутентификатсияи дуруст ва ғайра) бояд баланд бошад, то хатари дуздии маълумот ва қаллобӣ коҳиш ёбад. Таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки ҷорӣ намудани талаботи қатъӣ оид ба аутентификатсияи дуқабата (SCA –Strong Customer Authentication) барои ҳамаи пардохтҳои онлайнӣ яке аз роҳҳои муассири боло бурдани амният мебошад. Масалан, дар доираи Дастури такмилёфтаи хидматрасонии пардохт (PSD2) дар Иттиҳоди Аврупо, барои тасдиқи ҳар як пардохти электронӣ истифодаи ҳадди ақал ду унсури тасдиқ (масалан, рамзи як вақта дар телефон ва рамзи махфӣ) ҳатмӣ гардонида шудааст. Чунин чораҳо дар баробари коҳиши хатари қаллобӣ, барои ташаккули эътимоди корбарон низ мусоидат мекунад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тиҷорати электронӣ ва амнияти иттилоотӣ: Имрузҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати эҷоди заминаи ҳуқуқии мувофиқ барои рушди иқтисоди рақамӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдои электронӣ” аз ҷумлаи санадҳои навин буда, охири соли 2022 қабул карда шуда ва аз моҳи январи 2023 мавриди амал қарор гирифтааст. Ин қонун муомилоти хариду фурӯши мол, кор ва хизматрасониҳоро, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ анҷом меёбанд, танзим мекунад[3]. Тибқи он, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни савдои электронӣ яке аз мақсадҳои асосии ин санад мебошад. Қонуни мазкур ҳамагӣ аз 7 модда иборат буда, тартиби ба расмият даровардан ва анҷом додани муомилоти электронии хариду фурӯшро муайян месозад. Махсусан, талаботи пешниҳод ва қабули пешниҳоди электронӣ, бастани аҳдҳои электронӣ ва эътирофи онҳо дар сатҳи қонунӣ дар ин санад пешбинӣ шудааст. Бояд тазаккур дод, ки амалияи қонуни савдои электронӣ ба баъзе муомилоте, ки тасдиқи ҳатмии нотариалӣ ё бақайдгирии давлатиро талаб мекунанд (масалан, хариду фурӯши амволи ғайриманқул), татбиқ намегардад. Ин маънои онро дорад, ки савдои электронӣ асосан ба муомилоти маишӣ ва тиҷоратии маъмултарин равона шудааст.

Ғайр аз ин, барои танзими паҳлуҳои ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ қонунҳои соҳавии дигар низ мавҷуданд. Аз соли 2007 инҷониб Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” амал мекунад, ки санади электронӣ ва истифодаи имзои рақамиро дар муомилоти ҳуқуқӣ ба танзим медарорад. Ин қонун эътирофи ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои электрониро таъмин намуда, замина барои мубодилаи электронии маълумот миёни идораҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ фароҳам овардааст. Ҳамчунин, соли 2018 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ” қабул шудааст, ки ба ҳимояи махфияти маълумоти шахсони воқеӣ дар пойгоҳҳои иттилоотӣ равона гардидааст. Низоми қонунгузории ҷиноятӣ низ вобаста ба ҷиноятҳои соҳаи технологияи иттилоотӣ такмил дода шудааст: дар Кодекси ҷиноятии ҶТ боби “Ҷиноятҳо барзидди амнияти иттилоотӣ” вуҷуд дошта, барои амале чун, дуздии маълумоти электронии махфӣ ва паҳн намудани вирусҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст. Аз соли 2003 Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати стратегии давлатӣ амал мекунад, ҳарчанд бо пешрафти технологияҳо эҳтиёҷ ба таҷдиди он ба талаботи замони муосир эҳсос мегардад.

Бо вуҷуди мавҷуд будани ин заминаи ибтидоии қонунгузорӣ, коршиносон зикр мекунанд, ки ҳанӯз ҳам ҷанбаҳои зиёди норавшани ҳуқуқӣ дар соҳаи тиҷорати электронӣ ва ҳифзи иттилоот ҷой доранд. Масалан, масъалаи ҳуқуқҳои рақамӣ–ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагон дар фазои интернетӣ, масъулияти миёнаравҳои электронӣ (платформаҳои савдо) ва тартиби ҳалли баҳсҳои электронӣ–то ҳол ба таври возеҳ танзим нашудааст. Бинобар ин, таҳкими минбаъдаи қонунгузорӣ ва татбиқи қатъии меъёрҳои амалкунанда, яке аз шартҳои муҳими эътимоднокии низоми тиҷорати электронӣ ба шумор меравад.

**Вазъи кунунӣ ва мушкилотҳои пардохти рақамӣ дар Тоҷикистон**

Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба рушд дар солҳои охир дар самти ҷорӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ пешравиҳои муайянро ноил гаштааст. Сиёсати давлатии иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла“ Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон", тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои рақамиро ҳамчун яке аз афзалиятҳо муайян намудааст. Дар чанд соли охир, бо дастгирии ҳукумат ва Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инфрасохтори пардохтҳои электронӣ густариш ёфта, шумораи корбарони ин хадамот босуръат афзуда истодааст.

Аз таҳилҳо бармеояд, ки дар Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо дар нимсолаи якуми соли 2024 дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии ҷумҳурӣ амалиёти ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт (кортҳои бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) ба маблағи 12,8 миллиард сомонӣ анҷом дода шудааст, ки ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 то 2,3 маротиба зиёд мебошад. Ҳиссаи амалиёти пардохти ғайринақдӣ дар муомилоти умумӣ дар нимсолаи аввали соли 2024 ба 25% баробар шуд, дар ҳоле ки 75% боқимондаро гирифтани пули нақд ташкил медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки ҳарчанд нақд ҳанӯз ҳам шакли асосии ҳисоббаробаркуни боқӣ мемонад, вазъ дар муқоиса бо солҳои қаблӣ хеле беҳтар шудааст (барои муқоиса, соли 2019 ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ҳамагӣ ~7% ва соли 2020 ~8%-ро ташкил медод.

Суръати рушд дар инфрасохтори пардохтҳои рақамӣ низ назаррас буда, то аввали нимаи дуюми соли 2024 шумораи умумии кортҳои пардохтии бонкӣ, ки дар Тоҷикистон ба гардиш баровардашуда ба 7,6 млн. адад расид, ки нисбатба ҳамин давраи соли 2023 тақрибан 28,7% зиёд мебошад [4]. Инчунин, шумораи ҳамёнҳои электронии фаъол дар кишвар босуръат афзоиш ёфта, то 30 июни 2024 ба 10,1 млн.адад расидааст, ки афзоиши он 39% дар як солро ташкил медиҳад [5] .Ба ибораи дигар, ба ҳар сокини кишвар қариб як ҳамёни электронӣ рост меояд. Дар натиҷаи татбиқи васеи пардохтҳои мобилӣ, шабакаи терминалҳо ва рамзҳои QR низ тавсеа ёфтааст. То миёнаҳои соли 2024 дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ барои пардохтҳои ғайринақдӣ 7 939 адад POS-терминал насб гардидааст (71% зиёд нисбат ба соли пеш), инчунин 1 6472 QR- рамз фаъолона истифода мешавад. Моҳияти рамзҳои QR дар он аст, ки харидор метавонад тавассути замимаи мобилии бонки худ бо хондани QR рамз ба истилоҳи "скан" кардани ин рамз пардохтро анҷом диҳад. Мавриди зикр аст, ки соли 2023 Бонки миллӣ низоми QR-рамзӣ ягонаро ҷорӣ кард, то ки ба ҷои чандин рамзӣ алоҳидаи бонкҳо, як рамз истифода шавад ва кори пардохтҳо содаву сареъ гардад. Пас аз ҷорӣ намудани QR-рамзӣ ягона, мушоҳида шудааст, ки шумораи умумии рамзҳои истифодашаванда 17,8% коҳиш ёфт (бо сабаби барҳам хӯрдани рамзҳои такрории бонкҳои ҷудогона). Айни замон ҳар як харидор новобаста аз кадом бонк будани ҳамёни электронӣ, метавонад дар нуқтаи савдо бо як QR-рамзӣ ягона пардохт кунад, ки ин яке аз дастовардҳои муҳими ҳамгироии низоми пардохтӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо, дар роҳи татбиқи пурраи пардохтҳои рақамӣ дар Тоҷикистон як қатор мушкилот ва монеаҳои ҷиддӣ боқӣ мемонад, ки ҳаллу фасли онҳо барои расидан ба нишондиҳандаҳои кишварҳои пешрафта зарур аст:

Айни замон фазои савдои электронӣ дар Тоҷикистон бештар ба шакли вебсайтҳои таблиғотӣ ва рӯйхати молу маҳсулот маҳдуд аст, ки пардохту таҳвили мол аксаран берун аз интернет (бо роҳи анъанавӣ) сурат мегирад. Масалан, маъмултарин сомонаи савдои электронии кишвар Somon.tj мебошад, ки моҳе зиёда аз 600 ҳазор нафар боздидкунанда дорад ва рӯйхати густурдаи маҳсулоти гуногунро пешниҳод мекунад. Вале, аксарияти мағозаҳои интернетии маҳаллӣ то ҳол низоми қабули пардохти ғайринақдиро надоранд ва харид пулакӣ асосан ҳангоми расонидани мол (бо пули нақд) анҷом дода мешавад. Ин яке аз хусусиятҳои таомул дар бозори дохилӣ буда, боис гардидааст, ки савдои электронӣ пурра "онлайн" набошад. Илова бар ин, маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда дар интернет дар шароити Тоҷикистон хеле гаронбаҳоанд (нисбат ба даромади миёнаи аҳолӣ), ки ин омил низ суръати рушди савдои электрониро маҳдуд мекунад. Яъне иқтидори харидории пасти қисми зиёди аҳолӣ ва нархҳои баланд дар мағозаҳои онлайн боиси он мегардад, ки шумораи муомилоти электронӣ нисбатан кам боқӣ монад.

Омӯзиши ҳолати рақамикунонии хизматрасониҳо нишон медиҳад, ки на ҳама қишрҳои ҷамъият омодаи қабули тағйиротҳои технологӣ мебошанд. Пеш аз ҳама, сатҳи саводнокии рақамӣ ва маърифати молиявии аҳолӣ барои ташаккули тиҷорати рақамӣ дар

роҳи пешравӣ қарор дорад. Ин омил сабаб мешавад, ки бархе аз шаҳрвандон ба пардохтҳои электронӣ чандон эътимод надоранд ё аз тарси иштибоҳ кардан аз он худдорӣ менамоянд. Ҳамзамон, аз ҷониби баъзе соҳибкорону тоыирон низ муқовимати фарҳангӣ нисбати шаффофият ва ғайринақдӣ шудани ҳисоббаробаркуниҳо мушоҳида мешавад – масалан, мувофиқи иттилои расмӣ, бархе нуқтаҳои савдо ҳанӯз ҳам ҳавасманд нестанд, ки пардохти ғайринақдиро қабул кунанд ва истифодаи QR-рамзро намехоҳанд. Иллати ин метавонад ҳам набудани дониш ва ҳам майли пинҳон кардани даромад аз андозбандӣ бошад. Оиди ин масъала Пешвои миллат дар Паёмашон қайд намуда буданд, «бо мақсади ҳаллӣ ин мушкилот, коршиносон таъкид мекунанд, ки яке аз роҳҳои ҳалли баланд бардоштани сатҳи ин маърифатнокии аҳолӣ мебошад: мардум бояд тавассути ВАО ва интернет аз манфиатҳои рақамисозии пардохтҳо ва тарзи истифодаи дастгоҳу замимаҳои электронӣ огоҳ гарданд»[5]. Таълими малакаҳои истифодаи бонкдории интернетӣ, ҳамёни мобилӣ ва харидории онлайн ба таври васеъ (аз ҷумла барои нафақахӯрону деҳқонон) метавонад сатҳи иштироки аҳолиро дар иқтисоди рақамӣ боло бурда, эътимоди онҳоро нисбат ба низоми электронӣ тақвият диҳад.

Дар иқтисодиёти Тоҷикистон пули нақд мавқеи бартари дошта, одати асосии аҳолӣ корбасти пули нақд мебошад. То ҳол қисми зиёди маошу даромадҳои аҳолӣ бо пули нақд истифода мешавад, ки ин боиси гардиши баланди пули нақд мегардад. Тавре дар боло зикр гардид, ҳатто дар соли 2024 то 75% амалиётҳо бо пардохти нақдӣ рост меояд. Ин вазъият хароҷоти муайяни молиявиро низ ҳамроҳ дорад–чоп ва дастрас намудани пул барои давлат сарфҳои зиёдеро талаб мекунад. Бино ба иттилои Бонки миллӣ, соли 2021 танҳо харҷи чопи пули нақд 171 млн. сомониро ташкил додааст ва ҳамагӣ зиёда аз 450 млн. сомонӣ барои нигоҳдории муомилоти нақдӣ масраф шудааст. [6] Аз ин рӯ, ҳукумати кишвар талош дорад ҳиссаи муомилоти ғайринақдиро боло барад. Аз ҷумла, 22 июни соли 2023 Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи чораҳо ҷиҳати тавсеаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ» ба тасвиб расид, ки мувофиқи он ҳамаи пардохтҳои давлатӣ (андоз, боҷу ҷаримаҳо, хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғ.) танҳо ба шакли ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд. Ин як қадами ҷиддӣ дар самти коҳиши нақдгардонӣ буд. Бо татбиқи чунин чораҳо ва рушди инфрасохтори пардохти электронӣ, Тоҷикистон метавонад ҳаҷми пули нақдро дар иқтисод коҳиш дода, манфиатҳои зиёд ба даст орад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар ҳиссаи пули нақд дар муомилот то ба сатҳи Қазоқистон (10-15%) поён фаровარда шавад, давлат солона то 500 млн. сомонӣ сарфа хоҳад кард. Ғайр аз ин, афзоиши пасандозҳои ғайринақдӣ дар бонкҳо имкон медиҳад, ки захираҳои қарзии бонкҳо зиёд ва фоизи қарзҳо пастшавад (чунки пули нақд аксаран берун аз муомилоти бонкӣ мемонад). Пас, барои дастёбӣ ба ин ҳадаф, ташвиқи аҳолӣ ва бахши хусусӣ ба истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла тавассути додани имтиёзҳои андозӣ ба тиҷоратҳои қабулкунандаи пардохти электронӣ, муфид хоҳад буд.

Сарфи назар аз пешрафтҳои муайян дар ҷорӣ намудани пардохтҳои рақамӣ, Тоҷикистон ҳанӯз дар оғози роҳи рушд қарор дорад. Ҳаллӣ мушкилоти зикршуда–беҳтарсозии инфрасохтори интернетӣ, боло бурдани саводнокии рақамии аҳолӣ, ташаккули фарҳанги ғайринақдӣ барои суръатбахшидани рушди тиҷорати электронӣ ва ҷалби эътимоди бештари мардум ниҳоят муҳим аст. Барои дарки амиқтари ин масъалаҳо, муфид аст таҷрибаи кишварҳое баррасӣ гардад, ки дар ин ҷода пешқадам маҳсуб мешаванд.

Барои дарёфти роҳҳои беҳтар гардонидани эътимод ва амният дар пардохтҳои электронӣ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешсаф ва ҳамчунин давлатҳои ҳамсон аз лиҳози шароити иқтисодӣ муҳим мебошад. Дар зер ҳолати умумии тиҷорати электронӣ ва тадбирҳои амнияти марбут ба он дар чанд кишвари гуногун мавриди баррасӣ қарор мегирад.

**Сингапур – намунаи ҷомеаи қариб комилан ғайринақдӣ ва ҳифзшуда**

Сингапур яке аз кишварҳои ҷаҳон аст, ки иқтисодиёти худро босуръат рақамӣ кардааст. Аксари аҳолии ин кишвар ба истифодаи пардохтҳои электронӣ гароиш пайдо намуда, мувофиқи як таҳқиқот, то 84% сингапуриҳо ҳамарӯза аз замимаҳои мобилӣ ва хадамоти рақамӣ дар фаъолиятҳои рӯзмара истифода мебаранд. Ин чунин маънӣ дорад, ки

қариб тамоми табақаҳои ҷомеа пардохтҳои ғайринақдиро қабул кардаанд. Сатҳи баланди шумули молиявӣ (қариб 98% аҳолӣ суратҳисоби бонкӣ доранд) ва фарогирии интернет (суръати миёнаи интернети собити Сингапур дар ҷаҳон дар ҷойи аввал қарор дорад, ки суръати он 357,52 Мб/с) буда, шароити мусоид барои эътирофи васеи тиҷорати электронӣ фароҳам овардааст[8]. Ҳукумати Сингапур барномаи "Давлати оқил" (Smart Nation)-ро татбиқ намудааст, ки яке аз ҳадафҳои он гузариш ба иқтисодиёти пурраи рақамӣ ва коҳиши истифодаи пули нақд мебошад. Масалан, тавассути низоми миллии "PayNow" шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд бо истифодаи телефон ё QR-рамзҳо ба осонӣ маблағ гузаронанд, ки ин хизматрасонро аксари корхонаҳои савдо низ мепазиранд. Инчунин, Қонуни ҳифзи маълумоти шахсӣ (Personal Data Protection Act) аз соли 2012 амал карда, ҳаргуна истифодаи нодурусти маълумоти корбаронро қатъиян манъ мекунад. [9] Ба туфайли чунин заминаи мукаммали техникӣ ва ҳуқуқӣ, Сингапур дар радабандии ҷаҳонии омодагии технологӣ яке ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Натиҷа ҳамин аст, ки имрӯз сокинони Сингапур бо боварии комил аз хизматрасониҳои онлайн бонкӣ, савдои электронӣ ва ҳукумати электронӣ истифода мебаранд ва қариб ҳоҷате ба истифодаи пардохти нақдӣ надоранд.

Олмон бошад яке аз бузургтарин бозорҳои электронии Аврупо буда, шумораи харидорони онлайн дар он беш аз 80% аҳолии кишварро ташкил медиҳад. Дар соли 2023 ҳаҷми фурӯши чаканаи онлайн дар Олмон тақрибан ба 79,7 миллиард евро баробар шуд, ки ин нишондиҳандаи эътимоди баланди истифодакунандагон ба хариди электронӣ мебошад. Хусусияти қобили зикри таҷрибаи олмонӣ ин сатҳи баланди талабот нисбати риояи қоидаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои амниятӣ дар тиҷорати электронӣ аст. Мутобиқати қатъӣ ба қонунҳои ҳифзи истифодабарандагон ва додаҳо барои ҳар як фурӯшандаи онлайн ҳатмӣ мебошад. Масалан, дар Олмон ҳар як вебсайти тиҷоратӣ бояд бахши махсуси Impressum (маълумоти ҳуқуқии ширкат) ва сиёсатҳои махфияти маълумотро дарҷ намояд Ин талабот боис мегардад, ки истеъмолкунандагон дар сурати риояи онҳо ба дӯкону платформаҳои онлайн бештар бовар мекунанд. Ҳамзамон, олмониҳо нисбат ба махфияти маълумоти шахсӣ ҳассосияти баланд доранд ва қонунгузории Аврупо (муқаррароти умумии ҳифзи маълумот – GDPR) яке аз қатъитаринҳо дар ҷаҳон ба шумор меравад. Зери таъсири GDPR, ҳамаи ширкатҳои коркарди маълумоти корбарони олмонӣ бояд кафолат диҳанд, ки маълумоти шахсиро бидуни ризоияти соҳибонашон фош намекунад ва аз онҳо суистифода намешавад. Аз ҷиҳати амнияти бонкдорӣ низ Олмон дар сатҳи баланд қарор дорад: низоми бонкии олмонӣ яке аз аввалинҳо шуда технологияҳои чипию PIN-рамз барои кортҳоро ҷорӣ кард ва ҳамчунин протоколҳои бехатари пардохт (мисли 3D-Secure барои пардохтҳои корти онлайн) васеъ истифода мешаванд. Татбиқи дастури PSD2 дар ҳама икишварҳои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Олмон, боис шуд, ки имрӯз дар беш аз 90% пардохтҳои онлайнӣ дар ин кишварҳо аутентификатсияи дуқабата амалӣ мегардад.[11] Ҳамин тавр, таҷрибаи Олмон нишон медиҳад, ки риояи қатъии қонунҳои ҳифзи истифодабарандагон ва маълумоти онҳо, инчунин татбиқи технологияҳои пешрафтаи амниятӣ, калиди ташаккули бозори босуръат рушдёбанда ва боэътимоди тиҷорати электронӣ мебошад.

Қазоқистон, дар солҳои охир дар соҳаи иқтисоди рақамӣ пешрафтҳои назаррас намуда, стратегияи ҳамаҷонибаи «Қазоқистони рақамӣ» (Digital Kazakhstan)-ро амалӣ намуда истодааст, ки як ҷузъи муҳими он рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва ҳукумати электронӣ мебошад. Натиҷаҳои ин талошҳо хеле ҷолибанд: тайи 5 соли охир шумораи амалиёти ғайринақдӣ дар байни аҳолӣ беш аз 10 маротиба афзуда, айни замон то 90% ҳаҷми муомилоти чаканаи мол дар Қазоқистон ба пардохтҳои ғайринақдӣ рост меояд. Тавре ки муовини раиси Бонки миллии Қазоқистон Тимур Сулейменов қайд кардааст, "8 аз 10 амалиёт тавассути бонкдории онлайн сурат мегирад" ва барномаҳои мобилии бонкӣ ба интерфейси асосии ҳам барои тиҷорати электронӣ ва ҳам хизматрасониҳои давлатӣ табдил ёфтаанд [10]. Яке аз сабабҳои ин муваффақият сиёсати хоси ҳукумат дар ташвиқи пардохтҳои ғайринақдӣ аст. Масалан, дар Қазоқистон қонунан талаб карда шудааст, ки фурӯшандагон пардохти ғайринақдиро радкарда наметавонанд – харидорон ҳуқуқ доранд

тарзи пардохтро худ интихоб кунанд ва агар мағоза корти бонкӣ ё пардохти мобилиро қабул накунад, он қонуншиканӣ ба шумор меравад. Барои ин, ҳар як нуқтаи савдо маҷбур аст, ки терминали пардохти электронӣ дошта бошад. Ҳамчунин, барои маҳдуд кардани иқтисоди пинҳон, давлати Қазоқистон муомилоти нақдиро дар баъзе соҳаҳо маҳдуд намуда, барои гирифтани нақд аз суратҳисобҳо бо меъёри баланд комиссия муқаррар кардааст. Аз лиҳози инфрасохторӣ, Қазоқистон дар минтақа яке аз пешсафҳо мебошад: дар ин кишвар зиёда аз 82% аҳолӣ аз интернет истифода мебарад ва фарогирии интернети мобилӣ хеле васеъ аст. Ҳамаи ин чораҳо имкон доданд, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ Қазоқистон аз ҷиҳати истифодаи пардохтҳои рақамӣ ба пешрафт ноил гардад ва дар ИДМ яке аз ҷойҳои аввалро ишғол намояд. Барои Тоҷикистон, ки шароити фарҳангию иҷтимоии нисбатан монанди дорад, таҷрибаи Қазоқистон ниҳоят мувофиқ аст – махсусан дар бахши ташкили инфрасохтор, баланд бардоштани шумули молиявӣ ва тадбирҳои танзимиву ташвиқотии давлат барои гузариши ҷомеа ба иқтисоди ғайринақдӣ.

**Дигар кишварҳои минтақаи ИДМ:**

Дар давлатҳои дигари пасошӯравӣ низ тамоюли гузариш ба пардохтҳои рақамӣ ва таҳкими амнияти киберӣ мушоҳида мешавад. Масалан, дар Узбекистон солҳои охир низоми пардохтҳои миллии “Humo” ва “Uzcard” рушд карда, шумораи истифодабарандагони пардохтҳои ғайринақдӣ босуръат меафзояд. Бонки марказии Узбекистон низ меъёр ҷорӣ намудааст, ки харидорон ҳақ доранд дар ҳама мағозаҳо бо корт пардохт кунанд. Дар Федератсияи Руссия, ки бозори бузурги электронӣ дорад, ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҳаҷми умумии муомилот аллакай аз 70% гузаштааст ва низомҳои пардохти мобилӣ (мисли“Мир Pay”ва SberPay) васеъ ҷорӣ шудаанд. Руссия инчунин аз лиҳози қонунгузорӣ пешқадам буда, яке аз аввалинҳо шуда, Консепсияи амнияти иттилоотӣ (соли 2000) ва қонуни махсус “Дар бораи имзои электронӣ” (2002) қабул намудааст. Албатта, сатҳи технологӣ ва иқтисодии ин кишварҳо аз Тоҷикистон фарқ дорад, аммо усулҳои умумӣ – ба мисли баланд бардоштани саводнокии рақамӣ, сармоягузорӣ ба шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, татбиқи стандартҳои байналмилалии амнияти шабакавӣ–дар ҳама ҷо аҳамияти худро собит кардаанд.

Дар маҷмӯъ, баррасии таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки барои рушди муваффақи тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои рақамӣ бояд мувозинати мувофиқ миёни суръат ва роҳатии хизматрасонӣ ва сатҳи баланди амнияту ҳифзи ҳуқуқҳо таъмин карда шавад. Кишварҳое ба монанди Сингапур ва Қазоқистон бо сармоягузорӣ ба инфрасохтори рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав (мисли пардохти мобилӣ, QR-рамзҳо) истифодаи пардохтҳои электрониро барои мардум ниҳоят содда ва дастрас гардонидаанд. Ҳамзамон, онҳо тавассути таҳкими заминаи ҳуқуқӣ (қонунҳои вижаи тиҷорати электронӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ), стандартҳои ҳатмии амният (аутентификатсияи дуқабата, сертификатсияи платформаҳо) ва маъракаҳои фаҳмондадиҳӣ, эътимоди мардумро ба низоми нав ҷалб намудаанд. Тоҷикистон низ метавонад бо дар назардошти ин таҷриба стратегияи худро тарҳрезӣ намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф созад.

Таҳлили анҷомшуда нишон медиҳад, ки рушди тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои рақамӣ дар Тоҷикистон раванди ногузир ва барои иқтисоди миллӣ манфиатовар мебошад, аммо барои суръат бахшидан ба ин раванд ва таҳкими эътимоди ҷомеа тадбирҳои ҳамаҷониба лозиманд, ки ҷиҳати беҳтарсозии боварӣ ва амният дар пардохтҳои электронӣ метавон як қатор пешниҳодҳоро роҳандозӣ намуд.

1. Тақвияти инфрасохтори рақамӣ ва дастрасии интернет:

Пеш аз ҳама, ҳаллу фасли мушкили дастрасии интернет аз муҳимтарин шартҳои пешрафт мебошад. Пешниҳод мегардад, ки Ҳукумати кишвари азизамон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд лоиҳаҳои сармоягузориро барои васеъ намудани шабакаҳои интернети баландсуръат, хусусан дар деҳот, роҳандозӣ намояд. Тавре Бонки ҷаҳонӣ таъкид мекунад, пайвасти арзону боэътимоди рақамӣ барои фарогирии бештари истеъмолкунандагону истеҳсолкунандагон дар тиҷорати электронӣ зарур аст. Бинобар ин, бояд рақобати солим дар бозори алоқа ташвиқ карда шавад, то ки нархи хизматрасонии интернет паст ва

сифаташ баланд гардад. Танҳо дар сурати мавҷудбудани интернети босуръат дар саросари кишвар, метавон интизор шуд, ки аксари аҳолӣ аз хизматрасониҳои электронӣ истифода намояд ва савдои электронӣ дар минтақаҳои дурдаст низ ривоҷ ёбад.

2. Баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва маърифати молиявии аҳолӣ.

Чунончи таҷриба нишон медиҳад, бисёре аз мушкилоти эътимод ба навгониҳои рақамӣ на аз набудани технология, балки аз норасоии дониш сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, бояд барномаҳои таълимӣ ва иттилоотии густурда оид ба истифодаи хизматрасонии электронӣ амалӣ гарданд. Махсусан, ба нафақахӯрон, сокинони деҳот, занони хонанишин диққати бештар додан лозимаст, то ки онҳо низ  аз қофила ақиб намонанд. Илова бар ин, бояд дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ фанҳои асосҳои иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла истифодаи бонкдории электронӣ ҷорӣ карда шавад.

3. Ҳавасмандсозии гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар иқтисод: Барои он ки ҳам шаҳрвандон ва ҳам бахши хусусӣ ба пардохтҳои электронӣ пурра гузаранд, тадбирҳои ҳавасмандкунанда заруранд. Тавсия мешавад, ки сиёсати имтиёзҳои андозӣ ё дастгирии молиявӣ барои корхонаҳои татбиққунандаи пардохтҳои ғайринақдӣ роҳандозӣ гардад. Масалан, метавон барои соҳибкороне, ки на кам аз 80% гардиши худро ба таври ғайринақдӣ қабул мекунанд, андозаи пардохтҳои иҷтимоиро андаке коҳиш дод ё дар озмунҳои давлатии харидории мол бартарӣ дод. Дар Тоҷикистон низ аллакай талаб карда шудааст, ки пардохти хизматрасониҳои давлатӣ танҳо ғайринақдӣ бошад; метавон ин талаботро тадриҷан ба бахши хусусӣ низ тавсеа дод (аз ҷумла, вазифадор намудани марказҳои бузурги савдо ва шабакаҳои бузурги чаканафурӯшӣ  ба қабули корт ва ҳамёни электронӣ). Ин кор шаффофияти иқтисодиро ҳам зиёд мекунад ва ҳам майли истифодабарандагоро ба тарафи ғайринақдӣ тағйир медиҳад[3].   Ҳамзамон, бояд тарифҳои хизматрасониҳои пардохти электронӣ барои шаҳрвандон дастрас бошанд, комиссияи аз ҳад баланд барои пардохти QR ё интиқоли пулӣ метавонад мардумро аз пардохти ғайринақдӣ дур созад. Мувофиқи ҳисобҳо, коҳиши истеъмоли пули нақд ба ҳама ҷонибҳо фоидаовар аст: давлат хароҷоти чопи пулро сарфа мекунад, дар бонкҳо захираҳои пулии бештар мегрдад ва шаҳрвандон вақт ва хавфи нигоҳдории нақдро кам мекунанд. Ин паём бояд дуруст шарҳ дода шавад, то ки ҷомеа гузариш ба пардохти ғайринақдиро ҳамчун манфиати муштарак дарк намояд.

4. Тақвияти заминаи ҳуқуқӣ ва тартиботи давлатии танзими тиҷорати электронӣ.

Ҳарчанд қонунҳои асосӣ дар ин соҳа мавҷуданд, бознигарӣ ва такмили баъзеи онҳо дар партави воқеияти нав зарур мебошад. Барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани пардохти ғайринақдӣ стратегияи миллӣ оид ба рушди тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои рақамӣ таҳия ва қабул гардад. Масалан, қабул намудани “Барномаи давлатии рушди савдои электронӣ барои солҳои  2025-2029” аллакай дар таҳия гардида, барнома бо нақшаи чорабиниҳои мушаххас (ҷадвали амал, манбаъҳои маблағгузорӣ, мақомоти масъул) амалӣ гардад. Аз ҷумла, зарур аст, ки механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои электронӣ равшан карда шаванд.

5. Татбиқи технологияҳои муосири амниятӣ дар низоми пардохтӣ.

Ташкилотҳои молиявӣ ва ширкатҳои иттилоотӣ бояд пайваста аз навовариҳои соҳаи амният бохабар бошад ва онҳоро татбиқ намоянд. Пешниҳод мешавад, ки ҳамаи бонкҳо ва провайдерҳои пардохти электронӣ дар Тоҷикистон меъёрҳои аутентификатсияи қавии муштариро ҷорӣ намоянд, то ки хатари дастрасии ғайриқонунӣ баҳисобҳои электронӣ кам гардад (масалан, истифодаи OTP –рамзи яквақта барои тасдиқи ҳар як пардохти онлайн).

6. Низоми сертификатсия ва нишонаҳои эътимод (trustmark) барои платформаҳои электронӣ:

Яке аз роҳҳои боло бурдани сатҳи бовари мардум ба савдои электронӣ, ҷорӣ намудани нишонаҳои махсуси эътимод барои вебсайтҳо ва хизматрасониҳои  онлайнӣ мебошад. Масалан, дар таҷрибаи Аврупо ва ИМА платформаҳои тиҷорати электронӣ, ки талаботи муайяни ҳифзи маълумоти харидорон ва шароити одилонаро иҷро мекунанд, тамғаи эътироф (Trust Seal) мегиранд, ки онро дар сомонаи худ ҷой медиҳанд. Дар Тоҷикистон

низ метавон тавассути Палатаи савдо ва саноат ё дигар ниҳод як низоми ихтиёрии сертификатсияи мағозаҳои онлайнро роҳандозӣ кард. Коре, ки бояд анҷом диҳанд, ин арзёбии сомона аз рӯи чанд меъёр (маҳфуз доштан ва рамзгузории маълумоти пардохтӣ, ва Қоидаҳои истифода, пайваст будан ба низоми ҳалли баҳсҳо ва ғ.) ва дар сурати мувофиқат, додани мӯҳри "Сомонаи боэътимод" мебошад. Ин усул дар Олмон ва Британия таҷриба шуда, натиҷаи мусбат додааст–дар Тоҷикистон низ метавонад ҳамчун як механизми бозории худтанзимкунӣ амал намояд.

Дар фарҷом, метавон гуфт, ки тиҷорати электронӣ бо тамоми паҳлуҳои мусбати худ (суръат, дастрасӣ, сарфаи вақт ва захираҳо) танҳо дар сурате рушд хоҳад кард, ки ҷомеа ба он эътимод дошта бошад. Эътимод бошад тавассути кафолати амният ба даст меояд. Барои Тоҷикистон, ки дар оғози роҳи иқтисоди рақамӣ қарор дорад, ҳамин омезиши суръат ва амният бояд ҳадафи стратегии сиёсати давлатӣ ва бахши хусусӣ гардад. Тавре ки дар таҷрибаи кишварҳои пешрафта мушоҳида шуд, эҷоди муҳити боэътимоди тиҷорати электронӣ имкон медиҳад манфиатҳои зиёд–аз коҳиши хароҷотии қтисодӣ то шаффофияти молиявӣ барои рушди соҳибкории нави кишвар гардад. Аз ин рӯ, умед дорем, ки бо татбиқи тадбирҳои пешниҳодгардида дар самти беҳтарсозии боварӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон – низ дар ояндаи наздик ба қатори кишварҳои муваффақ дар истифодаи васеи пардохтҳои рақамӣ пешсаф мегардад.

## DIGITAL MARKETING IN THE MODERN WORLD AND ITS IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

*The article examines the economic and theoretical foundations of electronic commerce, analyzes the current state of digital payments in the Republic of Tajikistan and the problems of their implementation. The authors compared the experience of electronic payments in developed countries such as Singapore, Germany and Kazakhstan and examined the security of digital payments. Also, based on the results of the analysis, proposals to increase trust and security of electronic payments in the Republic of Tajikistan are considered feasible, and the sustainable development of electronic commerce, the presence of trust in this system, and ensuring security (security of electronic transactions) play an effective role in modern conditions.*

***Key words:*** *digital economy, e-commerce, digital payments, Internet, modern information technologies, Internet marketing.*

## ЦИФРОВОЙ МАРКЕТИНГ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ И ЕГО ВНЕДРЕНИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

*В статье рассматриваются экономико-теоретические основы электронной комерции, анализируется современное состояние цифровых платежей в Республике Таджикистан и проблемы их внедрения. Авторы сравнили опыт электронных платежей в развитых странах, таких как Сингапур, Германия и Казахстан и исследовали безопасность цифровых платежей. Также по результатам анализа предложения по повышению доверия и безопасности электронных платежей в Республике Таджикистан считаются реализуемыми, а устойчивое развитие электронной коммерции, наличие доверия к этой системе, обеспечение безопасности (безопасности электронных транзакций) играют действенную роль в современных условиях.*

***Ключевые свола:*** *цифровая экономика, электронная коммерция, цифровые платежи, интернет, современные информационные технологии, интернет маркетинг.*

### Сарчашмаҳо:

1. Қонуни ҶТ "Дар бораи савдои электронӣ".Манбаи электронӣ: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-савдои-электронӣ [Санаи дархост:02.07.2025]
2. "Тиҷорати электронӣ дар Тоҷикистон". Манбаи электронӣ: https://farazh.tj/sahifai-asosy/iqtisod/tijorati-jelektrony-dar-tojikiston/ [Санаи дархост:12.07.2025]

3. Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия. Гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ барои беҳтарсозии вазъи иқтисодии Тоҷикистон қадами муҳим аст. Манбаи электронӣ: https:// khovar.tj/2025/01/sol-oi-rushdi-i-tisodi-ra-am-va-innovatsiya-guzarish-ba-i-tisodiyoti-ra-am-baroi-be-tarsozii-vazi-i-tisodii-to-ikiston-adami-mu-im-ast/[Санаи дархост:20.07.2025]

4. Маълумоти Бонки ҷаҳонӣ оид ба монеаҳои савдои электронӣ дар ҶТ.Манбаи электронӣ: https://ibt.tj [Санаи дархост:10.07.2025]

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Манбаи электронӣ: https:// president.tj/event/missives/27245 [Санаи дархост:10.07.2025]

6. Маълумоти БМТ дар бораи пардохтҳои ғайринақдӣ, соли аввали 2024 -2025. Манбаи электронӣ: https://www.nbt.tj/tj [Санаи дархост:10.05.2025]

8. Сингапур основал специальное ведомство для развития электронных платежей. Манбаи электронӣ: https:// etoday.kz/finances/29384-singapur-osnoval-specialnoe-vedomstvo-dlya-razvitiya-elektronnyh-platezhey/ [Санаи дархост:10.06.2025]

9.Тиҷорати электронӣ дар Олмон. Манбаи электронӣ: https:// vc.ru/marketplace/2102634-elektronnaya-kommerciya-v-germanii-2025 [Санаи дархост:10.06.2025]

10. Электронные платежные системы в Казахстане. Манбаи электронӣ: https://www.tadviser.ru/index.php/Статья:Электронные_платежные_системы_в_Казахстане [Санаи дархост:13.06.2025]

11. Дастури Иттиҳоди Аврупо PSD2 ва амнияти пардохтҳо. Манбаи электронӣ: https://www.termsfeed.com [Санаи дархост:13.06.2025]

***Маълумот дар бораи муаллифон***:

Муҳаммадализода Парвина Муҳаммадалӣ — н.и.и., мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, телефон: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail:p.nematova@bk.ru

Ризоев Хуррам Абдураҳимович — магистранти соли дуюми шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.Тел: +992 946 11 7777, E-mail: khurramrizo@mail.ru; kh.rizoev@ibt.tj

**Сведения об авторах:**

Мухаммадализода Парвина Мухамадали — к.э.н. заведующий отделом Южной и Восточной Азии Института изучения проблем государств Азии и Европы НАНТ, телефон: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail:p.nematova@bk.ru

Ризоев Хуррам Абдурахимович — магистрант второго курса отделения Южной и Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ.Тел: +992 946 11 7777, E-mail: khurramrizo@mail.ru; kh.rizoev@ibt.tj

**Information about the author**:

Muhammadalizoda Parvina Muhammadali — c.e.s. Head of the Department of South and East Asia, Institute for the Study of Problems of Asian and European States, National Academy of Sciences of Tajikistan,phone: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail: p.nematova@bk.ru

Khurram Abdurahimovich Rizoev — second-year Master’s student at the Department of South and East Asian Studies, Institute for the Study of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Contact number: +992 946 11 7777, E-mail: khurramrizo@mail.ru; kh.rizoev@ibt.tj

# ОСНОВНЫЕ КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ПОДХОДЫ К ОПРЕДЕЛЕНИЮ ПОНЯТИЯ «ИНТЕГРАЦИЯ» В ЭКОНОМИКЕ

**КУРБОНЗОДА ФАРИДА**
научный сотрудник отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*В статье рассмотрены различные теоретические подходы к определению понятия «интеграция» в экономике. Проанализированы институциональный, неолиберальный, геоэкономический и другие концептуальные подходы, раскрыта эволюция данного понятия и его теоретические основы. Приведены примеры интеграционных процессов в мировой экономике – Европейского союза, Евразийского экономического союза, Шанхайской организации сотрудничества и других – для иллюстрации практической реализации интеграции. Статья опирается на российские, зарубежные и таджикские источники.*

***Ключевые слова:*** *интеграция, экономическая интеграция, институциональный подход, неолиберальный подход, геоэкономический подход, региональная интеграция*, международные экономические объединения, ЕАЭС, ШОС.

Интеграция существенно влияя на характер международных экономических отношений, является одной из ключевых тенденций развития современной мировой экономики.

Термин «интеграция» происходит от латинского *integratio* – восстановление, объединение в целое, в экономическом контексте обычно понимается как объединение и взаимное приспособление национальных хозяйств нескольких стран для формирования единого хозяйственного комплекса. В экономической литературе понятие экономической интеграции трактуется двояко: с одной стороны, как процесс сближения и объединения экономических систем, а с другой – как определенное состояние, являющееся результатом такого процесса. Интеграция может пониматься и как динамический интеграционный процесс, и как статический интегрированный статус экономики.

Во всемирном хозяйстве со второй половины XX в. происходят сложные процессы сближения и взаимопроникновения национальных хозяйств различных стран, направленные на создание единого хозяйственного организма и получившие название международной экономической интеграции (МЭИ) [3].

Актуальность исследования концептуальных подходов к интеграции обусловлена тем, что разные научные школы по-разному трактуют движущие силы, механизмы и цели интеграционных процессов. Интеграция проявляется на разных уровнях – глобальном (как часть процесса глобализации мировой экономики) и региональном (объединение групп государств). Формируется сложная структура интеграционных объединений: от всемирных режимов либерализации торговли (например, в рамках ВТО) до более чем сотни региональных соглашений о зонах свободной торговли, таможенных и экономических союзах.

Существует множество определений экономической интеграции. Так, С.Ф. Сутырин определяет международную экономическую интеграцию как процесс постепенного сращивания и взаимной адаптации национальных хозяйств двух и более государств, оптимизации их экономических структур и формирования единого хозяйственного комплекса. Н. Н. Ливенцев характеризует это явление как высокую степень интернационализации производства на основе развития глубоких устойчивых взаимосвязей и разделения труда между национальными хозяйствами, что ведёт к постепенному сращиванию их воспроизводственных структур.

Существуют взаимосвязь и различия между международной экономической интеграцией и процессом глобализации. Так, по мнению Ю.В.Шишкова, если глобализация — это новое качество интернационализации на стадии предельно возможного развития ее вширь, то интеграция - наивысшая ступень развития ее вглубь [5].

